ЮНУСИ ИМОМНАЗАР
ШАРИФ ХАЛИЛ
ФАРИДУНИ ФАРҲОДЗОД

# СЕ БАРГИ САБЗ

(ҲИКОЯҲО ВА НОВЕЛЛАҲО)



«Noshirlik yog'dusi»
Тошканд – 2019

УЎК: 821.222.8-1
КБК: 84
(5 Тож) Х52

Се барги сабз. Баргузидаи ҳикояҳо аз осори адибон Юнуси Имомназар, Шариф Халил ва Фаридуни Фарҳодзод. Тошканд: «Noshirlik yog'dusi», 2019. 228 саҳ.

**Муҳаррири масъул ва ношир:**
Асадуллоҳ ИСМОИЛЗОДА
**Таҳти назари:**
Марямбонуи ФАРҒОНӢ,
нависанда, шоир

Хонандагон бо осори се тан адиби роҳафтода – Юнуси Имомназар, Шариф Халил ва Фаридуни Фарҳодзод, ки имрӯз дар майдони насри тоҷик корнамоӣ мекунанд, аз наздик ошноянд. Ин эҷодкорон ба унвони муаррифгари адабиёти насрии тоҷик дар Варорӯд бештар бо ҳикояҳо, қиссаҳо, ҳикояҳои ҳаҷвӣ, ҳикоёти хурд, новеллаҳо ва осори публитсистии худ шинохта шудаанд. Китоби мазкур низ аз намунаҳои эҷодии ин нигорандагони каломи бадеъ, ки ахиран ба нӯги хома омада ва аҳёнан дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ ба табъ расидаанд, фароҳам омадааст. Мавзӯи асосии ҳикояҳои гирдомада давутози бемайлони инсонҳо дар чорсӯйи зиндагӣ, саъю талошҳои одамон барои дарёфтани асолати башарӣ ва умеду орзуҳои нек, даргирӣ ва даъвоҳои дохилии афроди ҷудогона, тарғиби беҳтарину шоистатарин одобу русум ва одоти боварбахши ҳаётиро фаро мегирад. Ин китоб бо муҳтавои рангину дилписанди худ, ки бо бадеияти ҷолибу ҷаззоб нигорида шудааст, ба хонандагони синну соли гуногун пешниҳод мегардад.

***Китоб мутобиқи имлои "Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ" (Душанбе, "Шарқи озод", 2013) омодаи нашр гардид.***

**ISBN 978-9943- 5656-4-7**

**© «Noshirlik yogʻdusi», 2019**




Юнуси Имомназар (Нурназаров) 1-уми декабри соли 1964 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нуратои вилояти Самарқанд (ҳоло вилояти Навоӣ) зода шудааст. Ӯ пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш донишҷӯйи шуъбаи форсии факултаи  Забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мешавад. Пас аз фаро гирифтани таҳсилоти олӣ (соли 1989) як сол дар мактаби миёнаи деҳаи Қандак (Тоҷикистон) ва сипас, солҳои  1990 – 1996 дар деҳаи худ аз забони форсӣ ва забону адабиёти тоҷик дарс медиҳад.

Юнуси Имомназар моҳи апрели соли 1996 ба шуъбаи тоҷикии Кумитаи давлатии  радио ва телевизиони Ӯзбекистон ҷалб мешавад ва ҳамзамон дар шуъбаи форсии Барномаҳои берунмарзӣ ба ҳайси муҳаррири калон ва мутарҷим ифои вазифа мекунад. Ӯ аз соли

2000 то имрӯз дар ширкати байналмилалии эронии «Шимбор», ки дар Ӯзбекистон тарҳҳои мухталифи байналмилалиро дар соҳаи обрасонӣ анҷом медиҳад, ба вазифаи мутарҷим ва коргузори идорӣ машғул аст.

Юнуси Имомназар дар фазои адабӣ ва фарҳангии Ӯзбекистон ва берун аз он ҳамчун як адиби хушсалиқа, нигорандаи мақолаю очерк ва ҳикояву қиссаҳои дилчасп шинохта шудааст. Аҳёнан ба шеъргӯйӣ руҷӯъ мекунад. То имрӯз китобҳои ӯ бо номҳои «Аз гулгашти Мусалло то Нақши Ҷаҳон» (сафарнома, 2008), «Аз санг сахт, аз гул нозук» (маҷмӯи ҳикояву қиссаҳо ва мақолаю очеркҳо, 2010), «Ҷоми саргардон» (қисса ва ҳикояҳо, 2014) ва «Деҳаи зархез» (рисолаи пажӯҳишӣ-бадеӣ, 2016) ба чоп расидаанд. Адиб ба унвони мутарҷим чандин ҳикоя ва қиссаи нависандагони ӯзбекро ба тоҷикӣ баргардондааст. Соли ҷорӣ китобҳои якум ва дуюми тарҷумаҳои ӯ бо номи «Хирмани сухан» аз чоп баромад.

# ҲИКОЯҲО

## НОНИ БАШИР

Вақти нисфирӯз буду офтоби тобон аз домани тафсони худ сели анвори сӯзонашро бераҳмона ба сару рӯ мезад. Шодӣ пас аз қафо андохтани роҳи дурударози шаҳр дар истгоҳи деҳа пиёда шуда, ба самти боло вазнин-вазнин қадам мешумурд. Аз ниҳояти даввонаи гармо илоҷи сар бардоштан надошт, ҳатто нафасгирӣ барояш мушкил буд. Гӯё боди мулоиму рӯҳбахше, ки ҳамеша таҳу болои деҳаи дӯстдоштаашро навозиш мекард, имрӯз бо маҳбуби худ қаҳрӣ аст, намехоҳад дар рӯ ба рӯйи дамои сӯзони саратон истодагарӣ кунад. Бо ин ҳол, Шодӣ саъй кард ҳарчи зудтар аз доми ҳавои диму гирифта ва пардаи хомӯшии ба сари деҳа нишаста раҳоӣ ёфта, хешро ба манзили падарӣ расонад. Бо як ангезаи ботинӣ, аз даҳону бинӣ нафаскашон қадаммониашро тезтар кард.

Лаҳзае, ки Шодӣ ба ҳавлӣ даромад, наметавонист чашм боз кунад, гӯё пӯсти рӯю дастҳои виғидааш гард шуда мерехтанд, зери пираҳану шалвор бошад, шип-шилта тар буд, аз чаккаҳои рӯяш низ беист арақи сӯзони бадан мешорид. Баробари ба дари даромад наздик шудан садо дардод:

– Саидҷон!

Ҳанӯз чашмонашро накушода, дарро ба рӯяш кадбонуи хона боз кард. Аз паси ӯ сару дӯши бародар низ намудор шуд. Меҳмонро дида ҳар ду мисли гул шукуфта рафтанд, бо ҳаяҷону хурсандии беҳад бағал кушоданд. Ҳамзамон аз дохили хона боди салқини ҷонбахш ба сару димоғ зад, Шодӣ аз танӯри оташзо худро ба дарун гирифта, нафаси роҳат кашид ва гарму ҷӯшон бо азизон пурсупос кард. Ҳамин ки вориди хонаи ҷойинишаст шуданд, писару духтари Саидҷон низ худро ба оғӯши амак андохтанд. Ба назар мерасид, омадани ӯро касе интизор набуд

ва ногаҳон пайдо шуданаш мисли хуршеде буд, ки гармии рӯҳбахше ба фазои манзили бародар илқо мекард. Саидҷон, ки дар деҳа хонаи падариро чароғбон аст, ҳамроҳи фарзандон ӯро ба пешгаҳи хона гузаронд...

Шодӣ субҳи зуд ба роҳ баромада буд. Бар замми он ки мошинҳоро ивазкунон хастаю кӯфта то деҳа расид, шикамаш низ нақора менавохт. Ҳарчанд чою нон мехӯрданд, гуруснагиаш рафъ намешуд, дилаш ба ғизои гарм кашол буд. Мехост ба ҳамсари бародар арзи дил кунад, аммо ба ин азмаш бо пайдо шудани хоҳари азиз ҳоҷат намонд. Онҳо якто хоҳар доранд, ки ҳамсояи наздики Саидҷон аст ва ҳоло ҳам ӯ бехабар аз ҳама чиз, дар сар табақи латтапече ба хона даромада омад. Чун бародари шаҳриро дид, бо як дилхушии бемонанд, дар ҳоле ки аз чашмонаш нур мебориду чеҳрааш бо лабханди ҷаззоб оро меёфт, ба сӯйи ҷигаргӯша бағал кушод. Дубора суҳбати ширини пайвандон қӯр гирифт. Хурсандии хоҳар бошад, аз ҳама бештар буд, ӯ дар идомаи суҳбат бо хушҳолӣ гуфт:

– Ман имрӯз дониста нону чалпак пухтаам, – ва ба зани бародар рӯ оварда хоҳиш кард: – янгаҷон, агар заҳмат набошад, табақи маро дароз кунед.

Вақте ки хоҳар латтаашро мекушод, ҳама ба ҳаракатҳои ӯ ва дастпухтҳое, ки оварда буд, чашм медӯхтанд. Дар ин миён Шодӣ бетоқат шуд, ӯ дигар сабру қарорро аз даст дода, беихтиёр ёзиду як нони баширро, ки ҳанӯз ҳавраш мебаромад, ба даст гирифт. Нонро бо эҳтиёт ба чашмони нимпӯшшудааш расонид, мисли як кӯкнорие бо кайфи беинтиҳо онро бӯй кашид, ду-се бор аз рӯйи сурхгуну гарм бӯса бардошт. Ҳама нишастагон ҳолату амалҳои ӯро дида тааҷҷуб карданд, ҳеҷ кас ба гӯшаи хаёл наоварда буд, ки бародар то ин дараҷа нони баширро пазмон шудааст. Ба хусус, вақте ки дар ду гӯшаи чашмони Шодӣ ашк ҳалқа зад, ҳама ба шигифт омаданд. Касе ҳарф намезад, хомӯшие ҳукмрон шуд, ки худ аз бародари ба риққат омада арзи ҳол талаб мекард, дидаҳо бо ин умед роҳ гузиданд.

– Агар хато накунам, сӣ сол аз миён мегузарад, ки он замон ману ду додарам – Хоксору Сахидод дар як вақт донишҷӯ будем, – суханҳояшро чида-чида ба гап даромад Шодӣ. – Барои падару

модаре, ки се хӯранда дар хонаву се донишҷӯ дар шаҳр доштанд, таъмини хӯрду хӯроку либосворӣ ва дигар ниёзҳои зиндагӣ хеле сахт буд. Ман ин ҳолро хуб дарк мекардам ва чун калонтар аз додаронам будам, пайваста сари он меандешидам, ки маоши донишҷӯйиро аз моҳ ба моҳ расонему аз моҳонаи падар, ки он ҳамагӣ сад сӯм буд, умедвор нашавем. Раҳматӣ падарам бо вуҷуди неюнестони ман гоҳ-гоҳ пул мефиристоданд ва таъйин мекарданд, ки ман агар бепул ҳам монам, қарз нагирам. «Қарз баракаи зиндагиро мепарронад, – мегуфтанд қиблагоҳам, – дидӣ, ки пулат кам мондааст, ба худам хабар кун, мо дар қишлоқ як роҳашро меёбем...». Боре маҷбур шудам дар рӯзҳои сармои зимистон ба худаму Хоксор ду ҷуфт кафши гарм ва ба Сахидод ҳам як ҷемпер харид кунам. Азбаски тамоми пасандозамро харҷ карда будам ва то гирифтани маоши донишҷӯйӣ ҳанӯз як ҳафта бештар вақт буд, бепулӣ маро ба ҳолати ногувор андохт. Ба харҷи хона ҷуз нону чой дигар чизе нахаридем, ҳар рӯз ба додаронам сию панҷ тинӣ медодам, ки дар ошхонаи донишгоҳ сарфи наҳор кунанд. То рӯзи якшанбе кисаам холии холӣ шуд. Боз се-чор рӯзи дигар мебоист тоқат кунем, вале чӣ хел? Ҳамон рӯзи таътил додаронро гирифтаму ба истгоҳи роҳи оҳан рафтам, бошад ки коре ёбему бепул намонем. Ба бахти мо, ду вагони картошка ба боргоҳи истгоҳ расида будааст. Масъули бор розӣ шуд, ки ба ивази бист сӯм ҳар ду вагонро холӣ кунем. Ҳамоно ба кор часпидем, додарон дукаса халтаҳои картошкаро як-як гирифта ба лаби вагон меоварданд ва ман онҳоро ба дӯш бардошта онсӯтар бурда дармечидам. Чоштгоҳ шуд, нисфирӯз омада гузашт, аср ҳам фаро расид ва ниҳоят, сурхии офтоб аз байн рафту мо корамонро адо кардем. Дар ҳоле, ки худамон ҳам обу адо шуда будем, бо сару сурати сиёҳу чиркин, пойкашолу дилбеҳузур ба коргоҳи мутасаддии бор рафтем. Аммо, бо чӣ забон гӯям, он марди корфармо дар ҷояш набуд, нигаҳбон гуфт, ки ҳаққамонро фардо медодааст. Чорае ҷуз сари итоат надоштем, димоғсӯхта роҳи хонаро пеш гирифтем. Бештар аз се истгоҳи автобус пиёда омадем ва то ба манзил расидем, дигар на дармон доштему на мадори ба по рост истодан. Ҳар се баробар худро ба рӯйи намад афкандем. Аз гуруснагӣ на фақат шикамҳо қулдуррос мезад,

ҳатто дилҳоямон бечо шуда қай карданӣ мешудем, вале чизе набуд, ки берун ояд. Чанд муддат дароз кашида ҳис кардам, ки каме ба худ омадаам, аз ҷо хестам. Чашмам ба додаронам афтод, ҳар ду ҳоли табоҳ доштанд, ба хусус, Сахидод ду пояшро аз зону ба шикам ҷамъ карда, сарашро бо чашмони пӯшида ба даруни гиребон кашида буд ва дастонашро маҳкам ба рӯйи сандуқи дил часпонда дарақ-дарақ меларзид. «Дигар чорае надорам, аз амакам қарз мегирам» – гуфтам зери лаб ва аз тиреза ба берун чашм дӯхтам. Ҳамин нигоҳ карданам буду дар ҳавлӣ, аз миёни чодари торикӣ, ки базӯр бо як чароғ равшан мешуд, симои касеро дидам. Ӯ якрост ба назди тиреза омада пурсишомез овоз дод: «Шодӣ?!» Ин овози дӯстам Сафо буд, ӯ аз деҳа меомад. Он лаҳза, худам медонаму Худо, як он бол баровардам ва чун кабӯтар ба сӯяш «паридам». Сафоро дар оғӯш гирифта раҳо намекардам, дар назарам Бобои Хизр буду ба ман ҷон ато мекард, охир, ҳар яки мо аз деҳа бо савғотӣ меомадем! Дар ҳақиқат, дӯстам раҳоварде бо худ дошт, ки аз деҳа модарам додаанд. Медонед, чӣ? Нони башир! Оре, нони башире, ки он дам барои ману додаронам ширинтар аз сад кулча ҳалвою лазизтар аз сад ман асал буд!...

Пас аз сер шудан дидам, ки модарҷонам дар канори талқони себу як баста набот номае низ бо дастхати зебои худ гузоштаанд ва ин суханҳояшон ҳанӯз ки ҳанӯз дар хотирам аст: «Фикр накун ин сӣ сӯмакро аз пули додоят гирифтаам, чунки медонам ту намехоҳӣ ба мо мушкилӣ афтад. Ин пул аз меҳнати худам аст, дар ивази намадпазию гилембофиҳоям ғун кардаам, бо додаракот ҳар чӣ дилатон хоҳад, харида хуред. Ман шумоёнро дуо мекунам...».

Шодӣ аз накл бозистод. Гиря гулугираш карда буд магар, беовоз ва бо сари хам нони башири хоҳарро пора-пора карду чанд ҷо ба рӯйи дастурхон гузошт ва як тиккаро худаш ба даҳон бурд. Ҳама нишастагон бе ихтиёр ба пораҳои нон даст дароз карданд. Хоҳар мехост чизе гӯяд, аммо чашмони ӯ низ кӯл-кӯли об буданду гулуяш дар банд шуда ки, ёрои ҳарф задан надошт...

# «БА МАН ГАП МЕРАСАД»

*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*
**(Лоиқ)**

Он рӯз хурсандиам ҳадду канор надошт, аз ниҳояти шодмонӣ дар куртаам намеғунҷидам. Аз деҳа баромада ба шаҳри Баҳор мошинсавор мерафтам, вале ҷисму ҷонам гӯё берун аз қолаб дар баландиҳо муаллақ мегашт. Аз мағзи дил оҳанги ҳаяҷономезе маро ба рақс меовард, дар фарози хаёлҳои ширину рӯҳбахш болу пар мезадам. Дар роҳ мерафтаму аз як сӯ дашти бепоён ва аз ҷониби дигар теппаю доманаҳои сабзпӯшу гулранг бо ҷамолу ҷилои дилфиреб худнамоӣ мекарданд. Ҳаво соф буд, рақси мулоиму лаппиши муназзами баргу шохаҳои дарахтоне, ки аҳён-аҳён ба назар мерасид, аз вазидани насиму шаббодаи ноз-нозии баҳорӣ гувоҳӣ медод. Бар замми нури рӯз хуршеди тобон ҳам аз нишемангоҳи худ қомат рост карда, ҳусну нигори мунаввари худро ба намоиш мегузошт.

Шояд бовар накунед, аммо он як рӯзи баҳорӣ аз ғуруру нишот сарам ба осмон мерасид. Дар роҳ мерафтаму пушти ҳам суханҳои диловезу таҳниятҳои ифтихоромези ҳамдеҳагон дар моварои гӯшу ҳушам беохир садо медод. Ҳеҷ гумон намекардам, ки ҳамдеҳагони ман, аҳли заҳматии кӯҳистонӣ то ин андоза муштоқи каломи бадеъ, пазмони китобу қиссаҳои тоҷикӣ ҳастанд. Ҳатто аз худи ман бештар хушҳол шудани онҳо маро ба ваҷд овард, дар худ меболидам, ки об дар ҳован накӯфтаам! Дар ҳоле, ки пушти фармон нишаста, мукаррар илтифоту дуоҳои деҳотиёнро аз саҳни хаёл мегузарондам, гӯшаи чашмам ба қабои зардӯзишуда ва ҳадяҳои онҳо афтид, ки дар курсии пушт мехобиданд. Ин дастовез нахустин подоши бебаҳо дар зиндагиам буд, оре, аввалин бор арзёбии истеъдоду заҳматҳои шабурӯзӣ ва камхобиҳои худро бо чашми сар медидам. Аз хурсандӣ ба ваҷд омадам, дар зери мижгонҳоям оби дида ҷӯш зад...

Он рӯз бо ҳазору як умеду орзуҳои ширин ба шаҳри дӯстдоштаам Баҳор мерафтам. Маҳз дар он ҷо тоҷикони муқим

хеле зиёданд, ҳамзабонони фаровоне аз чор гӯшаи кишвар низ ба ин шаҳри бостонӣ омада маскун шудаанд. Яке аз ошноҳои наздикам Равшани сартос дар ин шаҳр зиндагӣ мекард, аз ҷумлаи коршиносони шинохтаи муассисаи номдоре буд. Ӯро дар солҳои мактабӣ ба хотири каммӯю калон будани сараш «сартос» меномидем. Он замон бачаи хеле фаъолу зирак буд. Мехостам бо ёрии ин рафиқам китоби тозанашри худро рӯнамоӣ кунам. Агар Худо мададгор мешуду дар шаҳри Баҳор низ саъям бобарор меомад, барои паҳн намудани китобҳоям роҳи васеъ боз мешуд...

Ба шаҳр расидам. Бо иштиёқ ва меҳру отифае, ки ба хотири дидори ошнои чандин сол дурафтода дар худ ҳис мекардам, бо Равшан тамос гирифтам ва аз омадани худ ба назди идорааш дарак додам. Зоҳиран, кораш бисёр буд, кӯтоҳ бо садои канда-канда гуфт:

– Ҳозир... Ҳамон ҷо бош... Меоям.

Аз дарвозаи оҳанини қуббадор ба ҳавлии назди бинои дуошёна даромадам. Чанд нафар ҷавону куҳансол бар харакҳои дами дар менишастанд, гӯиё мисли ман мунтазири мулоқот буданд ё корафтода. Ман нахостам дар канори онҳо нишинам, ба назарам чунин намуд, ки агар соҳибмансабе мисли ошноям маро беғаму бениёз нишаста бар рӯйи харак медид, камоли беадабӣ мешуд. Бо дили бетоқат пасу пеш қадамзанон, ба ҳар касе, ки аз даромадгоҳи бино мебаромад, нигоҳе меафкандам. Тарсам дар он буд, ки мабодо ошноро нашиносаму ӯ сарсон шавад.

Чӣ гӯям, интизориам хеле тӯл кашид, аз ниҳояти қадамзанӣ поҳоям дард гирифтанд. Аз «ҳозир» як рубъ, ним соат гузашт, аммо аз сари тос дарак не. Хостам дубора занг занам, лекин андеша кардам, такроран дархости дидор кардан ба назарам зишт намуд. Онҳое, ки бар рӯйи харак менишастанд, бо одамони худ мулоқот карда баромада рафтанд, ба ҷояшон касони дигар омаданд. Ҳаво торафт гарм мешуд, теғи офтоб дуруст аз болои сар мезад. Ин шаҳри пуровоза бо насиму шаббодаҳои табиат қаҳрӣ менамуд, бар замми гармӣ ҳавои он диму нафаскан буд.

Расо як соат гузашт. Худоё шукр, дар дами остона чеҳраи

гирифтаю сари тоси ошноям падид омад. Ҳамон қадду баст, ҳамон қиёфа, вале бо ожангҳои бештар. Офтобсариаш ҳам ба маротиб афзудааст, лақабаш акнун моси худаш буд. Аз тавқи пахни қирмизранге, ки сари дилашро оро медод, хушам наомад. Бо ин ҳол, ҳар гуна менамуд, дар зеҳни худ пазируфтам, охир, ӯ болонишин аст!

Бағал кушода бо ҳам вохӯрӣ кардем. Аз ранги рӯй ва ҳолпурсии Равшан аён буд, ки ба ҷое шитоб дорад. Фикр мекардам, ҳоло бо ҳазор сухан аз бобати дер мондани худ узр мепурсад, вале хаёлам ботил баромад. Ӯ бо ҳавлу ҳарос суол кард:

– Чӣ хабар? Маро хоб дидӣ-чӣ, рӯзона ба сари корам омадӣ?

– Бароят туҳфае дорам, ошно, – муомилаи сарди ӯро дар дил хӯрда арз кардам ман, – баъд, маслиҳати ту лозим буд, агар вақтат бошад.

– Намефаҳмам, чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Ҳоло, як лаҳза сабр кун, – ҳайрону бетоқат шудани ӯро дида гуфтам ман ва ба сӯйи худрави саворӣ ба берун давидам. Як дона китобамро аз сандуқи ақиб гирифта ба пас гаштам. Равшан бо қавоқи овезон ва нигоҳҳои сард сари калонашро ба ду самт ҷунбонда меистод.

– Метавонӣ маро табрик кунӣ, ошно, – дудаста китобамро ба сӯяш дароз кардам, – нахустин китоби қиссаю ҳикояҳоям ба чоп расид.

Ӯ, бе он ки ҳарфе гӯяд, китобро аз дастам гирифту муқоваашро боз кард. Ҳамон кушоданаш буду, мисли ин ки ӯро барқ гирифта бошад, як он бо ҳарос китобро пас дод ва бо чашмони аз ҳадақа баромада бо хашм гуфт:

– Чӣ, сарамро дар бало монондanӣ ҳастӣ?! Ҳамин ҳозир туҳфаи «нозанинат»ро аз назарам гум кун!

– Барои чӣ? Магар ба ту заҳр додаам, ки ин қадар метарсӣ? Ин ки китоб аст, китоби бадеӣ, асари худам.

– Гӯё ҳеҷ чизро намедонӣ, кай дидаӣ, ки мо китоби тоҷикӣ хондаем?

– Э, ошно, мактаби миёнаро дар куҷо тамом кардӣ? Магар таҳсили ту ҳам дар донишгоҳи Тоҷикистон набуд? Чиҳо мегӯйӣ, Равшан?

– Бас кун! Тоқати шунидани ин гапҳоро надорам. Он рӯзҳо дар гузашта буд, ҳоло замон дигар, одамон дигар...

– Хуб, ин ҷо зидди касе ҳарфе нест. Як китоби одии бадеӣ аст ба забони модарӣ ва дар нашриёти давлатии худамон ҳам ба табъ расидааст. Аз чӣ тарс дорӣ?

– Ба ман гап мерасад, ҷӯра, – Равшан як ба сӯйи дарбон ва сипас ба самти даромадгоҳи бино нигоҳе афканда афзуд: – Тоҷикӣ аз димоғи мо баромадааст, агар хоҳӣ ман дар ҳамин ташкилот кор кунам, ин ҳадяатро бо худат бар, ба сари бедардам дастмол набанд.

Вуҷудам гӯё оташ гирифт. Ҳамон лаҳза шабеҳи милаи доғе будам, ки агар ба обам мезаданд, об доғ мешуд. Дар назар ошноям мисли ҷаллоде метофт, ки маро бе корд мекушт. Базӯр худро ба даст гирифта ҷаҳломез гуфтам:

– Мебинам, ки беҳуда тавқ бар гардан назадаӣ, ошно. Ҳайфи шире, ки модарат ба ту додааст!

Дигар, дар назди Равшани сартос истодан бароям маънӣ надошт. Дар ҳоле ки дуд аз димоғам мебаромад, ӯро ба ҳоли худ гузошта, ба қафо баргаштам. Ҳанӯз дари худравро накушода будам, ки аз паси сар садои Равшан баланд шуд:

– Ҷӯра, маро дуруст фаҳм, намехостам аз ман нороҳат шавӣ. Ҳоло ки то ин ҷо саъй карда омадаӣ, китобатро дар ин рӯзнома печонда деҳ, бо худам мебарам.

Мехостам яку якбора ба сараш дод занаму дашном диҳам, аммо худдорӣ кардам. Андешаи нек ғолиб омад, ҳамон як дона китобамро, ки дар саҳифаи аввалаш «Бо орзуҳои нек, тақдим ба дӯсти солҳои бачагиам Равшанҷон» гуфта соядаст гузошта будам, дар рӯзномаи дарозкардааш печонда ба ӯ додам. Бо димоғи гирифта дигар ҳарфе назадам ва пушти фармон нишастам. Дарро бастаму ҳамон дам гумоне ба мағзам зад: «чаро як он фикри Равшан иваз шуд?». Худравро равшан накарда, аз паси ӯ саре ба тарафи дарвоза тофтам. Ошноям бо шитоб аз зинаҳои назди даромадгоҳ боло рафт, вале ба дохил надаромада, ду қадам онсӯтар ба тарафи қуттии партовҳо по бардошт ва коғазпечи дасташро бо зарб ба он андохт. Сипас, гӯё нафасе осуда кашид, дастҳояшро афшонда, қоматашро

рост карду худро ба дохил зад. «Эҳ, номард, гумон кардӣ дар назди ҳамдеҳагон шармандаат мекунам? Охир, агар ба ту гап расад, нагир, вассалом!». Аз мошин пиёда шудам ва тозон рафта китобамро аз қуттии ахлот гирифта ба пас гаштам. Дарбон ҳама баҳсу амалҳои моро дида меистод магар, ба ман чизе нагуфт, танҳо бо нигоҳи хайрхоҳонаю лабханди мулоим маро гусел кард...

Бисёр шунидаам, ки аз дасти курсию мансаб одам хароб мешавад, на танҳо хӯю хислат, ҳатто ниҳоди худро батамом дигар мекунад. Он рӯз бо рафтори ошнои сартосам рӯ ба рӯ омада ба хубӣ дарк намудам, ки одам, дар ҳақиқат, бо мурури замон тағйири рафтору пиндор мекардааст. Ба хусус, агар мансабу мақоме дорад, ба хотири «гап нарасидан» аз виҷдону имон ва ҳатто забонаш, ки бо шири сафеди модар дар вуҷудаш нумӯ мекунад, даст мекашад.

Он рӯз бо ҳоли гирифта, аз шаҳри Баҳор набаромада, барои наҳорхӯрӣ ба як чойхонаи миллӣ даромадам. Сари як пиёла чою як луқма кабоб фақат Равшану бархӯрди ӯро дар пеши назар ва зеҳни худ тасаввур мекардам. Он ҳама хурсандие, ки дар деҳа бароям даст дода буд, як тарафу ин ниқоби тозаи ошноям як тараф буд. Ҳеҷ боварам намеомад, ки касе мисли Равшан, ки ҳафт пушту аҷдодаш тоҷик буданду худаш ҳам ба тоҷикӣ хонда калон шудааст, ба ин роҳатӣ аз ҳама чиз даст мешӯяд. На ин ки аз гирифтани китоб тарсид, ҳатто аз такаллуми тоҷикӣ ор кард. Аз ин ҳол сахт ба шигифт омадам, магар мешавад чунин бошад? Охир, дар ҳамин ҷамъияте, ки ӯ умр ба сар мебарад, ман ҳам ҳастам, ман ҳам дар канори ӯ бузург мешавам. Чаро ба ман касе «ту» намегӯяду гиребони ӯро мегирифтаанд? Магар мешавад як бому ду ҳаво бошад?...

Оғушта дар гирдоби хаёл, мустақим ба сӯям омадани мардеро пай бурдам. Оре, ӯ ба пеши ман меомад, бо чеҳраи боз, бо лабханд. Ситорааш гарм намуд, дар кучое ӯро дидаам. Ҳамин ки наздик шуд, шинохтам. Бале, ҳамхизмати худ Садриддин – ҳамон ҷавони баҳории лоғару устухониеро, ки хеле газгӯшту тану тӯшдор шудааст, шинохтам. Ба пешвозаш аз ҷо парида хестам, чанд муддат дар оғӯши якдигар сари по рост истодем.

– Бо кадом шамолҳо, дӯстам? Дар шаҳри мо сари танҳо? – ниҳоят пас аз салому ҳолпурсиҳо ба асли матлаб омад Садриддин.

– Бо коре омадам... шояд барои ту ҳам ҷолиб набошад, – каме бо дудилагӣ гуфтам ман.

– Яъне чӣ, магар мешавад кори дӯсти азизам барои ман ҷолиб набошад?

– Ёдат ҳаст, бароят таронаҳо мегуфтам, қиссаҳо нақл мекардам...

– Эҳ, қадрдони ман! Фикр мекунӣ, он рӯзҳо аз хотири ман фаромӯш мешавад, асло! Ҳар замон туро ба ёд меоварам, ҳанӯз ҳам ба бачаҳоям достону қисса мегӯям, агарчи мисли ту маҳорат надорам. Бовар мекунӣ, ҳатто ба онҳо гуфтаам, ки ин дӯстам нависандаи замон мешавад!

Ман об шудам. Аз суханҳои муҳаббатомези ҳамхидматам ба шигифт омадам, гумон кардам дар гӯшаи биҳиштие нишастааму бароям париён суруд мехонанд. Ҳушу ҳавосам моломоли шавқу сурур шуд. Бо хушҳолӣ арз кардам:

– Бо дуоҳоят, дӯсти азиз, нахустин китобам ба табъ расид.

Гӯё теғе ба ҷабин хӯрд, Садриддин парида аз ҷо баланд шуд ва дубора маро ба оғӯш кашида, бо эҳсос гуфтан гирифт:

– Офарин, дӯстам, боракаллоҳ! Ман медонистам, ҳамон замон ман туро шоиру нависанда хонда будам, қанд зан! Китобат муборак, дастёбӣ ба орзуҳои некат муборак! Офарин, бародар, агар ту донӣ, чӣ қадар ин рӯзро орзу мекардам... – ӯ лаҳзае аз сухан воистод ва бо меҳр ба сӯям нигоҳ карда пурсид: – Хуб, канӣ китобат, ҳаст ин ҷо?

– Маро хурсанд кардӣ, Садриддин, аз суханҳои ширинат гардам! Ҳоло ҳамин ҷо бош...

– Не, дӯстам, бо ту меоям, дигар тоқатам тоқ шуд, – гуфт ӯ ва ҳар ду ба берун, ба назди мошини савориам рафтем...

Он рӯз медидам, ки ҳамхидматам гӯё асари худро чоп карда бошад, гаштаю баргашта китоби маро ба чашмонаш мемолид, беохир хурсандӣ мекард, дастамро дошта, ба оғӯш гирифта табрику таҳният мегуфт, бо ҳазору як сухан маро ситоиш мекард. Вақте ки ба ӯ як дона китобро бо соядаст додам, ғайриинтизор,

хоҳише кард, ки дар пешаш забонам лол шуд. Ӯ мехост тамоми китобҳои бурдаамро барояш диҳам!

– Дӯстам, ту тоҷик набошӣ, чӣ кор мекунӣ китобҳои маро? – бо тааҷҷуб пурсидам ман.

– Ба ин тарафаш корат набошад, ман асари туро ба нуқтаҳои даркорӣ мерасонам, – гуфт ӯ ва аз ҷайбаш як даста пулро баровардa ба ман дароз карду афзуд: – Ҳоло ин аз нӯги хамир фатир, каму костиашро баъдан пур мекунам.

Ман дасти ӯро гардондам, бо лаҳни норизо гуфтам:

– Ин хел намешавад, дӯстам, аввал китобҳоро гузарон, баъд...

– Гузарондан кори ман, агар нагирӣ, сахт нороҳат мешавам, дастамро нагардон.

Медидам, ки пули дасташ бештар аз қимати он се баста китобе буд, ки барояш медодам. Хиҷолатомез арз кардам:

– Ин ки хеле бисёр аст, чаро ин корро мекунӣ, Садриддин?

Ӯ ба истодагарии ман нигоҳ накарда, дари худравамро кушоду пулашро дар сандуқчаи ҷилав андохт.

Пас аз наҳори хушмаза ва ҳамдамию суҳбати самимӣ ману Садриддин аз ҳам ҷудо шудем, ӯ ба хонааш рафту ман роҳи пойтахтро пеш гирифтам. Дар тӯли роҳ пайваста ибораи ноби Ҳазрати Мавлоно – «ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст» марҳами хаёлҳои озурдаи бесару нӯги ман буд...

***

Умри инсон чун оби ҷӯй мегузарад. Гӯё дирӯзакак буд ба шаҳри Баҳор рафта, бо ду рафиқам вохӯрӣ карда будам. Нафаҳмидам, ки аз он дам як сол сипарӣ шудаасту дубора бо тақозои кор ба он шаҳри азиз по мениҳам. Иттифоқан, ҳангоми сафари хидматӣ яке аз ҳамсинфонам хабар дод, ки ҳамаашон дар шаҳри Баҳор ҷамъ шудаанд. Тахмин мекунед дар куҷо? Дар хонаи Равшани сартос! Ӯ ба писараш арӯс мефаровардааст. Агарчи аз он ҷашн хабаре надоштам ва аз ошноям ҳам дилам монда буд, хеле ҷоҳоро фикр кардаму ба рафтан розӣ шудам. Бо дилгармӣ, барои расидан ба дидори ҳамдеҳагон ба хонаи Равшан шитофтам.

Меҳмонхонаи ошноям пур аз одам буд. Дами ҳангомаю

гуфтугузори онҳо торафт метафсид, ҳама бо шӯру ҳаяҷон дар хусуси кордонию пулёбии Равшани сармоядору шуҳратманд гап мезаданд. Мегуфтанд, ба базми оншаба якуним-дуҳазор одам меомадааст, ҳунарпешаи номдоре ҳамроҳи чанд гурӯҳи дигар дар хидмат мешудаанд. Мисли ин ки сартос фақат ба овозхону ровиёни базм даҳ ҳазор ҷудо кардааст, ба харҷи тӯй ҳам даҳ ҳазор, панҷ ҳазори дигар барои пешкашу тухфаҳо...

Аз ин ҳама таъриф сарам дард гирифт, оҳиста, бо баҳонаи дастшӯйӣ ба даҳлез баромадам. Писари хурдии сартос давида ба наздам омаду салом дод. Аз рӯйи одати ҳамешагиам, ки ба ҳар манзиле равам сараввал китобхонаи соҳибхонаро зиёрат мекунам, аз писарак хоҳиш кардам, ки маро бо китобҳои падараш шинос кунад. Бо ӯ ба хонаи дигар гузаштем. Мошоллоҳ, ошнои сартосам китобхонаи бузурге дошт! Як ҷевони баланди деворӣ пур аз маҷаллаю рӯзнома ва китобҳои ранг ба ранг буд. Тамошокунон то охир омадаму ҳавсалаам пир шуд. Бо чӣ забон гӯям, дар он ҷевони баланду тӯлонӣ ҳатто як дона китоб ё маҷалла ва ҳатто рӯзномаи тоҷикӣ надидам. Э вой, аз ҳазор-ҳазор гап мезананду аз шуури холии ошноям на. Агар ӯ ба хотири «гап нарасидан» ёрои ҳарф задан ба забони модарӣ ё қурби нигаҳ доштани як китобро ба забони модарӣ надорад, чӣ инсоне аст?! Бо дили ғамгин ба қафо гаштанӣ шудам, ки ногоҳ китобе дар як бурҷаки ҷевон ба назарам гарм тофт. Бе истиҳола онро ба даст гирифтам. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, он китоби тоҷикӣ буд, ҳамон нахустин китоби банда, ки соли гузашта ба дасти мухлисон расонида будам. Беихтиёр онро боз кардам, дар саҳифаи аввал соядасте диққатамро ҷалб кард: «Бо салом ва эҳтироми бепоён, ин китоби дӯстамро ба зодрӯзи бародари равшанфикри тоҷикам Равшан тақдим мекунам. Садриддин»...

# ШАВҲАР НАМЕГУРЕЗАД

***Ало, эй боди шабгире, паёми ман ба дилбар бар,***
***Бигӯ он моҳи хубонро, ки ҷону дил баробар, бар, –***

Ёсуман бо ноз ин байтро хонда, як тоқ гесуи худро, ки ба сари дил овезон буд, ба ҳера андохт ва бо дидаи суоломез ба дугонааш Малоҳат чашм дӯхт. Нигоҳҳои маъниҷӯ чун ҳамеша бо ҳам дакка хӯрданд. Малоҳат саҳифаи дастхӯрдаи китоби фарсудаи «Баёзи адабиёт»-ро ба ҳоли худ гузошта, бо табассуми малеҳ лаб ба сухан кушод:

– Аз сурудаҳои шоири хушзабон, ки гӯё ширинии лабҳояш низ дар шеърҳояш омехта будааст, духтари дӯстдоштаи шоҳи Балх. Мегӯянд, бо латофати табъу чашмони сиёҳи ҷодугари худ дилҳоро мерабуд, тири мижгонаш то ҷигаргоҳ менишаст, ба лабони марҷонию дандонҳои марворидгунаш ҷонҳо нисор мегашт.

– Баҳ, баҳ, аҷаб париваше! Мисли ин ки он ҳусни дилраборо ман ба мерос бурдаам! – ба сухан ҳамроҳ шуд Дилноза. Ӯ аз лаҳзае, ки дугонаҳояш ба сари китоб нишаста буданд, пушти оинаи қаддӣ истода худро фарқу ҷамол мезад, рангубор мекард.

– Он чӣ Малоҳат аз зебоӣ ба забон овард, ҳанӯз ҳамааш нест. Аз ҳусни воқеии он «париваш» дар ту асаре нест ва намесазад ба зоҳири сохтаи худ низ фирефта шавӣ. Агар инсоф дорӣ, биё, канори мо нишину дарс хон. Фардо устод ба хотири рангуборат баҳо намегузорад-охир! – Ёсуман аз дер боз дугонаашро дар назди оина дида ғашаш меомад, дунболи баҳона мегашт, ки ба хотири сабуксариҳояш ба ӯ ҳарфи сахт занад. – Ростӣ, байти гуфтаи ман моли кадом шоир аст?

Дилноза китф дарҳам кашид. Чорпоячаро наздиктар кашида рӯ ба рӯйи оина нишаст ва ҳаросон нашуда ба абручинӣ даромад. Ҳар гоҳ ба ӯ суоле медоданд, хомӯширо афзал медонист, худро ба нодонӣ зада бо коре андармон мешуд. Малоҳат бо лабханди маънидор посухи худро пайгирӣ кард:

– Падараш Каъби бузургвор пайваста ояндаи ин дурри ноёби худро фикр мекард. Чун дарёфт маргаш фаро мерасад,

писари худ Ҳорисро хонд ва дилбандашро ба ӯ супурда гуфт: «Чӣ шаҳриёроне ин дурри гаронмояро аз ман хостанд, вале ҳеҷ касро лоиқи ӯ нашинохтам. Ту агар касеро шоистаи ӯ ёфтӣ, худ донӣ, то ба роҳе, ки медонӣ, рӯзгорашро хуррам созӣ». Писар насиҳати падарро пазируфт. Пас аз сари ӯ ба тахти шоҳӣ нишаст ва хоҳари худро чун ҷон гиромӣ дошт. Вале он чӣ дилҳо мехост барнаомад, зиндагӣ табли худро ба навъи дигар зад...

– Хуб, Дилноза, ин қиссаро ту ҳам чандин бор шунидаӣ, дурри ноёби падараш кӣ аст, сарнавишташ бо чӣ меанҷомад? – Ёсуман риштаи суханро аз даҳони Малоҳат гирифт, мехост Дилнозаро низ ба доираи баҳс кашад. Ӯ медид, ки ин ҳамхонааш чанд моҳи охир куллан тағйири рафтор кардааст. Ҷойи ин ки дар канори ҳамхонаҳо ба имтиҳонот омодагӣ бинад, ба ҷавоне дасти ошиқӣ дода, гоҳу бегоҳ ҳамаро нороҳат месозад. Ҳоло низ ба висоли дилдодааш аз сар то по худро орою торо медод.

– Ман ҳаминро медонам, ки дурри ноёб худам ҳастам ва ҳоло ганҷинадорам барои бурдани дурри худ меояд, – бо такаббур китфонашро ба ақиб кашида, ба сандуқи синааш муҳоботомез назаре афканда гуфт Дилноза.

Ёсуман аз ин беэътиноӣ ва худнамоии ӯ дилтанг шуд, бо қаҳр ба сухан омад:

– Гумон мабар устодон ба вусмаю сурмаат баҳо мегузоранд, ақлатро ҷамъ кун! Аз сари заҳматҳоят об нарез, бо ин булҳавасӣ се соли донишгоҳро ба бод медиҳӣ!

Дилноза баланд хандид. Чунон хандид, гӯё ба содагии Ёсуман механдид. Ким-чӣ хел хокаи сафедгунро ба ду рухаш молида истода бо тамасхур гап зад:

– Чӣ, мехоҳӣ ман ҳам пирдухтар шуда баъд шавҳар кунам? Он замон, ба гумонат, касе нигоҳ мекунад ба ману ту? Ҳамин ҳозир вақту соаташ, баъд дер мешавад, дугонаҷон. Аҳ, агар медонистӣ, ишқ чӣ лаззате дорад!

Малоҳат низ аз пайи Ёсуман оташин шуд. Аввал хандаи ҷонгир, сипас худнамоии Дилноза ӯро нороҳат сохт, бо дилтангӣ гуфт:

– Ишқбозӣ кори ману ту нест, азизам, ҳанӯз хурдӣ мекунем. Агар медонистӣ қисса бо чӣ меанҷомад, шояд аз ин ҳою ҳавасҳои бемаънӣ даст мекашидӣ!

– Ҳар ду ба ҷонам расидед, қиссаи киро мегӯйӣ, саргузашти ҳамон дурри ноёби падараш? – Дилноза аз оина сар бардошта ба сӯйи духтарон чашм дӯхт. Ин нигоҳи ӯ барои Малоҳат кофӣ буд, бо забони сода ба нақл гузашт:

– Оре, он дилбанди падар ба дасти бародар монд, ки тоҷи шоҳиро пӯшида буд. Рӯзҳо гузашт, боре дар миёни хидматгузорони бародар ғуломе ба чашми духтар афтод бо чеҳраи дилоро ва танутӯши расо. Бо дидани он ҷавон, ки Бектош ном дошт, оташи ишқ бар ҷони дилбар шуъла зад. Ба хотири ин ки розаш дар пеши дигарон фош нагардад, номае муҳаббатомез навишт ва ба ҷавон фиристод. Бектош чун номаро хонд, аз он лутфи табъу нақши зебо дар аҷаб монд ва дил ба ӯ супурд, гӯё ки солҳо бо вай ошно буд. Ҷавони шефта рӯй надида ёр шуд. Пайғомҳои меҳромез ишқу умеди ҳар дуро меафзуд. Ҳамин ки духтар аз забони доя ба ишқи маҳбуб пай бурд, дилшод гашт, ашки шодӣ аз дидагон рехт. Аз он пас рӯзу шаб ғазалҳо месохт ва ба дасти ҷавон мерасонд. Бектош бо хондани ҳар шеър ошиқтару дилдодатар мешуд. Боре ӯ духтарро дар маҳалле диду шинохт ва ба доманаш овехт. Аммо ба ҷойи  ин ки аз дилбар нармиву дилдодагӣ бубинад, бо хушунат* ва сардӣ рӯ ба рӯ шуд...

– Аҷаб, пас аз он ҳама ишқу дилдодагӣ? Бовари кас намеояд, – Дилноза беихтиёр сухан дар миён андохт, дар ҳоле ки гӯшу ҳуш ба нақл шуда буд.

– Бале, духтар медонист, ки ифшои розашон бо марги ҳар ду меанҷомад,  аз ин рӯ, ҳарфи сахт гуфт, ӯро аз худ ронд ва посухе ҷуз маломат надод.

Ёсуман ба тақвияти нақли дугонааш илова кард:

– Дар ҳамин ҷо Бектош мегӯяд: «Эй бути дилафрӯз, ин чӣ моҷароест, ки дар ниҳон ба ман шеър мефиристиву девонаам мекунӣ ва акнун рӯй мепӯшию чун бегонагон аз худ дур меронӣ?». Духтар посух медиҳад: «Аз ин роз огоҳ нестӣ. Оташе, ки дар дилам забона мекашаду ҳастиамро хокистар мекунад, басе гаронбаҳост! Он чизе нест, ки бо ҷисми хокӣ сарукор дошта бошад. Ҷони ғамдидаи ман толиби ҳавасҳои пасту шаҳвонӣ нест. Туро ҳамин бас, ки баҳонаи ин ишқи сӯзону маҳрами асрорам бошӣ...».

***хушунат*** *– тундӣ, дуруштӣ*

– Яъне, аз ҳам дур мешаванд, ба висоли якдигар намерасанд? – ҳайратзада суол кард Дилноза.

– Духтар ин суханро гуфта худро канор гирифт ва ғуломро шефтатар аз пеш бар ҷой гузошт, – риштаи суханро дубора ба даст гирифт Малоҳат ва бо забони нарму маҳини худ афзуд: – Бонуи дилдодаи чомасаро ба шеър гуфтан идома дод ва оташи дарунро бо табъи чун об таскин бахшид:

***Ало, эй боди шабгире, гузар кун,***
***Зи ман он турки яғморо хабар кун.***
***Бигӯ к-аз ташнагӣ хобам бибурдӣ,***
***Бибурдӣ обаму хунам бихӯрдӣ...***

Бектош номаҳои он моҳпораро, ки саропо ҳикоёт аз сӯзи дарун буд, якҷо ҷамъ карда чун ганҷи гаронбаҳо дар сандуқчае ҷой медод. Аз қазо, рафиқе дошт нопок ва ӯ ба гумони гавҳар сандуқчаро дуздид. Вале аз он ба ҷойи ҷавоҳирот номаҳои пур аз ишқу сӯзу гудози духтарро ёфт ва ба ғарази дарёфти подош ба бародари духтар дод. Ҳорис аз ин пештар ҳам гумон мебурд, вале ин бор тамоми вуҷудашро оташи хашм фаро гирифт. Фурӯ дар ҷаҳл нахуст Бектошро ба чоҳе ҳабс кард, сипас дастур дод, ки хоҳарашро ба гармобае андозанд ва дарро бо гаҷу оҳур маҳкам бибанданд. Ин ҷазо дар амал шуд, духтар фарёдҳо кашид ва оташ бар ҷонаш афтод. Дар ҳамин ҳолати яъсу навмедӣ ҳам ишқи Бектош домани духтарро раҳо накард, ӯ ангушти худро бо дандон хуншор намуда, ғазалҳои пурсӯз бар девор менавишт. Ҳарчанд рӯйи девор бо хун рангин мешуд, чеҳраи вай берангтар мегашт ва ҳангоме ки дар гармоба деворе нонавишта намонд, дар танаш низ хуне боқӣ намонд. Девор аз шеър пур шуд ва он моҳпайкар чун порае аз девор бар ҷой хушк шуд. Рӯзи дигар дари гармобаро кушоданд ва он дилафрӯзро аз пой то фарқ ғарқ дар хун диданд ва девори гармобаро пур аз шеъри ҷигарсӯз...

Малоҳат аз сухан бозистод. Чизе гулуяшро гирифт, хомӯш монд. Ёсуман сархам менишаст, беихтиёр мижгон боло заду сиришки сӯзон ба рӯйи дасташ чакид. Дилноза бетоқат шуд, хомӯширо халалдор кард:

– Қисмати ҷавон бо чӣ анҷом ёфт?

Малоҳат гулу афшонда гуфт:

– Пас аз муддате Бектош фурсати фирор меёбад ва шабонгаҳ

ба хонаи Ҳорис омада сарашро аз тан ҷудо мекунад. Он гоҳ ба сари қабри маъшуқааш меояд ва ханҷар ба сина зада, ба зиндагии хеш хотима мебахшад. Ӯ мардонавор интиқоми қатли маҳбубаашро ситонд ва дилбари азизро дар водии ҷовидонӣ танҳо нагузошт, ҷону тани хешро ба пояш фидо намуд.

Чун Малоҳат сукут кард, Ёсуман афзуд:

***– Мадор, эй бинти Каъб, андӯҳ, ки ёр аз ту ҷудо монда,***
***Расан гарчи дароз ояд, гузар дорад ба чанбар, бар.***

Умри инсон ҳарчанд дароз бошад, дар ниҳоят ба чанбари аҷал гир меафтад. Донистӣ ин байтҳо аз кӣ будааст, Дилноза? Кадом бонуи шеъргустарро мо модари шеъри форсӣ мехонем?

– Намедонам, ҳар кӣ бошад сарнавишти дилозор доштааст. Вале муҳаббати ману «Бектош»-ам ишқи заминӣ аст, мо ихтиёри худро ба дасти дигарон намедиҳем.

– Ҳоло фурсат дорем, ки аввал Робиаи Балхиро шиносем, ба ин ишқбозиҳое, ки ту дорӣ, ҳанӯз зуд аст, дугонаҷон! – Малоҳат аз он хушҳол буд, ки ҳадди ақал як бор Дилноза ба дарсашон гӯш меандохт. Худсарию саркашиҳои ин духтари якрав вақтҳои охир ба ҷон расида буд.

– Агар дар канори мо бошӣ бисёр чизро ёд мегирӣ, лекин ту фақат ҳамхонагӣ мекунию бас, – дар идомаи гапи Малоҳат афзуд  Ёсуман. – Омӯзгори забону адабиёт шудан кори осон нест, ба хусус, барои мо донистани зиндагиву осори бонувони шоиру сухангустар амри воҷиб аст. Агар мо Робиаи Қаздориро нашиносем, Маҳастии Хуҷандиро надонем, бо Зебуннисо ошноӣ надошта бошем, кӣ ба тоҷикдухтари адабпарвар буданамон бовар мекунад? Ҳама ба ҳоламон механданд...

Дар ҳамин асно бесадо дари хобгоҳ кушода шуд. Ҷавони сиёҳҷурдаи саркачале бо даҳони инҷ, мисли ин ки лаби болояш шакли ҷурониро мегирифт, дастаи дарро дошта истода сару гардан ба дохил ёзонд. Дилноза парида аз ҷо хест ва хушҳолона ба гап даромад:

– Дароед, дароед, азизам, дар дами дар наистед, ба дарун дароед! – ӯ бетоқатона ба самти ҷавон қадам зад ва аз банди дасташ дошта ба дохил кашид. Ҳар ду бо ҳам даровехтанд, духтар аз ҷавон ҳам бештар аз ду бари рӯяш чалап-чалап бӯсидан гирифт. Ёсуману Малоҳат аз мулоқоти фавқулода

«самимӣ» хиҷолат кашиданд, оре, ба ҷойи дугонаи худ сурх шуда, абру чин карда, сар ба зер афкананд. Дилноза бепарво ба суханаш идома дод: – Хеле дер кардед, ҷонам, як соат боз чашм ба роҳатон нишастаам. Аз бекорӣ маҷбур шудам қиссаи духтари дилхунгаштаро гӯш кунам, аз зиқӣ қариб буд торс кафам!

– Ман дер намондаам, ҷонакам, гуфтам сари соати шаш меоям, ҳоло як рубъ вақт ҳаст, – ҷавон аз камари Дилноза дошта истода ба самти духтарон қадам монд. Ҳар ду аз ҷо хестанд.

– Салом, хоҳарон, маро интизор набудед? – гуфт ӯ ва ба сӯяшон даст дароз кард. Аммо дасташ дар ҳаво монд. Ёсуману Малоҳат ба тарафи дигар сар гардонда хомӯш истоданд. Ҳам аз сабукпойии Дилноза ва ҳам аз бешармии ҷавон дилгир буданд. Ёсуман худро базӯр дошта меистод, ҳозир буд бо шунидани як даҳан гапи ҷонгир ба сару тани ҷавон дарафтида аз хона берун кунад.

– Биё, ҷонам, меравем, то ба инҳо даст додана ба санги сиёҳ даст диҳӣ афзалтар, – бо зарда гуфт Дилноза ва сумкачаашро ба китф андохта, ҳамоно аз каши ҷавон дошта ба сӯйи дар рӯ овард. – Инҳо на маънии ишқа мефаҳманду на ҳаловатро, кай пирдухтар шуда санги танҳоӣ ба пешонӣ хӯранд, моро ҳамон вақт дарк мекунанд.

Дар сахт пӯшида шуд. Хонаро як дам хомӯшии мутлақ фаро гирифт. Ёсуман ба назди тиреза омаду ба берун чашм дӯхт. Ба ҷаҳони берун, ки бо партаву чеҳраи тиллоиранги хуршед хайрухуш мекард ва аз сар то бун бо рангу намои маъмулӣ ва бесояву карахт ба чашм мехӯрд, хира-хира назар афканда, бо овози шунаво арзи дил кард:

– Момоям мегуфтанд «ишқ аз г..дон мехезад», дугонаамон бо ҳамин ишқварзии нотамизи худ ба ҳоли мо механдад, бо дилдодаи лабчуриаш дар наздамон ҳаво мегирад. Мо пирдухтар мешудаему вай тамошобин!

– Даҳони бекор – зан ба девор, ин бори аввал нест, ки аз лабулунҷи бефаровезаш заҳру зақум резад. Нороҳат нашав, дугонаҷон, ин фурӯмоя то дур намеравад, ишқбозиҳои бемаврид барояш гарон тамом мешавад, ҳоло худат мебинию ба ман салом медиҳӣ...

Ду кабӯтар ба рӯйи баландтарин шохаи хоҷмонанди дарахти тут нишаста беист бо якдигар ҷой иваз мекарданд, гоҳе бол

афшонда ба парвоз медаромаданд, дар рӯйи ҳаво мисли арғамчин ба ҳам печида бо суръат ба поин сарозер мешуданд ва тез-тез сару дум ҷунбонда ба сару гардани ҳам нӯл мезаданд. Маълум набуд бо ҳам бозӣ мекунанд ё хархаша, ё ҳамин аст ишқе, ки сарубарги пайкараҳоро ба бозӣ дармеоварад? Ёсуман он ду мурғи озодаро дида, талошеро олудаи шӯру ҳаяҷон ҳис кард, дар воқеъ ишқеро, ки намегузошт бо он ҳама афтударафт кабӯтарон аз ҳам дур шаванд, пай бурд. Ин чӣ маънӣ дорад?...

***

Ёсуман дар истгоҳи деҳа аз автобус пиёда шуд. Бо дили пур аз ҳаяҷону хушҳолии беохири ботинӣ пой ба замин гузошту лаҳзае дар канори кӯча рост истод ва назари кӯтоҳе ба табиати ранг ба ранги деҳа афканда бо ҳаловат нафаси амиқ кашид. Баробари доманаҳои кӯҳии сабзгуну тиллоиранг ва ҷо-ҷо сиёҳу қаҳвaӣ аз сар то буни деҳа, то ҷое, ки ба чашм намудор мешуд, боғоти тару тоза ҷо хуш мекарданд. Дар канори сафедорҳои болобаланд ва чормағзу бедҳои қоматдори пурпушт дарахтони зардолу, себ, олуча... бо нозу ишваҳои беохир, бо шохаҳои пурбори сархам рӯ боз мекарданд. Поинтар аз истгоҳ дар гузари Пиритурк як гурӯҳ бачаҳо шоду хуррам, бо сарусадои баланд машғули футболбозӣ буданд ва дар самти рост як даста духтар бар рӯйи шахи паҳн давра зада нишаста кашида медӯхтанд, сангбозӣ мекарданд, гесу мебофтанд. Поинтар ҳавлии Бобо Сафар равшан дида мешуд, бобо дар шамолрави айвони тобистонаи худ гандум бод медод. Дар атрофи Қалъаи қадима бошад, як гала гӯсфанду буз гоҳе бо хаёли худ баосу маосзанон ва гоҳе низ кавшазанон сар ба зеру хомӯш мечариданд, аз қафояшон марде кулоҳи коғазидор домани яктаҳи баҳориашро ба боло қат карда, таёқеро бар сари дӯш гузошта ягон-ягон қадам мезад...

Ёсуман нозу таровати деҳаро то мағзи ҷон ҳис кард, раҳо ёфтани худро аз манзараҳои яксон ва шӯру мағали шаҳр пай бурд ва қадами сабук ба сӯйи хонаи падарӣ бардошт. Аз девори пасти ҳавлии канори роҳ садои холаи Ҳикоят, ки дар рӯйи арзи худ гуппӣ месохт, баланд шуд:

– Расидан ба хайр, Ёсуманҷон, ба таътил омадӣ?

– Салом, хола! Оре, имтиҳонотро супурдам, акнун то сентябр ду моҳ таътил.

– Кай тамом мекунӣ?

– Ба курси панҷум гузаштам, як соли дигар монд.

– Қанд зан, хоҳарҷон, хонед, босавод шавед, имрӯз ҳар кӣ касбу кор ёд гирад бурд мекунад.

– Раҳмат, хола, ба хонаамон гузаред...

Ёсуман кӯлапушти қирмизранги лӯлашакли худро ба китф болотар кашида, роҳашро идома дод. Аз дуру наздик одамон ба чашм мехӯрданд, гӯё ҳама ба ӯ нигоҳ мекарданд, зеро истгоҳи Тепилелок дар баландӣ қарор дошт ва ҳар касе дар ин ҷо пиёда шуда ба роҳ меафтод, аз гирду атроф дида мешуд. Ёсуман дар айни замон ягона духтари деҳа буд, ки дар донишгоҳ дарс мехонд ва омаду рафти ӯ барои ҳар як деҳотӣ таваҷҷуҳангез менамуд. Ӯ бо ҳар кӣ рӯ ба рӯ мешуд суханҳои гарму самимӣ ва изҳори орзуву ҳавасҳои некро мешунид. Аз лутфу дилгармии ҳамдеҳагон ба ваҷд меомад, мехост ҳарчи бештар лоиқи бовару эътимод ва дӯстдоштаи мухлису ҷонибдоронаш бошад. Ӯ хурду калони деҳаи азизашро ҳамроҳ бо ҳар як падидаи табиати сеҳрангез нағз медид, хоки кӯчаҳои зодгоҳро тӯтиё мекард...

Ёсуман дарвозаи калони ҳавлиро кушод, аз сӯйи боғ бӯйи биҳиштие ба димоғаш зад, ба ҳаяҷон омад. Манзараи ошно, ки софу равшан дар зеҳнаш хона кардааст, ба дида бархӯрд: модар ба сари ҳовани сангин нишаста бодом мекӯфт; Зебо – зани бародар хилъати баланде пӯшида, сару рӯйи худро бо рӯмоли калоне печонида, аз танӯр нон меканд. Бетоқатона овоз дод:

– Очаҷон!

– Ҷони оча, – як он аз ҳованзанӣ бозистода ҷавоб дод модар, – биё, биё, духтарам, аз куҷо пайдо шудӣ?! – ӯ аз ҷо хест, доманашро афшонда, сарбанди ба сар партофтаашро аз таги гулу баста, ба пешвози Ёсуман шитофт.

Модар духтарро ба оғӯш гирифт, сару дӯши ӯро силакунон гарму нарм аз гунаҳояш бӯса бардошт. Ёсуман намехост бағали роҳатафзои биҳиштиро раҳо кунад, дурию пазмонӣ торҳои сабру бардошташро нозуку заиф карда буд. Хеле вақт дар оғӯши якдигар монданд, садои арӯси хона онҳоро ба худ овард:

– Хоҳарҷон, намехоҳӣ бо ман ҳам вохӯрӣ кунӣ? – Зебо низ аз омадани Ёсуман хушҳол шуда, аллакай нонҳояшро аз танӯр кандаву ба рӯйи суфра густурда, мунтазири мулоқот меистод...

Ёсуман аз дер боз ин лаҳзаҳои гувороро интизор буд. Охир, чӣ лаззате беҳтар аз дидори азизону наздикон буда метавонад? Магар ин зиндагии дурӯза неъматеро дорад, ки накутар аз меҳрубонию отифаи пайвандон бошад? Сидқу вафо, ихлосу эътимод, меҳру муҳаббат зодаи ишқи бепоёни аҳли пайванд аст, ки дар дилу дидаҳо нумӯъ мекунад ва ҳар соҳибназари кӯйи ҳастиро ба зиндагӣ, ба дунёи зебои ҳастӣ дилгарм месозад. Ёсуман пас аз чандин моҳи дурӣ ба канори азизони худ омада, беш аз пеш дарк намуд, ки дар паси танҳоӣ ва узлаташ обхӯри серобе ҳаст ва ӯ дар роҳи дур, дар паҳнои дарсу донишандӯзиҳои шабурӯзӣ ташна нахоҳад монд. Ба хусус, бародари омӯзгораш Шаҳром ҷони одам аст, оре, ҳамон бародаре, ки ӯро аз ҷони худ бештар дӯст медорад, пас аз даргузашти падар ба ӯву модараш саробон шуд, ӯро ба хондан бурд ва соле нест, ки ду-се бор ба шаҳр рафта аз ҳоли ӯ хабар нагирад. Ҳар гоҳе, ки ба таътилот меояд, бародар гӯё дурри ноёбе ба даст меоварад: дар гирди вай парвона мешавад, ҳатман гӯсфандеро ҳалол мекунад, хешону наздиконро даъват карда зиёфат медиҳад.

Ин бор хурсандии Шаҳром ҳадду канор надошт. Ӯ дилбанди худро боз ҳам хушгилу зеботар ва сабуру солортар дида, ба худ болид, дасту дил боз кард, лутфу меҳрубониашро дареғ надошт. Вақте ки шомгоҳон ҳама дар гирди дастархон гарми суҳбат давра зада менишастанд, бародари калонтар аз Шаҳром – Шаҳбози бозаргон низ даромада омад. Пас аз дуруду ҳолпурсӣ Шаҳбоз бо хушҳолӣ гуфт:

– Хуб шуд, ки Ёсуман бо пойи худаш омад. Ҳамин рӯзҳо дар фикри ӯ будам, мехостам ба шаҳр рафта бардошта биёварам.

– Барои чӣ? – дар қатори ҳама нишастагон ба шигифт омада пурсид Шаҳром.

– Оча медонад, масъала аллакай пухтааст.

– Чӣ масъаларо мегӯйӣ? – тааҷҷуби Шаҳром афзуд. – Чӣ гапе ҳаст, ки шумоён медонеду мани хонагӣ не?

– Худатро ба гӯлию гарангӣ мезанӣ, додар? – бо дуруштӣ ба суханаш идома дод Шаҳбоз. – То имрӯз ҳар қадар гапу ғайбати мардума бардошта гаштем кифоя! Дигар хоҳар дар шаҳр намехонад, ба шавҳар медиҳем!

– Писарам, якбора аз осмон набиё. Хуб, хостгорон омаданд,

лекин ман ҳанӯз забони хуш надодаам, – ба гап ҳамроҳ шуд модар.

– Боз чиро интизорӣ, оча? Магар дар ин гирду атроф аз оилаи Шодмонбой дида хонаводаи пурфайзу бадавлат ҳаст?

– Бе ин ҳам ҷавоби чанд хостгорро додаам. Хешони занат аз осмон ситора гиранд ҳам, аз ҳад гузаронданд, додарарӯсат шарти беҷо гузоштааст. Магар ман аҳмақам чор сол таҳсили духтарамро ба бод диҳам?!

– Эҳа, гап дар ин ҷо гӯед?! Акаҷон, чӣ ҳақ дорӣ, ки ҳама чизро худат бурида медӯзӣ? – Шаҳром низ паст наомад. – Ин ҷо оча ҳаст, ман ҳастам, билохира, хоҳарамон. Чӣ, талабу дархости хонаводаи падарарӯсат ба ту қонун шуда монд?

– Падарарӯсам одами бой аст, додарҷон! Дасташ ба ҳар ҷое, ки хоҳад, мерасад. Агар хоҳари моро келин кунад, ин шанси мост. Хоҳар аз ҳеҷ чиз камӣ намекашад, чор анҷомаш чоқ мешавад, мисли мо дастҳояш ларзида пул харҷ намекунад, дигар чӣ мехоҳӣ? Агар ин омадро аз даст диҳем, дигар ҳеҷ гоҳ бахт ба рӯяш намехандад. Солаш ҳам рафтааст, бин, дугонаҳояш ду-сетоӣ бача доранд, вай бошад – донишҷӯ!

– Киноя назан, ака, ҳеҷ айбе нест, ки донишҷӯ бошад, балки ифтихори мост! Ҳоло ягона духтаре, ки аз деҳаамон дар донишгоҳ таҳсил мекунад, Ёсуман аст. Ту аз куҷо медонӣ, худаш чӣ орзуҳое дорад? Агар ҳамсолонаш барвақт издивоҷ карда бачадор шудаанд, ин иштибоҳи онҳост. Ҳазор бор ба мардум мефаҳмонем, ки дигар даврони «гаҳворабахш»-у «сарбанд»-кунnetworkҳои духтарон гузаштааст, бояд ҳамқадами замон бошанд. Лекин, мисли ту баринҳо дарк намекунанд, аз сари орзуву омоли ҷавонҳо об мерезанд, бармаҳал хонадор карда ба дӯшашон бори гарони зиндагиро меафкананд...

– Насиҳатро ба шогирдонат кун, додар! – бо ҷаҳл гапи Шаҳромро бурида гуфт Шаҳбоз. – То имрӯз тоқа, бо сари худ гаштани хоҳарро базӯр тоқат кардаам, гапу калочаи мардумро ҳам хуб хӯрда омадам, вале дигар сабрам аз даст рафт. Ӯро намемонам ба шаҳр равад, ба шавҳар медиҳем, вассалом! Оча, агар додоям мебуданд, ин корро мекарданд, тайёриатро бин, ман фардо одамони амакамро мефиристам.

– Писарам, ҷаҳл накун, ҳар кӣ меояд дари ман боз аст,

кунҷи хона аз меҳмон, – бо овози нарм ба сухан омад модар, – лекин, барои чӣ аз хоҳарат ҳеҷ чизро намепурсӣ? Вай ҳам дигар он кӯдаке нест, ки аз дасташ гирифта ба кӯча мебурдӣ. Духтарам калон шудааст, ту барин омӯзишгоҳа не, донишгоҳа тамом мекунад. Оё худи вай розӣ аст, ки хонданаша партояду ба хонаи бою бадавлат арӯс шавад? А, Ёсуманҷон, ту чӣ мегӯйӣ? Гапи додии Шаҳбозат рост, аз Шодмонбой хостгорон омаданд, писараш ба ту талабгор шудааст, фақат бо ҳамин шарт, ки ту дигар нахонӣ.

Ҳама чашмҳо ба сӯйи Ёсуман нигарон шуданд. Дар воқеъ, донистани фикру назари ӯ барои ҳар яке ҷолиб менамуд. «Аз ҷон мехоҳад ӯро ба шавҳар диҳем, – дар худ меандешид Шаҳбоз, – аз миёни ҳамсолонаш танҳо вай мондааст, медонад, ки агар ин омадро аз даст диҳад, дигар пирдухтар мешавад. Аз хондан ҳам аздусар безор шудагист, пешниҳоди ман табъи дилаш аст. Оре, то он дараҷа аҳмақ нест, ки оши тайёрро аз даст диҳад...». Ҳамин ки сархаму хомӯш нишастани Ёсуман тӯл кашид, Шаҳбоз таҳаммулро аз даст дода бо таъкид гуфт:

– Хоҳарҷон, ояндаатро пеши назар биёр, ҳар чӣ гуфтам қабул кун, ман бахти туро мехоҳам!

Модар дубора пурсид:

– Духтарам, хомӯш наист, гапи охирата гӯй.

Ёсуман ҳар як узви оиларо аз мағзи ҷон дӯст медошт. Ҳеҷ гоҳ намехост касе аз ӯ норохату дилгир шавад. Ҳоло аз ин суҳбати кӯтоҳ ба дараҷае мутаассир шуда рафт, ки намедонист гапро аз куҷо сар кунад. Медид, ки бародари калонӣ билкул одами дигар шудааст, дар чанд моҳи ахир ҷомае ба тан кардааст, ки асло рангу намои пештараашро надорад. Намехост дили ӯро озурда кунад, вале ҳоло маҷбур буд ҳақиқати ҳолро, он чиро худаш андеша дорад, баён кунад. Ӯ сар бардошт, равшану возеҳ ба сухан даромад:

– Аз рӯзе, ки падарамон даргузаштанд, пушту паноҳи ман бародарам Шаҳром ҳастанд. Бе ризояти он кас ба коре даст назадаам, аз пеши худ қароре ҳам қабул накардаам. Худоро шукр мегӯям, ки Шаҳромакаю очаҷон маро хононданд, ҳар гоҳе ҳамдаму ҳамрозам буданд, барои расидан ба орзуҳоям чизеро дареғ надоштанд. Ҳоло ҳам ихтиёри ман пурра дар кафи

бародарам Шаҳром аст, ҳар чӣ гӯянд ҳамонро кунед, – Ёсуман аз ҷо хест, дар идомаи баҳс набудани худро авло дониста ба берун баромад, Зебо ба ӯ ҳамроҳ шуд...

***

Рӯзҳои умри одам ба сони ашкест, ки як лаҳза ба рӯйи мижгон бор аст. Аз он даме, ки бародараш Шаҳром Ёсуманро барои идомаи дарсҳои донишгоҳ ба шаҳр гусел карда буд, аллакай як соли таҳсил сипарӣ мешуд. Равшан дар ёд дорад, он лаҳза бародар ба ӯ дил дода, симои ҷиддиашро халалдор нанамуда, бо муҳаббат дасташро ба рӯйи ду шонаи ӯ ҳамоил гузошта гуфта буд: «Даҳони мардум бедарвоза аст, хоҳарҷон, ҳатто мардоне мисли бародарамон дар гуфтану паҳн кардани гапҳои беҳуда устухон надоранд. Ту фикру хаёлатро ба хондан деҳ, ҳамааш нағз мешавад, шавҳар ҳам намегурезад». Гӯё ки ҳар як сухани бародари қадрдон аз мағзи қалбу ҳуши ӯ садо медод. Бародар ҳамрозу носеҳи мӯшикофе дар зиндагиаш буд. Ҳар гоҳ бо телефон ӯро суроғ мекард, Малоҳат бо лабханд мегуфт: «Пири хирад мепурсанд, дугонаҷон». Инак, фурсате фаро омад, ки аз пайи фармудаҳои пири хирад ба муроду мақсади худ расид. Бо дугонаи ҳамкурсу ҳамхонааш тамоми имтиҳоноти донишгоҳро супурд, рисолаи дипломиашро дифоъ кард. Бино ба дархостномаи овардаи бародар аз мудирияти донишгоҳ роҳхати кор гирифт, мебоист дар мактаби деҳаашон омӯзгор шавад, омӯзгори забону адабиёт.

Бо Малоҳат борхалтаи сафар ҷамъ мекарданд, дили ҳар ду гирифта буд. Намехостанд аз ҳамдигар ҷудо шаванд, ин лаҳзаи дилхарош гӯё хоре буд аз хористони ҷудоӣ, ки то ҷигарҳо мехалид. Дугонаи сеюм – Дилнозаи «ҳушёр»-у «огоҳ», ки сари ҳар қадам ба содагии онҳо механдиду барояшон дарси зиндагӣ доданӣ мешуд, наменамуд. Ӯро ба ёд оварда Малоҳат гуфт:

– Ҳоло дарси Робиаи Балхию Дилнозаи бадбахт ба хотирам омад, дугонаҷон. Охир, фикру зикрат ишқбозию шавҳаркобӣ будааст, чӣ кор мекунӣ ба хондан омада?! Имтиҳонҳояш ба мавсими тирамоҳӣ монда бошад ҳам, парвои фалак надошт. Бечора падараш остонаи факултаро охурча кард, аммо касе ба ӯ гӯш надод. Ҳамон симои ғарибона, гирякунон баромада

рафтанаш ҳанӯз дар пеши назарам менамояд.

– Мо ҳар кореро, ки аз дастамон меомад, анҷом додем. Афсӯс, гапҳои мо аз баногӯшаш гузашт, ба лабҷурониаш бовар карду номусашро аз даст дод. Болои сӯхта намакоб, устодон раҳм накарданд, аз донишгоҳ ронда шуд. Оқибати кӯтоҳандешиҳо чӣ ҳам мешуд, мегӯйӣ?

– Дардашба даво! Дар ёдат ҳаст, боре аз ғазалҳои Зебуннисо гуфта дар бало монда будӣ?

– Оре, ин байтро гашта-гашта хонда маро мазоҳ карда буд, нокас:

***Ҳар кӣ омад дар ҷаҳон будаш харидоре, вале***
***Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд.***

– Лекин, як ҳафта-даҳ рӯз нагузашту худаш бе харидор монд! «Ҷонакаш» латукӯб карда, дар ҳоли зору низор ба кӯча андохта рафт. Хунчакону нолон боз ба сари мо омад. Ӯро ба худ оварда, пул дода ба хонааш гусел карда будем. Як даҳан бахшиш напурсид-е, номард! Хеле мехостам аз шаҳр нарафта ӯро бубинам, афсӯс ки дигар намеояд.

– Мефаҳмам, номзад шуданамонро гуфтанӣ будӣ, бале?

– Албатта! Мехостам ҳам духтурсоҳибу ҳам домоди додситонро барояш муҳобот кунам. Номзади ман-ку одами одӣ аст, аммо ба ту ҳавасам меояд, дугонаҷон! Худо хоҳад хушбахт мешавӣ, Сангини домод давраи сарбозиро гузаштааст, панҷ соли донишгоҳро низ хондааст, аллакай як сол кор ҳам мекунад. Ин қабил ҷавонҳо ба қадри зиндагӣ мерасанд, Сангин туро ба сар бардошта мегардад.

– Файласуф шав-е! Духтурсоҳиб ҳам ҷони одам, ман ба хоксорию вазниниаш тан додам!

– Ростӣ, очаҷонат чӣ гуфтанд, арӯсиатон ба кай мондааст?

– Моҳи август, пас аз як ҳафтаи тӯйи шумоён...

Малоҳат ба ваҷд омад, бо хушҳолӣ ба Ёсуман бағал кушод. Дугонаҳо якдигарро дар оғӯш гирифта, дер боз аз атру роиҳаи диловези ҳам нашъа бурданд.

# ҶАВОНИЮ БЕСАРӢ

– Агар ҷонсабил набошӣ, ба ту кӣ мондааст, ки дар офтоб сӯхта, арақшор шуда, бо кӯлбор дар ба дар мегардӣ? – Рухсораро дар ҳавлӣ пешвоз гирифта, бо қаҳр ба гап даромад бародараш Хушнуд. – Писари калонат ҳаст, худат фақат таъриф мекунӣ, ки дастёри таппа-тайёр шудааст, боз ин ҷонканиҳо барои чӣ? Мон, чархи рӯзғораша худаш гардонад!

– Эҳ, додарҷон, вай ҳам бекор нанишастааст, аз субҳ то шом дар ҷунбуҷӯл. Кори боғ, парвои моли дарам дар гарданаш. Обу алаф ҷамъ мекунад, ба шикастурехти хона мерасад, ҳамеша аз шабу саҳари моён бохабар – ин ҳама кор ба як мард бас нест магар?!

– Агар коре кунад, барои худашу зану ду бачааш мекунад! Аҳволи тура мебинаму дар пеши ҳамдеҳагон хиҷолат мекашам. Пӯсту устухон шудаӣ, ба рӯят намешавад нигоҳ кард, аз пайи ду-се сӯм ҷоната ба Ҷаббор медиҳӣ!

Хӯрии Рухсора омад. Бештар аз он, ки додари «меҳрубон» ба ҷойи аз дасташ гирифтани борхалтаи савдо ба сараш дод мезад, нороҳат шуд. Базӯр дандон ба дандон монда, аз носазо гуфтан худдорӣ кард ва бо мулоимат афзуд:

– Ман заҳмат мекашаму пул мeёбам, додар, гадоӣ накардаам, ки хиҷолат кашӣ. Имрӯз зиндагӣ ҳамин, оби ишкамата начулқонӣ, касе ба ту як сӯм намедиҳад. Рӯзгорам тинҷ, ҳама кори хона бар дӯши келинам, рӯзҳои дароз чӣ кор ҳам мекардам?

– Поята дароз куну дар кунҷи хона шин, фарзанд шудаанд мекунанд-дия! Агар ба ту пул даркор бошад, Парвизата ба Русия ё Қазоқистон фиристон. Равад, қатори ҳамсолонаш мардикорӣ кунад, ана макони пул!

– Ман як писар дорам, аз пешам дур намекунам, – борхалтаашро дар даҳлез гузошта истода гуфт Рухсора ва дубора ба ҳавлӣ баромад. – Ту ғами мана нахӯрда аз корҳои худат гап зан, додар. Ба рӯйи кат гузар, бо ҳам чой мехӯрем.

– Гапа нагурезон, мебинам, ки писарата сахт эрка кардаӣ, – аз ҷаҳл нафаромада ба насиҳат идома дод Хушнуд, – ман дигар набинам кӯча ба кӯча гашта латтафурӯшӣ кунӣ! Ман орият

дорам, намехоҳам апаам хандахариши мардум гардад.

Рухсора сар дарнамеовард, ки чаро додараш ин гапҳоро мегӯяд. Магар кори айбе кардааст, ки вайро дигарон масхара мекунанд? Савдогарӣ чӣ ҷойи бадӣ дорад? Боз ҳам бо тааммул ба сухан омад:

– Ман фақат ҳоҷати одамонро мебарорам, ҳар чӣ мефармоянд оварда медиҳам. Дар болои молам он қадар пули зиёд ҳам намемонам, ки забонам кӯтоҳ бошад.

– Ба ҳоҷатбарории ту касе зор намондааст. Гап тамом, дигар бозорравию савдогарӣ намекунӣ! Он чӣ гуфтам ба писари эркаат ҳам расон, агар мард бошад, равад ба мардикорӣ! – Хушнуд ба маънии «дигар забонатро пӯш» даст афшонда, ба нороҳатии хоҳар таваҷҷуҳе накарда, баромада рафт.

Рухсораро умедаш наомад. Аз он ки бародар аз шуғли ӯ шарм мекарду ба ҳолаш механдид, хеле дилмонда шуд. Рӯҳафтода дар гӯшаи кат нишасту ба хаёл фурӯ рафт. Дар як он канда-канда айёми гузашта дар дидаи зеҳнаш падид омаданд. Вақте ки шавҳари бемор аз дунё гузашта буд, ӯ бо ду ятим танҳо монд. Ҳарчанд бори зиндагӣ ба назараш чун кӯҳе менамуд, ӯ наҳаросид. Ба дари касе нарафт, дар пеши бандае сар хам накард. Медонист, ки ҳар гуна илтимосу дархост дар пайи худ миннате дорад. Бо бурдборӣ рӯз гузаронд, ба фарзандон саробон шуд ва ниҳоят, духтарашро ба шавҳар доду ба писар арӯс фаровард. Дар воқеъ, Парвиз имрӯз дастёри ӯст, фақат бо саъю талоши ӯ боғу дараш обод аст, як гов сето шудаву даҳ гӯсфанд ба сӣ сар расидааст. Агарчи натавонист ӯро ба мактабҳои олӣ дохил кунад, аммо ҳоло чун як марди қодир ҳар гуна кори деҳаро анҷом медиҳад. Сунҳораш* ҳам ҷони одам, намегузорад вай дасташро ба оби ях занад. Шояд аз пайи меҳрубониҳои писару сунҳор буд, ки худро бекор дида ба савдогарӣ даст монд. Ба ду нафар дугонааш, ки ҳар ҳафта як бор ба бозори умдафурӯшӣ рафта мол меоварданд ва кӯй ба кӯй гашта моли худро мефурӯхтанд, ҳамроҳ шуд. Худ бехабар, ба хариду фурӯш чунон меҳр баст, ҳатто рӯзғордорӣ аз димоғаш баромад...

---

** **сунҳор** – зани писар, арӯс, келин*

– Оча, оча!! – аз самти теппаи пушти хона садои Парвиз баланд шуд. – Зудтар дари молхонаро кушоед, гӯсфандҳо парешон мешаванд!

Риштаи хаёлоти Рухсора аз ҳам гусаст. Ӯ дарҳол аз ҷо хеста ба сӯйи молхона шитофт. Имрӯз писараш рамаро зудтар меовард, ҳанӯз офтоб домани рангпаридаи худро аз атроф набардошта буд. Аммо модар дар худ фараҳи беинтиҳоеро ҳис кард, мисли ин ки ба писар дилаш танг шуда буд. Пай мебурд, ки ҷойи ҷигаргӯшаашро касе наметавонад пур кунад. Ҳамин «оча» гуфтани ӯ барояш бас, гӯё нерую дармони тану ҷонаш дучандон мешавад...

Дукаса гӯсфандҳоро танг карда ба молхона даров863ванд. Парвиз дари молхонаро баста зулфинро гузаронд ва ба хотири итминон аз пушташ танба гузошт. Сипас, таёқ дар даст ба модар пайваст.

– Монда шудӣ, писарам? Лабҳоят хушк шудааст, бо худат об набурда будӣ? – бо меҳрубонӣ ҳол пурсид Рухсора.

– Ҳеҷ гап не, имрӯз ҳаво тафсид, оби меширо тез тамом кардам.

– Гармиҳо ҳама дар пеш аст, аз ин пас бо худат дар ду мешӣ об бар.

– Хуб шудаст. Шумо имрӯз чиҳо кардед, савдоятон бобарор омад?

Парвиз ҳар дам ҳамин саволро медод. Рухсора аз он хурсанд буд, ки писар ҷонибдори майлу иштиёқи ӯст, ба хусус, ба савдогариҳояш бо мароқ назар мекунад. Боре надидааст, ки ба кораш лат диҳад, аз шуғли ӯ норизо бошад.

– Савдоям бад не, писарам, лекин... – Рухсора забон хоид.

– Чӣ, лекин?

– Тағоят омада буд, ду-се доду бедод кард. Ҳошакалло, кората бас кун, мегӯяд.

Парвиз роҳравон даст ба дӯши модар гузошт. Гаперо, ки хеле вақт гуфтанӣ буду худдорӣ мекард, ҳоло ба забон овард:

– Росташро гӯям, очаҷон, тағоям маро низ чанд бор пеши раҳ гирифтанд. Иддаояшон ҳамин – мола ба шумо супурдану ба кор рафтани ман.

– Ба вай, гӯё, корро пухта мондаанд, як луқмаи ҳалоламон аз дунёи сарвати бегонаҳо ширинтар аст, азизам. Ба гапҳояш фирефта нашав, насиҳата ба бачаҳои худаш кунад.

– Мегӯянд, ба пеши Беҳзод рав, ба Шимкент. Гуфтааст, ки кор бисёру коргар намерасад. Дастмузди нағз медодаанд.

– Ду сол мешавад Беҳзодаш дар мардикорӣ. Имсол бисту ҳафта пур мекунад, ба ҷойи зан гирифта додан вай дар чӣ фикру хаёл! Хуб, коргар лозим будаст, ҳаққи хуб мегирифтаст, ба мо чӣ?

– Тағоям ғами шуморо мехӯранд. Хеле фикр кардам, гапашон ҷон дорад, дар ҳини ҷавонӣ кор карда пул ёбем ба нафъамон. Албатта, ин ҳама мола ба шумо партофта рафтанӣ нестам, нисфаша мефурӯшем, коратон осонтар мешавад.

Рухсора дар анг монд. Ҳеҷ гумон намекард, ки писараш низ дар ин андешаҳост. Ин мардҳо ғайр аз пулёбӣ чизи дигарро фикр намекунанд. Охир, дар зиндагӣ меҳри одамӣ ҳаст, аз нафаси гарми якдигар роҳат бурдан ҳаст, рӯзу шаб ба ҳамдигар такя кардан ҳаст. Наход ки фақат пул ҳама муамморо ҳал кунад? Ин пулу сармоя чӣ аст, ки одамҳо ҳатто хонаю дари худро тарк мекунанду роҳи фироқ пеш мегиранд?

– Чиҳо мегӯйӣ, писарам? – норозиёна ба сухан омад Рухсора. – Тағоят-ку ҳар чӣ гуфтан мегирад, ту кай ба ин васваса роҳ додӣ? Чизи хостаамон дар пеш, нахоҳем дар пушт, чӣ камӣ дорӣ дар зиндагӣ?

– Гап дар ин не, оча, бо ин баҳона худам ҳам ба шаҳр мебароям, одаму оламро мебинам, магар ин бад аст? Хеле орзу дорам аз миёни сангу шах баромада, аз гарду тафти молҳо халос шуда, ҳавои тоза нафас гирам. Рости гап, ин зиндагии якранг ба дилам задааст. Ҳоло писари тағоям ҳаст, дар кӯча намемонам, аз ин беҳтар пайти муносиб даст намедиҳад, оча.

– Ҳоло ин тавр гӯй, – аз шасти худ гашта андешаманд гуфт Рухсора, – ман ҳаргиз намехоҳам туро ишкелбанд карда нигаҳ дорам. Агар орзуят сайру саёҳат бошад, ман зид нестам, писарҷон...

***

Кӯчаи Абай яке аз дарозтарин кӯчаҳои қисмати қадимаи шаҳри

Шимкент буд, ки дар ду тарафи он фақат хонаҳои якқабатаи ҳавлидор қарор доштанд. Аз шаклу шамоили хонаҳо ва роҳраву тангкӯчаҳои пасу пеш маълум буд, ки дар ин маҳаллаҳо одамони камбизоат зиндагӣ мекунанд. Агар кӯчаи мошингарди асосӣ сарфи назар шавад, дигар ҳама роҳҳои дастрасӣ хокӣ буд, дар атрофи хонаю ҳавлӣ ва боғчаҳо низ бештар чиғҳои чӯбин ба назар мерасид. Аз боло то поини маҳалла ҷӯйи бетонии фарсудае имтидод дошт, ки дар он доимо оби лойолуд ҷорӣ мешуд ва аз он барои обёрии боғчаҳо ва обхӯрии чорво истифода мебурданд. Ҷойи зисти Беҳзод ва ду нафар ҳамкори ӯ дар ҳамин маҳалла воқеъ буд, онҳо дар хонаи як марди қазоқ иҷора менишастанд. Парвиз ба доираи тағобача пайваст, зуд ба зиндагии нав одат кард. Субҳи барвақт аз хоб хеста ба маҳалли кор мерафтанд ва то дами офтобшинам бо деворзанӣ, ки шуғли асосии Беҳзоду ҳамраҳонаш буд, машғул мешуданд. Онҳоро як марди сармоядори рус кироя карда буд, ки барои таҷҳизоти худ анбори бузургеро меандохт.

Аз нахустин рӯзҳои мардикорӣ хаёли Парвиз побанди молхонаи марди қазоқ шуд. Ҳар гоҳ аз кор бармегаштанд, духтари соҳибхона – Ойсара ҳам гӯсфандҳояшро аз чарогоҳ меовард ва ба қӯтон даровардa обу дон медод. Чун дилу ҷонаш молдорӣ буд, Парвиз ҳар рӯз баъд аз кор ба кумаки духтару модари ӯ мешитофт. Онҳо молҳоро ҷо ба ҷо карда мешумурданд, аз ҷӯйи бетонӣ об мекашонданд, гӯсфандҳоро ҷӯшида, оча-бача карда, дари молхонаро баста бо ҳам ба хона бармегаштанд. Ойсара аз ҳамдастии Парвиз беҳад хурсанд буд. Ҳамин ки ба ҳавлӣ медаромаданд, дарҳол офтобаро гирифта аз сару гардани ӯ об мерехт. Духтарак бо завқ об мерехт, барои ӯ хушомад задан ба ҷавони кордӯсте мисли Парвиз, ки бар замми ин марди болобаланду чорпаҳлуе буд, лаззат мебахшид...

Аз байн як моҳи мардикорӣ гузашт. Парвиз ва ҳамраҳонаш девори анборро сохта шуданд ва ба сармоядори рус супурданд. Ӯ дастмуздашонро пардохта ваъда дод, ки як ҳафтаи дигар барои сохтани объекти нав дубора ба кор даъват мекунад. Парвиз нахустин маоши худро гирифта, ҳамоно бо Беҳзод ба сӯйи шуъбаи ҳаволаи пул бол баровард. Дар маркази шаҳр аз тариқи «Western Union» коркардашро ба исми модар фиристод

ва телегром ҳам зад, ки омада аз шаҳр дарёфт кунанд.

Дар рӯзҳои таътил Парвиз наметавонист бекор нишинад. Ӯ ба дӯстони худ, ки аз хоб сер намешуданд, нигоҳ накарда, ба побелкунии боғи соҳиби хона пардохт. Дар рӯзҳои баҳорӣ нарм кардану ба кишт омода сохтани замин айни муддао буд. Бештар аз шавҳараш кадбону – модари Ойсара ба Парвиз меҳр баст. Ӯ кордӯстии ҷавонро дида ба ваҷд меомад, ҳар лаҳза ҳар гуна меҳрубоние, ки дошт, барояш нисор мекард.

Субҳи рӯзи сеюми таътил чеҳра боз намуд. Парвиз аз хоб хеста дасту рӯ шуст, омодагӣ дошт субҳона хӯрда дубора кори боғро идома диҳад. Модари Ойсара мисли ин ки мунтазири ӯ буд, баробари ба ҳавлӣ баромадан ба наздаш омад ва пас аз салому алайк изҳор кард:

– Имрӯз духтарам барои худ курта медӯзонад, агар гӯсфандҳоро ба чарогоҳ мебурдӣ, хурсанд мешудем.

– Аз шумо як ишорат, аз мо ба по давидан! Албатта, мебарам.

...Рӯз аз нисф мегузашт. Аз дасти дамои гарм гӯсфандон фуки худро ба замин карда, гирди ҳам ҷамъ шуда, беҳаракат сари ҷо меистоданд. Парвиз дар сояи дарахти шоҳбулут чашм ба сӯйи рамаю саҳрои беканори сарсабз дӯхта менишаст. Ӯ тахтапушту сарашро ба дарахт такя дода ба ёди деҳа афтод. Як-як симоҳои гарми модару хоҳараш, зану бачаҳояш аз диди хаёл гузаштанд. «Очаҷони меҳрубонам, – дар худ ғурунгид ӯ, – бе ман чиҳо карда истодаед? Молу ҳол азоб намедиҳад? Маро бубахшед, ҳама корро ба дӯшатон партофта омадам. Аммо, дилтанг нашавед, ду-се сӯм кор кунам боз ба оғӯшатон бармегардам... Муҳибаи худам, ту чиҳо мекунӣ? Ҳушангу Ҳувайдоям ба чӣ ҳоланд? Ҳамаи шуморо пазмон шудам, хеле ёд кардам...».

Парвиз бехабар, панҷаҳои нозуку нарме аз қафо чашмонашро пӯшонданд. Ӯ наҳаросид, баръакс роҳату гармии ҷонбахшеро дар худ ҳис кард. Дастҳояшро ба пушти панҷаҳои нозук гузошту як лаҳза хомӯш истод. Ҳарчанд намехост ин ҳолат аз байн равад, бо мулоимат садо дод:

– Ойсара.

Духтар бо завқ хандид. Даст аз Парвиз бардошта дар канораш нишаст ва ба сухан омад:

– Мехостам «рав кунҷи биҳишт» гӯед, аммо шинохтед.

– Дар ин дашту биёбон ғайр аз ту дигар касеро дучор нашудаам, ки дасту панҷааш мисли пахта маҳину нозук ва роҳатбахш бошад. Дигар, танҳо бӯйи диловези ту маро аз як санг раҳ маст мекунад.

– Ӯҳӯ, фаришта гӯед, монед!

– Оре, бе муҳобот, ту як парии биҳиштӣ, Ойсара!

Духтар ба ваҷд омад. Худро ба Парвиз ҷафстар кард, дасти росташро ба гардани ӯ ҳамоил андохт. Ҷавон аз сари дили нарми дӯшиза ҳаловат бурд. Хост худро дуртар кашад, аммо илоҷе надошт, духтар ӯро аз бағалаш раҳо карданӣ набуд. Нафас дар дарун, афзуд:

– Имрӯз молҳо ба гардани ман буд, барои чӣ омадӣ?

– Шуморо пазмон шудам.

– Ана халос, куртаатро дӯзондӣ?

Духтар як он ба по рост шуд ва аз як бари пироҳанаш дошта, гирди по давр зад. Парвизро бештар ҳиссиёти гарм фаро гирифт, ба худ ҳис мекард, ки гӯё дар наздаш воқеан парии хушлиқое ҷилва мекунад. Ангушти калонашро ба маънии «олӣ» тик кард. Ойсара дубора худро ба оғӯши ӯ афканд. Ҷавон аз худ рафт... Лаҳзае нагузашта садои бадарди духтарона аз зери дарахти шоҳбулут ба фалак печид...

***

Бодом гул кард. Талу теппаҳо сабзпӯш шуданд. Рӯди сероб худро аз дасти барфу яххои саршикаста раҳо сохта, бо ҷастухези бештар дар масири пурпечутоб то доманаи даштии деҳа роҳ пеш гирифт. Рухсора аз молдорӣ дар фасли зимистон фориғ шуда, гӯсфандони худро ба самти кӯҳ баровард. Дигар, мушкилие нест, рама худро аз дараю адирҳо сер мекунад. Расо як сол мешавад, ки Парвиз дар мардикорист. Ӯ дар ин муддат танҳо ду бор пул фиристод, дигар на пай ҳасту на ҳайдар. Рӯз ба рӯз дили модар бештар мезад, нооромбуд. Дар ин муддат худро чӣ қадар маломат кард, бо пушаймонӣ чӣ қадар афсӯс хӯрд, худаш медонаду Худо. Додари «маслиҳатгӯй»-ро чанд бор пеши роҳ гирифт, қаҳрашро ба ӯ рехт. Хушнуд ҳам аз ӯ паст намеомад, бо дӯғу дабара мегуфт:

– Агар писари ту як сол набошад, Беҳзоди ман се сол боз нест! Зинда бошанд, як рӯз меомадагистанд?!

Рӯзи ҳафтум буд, ки Рухсора гӯсфандҳояшро ба чарогоҳи кӯҳӣ мебаровард. Офтоб дар болои сар медурахшид, мехост бо теғи нурҳои худ ҳар чиро дар зераш аст сӯзонда гузарад, аммо насими сарди кӯҳистонӣ ба ин имкон намедод. Боди мулоиме беист вазида меистод ва баргу шохаҳои гиёҳону буттаҳои кӯҳиро ба рақс даровардa, тану тӯши ҳар касеро, ки дар талу теппаҳо қадам мезад, масҳ мекард. Рухсора дар нимаи кӯҳи Пашкан бар рӯйи санги паҳне нишаста аз ин ҳиммати бод роҳат мебурд ва баробари тамошои манзараҳои атроф чашм аз гӯсфандон намеканд. Ногоҳ гузораш дар бехи сангу харсангҳои кӯҳӣ ба чукриҳое афтод, ки барг ёзонда гул бароварда буданд. Ҳадаҳа ба по хест ва ҳар ҷо чукриҳоро бо бехии калонтару ғафстар медид, канда ҷамъ овард. Дар ёд дорад, айнан ҳамин рӯзҳои пас аз наврӯзӣ писараш Парвиз ҳангоми аз кӯҳ баргаштан як бағал чукрӣ оварда, рӯзи дигар ба мардикорӣ рафта буд. Оре, аз он дам як соли расо мегузарад. Акнун ӯ низ чукрӣ меканаду аз писар хабаре нест. Куҷо рафт, бо чӣ кор машғул аст, касе намедонад. Ҳеҷ бовараш намеояд, ки ҳамон писари гапшунаву сарбазераш то ин ҳад бедому дарак мешавад. Як сол гӯё як умр менамояд дар назараш...

Вақте ки Рухсора рамаашро аз кӯҳ фаровард, рӯз домани худро аз дашту даман мебардошт. Тамоми ҳамгузарҳо дар давуғеҷ буданд, мехостанд торикӣ надаромада корубори рӯзонаро ҷамъуҷӯр ва молҳои худро ҷо ба ҷо кунанд. Баробари дидани хушдоман сунҳори хона – Муҳиба давида ба пешвозаш баромад. Ӯ хеле хушҳол менамуд, хабари хушеро ба Рухсора расонданӣ буд. Бо ин ҳол, давутози вайро дида, аз пайи даровардани гӯсфандон шуд. Охирсар, бастаи чукрӣ ва халтаи нону меширо аз дасти хушдоман гирифта, роҳравон ба сӯйи хона гуфт:

– Мондаҳо, модарҷон, имрӯз гарм омад, аз дим будани ҳаво намешуд ба берун бароӣ.

– Аммо дар кӯҳу кӯтал аз насими диловез фақат лаззат мебарӣ. Он чӣ маро хаста мекунад, сояашро аз остона кандани писарам асту халос. Эҳ, Худоҷон, ҳар гоҳ ба ёдам меояд, дилу ҷигарам месӯзад. Аз ҳама бештар ба ту мушкил шуд.

– Не, модарҷон, сари калоба боз шуд, ба фикрам. Имрӯз Беҳзод омадааст, фардо тағои Хушнуд худоӣ доданӣ барин.

– Наход?! Зуд оби гарм кун, дасту рӯ шуста ба хонааш меравам.

– Хӯрок омода аст.

– Э, духтарам, баъди ин гап ба гумонат аз гулуям хӯрок мегузарад? – бо шитоб ба сӯйи ҳавлӣ қадам зад Рухсора ва афзуд: – Маро хурсанд кардӣ, азизам, аз забони ширинат гардам. Кош пайғоме аз писарам оварда бошад, илоҳо, хабари хуш расонад.

Вақте ки дар гирди дастархони додар менишастанд, хурду калон хурсанд буданд. Зани Хушнуд ҷойи нишаст намеёфт, бо расидан ба дидори ҷигарбанд ӯ чун мурғи озод болу пар бароварда буд, аз хушҳолӣ дар куртааш намеғунҷид. Ҳанӯз ҳам ашки шодӣ мерехт. Чойники тозаи чойро дар гӯшаи дастархон гузошта, дубора Рухсораро маҳкам ба оғӯш кашид ва изҳор кард:

– Ҳеҷ гоҳ дилтанг нашавед, апаҷон, писари шумо ҳам меояд, албатта меояд!

– Гуфтаат шавад, баргаштани ҷиянам ба дили ҳар яки мо умед бахшид, – гуфт Рухсора ва бетоқатона ба Беҳзод дида тофт, мехост ҳарчи зудтар аз забони ӯ гап шунавад. Вале сархаму хомӯш нишастани Беҳзод дилашро ба танг овард, бо бесабрӣ пурсид: – Чаро хомӯшӣ, писарам, Парвизи ман дар куҷост?

– Дар ҷойи кор, – сар ба зер гуфт Беҳзод ва забон хоида афзуд: – дар Шимкент.

– Охир вай барои чӣ наомад?

– Намеояд, – нимғурма садо баромад аз ҷавон.

Вуҷуди Рухсора ларзид. Дилашро ваҳм зер кард. Садояш баландтар баромад:

– Чӣ гуфтӣ, намеояд? Чӣ шуд ба писарам, бардор сарата, рости гапа гӯй!

– Янга, Парвиз сиҳату саломат аст, хавотир нагиред, аммо...

Дубора хомӯш мондани Беҳзод ҳама нишастагонро ба сӯяш чорчашм кард. Ӯ бештар ба нигоҳҳои тези Рухсора, ки мешуд дар онҳо ҳам ғазабу ҳам илтиҷоро ҳис кард, тоб наоварда, ҳамоно ба суханаш идома дод:

– Парвиз бо духтари соҳибхонаамон хонадор шуд, хонадомод

аст. Як моҳ пеш писараш ҳам ба дунё омад.

– Эҳ, ҷувонимарг! – як он садо дардод Хушнуд, – Мо ба чӣ аҳволу вай дар чӣ хаёлҳо, маҷбур накардӣ, биёяд аз ин бачаҳояш ҳам хабар гирад?

– Ба гапам гӯш надод, аз Ойсарааш дил канданӣ не...

Рухсора худро гум кард. Гӯё аз сараш як сатил оби сард рехта бошанд, карахту ланҷ дар ҷо нишаста монд. Дар ҳоле, ки баданаш вараҷа мегирифту тамоми чеҳрааш суп-сурх шуда буд, беҳолона аз ҷо хест. Пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд магар, калавидаю яклабашавон ба берун баромад. Аз дасти бесарию фурӯмоягии нури дидааш бо дили озурдаву бемадор то хона чӣ хел омад, худаш намедонад...

# ПУШАЙМОНӢ

Нозанин дар канори тирезаи айвон нишаста чашм ба роҳ медӯхт ва ба ҳар як раҳгузар, алалхусус, ба ҷавонҳое, ки аз пайроҳаи рӯ ба рӯ рад мешуданд, зеҳн монда назар меафканд. Мехост дар байни одамон ягона чеҳраи шиносеро, ки кайҳо боз ҳушу хаёли ӯро рабуда, дар мағзи дилаш хона карда аст, пайдо кунад. Аҳёнан шоху баргҳои дарахтони лаби роҳ алвонҷхӯрон пеши чашмро мегирифтанд  ва ӯ маҷбур мешуд гардан ёзонда аз қафои гузаштагон дида дӯзад, намехост ҳадди ақал як нафар нодида монад. Дарун-дарун умедвор буд, ки дилдодааш имрӯз ҳам ба дидани вай меояд, аз меҳрубониҳои худ арзонӣ медорад, ба ваю хоҳаронаш аз макону манзилҳои дидаи худ қисса мекунад... Аммо, ҳар қадар ба давру бари пайроҳаи ошно чашм медавонд, симои дӯстдоштааш зоҳир намешуд, бо мурури рӯз пардаи торикӣ ба атроф менишаст, дидани беруну манзараҳои он мушкилтар мегардид. Ҳар қадар синчакунон назар меандохт, бехи чашмонаш бештар дард мебардошт, вале ӯ намехост аз раҳпоӣ даст кашад. Омода буд, то тип-торик шудани берун, агар кӯки чашмонаш канад ҳам, дида ба роҳ дӯзад.

Нозанин намедонист, ки аз кай боз ба ӯ меҳр мондааст. Ҳар гоҳ рӯ ба рӯ мешуданд, гӯё тамоми вуҷудаш аз ҷо беҷо мешуд,

дар зери сина нооромии шадидеро ҳис мекард. Он як рӯзи баҳорӣ, ки ба деҳаи бобоӣ рафта, бо дугонаи худ ба чидани гули тоқибофак баромада буд, ҳеҷ гоҳ аз ёд намеравад. Ӯро ҳамон ҷо, дар зери обшори дараи Феҷак бо чеҳраи ғайриодӣ дида ба ваҷд омада буд. Нахустин бор чашмаш ба ҷуссаи сафеду оҳорӣ ва бозудору тануманди ҷавон меафтид, ки он дам оби шаршара бо нурҳои хуршед даромехта, беист аз сару дӯши ӯ мешорид ва ба назар мерасид, шилшилаҳое муҷалло тану тӯши ӯро печонида гирифтаанд. Ҳоло он манзара равшан ба ёдаш омад, боз як бор бо умед ба берун чашм давонд. Хиёбону пайроҳаи пиёдарав хилват шуда, лашкари сиёҳӣ ҳама ҷоро фаро гирифта буд, дигар ҷунбуҷӯли касе ба назар намерасид. Духтар оҳи вазнин кашид, чун пай бурд аз соҳиби орзуву ормонҳояш дараке нест, маъюсона аз лаби тиреза дур шуд.

Нозанин чароғи айвонро равшан карда, аз қуттичаи дами даст, ки дар он лавозими рангубори худро нигаҳ медошт, як баста аксро ба рӯ гирифт. Дубора дар канори арзи тахтагини айвон поҳояшро ба поин овезон карда нишасту ғарқи тамошои суратҳо шуд. Ба аксҳо дурудароз назар афканда дармеёфт, ки ҳар як барг дар худ сужае дорад, гӯё воқеа ё ҳолатеро бозгӯ мекунад. Ба хусус, суратҳои дилдодааш, ки дар як кишвари дигар афтида буд, ӯро мафтуни худ сохтанд: ҷавони хушҳол дар равторе* нишаста, аз боло доманаҳои сердарахту сарсабз ва дар жарфои бепоён дарёчаи каҷукилеберо тамошо мекард; ҷалиқаи сурхранги хат-хатиеро ба тан карда, бар рӯйи киштии хурде менишаст ва мисли ин ки шаббодае мевазид, бо мӯйҳои парешонгашта ба қафо аз боду ҳавои баҳри бекарон роҳат мебурд; дар қисми мудаввари бурҷи баланде бар рӯйи фарши оинакоришуда истода, ба биною манораҳои осмонхароши шаҳри афсонавӣ дида медӯхт; аз ҷойи номаълуме ҳам шигифтомез ба шаклҳои рангоранг ва мунаққаши оташакафрӯзиҳои шаби ид хира мешуд... Оре, ӯ таҳсили олии худро дар хориҷа гирифта буд ва ин аксҳо ёдгорӣ аз он дам. Ҳоло бошад, ба ватани худ баргаштааст, ният дорад аз рӯйи ихтисосаш кор гирад. «Аҷаб, ӯ хонадор шудан мехоҳад

***равтор*** *– торгард, кобини раҳтор*

ё не? Касеро нағз дидааст? – аз андешаронии амиқ ба худ омада зери лаб пичиррос зад Нозанин. – Не, агар ба касе дил мебаст, маълум мешуд, ин хел гап тез паҳн мешавад. Э, Худоҷон, кош ӯро барои ман нигаҳ медоштӣ, охир, фақат ӯ орзуи ман аст, танҳо ман метавонам ӯро хушбахт кунам...».

Нозанин ғарқи тамошои аксҳо шуда нафаҳмид, ки модараш чӣ тавр аз хонаи дарунӣ ба айвон баромад. Бо нороҳатӣ сари ҷо ҷунбида монд, хост суратҳоро пинҳон кунад, аммо нарасид. Модар безобитагии ӯро нодида гирифта, омаду дар канораш нишаст ва бо як даст пушти сару шонаҳои духтарро навозишкунон ба гап даромад:

– Дар чӣ фикрӣ, духтарам, чаро дар айвон мехкӯб шуда мондаӣ?

– Ҳеҷ гап не, камтар дам гирифтам.

– Не, чашмонат маъюс, сарат аз худат нест. Ё ба чизе зиқ шудӣ, ягон ҷоят дард мекунад?

– Худам ҳамин тавр, хафа нестам, очаҷон, хавотир накашед, – Нозанин чашм аз модар гурезонда, бо ҷамъуҷӯр кардани аксҳо машғул шуд.

Модар ба ҳаракатҳои берабти Нозанин нигоҳкунон пай бурд, ки духтар мехоҳад ҳарчи зудтар суратҳои зери дасташро пинҳон кунад. Ва медид, ки дар ҳама сурат танҳо як акс – расми Парвин аст, писари дағечаш  Лобар. Дили ӯ шуввӣ рехт, ҳамон лаҳза як фикр ба мағзаш зад, пай бурд, ки сирре инҷо нуҳуфта аст. Бо ин ҳол, оромона бо кафи даст китфи духтарро мулоим пахш карду ба суҳбат идома дод:

– Ту ҳеҷ гоҳ рози дилатро аз ман пинҳон накардаӣ, ҳоло ки инро намехоҳӣ, майли худат, маҷбур намекунам.

Нозанин сар бардошт ва дарёфт, ки модар зеҳн монда ба ҳаракати дастҳои ӯ ва аксҳо чашм медавонад. Гунаҳояш сурх шуданд, дубора ба поин нигаристу бо ноз сар бар рӯйи синаи модар гузошт. Ҳарчанд мехост ҳаври сандуқи дилашро коста баҳонае пеш оварад, натавонист, забони ӯ гӯё ба ком часпида буд. Бағали гарми модар бошад, чун сабзаи нарми баҳорӣ ҳаловат бахшид, сарашро бештар дар оғӯши маҳин ҷой кард. Модар ӯро ором дида, ба сухан идома дод:

– Ин қадар сурати Парвинро аз куҷо гирифтӣ? Ё худаш фиристод?

– Аз интернет дарёфтам, дар почтаашон будааст.

– Духтарам, ту ба вай дил мондӣ?

– ...

– Худи Парвин хабар дорад?

– ...

– Росташро гӯ, духтарам, Парвин ба ту чизе гуфта буд?

– Не, фақат маро хоҳарҷон гуфта навозиш мекунанд, дигар чизе нагуфтаанд, – базӯр ба сухан омад Нозанин ва сар набардошта афзуд: – Ман бошам, асири маҳобату нигоҳҳои он кас. Агар роҳ гардам, гӯё дар канорам қадам мезананд, агар хоб равам, мисли ин ки дар паҳлуям дароз кашидаанд, чеҳраашон аз назарам дур намешавад, худам намедонам, ки чаро ба ин ҳол гирифтор шудам.

– Духтари беақли ман, ту дил додаӣ, – бо меҳрубонӣ дастони Нозанинро силакунон гуфт модар, – лекин худат бехабар ба санги тафсон даст мондаӣ. Охир, Парвин писари амакат, ба ту додӣ мешавад. Бобоят мегуфтанд, агарчи нақл аст, ақди амакбачаҳоро дар осмон бастаанд, аммо додару додӣ қудо нашавед, хоҳарон шаванд ҳеҷ гап не. Аз Парвин дида ҷавони беҳтарро намеёбем, лекин ин кор ношуданист, агар додоят фаҳманд, туро намебахшанд.

– Очаҷон, ман чӣ кор кунам, сарамро ба куҷо занам?! Дилам вайрон, хаёлам парешон, дарунам об мешавад, сари калобаамро гум кардаам, ба ман кумак кунед, очаҷон.

Зорию тавалло ва аз пайи он оби дида рехтани Нозанин модарро ба андеша водор кард. Вай ягон бор духтари худро бо ин ҳол надида буд, намедонист барои дилбардорӣ чӣ ҳарфе гӯяд, чӣ тавр ӯро ором кунаду ба дардаш дармон бахшад. Бо вуҷуди ин, пас аз чанд лаҳзаи сукут ба сухан омад:

– Ту худатро ба даст гир, Нозанин, ба касе чуқ нагӯй! Ман коре карда ба дағечам мефаҳмонам, Лобар туро нағз мебинад, бояд бо мо ҳамфикр шавад. Ҳама ҳаракат аз он тараф бошад касе шубҳа намекунад. Агар амаки Шоҳинат розӣ шаванд, додоят ҳам не намегӯянд...

– Очаҷони худам, меҳрубони худам, – бо нозу хушҳолӣ гуфт Нозанин ва аз ҷо наҷунбида бештар дар бағали таскинбахш ҷой шуд. Модар низ, дар ҳоле ки тамоми ҳиссиёту ғулғулаи дили духтари худро хуб дарк мекард, ӯро танг дар оғӯш гирифт.

***

Модари Нозанин оғуштаи фикру хаёлҳои бесарунӯг аз даҳлез гузашта ба берун, ба боғчаи назди хона баромад. Дар рӯйи хараки дами дар нишаста, чашм ба воиши току ду-се дарахти олучаю зардолу дӯхта монд. Аз пушти пардаи тирафоме хӯшаҳои олучабаста бо меваҳои суп-сурх ва дар байни баргу шохаҳои зардолу довучаҳои сабзгун дар пеши назар метофтанд, вале ҳушу ёди зан побанди хотирот буд. То панҷсола шудани Нозанин онҳо дар манзили падару модари шавҳараш, дар деҳа зиндагӣ мекарданд. Ӯ пас аз издивоҷ бо дилу ҷон ба зиндагии нав меҳр баста, ҳар коре аз дасташ меомад барои хурсандии хонагиҳо анҷом медод. Зиндагии бофайзе доштанд, шавҳар дар мактаби деҳа омӯзгорӣ мекарду ӯ кадбону буд ва аз дастархонашон ширу ҷурғот, гӯшту равғани зард, сабзавоту меваи боғ канда намешуд. Хусуру хушдоман аз шавҳараш дида ӯро бештар нағз медиданд ва борҳо гӯшзад карда буданд, ки маҳз ӯро то охирин дам нигаҳ медоранд ва хонаю дари худро ба ваю оилааш васият мекунанд. Вале шавҳари якрав инро намехост, ӯ ба бародари калониаш – Шоҳинака ҳавас карда, шабу рӯз орзуи ба шаҳр рафтан дошт. Вақте ки ба бародари хурдӣ арӯс фаровopen, шавҳар гӯё аз нав ҷон гирифт. Ӯ бо ин баҳона, ки хонаашон дигар ба ду сунҳор тангӣ мекунад, ҳар ду поро дар як мӯза карда, аз падару модар илтиҷо намуд, ки барояшон рухсати ҷудо шудан диҳанд. Чӣ қадар баҳсу талошҳо ба миён омад, дар ниҳоят, хостаи шавҳар шуду онҳо ба шаҳр кӯчиданд. Ҳамон рӯзҳои аввал дар охири маҳаллаи Шоҳинака замин гирифтанд ва паю похса рехта, барои хонасозӣ дасту остин барзаданд. То сохта шудани хона се моҳи қуфлукалид дар манзили бародар зиндагӣ карданд. Он замон гузарашон хилват буд, дар кӯчаҳо равуойи мошинҳо ва одамон аҳён-аҳён ба чашм мехӯрд. Маҳалла ягон гӯшаи ободи, фазои сабз, дарахти саркашида надошт. Ҳоло бошад, он

гузари назарногир ба як шаҳрак табдил ёфтааст. Ин тарафу он тарафаш маълум нест, то поёни шаҳрак кас ба пойи пиёда ҳадди ақал ду соат роҳ меравад. Аз бисёрии нақлиёт одам саргиҷ мешавад, кӯчаю пиёдаравҳо ба ҷуз шаб дигар ягон вақт холӣ не. Дар самти муқобил, аз кӯча он рӯ хонаҳои бисёрошёна қад кашидаанд. Мегӯянд, дар оянда хонаҳои заминиро аз як сар мебардоранд ва гузарҳои куҳнаро бо тарҳи нав обод мекунанд. Аммо, ба гуфтаи шавҳараш, кӯчаи худашону Шоҳинака ба ин тарҳ намеафтад, мехоҳанд хонаҳои бештар аз панҷоҳ сол доштаро аз байн бардоранд. Понздаҳ сол мешавад, ӯ бо дағечаш Лобар ҳаммаҳалла аст ва бо якдигар сахт унс гирифтаанд. Агар ду-се рӯз ӯро набинад, худро нороҳат ҳис мекунад, мисли ин ки чизеро гум карда бошад. Тайи ин муддат ягон бор аз байнашон пишаки сиёҳ нагузаштааст, ӯро ба ҷойи хоҳари бузургӣ мебинад. Азбаски дағеч духтар надошт, пайваста Нозанинро ба ёрӣ садо мезад. То ҷое ба вай меҳрубонӣ мекард, ки агар як каси бегона онҳоро медид, бешубҳа, фикр мекард модару духтаранд. Шояд ин меҳрубониҳо буда, имрӯз духтар ба онҳо дил бастааст, худро бе хонаводаи амак тасаввур карда наметавонад.

Хаёлрониҳои модари Нозанин ногоҳ бо садои занонае канда шуд. Ӯ ба сӯйи овоз, ки «хола» гуфта мурочиат мекард, рӯ гардонд. Аз роҳрави байни чиғҳои оҳанӣ ду нафар зан, ки яке солманду дигаре дар ҳадди келинчак буд, меомаданд. Ҳамон зани ҷавон дубора ба сухан омад:

– Бубахшед, хола, аз пайи хонаи Шопурака ҳастем, номи ҳамсарашон Гулҷаҳон.

– Ҳамин ҷост, ман худам Гулҷаҳонам, – ҷавоб дод модари Нозанин ва ҳаросон аз ҷо хеста ба пешвоз баромад. Ӯ меҳмонони нохондаро бори аввал медид, аммо аз сарулибосашон пай бурд, ки деҳотӣ ҳастанд. Хурдӣ сарбанди гулдореро аз пешонӣ ба пушт, аз зери гесувон гузаронда чунон баста буд, ки гӯшҳояш низ маҳкам мешуданд, дар тан куртаю поҷомаи сурхранг дошт ва ба даст бӯғчаи нону кулча бардошта меомад. Занаки калонсол бошад, ба сар рӯмол партофта, аз рӯйи куртаи кушоде як ҷемпери сабуки пахтагин пӯшида буд. Ӯ ба онҳо салом дода истода, бо ҳисси занонаи худ тахмин кард, ки ҳар ду барои

хостгорӣ меоянд. Бо ин ҳол, гӯшу ҳуш буд, то ҳарчи зудтар сабаби ташрифи худро арз кунанд. Аммо меҳмонон, ба хусус, занаки солманд гӯё дурри ноёберо дарёфт карда бошад, хурсанд шуда рафт ва худро шинос накарда, бо хушҳолӣ ба гап даромад:

– Худоё шукр, ба мақсад расидем, хоҳарам, аз дирӯз инҷониб дар сафарем. Аз дасти азобии раҳ сахт мондаю шалпар шудем, агар як чойи талхак мекардӣ, сарамон ба осмон мерасид, – зан аз паси модари Нозанин, ки ноилоҷ меҳмононро маътал накарда ба самти хона роҳ пеш гирифт, қадам бардошт. – Пурсида Маккара ёфтаанд, мегӯянд, рост будаст, дина саҳар катӣ аз қишлоқ баромадем, пиёдаю савора то шаҳратон омадем ки, шаб шуд. Ҳоло ҳам дар маҳаллаатон ин қадар гаштем, поҳоямон почилак шуд, не, пурс-пурсон охир ёфтем. Ба занҳо ҳайронам, ҳамин ки адрис мепурсӣ, ба ҷойи хонара нишон додан, «ба чӣ омадед», «чӣ кор доред» гӯён одама гаранг мекунанд. Ман ҳам ба ҳар яке росташа гуфтам, чӣ ба хостгорӣ омадан айб аст магар?

Бе хабари пешакӣ омадани занони ношинос боиси дар ғафлат мондани Гулчаҳон гардид. То ин дам асло ба гӯшаи хаёл наоварда буд, ки Нозанин ба қад расидаасту рӯзе хостгорон дари онҳоро низ мекӯбанд. Аз рӯйи урф, меҳмонони нохондаро ба меҳмонхона гузаронда, дастархон паҳн кард ва аз пайи омода кардани чой шуд. Шинухезкунон ба ёд овард, ки момои навадсолааш ҳамеша мегуфт, меҳмон атои Худост, ӯро фақат бо чеҳраи кушод пешвоз гиред. Агар духтари калон дошта бошед, меҳмони ногуфта бе пӯшт-пӯшт омадан мегирад, духтардор бояд ба ҳамааш забони хуш диҳад, дилашонро наранҷонад. Гулчаҳон бори нахуст ҳис кард, ки духтари ӯ, ба ростӣ, калон шудааст, аввал рози дил кушодани худи Нозанин, акнун қадам ранҷа фармудани ин занон. Чӣ гӯяд, чӣ кор кунад, чӣ гуна муносибат намояд, ки хостгорон бе дилтангӣ аз хонааш раванд...

Ҳамин ки таоруфи меҳмондорӣ то ҷое расиду Гулчаҳон низ бо хотири ҷамъ дар гирди дастархон нишаст, занаки калонсол чойи пиёлаашро хӯрда, бо мулоимат ба сухан даромад:

– Моён аз қишлоқи Сарихор мешавем, хоҳарҷон, хешони дағечи хурдиат Хуморгул. Ҳамон духтари додарам сабаб шуду бо умед ба раҳ баромадем ва инак остонаи шумора зер мекунем.

Як вақт Хуморгула ҳам аз қишлоқамон ба як деҳаи ношинос гусел карда ҳама ба сад хаёл рафта будем, ҳар кас ба тахри худ як гапа мезад. Худоё шукр, ситораҳошон рост омаду домод катӣ зиндагии хушу хуррам доранд.

– Апаи Хуморгулам аз шавҳараш, аз янгаю амакатон, аз ҳамаи хонагиҳоятон розӣ, ба хусус, дар бораи оилаи шумо гап мезанаду аз димоғаш бӯйи баҳор меояд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд зани ҷавон. – Шопурака додои мана нағз мешиносанд, ҳамон вақти ба Хуморгулапа рафтан як шаб дар хонаи мо хоб рафта буданд, худам чою нон кашонда будам. Он замон додарам майда, як бачаи назарногир буд.

– Ана ҳамон бача имрӯз калон шудаст, хоҳар, – ҷилави суханро дубора ба даст гирифт занаки калонсол, – ҳозир дар ҳамин шаҳри шумоён дарс мехонад, студент! Зиндагӣ ҳамин будаст, бачаҳо дар як дам калон мешаванду ту бехабар мемонӣ. Чӣ ҳам мекардем, вазифаи очаю додо – сарашона ҷуфт кардан, аз Парвардигор бахту саодат металабем...

Гулчаҳон то тавонист ба меҳмононаш сухани хуб гуфт, тамоми ҳарфу хоҳишҳои онҳоро гӯш карда ваъда дод, ки бо падари Нозанин, бо хешони наздик машварат мекунад ва дар хостгории дигар ҷавоби аниқ медиҳад. Ӯ дарёфт, ки тарафи хостгор ҷойи бад нест, ҷавон дар донишгоҳ дарс мехонад, падараш муаллим, бар замми ин, аз хешовандони додаршӯяш Шодон. Ба ёдаш боз ҳам гапи модаркалон омад, ки гуфта буд, духтар санги фалахмон аст, намедонӣ он ба куҷо меафтад. Аммо, дилбастагии Нозанин ба писари амакаш ӯро ба гирдоби андеша андохт. Наметавонист ишқи духтарро нодида гирад, ба вай зулм кунад. Ҳарчи зудтар тафти даҳони Лобарро озмудан лозим, агар имрӯз ба суроғи дағеч наравад, фардо дер мешавад.

***

Азбаски Парвин бо ҳар гуна баҳона издивоҷ карданро ба пас меандохт, Лобар рӯз то рӯз бештар дилтанг мешуд. Ӯ медид, ки ҳама дӯстони писараш на фақат хонадор шудаанд, ҳатто ду-сетоӣ бача доранд, хӯрҷини алоро ба дӯш гирифта, худашон зиндагӣ месозанд. Парвин бошад, ҳанӯз зуд, як дарди сар

камтар, хонданам тамом шавад, як кори аниқ гирам ва боз як қатор ҳарзагӯйиҳо пеш оварда, аз зери бор гурехтанаш гурехтан. Охир, ҳар инсон бояд ба қадри худу саломатиаш расад, отифаи ҷавониро фикр кунад, ҳарчи тезтар дилдору ҳамрози зиндагиро ёбад, ин чӣ гап, уштур шудаасту қантаракаш ҳанӯз ҳам тик?! Падари ҳамеша серкорро низ парвои фалак не, намегӯяд писари калон дорам, сарашро ҷуфт кунам, арӯс фарорам, ё тавба?! Чӣ ҷине задааст ин мардҳоро, чаро ин қадар беғаму бемалоланд? Лобар рӯзу шаб оғуштаи фикр буду ба умқи андешаҳои худ намерасид. Писарашро сарзаниш кард, бо дилгармӣ даҳҳо бор ба гап гирифту розӣ кунонданӣ шуд, бе фоида, ҳамон саркашӣ, ҳамон баҳонаҷӯйиҳои бесарунӯг. Вақте ки писар хост таҳсилашро дар хориҷа давом диҳад, мамониат накард, ба ӯ шарт гузошт, ки дар таътили мобайнӣ зан мегираду хонданро давом медиҳад. Бо умед сарпои арӯс харид, аммо ду сол гузашту аз писари якрав садо не, ин сарулибос ҳам дигар ба дарди аммааш мехӯрад, мегӯянд, аз мӯд мондааст...

Боз як рӯзи нав аз қабзаи зим-зиё торик раҳоӣ ёфта, бо нурҳои рӯшану муҷалло дар чаҳор сӯйи фазои ҳастӣ доман густурд. Лобар боз як бори дигар шавҳару писари ба даҳон об гирифтаро хомӯшу дамдардарун ба кор гусел кард. Камубеш лавозими хонаро ба тартиб даровард, вале рӯбучин накарда, бо як вазнинии рӯҳӣ ҷуссаи беҳоли худро дубора ба рӯйи тахти хоб ҳаво дод. Пеши дидаҳояшро пардаи тираи луобӣ фаро гирифт ва ҳамон дам табассуми мулоиме бар даври лабонаш пайдо шуд. Дар пеши ӯ духтари хушгили оростае бо лутф таъзим ба ҷо овард ва ҷорӯби дасташро гирифта, якзайлу бомаром ба рӯбучини хона пардохт. Духтар чунон ҳаракатҳои базебу шинам дошт, ки гӯё фариштае бо нозу карашма чеҳра боз мекард ва ду адад гесуи вай ба поин овезон шуда, алвонҷхӯрон бо ранги мишкии дурахшон чашмҳоро мебурданд. «Худоё шукр, – аз дил гузаронд Лобар, – ба ман ҳам дидани арӯс насиб мешудааст. Аз қадду бастат гардам, духтаракам, ту намедонӣ, чӣ қадар ба роҳат дида медӯхтам, ниҳоят, ба орзуям расидам. Парвинҷонам маро гӯш кард, ба хонаам ту барин олиҳаро овард. Акнун навбати ман омад, ман ҳам ба дугонаҳоям муҳобот карда туро ба рӯйбинӣ

мебарам. Ҳар кӣ дӯстам бошад ҳавас кунад, ҳар кӣ нияти бад дорад кӯр шавад, ба ҳар ҳол, ба ҳама ниёзманд ту барин як парӣ насиб гардад...».

Ногоҳ бо садои занги дар Лобар як қад парид, хаёлаш парешон шуд, бо ҳаросонӣ аз ҷо хеста ба сӯйи дар рафт. Аз берун овози шинос меомад:

– Янгаи Лобар, дар хонаед?!

Садои ошно ба тану ҷони зан қувват бахшид. Тозон омаду дарро кушод ва бе он ки ҳарфе гӯяд, дағечашро сахт ба оғӯш гирифт. Мисли ин ки як аср якдигарро надидаанд, Лобару Гулҷаҳон чанд муддат даст аз дӯшу бари ҳам набардоштанд. Лобар намедонист бо чӣ забоне хурсандии худро баён кунад, дар ҳоле ки ҳавсалааш сар рафта, сандуқи сина аз ҳаяҷону боди дилҳавлӣ пур мешуд, омадани дағеч айни муддао буд.

– Росташа гӯям, ин рӯзҳо аз зиқӣ торс кафам мегӯям, – вақте ки ба айвон гузашта дар канори хонтахта нишастанд, ба сухан сар кард Лобар, – корубори рӯзгор як тараф, Парвинам худаш як тараф! Бачаҳои ин замона фаҳмида наметавонӣ, зан гӯйӣ тамом, арқашон хушк мешаваду* абру зич мекунанд, гӯё ба кифташон санг бор карда бошӣ.

– Оре, Парвинҷон калон шуд, бояд сараша ҷуфт кунед, – ба сухани дағеч ҷон дод Гулҷаҳон.

– Калон ҳам гап-мӣ, уштур шудаст! Кош ба гапам медаромад, кайҳо хонадор мекардам. Орзу доштам як духтареро сарбанд кунам, ки боодобу бадастпанҷа бошад, масалан, мисли Нозанин.

– Худо хоҳад, ба орзуятон мерасед, янга, – аз сухани Лобар ба ваҷд омада гуфт Гулҷаҳон, – танҳо Парвин не, имрӯз ҳама ҷавонон дертар издивоҷ кардана афзал медонанд.

– Охир, ба бисту ҳашт рафт писарам! Намедонам, аз куҷо ин касби духтурира пеша кард, тамоми умраш хондан катӣ гузашт. Акнун ҷаври ҷони ман, дар анг мондаам, ҳайронам чӣ кор кунам, сарама ба куҷо занам, дари кира кӯбам.

– Зиқ нашавед, амак мегуфтанд, ба ҳама кор вақту соаташ ҳаст,

**** арқаш хушк шуд – маҷ. шах шуда монд, беҳолу беҳаракат монд***

Худо нахостааст, ки то имрӯз келин наёфтаед. Баъзан корамон чунон осон буд мешавад, ки худамон нафаҳмида мемонем.

Лобар каме осуда шуд. Бо меҳр ба дағечи худ нигоҳ карда, хаёлманд дастонашро ба пеш ёзонд. Гулҷаҳон низ даст дароз кард. Як лаҳза дидаҳо ба ҳам хӯрданд, гӯё дар бехи чашмони Лобар ҳиссиёти мулоими умедворонае хона карда буд. Ӯ панҷаҳои дағечро дар зери даст фушурда истода, илтиҷоомез ба гап даромад:

– Хоҳарҷон, биё, бегона нашавад, Нозанинро ман худам келин мекунам.

Ин пешниҳоди ғайричашмдошт Гулҷаҳонро об кард, аз сар то по ӯро ҳиссиёти гуворое фаро гирифт, намедонист бо чӣ забоне изҳори ҳол кунад. Дарун-дарун ба гумони худ иқрор шуд, ки ваю дағечаш дар ҳақиқат аз як кӯза об меҳӯранд. Ӯ ҳанӯз гап назада, Лобар афзуд:

– Росташа гӯям, аз хурдиаш ба Нозанин меҳр мондаам, худи духтарам мебинам. Агар вая ба ҷойи дигар гусел кунӣ, бо армон мемонам.

– Майли худатон, янга, бачаҳою падаронашон розӣ шаванд шуд, ман чӣ ҳам мегуфтам, аз шумоён ҷойи беҳтар намеёбем, – хурсандии худро як навъ ба дарун хӯрда гуфт Гулҷаҳон.

Лобар бо шунидани ин гапҳои дағеч худро дошта натавонист, бетоқатона ӯро ба оғӯш кашид. Як лаҳза шаҳди меҳрубонӣ ва ҳамдастиро чашиданду Гулҷаҳон аз нав ба сухан омад:

– Аммо, янга, агар чунин ният дошта бошед, бояд биҷунбеду ҳарчи тезтар аз пайи кор шавед. Парер ба духтарам хостгорон омаданд, аз деҳаи дағечамон Хуморгул. Рӯзи якшанбе барои сарбанд меомадаанд. Додои Нозанин ҳам бе гапугуп ба онҳо доданӣ, аз афташ.

– Не, не, ин кора накунед, зинҳор! – гӯё ба танаш кайк даромада бошад бо ҳарос изҳор кард Лобар. – Додияту Парвин ба гардани ман, ҳатман ба суроғатон меравем, Нозанина ба ҳеҷ кас намедиҳам!

Ба наҳви худ бурида дӯхтан ва қатъияти Лобар Гулҷаҳонро бештар хурсанд кард. Ӯ ҳанӯз даст ба дасти дағеч гузошта, аз дил мегузаронд, ки кош духтарам ба мақсад мерасид, кош ишқи аввалаш хазон намешуд...

Он рӯз Лобар чӣ хел то бегоҳӣ расид, худаш медонаду Худо. Аз хушҳолии ботинӣ чунон сармаст буд, ки сари по даробарокунон ба худ ҷойи нишаст намеёфт. Дар сафҳаи зеҳнаш фақат як суратро медид, он ҳам акси Нозанин. Хаёлан бо ӯ суҳбат меорост, дарди дил мегуфт, раҳи кор нишон медод. Ӯро дар паҳлуи Парвин тасаввур карда ба завқ меомад, хонаашро бо вай шинаму зеботар медид. Ниҳоят, дар оғӯши чунин орзуҳои ширин, вақте ки аср шуду офтоб ба самти ғуруб роҳ пеш гирифт, нахуст писарашро истиқбол кард. Ӯ Парвинро баробари аз дар даромадан ба бағал кашиду хурсандона пайғом расонд:

– Биё, писарам, имрӯз очаат дар куртааш намеғунҷад! Имрӯз коре кардам, ки орзуи ҳафт мағзи ҷонам бароварда шуд! Оре, писарам, имрӯз ман аз ҳама вақт хушбахттарам, домани арӯсеро гирифтам, ки аз ҳама боб хости диламу муносиби туст!

Парвин дар ёд надорад то ин дараҷа чеҳраи шукуфони модарро дида бошад. Аз хурсандии ӯ ҳам моту мабҳут буду ҳам хушҳол, намедонист дар пеши вай худро чӣ гуна вонамуд кунад, барои ҳамхонии майлу ҳавасҳои ӯ чӣ ҳарфе ба забон оварад. Дар воқеъ, пайғоме барояш мерасонд, ки ҳар рӯз дар ин хусус даргири ҳам мешуданд. Модар як чиз мегуфту вай чизи дигар, модар мехост ёре барояш баргузинад, вай қабул намекард. Аммо, ин дафъа бо итминон гап мезанад, симояш ҷиддӣ аст, аслан намехоҳад касе шодмониашро барҳам диҳад. Бо ин ҳол, паҳлуи модар по бардошта ба дохил даромаду бо мулоимат пурсид:

– Хуб, очаҷон, хости дилатон кӣ будааст, ки ин қадар ҳалво ба даҳонатон гузошта?

– Духтар не, фаришта, дасту панҷааш гул! – бо таъриф ба сухан идома дод модар. – Ҳалво ба даҳони ман не, худаш ҳалвост, писарам. Агар бинӣ, ба қадди баланду мӯйҳои дарозаш, ба намои дилчаспи сап-сафед ва чашмони шаҳлояш ҳавасат меояд. Ҳамеша чеҳрааш кушод, бо салиқаи хос либос мепӯшад. Бештар аз инҳо, боҳушу шӯхтабъ ва дар назди калонҳо фурӯтану хоксор аст.

– Таърифатон аз ҳад гузашт, очаҷон, ҳанӯз ӯро ба хубӣ надидаю насанҷида дасту панҷаи гулу фурӯтаниашро аз куҷо медонед?

– Агар вайро намедонистам, ин гапҳоро намегуфтам, вале айни ҳақиқат ҳамин ки вай дар пеши назарам калон шуд, агар гӯям, тарбияи маро ҳам гирифтааст, хато намекунам. Борҳо бо ҳам шинухез кардаем, тафту ғубори ҳамдигарро гирифтаем, ҳамрозу ҳамдарди якдигар будем.

Дар ҳамин ҷо гапҳои модар Парвинро ба тахайюл водор кард, нахустин тахмине, ки ба зеҳнаш зад, Нозанин буд. Оре, ғайр аз Нозанин дигар касеро дар канори модараш надидааст, фақат ӯ ба ёрию ҳамроҳӣ меомад. «Наход ки Нозанинро мегӯянд, наход ба ӯ ин қадар дил бастаанд? – андешид ӯ дар худ. – Ё худи ман ҳаракате надониста кардаму оча пай бурдаанд? Охир, ҳамин духтари амак ҳушу хаёли маро рабудаасту мани мискин чандин сол овораам, наметавонам ба касе дил диҳаму изҳори ишқ кунам. Ҳамин духтари амак аст, ки дам дар дарун мегардам, модари бечораро имрӯзу фардо гуфта фиреб медиҳам. Чӣ кор кунам, вақте ки қалб ақлро гӯш намекунад аз дасти мани бечора чӣ коре меояд? Не, агар Нозанин аст, розӣ намешавам, наметавонам бо духтари амак издивоҷ кунам, ӯ ба ҷойи хоҳар аст. Оре, ҳамин ҳамхунӣ ҳамеша маро нигаҳ доштааст, аз ин рӯ, бояд аз баҳри ҳар гуна ишқе, ки агар ҳам буда, бароям».

– Писарам, чӣ шуд ба ту, чаро як он дар фикр мондӣ? – модар мехост Парвин дарҳол номзади ёфтаи ӯро пурсаду вай бо садои баланд гӯяд, Нозанин! Вале, пай бурд, ки писар дигар майли гап задан надорад, мисли ҳамеша абруҳоро ба васати пешонӣ ҷамъ карда, қавоқашро овехтааст. Ӯ ба ин ҳол тоб наовард, ноаён буғзе гулуяшро гирифт ва ҳамин ки Парвин аз ӯ дур шуда ба хонааш даромада рафт, худро дошта натавонист ва дар ҳамон роҳрав ҷуссаашро ба замин афканду бо овози баланд домани гиряро раҳо кард.

Дар ҳамин асно дари берун кушода шуд, падари Парвин аз кор меомад. Лобар ӯро дида баландтар фарёд зад, нолакунон дастҳои мушткардаашро ба замин кӯфтан гирифт ва бо хӯрӣ ба дарди дилгӯйӣ пардохт:

– Дар ин хона ҳеҷ кас маро гӯш намекунад, ман қадре надорам, як чӯрӣ ҳастаму халос! Ин писари якрав маро хун кард, дар пеши ҳама шармандаам! Мӯйсараш сафед шудаасту

зан гирифтан намехоҳад. Ина гир, не, уна гир, не, ба чӣ умед мебандад, фақат ба Худо аён...

Парвин дар пушти мизи кории худ, як дастро ба пешонӣ такя дода менишаст ва сахт ғарқи андеша буд. Ҳарчанд доду бедоди модарро як гӯшвор мешунид ва омадани падарро ҳам пай бурд, аз ҷо беҷо нашуд. Ин лаҳза ҳушу хаёлаш билкул побанди Нозанин буд. Ҳис мекард, ки ангор дар мазраи гулпӯше қадам мезанад ва дуртар аз ӯ Нозанини шодон абру боз мекунад. Духтар ба сар гултоҷе аз гулҳои сурху тоқибофаки осмонранг гузошта, беист овоз мехонд ва аҳёнан гирди як по давр мезаду бо албонҷ гом мебардошт ва пироҳани сафеди васеаш аз фавҷи бод чун болҳои кабӯтар доман мегустурд. Парвин хост бо тамоми неру ба сӯйи ӯ шитобад, аммо натавонист, мисли ин ки қувваи ноаёне ӯро ба қафо мекашид. Ғамзаю нози Нозанин бошад, беохир буд, чун оҳанрабо Парвини дилдодаро ба сӯйи худ ҷазб мекард...

Гиряву шевани Лобар Шоҳинакаро сахт мутаассир сохт, ӯ боре ҳам ҳамсари худро ин қадар забуну афтода надида буд. Ӯро ҳамеша бо лабханд пешвоз мегирифт, ҳар гуна дилтангию мондагии худро нишон намедод, медонист ки, маҳз чеҳраи кушоди кадбону беҳтарин марҳамест ба хастагии шавҳар, ки аз кор бармегардад. Як лаҳза дар дами дар бо хушҳолӣ истиқбол шудан чӣ қадар маза дорад! Ҳоло бошад, ба ҳоли зан раҳмаш омад. Бе он ки чизе пурсад, дарҳол хам шуду аз бозуву шонаҳояш гирифт ва бо нармӣ гуфт:

– Аз ҷоят хез, ин ҳол ба ту асло намезебад, – Шоҳинака бо андаке кумак ҳамсари худро ба по хезонду ӯро ба сӯйи хонаи ҷойи нишаст ҳидоят кард ва роҳравон ба гапаш идома дод. – Ту дар ин хона азизтарин инсон ҳастӣ, ту дар пеши ҳеҷ кас сархам намешавӣ. Гумон накун, ки ман ба тақдири Парвин бепарвоям, не, то ҳоло фақат фурсати муносиб мепояму халос. Медонам, писарамон калон шуд, вале ин ба ҷавон айб нест, агар духтар мебуд, гапи дигар.

– Шумо дар байни занҳо намегардед, намедонед онҳо чиҳо мегӯянд, – каме ором шуда ба сухан даромад Лобар, – аз дасти ғайбатчиҳо метарсам, ки ба шаъни писарам доғе афтад, то кай худама сафед карда гардам?

– Лозим нест худата сафед кунӣ, ба бофтаю ғайбатҳои занони серҷоғ ҳам эътибор надеҳ! Биё, дар канори ман нишину ором шав, ҷомаи бамаслиҳат кӯтоҳ намеояд, ҳар чӣ дарде дорӣ, ба ман холӣ кун.

Лобар аз суханони меҳрубононаи шавҳар хеле тасаллӣ ёфт. Худро сабуку осуда ҳис кард ва бо дилгармӣ ба суханаш идома дод:

– Рости гап, ду сол мешавад, ки пеши духтарона ба Парвинҷон рӯйнамоӣ мекунам, вале ҳар гоҳ як баҳона пеш меорад, хоҳиши ман бошад, мисли як мушт боде аз баногӯшаш гузашта меравад. Агарчи номзадҳора ҳар бор бо хости ҳамсояҳову дугонаҳоям пешниҳод мекардам, дар дили худам фақат меҳри як духтар, ки он ҳам ҷиянатон Нозанин аст, нишастааст. Оре, ҳайрон нашавед, Нозанин аз хурдиаш ба хонаи мо равуо дорад, мисли духтарам нағз мебинам. Имрӯз Гулҷаҳон хабар дод, ки ба вай хостгорон омадаанд. Бовар кунед, дар ҷонам алов афтод, ба назарам, гӯё дилу ҷигарамро аз ман мерабоянд. Вақте ки дар хусуси вай ба Парвин гап кушоданӣ шудам, суханама то охир нашунида қавоқаш овезон шуд, чизе нагуфта ба хонааш даромада рафт.

– Ҳоло ин тавр гӯй, ана дарди ту чӣ будааст?! – нафаси озоде кашида гуфт Шоҳинака ва дарҳол садо дардод: – Парвин!

Бо садои ӯ хаёлангезиҳои ҷавон пароканда шуд. Парвин ба по хест, худро озод афшонда гирифту ба сӯйи падару модар шитофт. Ӯ медонист, ки ҳар гоҳ падараш садо мезад, ҳатман амри муҳиме дошт, бо корҳои пешпоафтода ӯро зиёд безобита намекард. Дар симои ҷиддии падар истодагарӣ ва иродаи қавиашро медид ва айнан ҳамин сифат дар зеҳни ӯ муҳр баста буд. Аз ин хотир, боре нашудааст, ки рӯ ба рӯ истода гап ҷавоб гардонад ё зиёдравӣ кунад. Барояш ҳар як фармудаи қиблагоҳ ба ҳукми қонун буд. Аммо ин бор дар муқобили падар истоду ӯро он қадар ҷиддӣ надид, аз чашмонаш хондан мушкил набуд, ки мехоҳад бо дилнармӣ ва илтифот гап занад.

– Писарам, барои чӣ очаат аз дасти ту нороҳат аст? Оё худат ҳис намекунӣ, ки вайро озор медиҳӣ?

Парвин мехост ҳарфе гӯяд, аммо ҷуръат накард, сари дузону нишасту гӯшу ҳуш ба падар шуд, то каломашро то охир гӯяд.

Шоҳинака идома дод:

– Ман ё очаат ҳар чӣ хоҳем танҳо барои осудагии тую додаронат аст, падару модар барои фарзандони худ фақат хубиву хушбахтиро орзу мекунад. Ту дигар бачаи хурд нестӣ, бояд саратро ҷуфт кунем, ин қарзи мост. Ана-мана нагуфта додарат ҳам ба қад мерасад, он вақт корамон боз ҳам мушкилтар мешавад. Агар донистан хоҳӣ, очаат Нозанина таги чашм кардааст, ту чӣ мегӯйӣ?

Аз ин пешниҳоди ногаҳонии падар Парвин каме бедасту по шуд, шояд аз хиҷолат буд, ки аз гармӣ лаввас задани гунаҳояшро ҳис кард. Бо ин ҳол, худро ба даст гирифт ва оромона ба сухан даромад:

– Ман таърифи Нозанина чандин бор шунидаам, дар ҳақиқат, духтари беҳамтоест, аммо чӣ хел духтари амакамро ба занӣ мегирам? Охир, аз назари тиббӣ ҳам ин нодуруст аст, оятдаи мо чӣ мешавад?

– Писари духтури ман! – бо ваҷд дунболи суҳбатро гирифт падар. – Шояд гапи ту ҷон дорад, аммо бубин, бобою момоят ҳам амакбачаи зода буданд, ману амаки Шопурат ё дигар амаку аммаҳоят ягон камбудӣ дорем? Баъд, шумоён аз таҳлили духтур ҳам мегузаред, агар муаммое пеш ояд, издивоҷ намекунед.

– Таҳлилҳои тиббӣ низ ҷавоби дақиқ намедиҳанд, фақат баъзе аломатҳоро нишон медиҳанду халос. Барои чӣ мо бояд таваккал кунем, дидаю дониста ба тақутуқи зиёд роҳ диҳем ва издивоҷеро, ки шояд оқибати дардоваре дошта бошад, амалӣ созем?

– Ҳафт пушти мо бачаҳоямон бегона нашаванд, рафтуомад барқарор монад гӯён, бештар бо хешутабор қудо мешуданд, лекин ҳеҷ кас норозӣ набуд, – ба гап ҳамроҳ шуд Лобар, – ту бошӣ ба як гап часпидаӣ, агар Нозанин ба хонаи ман ояд, нонаш рӯйи сараш аст, аз ҳеҷ чиз камӣ намекашӣ.

Падар хеле хуб дарк мекард, ки Парвин аз чӣ нигарон аст, вале аз сӯйи дигар меҳри гарми Нозанин ӯро низ дар олами худ нигаҳ медошт, наметавонист аз ин фазои сурурбахш берун монад. Аз ин рӯ, баъд аз сукуту андеша хотирҷамъ гуфт:

– Ту дудила нашав, писарам, ба ману очаат бовар куну аз пайи

кори худ бош. Ҳамин ҳафта бояд ба хостгорӣ равем, набошад дер мешавад. Нозанин ба ту муносиб аст, туро хушбахт мекунад!

Ин сухани охири падар ба ҷойи хатми суҳбат буд. Парвин дигар ҳарфе назад, хомӯшона аз ҷо хесту ба маънии ризоят саре такон дод ва ба хонаи худ гузашт.

***

Бехабар аз гапҳои олам, падари Нозанин бо омадани Шоҳинакаю ҳамсараш дар анг монд. То ин дам боре ҳам аз гӯшаи хаёл нагузаронда буд, ки бародар ба хостгории духтари вай меояд. Ҳарчанд Шопур дар тӯли умри худ ҳамеша ба заношӯйии хешовандон мухолифат дошт ва дар дарсҳояш низ пайваста худдорӣ аз ин амалро талқин мекард, дар назди Шоҳинака лол монд. Охир, ӯро на фақат ба унвони бародар медид, балки Шоҳинака барояш як симои идеал, роҳнамою носеҳ дар зиндагӣ буд. Вай наметавонист, асло ҷуръат намекард, ки як ҳарфи бародарро дуто кунад, бар хилофи гуфтаи ӯ гап занад. Ин ҳиссиёти гарм ва самимият ҳанӯз айёми кӯдакӣ дар дили ӯ хона карда буд. Вақте ки се бародар дар зери як кӯрпа мехобиданд, Шоҳинакаи аз ҳама калон дидаю шунидаҳои худро нақл мекард, ҳар шаб як шеъри нав ё афсонаеро мегуфт. Пас аз донишҷӯ шудани бародар ваю Шодон бо бетоқатӣ роҳ мепоиданд ва Шоҳинакаи хушқомату ороста дар назари онҳо мисли як марди босалобат ҷилва мекард. Ҳар боре аз шаҳр меомад ба вай ҳатман китоб меовард ва мегуфт, ки агар китоб хонӣ, ҳама чизро ёд мегирӣ, китоб махзани илму асрори зиндагӣ аст. Маҳз роҳнамоиҳои бародар буд, ки вай пешаи омӯзгориро баргузид ва имрӯз дар мактаб пеши муаллимон аст. Танҳо бо эътиқод ба Шоҳинака ӯ рӯзгори осудаи деҳаро канор гузошту ба шаҳр омад ва то ба ҳол насиҳати падар дар пушти гӯшҳояш садо медиҳад, ки ҳангоми кӯч бастан гуфта буд: «Тую додият ба мисли гӯшту нохун ҳастед, ҳеҷ гоҳ аз ҳам ҷудо нашавед, ба гапаш гӯш кун». Ин ҳама риштаҳои пайвандӣ боис шуду Шопур ба раъйи бародар латма назад, ба арӯсии духтарашу Парвин ризоят дод...

Табиат чӣ қадар мафтункор аст! Ҳар як падида дар он накҳату

намои хосе дорад ва инсони ошиқ аз ин инъоми бебаркаш сер намешавад:

***Бӯйи борон, бӯйи сабза, бӯйи хок,***
***Шохаҳои шуста, боронхӯрда, пок!***
***Осмони обиву абри сафед,***
***Баргҳои сабзи бед!***
***Атри наргис, рақси бод,***
***Нағмаи шавқи парастуҳои шод...***

Парвин аз ин туҳфаи зебои баҳорӣ, ки боғи фараҳбахши зоишгоҳ барояш арзонӣ медошт, нашъа бурда, зери лаб овозхонон роҳ мерафт. Дар ду самти пиёдарав рад-рад дарахтони гулафшон, ки бештар бо кулоҳҳои сафеду қирмизии худ муҳобот мекарданд, дилро ба ваҷд меовард. Насими диловез аз ҳар сӯ ба димоғ мезад, садои форами гунҷишку парастуҳо гӯшнишин буд. Ин зебоӣ бо табиати шоди Парвин, ки ҳоло баъд аз нуҳу ним моҳи издивоҷ бо худ дошт, ҳамхонӣ мекард. Ҷавони ошиқ бо илҳоми тоза ба сӯйи дилдодаи худ мешитофт, зеро аз сабук шудани Нозанин як ҳафта мегузашт ва сардухтур розӣ шуда буд, ки онҳо мулоқот кунанд. Ӯ ҳаросон буд, мехост ҳарчи зудтар бо варақаи тиббии кӯдак ошно шуда, ҳамсару навзодро бо чашми сар бубинаду хотирҷамъ шавад.

Бо вуҷуди хушҳолӣ, Парвин дар худ як навъ ҳавлу ошуфтагии ноаёнеро ҳис мекард, намедонист барои чӣ, қаъри дилаш нороҳат буд. Вақте ки ба назди дарбони таваллудхона омад, бештар бетоқат шуд, як лаҳза тамоси дарбон бо сардухтур барояш хеле тӯлонӣ намуд. Ниҳоят, дар дафтари дарбон имзои омади худро гузошту беист ба сӯйи хонаи кори сардухтур шитофт. Аз сари рӯз роҳрави бемористон пуртараддуд метофт, аксаран ҳамшираҳои хилъату кулоҳи сафедпӯш коғазу пӯшаҳоеро ба даст гирифта, ба чапу рост ҷунбуҷӯл доштанд. Дар зоишгоҳ бӯйи маҳини хосе ба димоғ мезад, гӯё атри фораме аз гиребони арӯс ба атроф паҳн мешуд. Сари ҳар қадам, дар канори тирезаю сутунҳо гулдонҳои хурду калон бо гулу гиёҳони хонагӣ ба назар мерасид. Парвин то назди дари сардухтур омаду истод ва як дам нафас рост карда, ба пушти дар ангушт зад.

– Марҳамат, дароед, – овози занонае шунида шуд аз дохил.

Ҳаяҷони Парвин бештар шуд, дар ҳоле ки дастҳояш меларзиданд, дарро боз кард. Дар кунҷи хона, дар пушти мизи паҳни нимдоира зани миёнсоле бо либосҳои духтурӣ менишаст ва машғули нависонавис буд.

– Салом, ман шавҳари Нозанин, – базӯр ҳаяҷони то гулу омадаро ба дарун кашида гуфт Парвин.

Сардухтур гап назад, фақат бо даст ишора кард, ки дар курсӣ нишинад. Хеле ҷиддӣ менамуд, бо чеҳраи гирифта беист коғаз сиёҳ мекард. Ин ҳолати духтурзан Парвинро бештар ба изтироб овард, дигар поҳояш низ ба ларза омаданд, наметавонист худро ба даст гирад, мисли ин ки дар тӯли умр бори аввал ба ин ҳол меафтод. Азбаски шабу рӯз фарзандашро фикр мекард, торафт ноустуворӣ ба ӯ чира мешуд.

– Нозанин ба ту чӣ нисбате дорад? – аз навиштан бозистода пурсид сардухтур.

– Ҳамсарам.

– Медонам, ҳамсарат аст, – садои сардухтур каме ҷаҳломез баромад, – ман мегӯям, аз назари хешовандӣ чӣ нисбате дорад?

– Духтари амакам.

Ин ҳарфи Парвин ба мисли пиёзе буд, ки ба рӯйи равғани доғ мерехт. Сардухтур як он аз ҷо хест, аз дасти ҷаҳл тамоми сураташ қирмизӣ шуда рафт. Бо қаҳр дод зад:

– Ақлат дар куҷо буд, ки бо амакбачаат хонадор шудӣ?!

Парвин забон хоид, тамоми баданаш ба ларзиш даромад. Ӯ гапе назада, сардухтур бо ҷаҳл аз нав савол дод:

– Куҷоро хондаӣ, ҷавон, мебинам таҳсилкарда менамоӣ?

Дар ҳоле ки лаби мизро сахт медошт, Парвин ҷуръат карду ҷавоб дод:

– Оре, донишгоҳи тиббиро хатм кардаам, як сол мешавад, ки дар клиникаи бемориҳои рӯҳӣ кор мекунам.

Сардухтур сари ҷо беҳаракат монд, чашмонаш гӯё аз косахона мебаромаданд. Ваҷоҳаташ чунон тарсовар шуда рафт, ки Парвин натавонист ба нигоҳҳои ӯ тоқат кунад. Сар ба зер афканд, бо ошуфтагии ботинӣ мунтазири амали баъдинаи ҳамсуҳбати худ монд. Духтурзан лаҳзае карахт истоду дубора сари ҷо нишаст. Як пӯшаро аз рӯйи мизи корӣ гирифту ба самти Парвин ҳаво

дод ва бо зарда гуфт:

– Агар мо шифокорон дидаю дониста ба хато роҳ диҳем, аз дигарон чӣ гила? Бихон, бародар, бо чашми худ бубин, ки оқибати ҳамхунию хешовандӣ кӯдаки бегуноҳро ба чӣ ҳол меафканад.

Парвин тамом шуд, гӯё як гурги гурусна дилу ҷигарашро тала мекард. Бо беҳолӣ пӯшаро боз карду дарҳол саҳифаи охирро кушод ва бетоқатона ба сатрҳои хулосаи духтур чашм давонд. Дар банди «вазъи саломатии навзод» тавзеҳ медоданд:

«Қиёфаи кӯдак ғайриодӣ аст, дар ӯ чунин нишонаҳои маълулият ҳувайдост:

1) ихтилоли ирсии таркиби хун, ки аз синтези нодурусти як ё чанд занҷираи гамоглобин ба вуҷуд омадааст, талассемия;

2) осебдидагии ҳуҷайраҳои ҳароммағз ва заифии мушакҳо, ки эҳтимол дорад ба фалаҷ шудани по расонад, полиомиелит».

Парвин беихтиёр ду дасти худро ба сар бурду мӯйҳояшро ғиҷим кард, дандонҳояшро рӯйи ҳам фишор дод. Аз ғояти асабоният тамоми мушакҳои баданаш таранг шуданд, ҳис кард, ки мағоки сараш луқ-луқ мезанад. Ёрои аз ҷо хестан надошт, чашмонаш нимапӯш шуданд, дар пеши назар симои тирафоми Нозанин падид омад, хеле андӯҳгин менамуд. Ӯро дида хиҷолат кашид, дар худ печид, бо нимовоз нола аз дил баровард: «Эҳ Худоҷон! Лаънат ба ман, марг ба мане, ки бо дасти худ ба ҷаҳолат роҳ додам! Ман аз худ мутанаффирам!!...».

# КОРИ САВОБ

Раҳим ҳар рӯз бо тангкӯчаи хокӣ гузарро миёнбур карда то истгоҳи автобус мебаромад. Барояш аз роҳи асосии мумфарш дида ҳамин тангкӯча, ки ду тараф хонаю ҳавлиҳои куҳнасохт дошт, писанд омада буд. Қадамзанон ба новдониҳои сафолини бурҷи хонаҳо, даромадгоҳҳои сангфарш, дару дарвозаҳои чӯбини пурнақшунигор ва ҳар чӣ ба назараш қадимитар менамуд, диққат медод. Ӯ чанд лаҳза роҳравон ҳис мекард, ки ин гӯшаи маҳаллааш тамоман обу ҳавои дигар дорад, гӯё барояш аз гузаштаи пурасроре дарак медод, нишонаҳоеро аз ҳунари асили

сокинонаш аён месохт. Тааҷҷуб мекард, ки чӣ хел ин гӯша аз назари навсозони чолок дур мондааст, ҷойи хонаҳои гилию чӯбинро ҳанӯз сохтмонҳои бетонию оҳанӣ нагирифтаанд. Ҳатто ба чанд дарахти чинору чормағз ва тути пир, ки шояд аз дусад сол бештар умр доштанд, даст назада буданд.

Раҳим ин дафъа ҳам намехост диданиҳои тангкӯчаи дӯстдоштаашро нодида гузарад. Ҳарчанд ба кор дер мемонд, натавонист аз тамошои дарвозаҳои дутабақаи чӯбин худдорӣ кунад. Бештар нақшунигори кӯзашакли рӯйи онҳо, ки гӯё бо шикамҳои дамидаю гарданаҳои борик кандакорӣ шуда буданд, дар оинаи зеҳнаш мунъакис мешуданд. Чунин як дарвоза дар миёнаҳои тангкӯча ӯро аз қадамзанӣ нигаҳ дошт. Хаёлаш аз пайи хатту шиёрҳои шаклгирифта ба наъли сиёҳи ҳилолмонанде банд шуд, ки дар васати пештоқи дарвоза ба назар мерасид. Наздик шуду аз рӯйи наъл даст кашид. Ба ёдаш нақлҳои бобояш омад, ки гуфта буд, наъл тилисми хушбахтию омад ва сарват аст. Ба хонае, ки дар остонаю чорчӯбаи дараш наъл задаанд, шайтон роҳ намеёбад.

Раҳим хаёломез ба пас гашт, аммо ҳанӯз ба роҳ надаромада буд, ки садои ҷонгудозе аз дохили ҳавлӣ ӯро сари ҷо шах кард. Гӯё зане аз мағзи ҷон навҳа мекашид, вале овозаш базӯр мебаромад. Оҳу нолаи ногаҳонӣ беасар намонд. Раҳим худро ба дарвоза часпонда, саропо гӯш шуд. Дубора зорию шевани зан дилашро об кард. Худ бехабар, бо тамоми қувва дарвозаро тела дод. Чун аз дохил қуфл набудааст, як табақаи дарвоза кушода шуда рафт. «Ё бисмиллоҳ» гуфту аз остона по ба дарун ниҳод, аммо ҳавлӣ хилват буд, касе ба назар намерасид. Хомӯширо боз ҳамон садои дардолуд, ки аз дохили хона шунида мешуд, халалдор кард. Раҳим овоз дод:

– Дар хона кӣ ҳаст? Хола дар куҷоед?

Садои нолаомез қатъ шуд. Аммо лаҳзае нагузашта, оҳу зории зан баландтар баромад. Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест, Раҳим бо ҳарос худро ба дарун зад. Дари хонаро боз карду манзараи асафбореро дар муқобил дид. Зани солманде бо ҳоли ночор, мӯҳои жӯлидаи парешон, лабу лунҷи хоколуду чеҳраи заҳиргашта ва чашмони нимабоз бар рӯйи намади тика-тикашудае дароз мекашид. Ӯ ёрои ҳаракат надошт, фақат

бо панҷаҳояш маҳкам аз намади зерипойӣ дошта, сарашро ба боло кашида, бо сахтӣ нола мекард. Даромадани одамро пай бурд магар, бо тамоми вуҷуд поҳояшро ба замин заду дами сард кашид ва хомӯш монд.

Раҳим дигар нигарон наистод, ҳар чӣ ақлаш мефармуд пайрави он шуд. Дар назди пиразан сари дузону нишаста, аз ду дасташ маҳкам гирифт ва ҷуссаи наҳифу сусти ӯро пуштора кард. Бо вуҷуди заифию лоғарӣ зан устухони вазнине дошт, вале Раҳим ҳама неруро ба бозувонаш дода, бо ҷадал ба самти роҳи асосӣ шитофт. Корашро фаромӯш кард, дар ин дам тасмим гирифт ҳарчи зудтар зани нимҷонро то бемористон расонад. «Эҳ, Худоҷон, чаро ҷонаш ба лаб омадаасту касе хабар надорад? – роҳравон дар мағзи худ меандешид Раҳим. – Чаро ба ин ҳол афтидааст, наход ки одаме надошта бошад? Бечора меъдаашро ҳам бо хоку лой фиреб дода магар, аз димоғаш тафти гил меояд. Эҳ одамон, одамон... ».

Пиразан дар бемористон бистарӣ шуд. Раҳим аз он ки санги касеро ба сина зада, бечораи ниматамомро зинда ба дасти духтурон супурд, хушҳол буд. Ӯ ҳама харҷи дорую даворо ба уҳда гирифт ва  бо ин умед, ки шоҳномаро охираш хуш аст, бо дили пур ба сари кор омад. Ҳарчанд тамоми рӯз машғули кор буд, лаҳзае ҳам симои пиразан аз сафҳаи хаёлаш дур намешуд. Наметавонист дасту пойи беҷон ва афсурдаҳолии вайро фаромӯш кунад. Бечорагии муштипар раҳми ӯро овард. Вақте ки сардухтур гуфт, бемор ба худ меояд, ҳоҷати хавотир кашидан нест, ҳаври дилаш пасанда шуд. Дар худ болида, дарун-дарун хушнуд гардид, ки кори хайр кард, бо ҷавонмардӣ дил ба дарё зад. Тамоми рӯз соат шумурд, то вақти корӣ ба поён расаду ба аёдати пиразан давида ояд. Орзу дошт ҳарчи тезтар аз ӯ аҳвол пурсад, бо саргузашташ ошно шавад.

Раҳим асло намехост, ки касе аз ин кори савоби ӯ хабар ёбад. Дар тӯли зиндагӣ бори аввал ин гуна фурсат барояш даст медод. Ҳама талошаш ба он равона буд, ки фурсати муносибро барои расидан ба майлу ҳавасҳои қаъри дилаш истифода барад. Пас аз кор бо шитоб ба самти бемористон роҳ мепаймуду мурғи хаёлаш дар осмони орзуҳои ниҳонаш бол мезад. Ба хотири ӯ яке аз қиссаҳои устоди адабиёт омад, ки ҳиссае аз рӯзгори Алӣ бин

Ҳусайнро бозгӯ карда буд. Вақте ки Имом Боқир падарашро ғусл медод, чашми ҳамраҳонаш ба бадани Имом Саҷҷод меафтад, ки зонуҳо, сарангушти поҳо ва бар замми он, сари китфони ҳазрат низ обила задаанд. Ҳамраҳон ба Имом Боқир арз карданд, ки зонуяю ангуштони қиблагоҳатон аз саҷдаҳои бисёр ва тӯлонӣ обила бастааст, аммо сари шонаҳояшон чаро ба он ҳол афтода? Имом Боқир фармуд, агар падарам зинда мебуд, ҳарфе ба шумо намегуфтам. Он чӣ ман медонам, ӯ ҳар рӯз мискинонро хӯрду хӯрок медод ва бо даромадани шаб он чӣ аз хӯрданӣ дар манзил изофа мемонд, дар халтаҳо меандохт. Вақте ки ҳама ба хоб мерафтанд, халтаҳоро ба дӯш гузошта, ба сӯйи манзили одамоне мерафт, ки аз рӯйи ҳаё дархосте аз дигарон надоштанд. Хӯрокиҳоро дар байни онҳо тақсим мекард, тавре ки касе хабардор намешуд. Аз ин кори ӯ ман ҳамеша воқиф будам ва медонистам, ки ӯ мехост пинҳонӣ ва бо дасти худ назр диҳад. Ӯ мегуфт, хайру эҳсони пинҳонӣ шуълаҳои ғазаби Парвардигорро хомӯш мекунад, вақте касе аз шумо бо дасти рости худ садақа медиҳад, онро аз дасти чап махфӣ бидорад...

Раҳим аз дари бемористон даромадан замон бе даранг ба қабати дуюм баромад ва ба сӯйи хобгоҳи беморон шитофт. Ӯро дар роҳрав парастори масъул пешвоз гирифт ва бо лабханд арз кард:

– Ташвиш накашед, бародар, модаратон ба худ омаданд, ҳама безобитагӣ дар пушт монд.

– Садқаи забони ширинат шавам, хоҳарҷон, – аз «модаратон» гуфтани парастор ба завқ омада ҷавоб дод Раҳим, – ягон чиз таҳдилӣ кард ё не?

– Ним соат шуд, хӯроки асрро додем, косаашонро то охир лесида ба дастам доданд, бечора гурусна будаанд.

– Дасти танҳоӣ хушк шавад, намедонам чаро ба ин ҳол афтидааст. Ба назарам, одамонаш партофта рафтаанд, номардон!

Парастор бо таҳайюр нигоҳе ба Раҳим афканду гуфт:

– Ман фикр кардам модари шумоянд, ӯро намешиносед?

– Не, хоҳарҷон, ӯ ба ман ҳам бегона аст, аммо акнун ба вай бефарқ нестам. То ба по нахезад, ором намегирам.

– Худо ба шумо мадад кунад, одами меҳрубон будаед, – бо мамнунӣ афзуд парастор ва чун ба палата расида буданд, дарро

кушод. Халтачаи нону меваро аз дасти Раҳим гирифту ӯро ба сӯйи пиразан ҳидоят кард. Раҳим чеҳраи боз ва нигоҳҳои маъюси ба хурсандӣ моили занро дида ба ваҷд омад. Ҳамоно дар назди нимкати хоб ба рӯйи курсӣ нишаст ва беихтиёр бо ду даст панҷаи пиразанро дошта истод. Ба ӯ нигоҳкунон хӯриаш омад, наметавонист ҳарфе ба забон оварад.

– Халоскори ман туӣ, писарҷон? – бо садои паст лаб ҷунбонд пиразан.

Раҳим чизе нагуфт, каме сарашро такон дода, дастони ӯро маҳкамтар фушурд.

– Барака ёб, умри дароз бин, писарам, – илова кард пиразан ва дар ду гӯшаи чашмонаш оби дида ҷило дод.

Чанд муддат дар палата хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Раҳим намехост пиразанро ба гап гирад, аз беҳол шудани ӯ дилвопас буд. Фикр мекард, ба суҳбат ҳанӯз фурсат мерасад, ҳоло бемор бояд дармон ёбад. Аммо зан боз ба гап даромад:

– Маро ҷигари худам фиреб дод. Духтари якравам шавҳарашро партофта, аз пеши мо ба ин ҷо омада буд. Як марди зану кӯдакдор вайро аз роҳ зада, ба занӣ гирифтааст. Дукаса як рӯз омаданду ба ҷону ҳолам намонда хонаю дарамро ба фурӯш монданд.

Пиразан як лаҳза ором шуд. Парастор, ки болои сарашон рост меистод, беҳолии ӯро пай бурда, дарҳол як пиёла об дод ва бо меҳрубонӣ гуфт:

– Холаҷон, худатонро азият накунед, дам гиред. Ҳар гоҳ сиҳат шудед, бо дили пур саргузашти худро нақл мекунед, мо гӯш мекунем.

Аммо пиразан ҳозир набуд аз дарди дил гуфтан даст кашад. Ӯ оби пиёларо хӯрда, нафаси осуда кашид ва аз нав ба сухан даромад:

– Ҳама бисотамро пул карда, маро бо худашон оварданд. Ваъда дода буданд, ки то охир ба ҳолам мерасанд, ба ман саробонӣ мекунанд. Вале, қасам ба дилҳои хаста, қариб ним сол рӯз шумурдам, аз онҳо дарак нашуд. Танҳо мондам, азоби гӯрро кашида, аз ин дару аз он дар базӯр шикам сер кардам. Охирсар ҳолам рафт, аз пой афтодам, ҳатто маҷбур шудам хоку гили хонаамро хӯрам...

Пиразан гиря кард, бе овоз. Раҳим бештар маҳзун гардид. Дубора дасти ӯро гирифта, бо ҳисси раҳмдилӣ гуфт:

– Ман шуморо дар он ҳол дидам, дилам сиёҳ шуд. Акнун бошад, ҳама азобӣ паси сар монд, модарҷон, худам ба шумо ғамхорӣ мекунам.

Пиразан дигар чизе нагуфт. Бо як ҳаракат ба паҳлу гашт ва бо ишораи дасти ӯ Раҳим сари худро ба рӯйи сандуқи синааш гузошт. Вақте ки онҳо мисли модару писар дар оғӯши якдигар шуданд, парастор бо тамоми вуҷуд ба завқу ҳаяҷон омад ва аз хурсандӣ оби дида рехт.

# ВАФОДОР

Вақту соати хонаҷудо шудан ҳам фаро расид. Барои додарам, ки лоиқи зангирӣ шудааст, бояд ҷой холӣ кунам. Вале, гузари мо ин қадар серманзил аст, ки ҳатто ба андозаи кафи по замини холӣ надорад. Чӣ бояд кард? Агар дар теппагиҳои атроф хона созам, чашмаю сойи обу сафои боғ дурӣ мекунад, агар дар гузарҳои дигар ё деҳаҳои наздик манзил гузинам, рафтуомад ба мактаб мушкил мегардад. Дар куҷо санг партоям, ки ҳам дил ба даст ояду ҳам ёр наранҷад...

Дар дили ин саргарангиҳо модар ба имдодам расид. Ӯ хаёландешиҳои маро пай бурд магар, пурсид:

– Писарам, имсол чашмаи Найзор об дорад?

– Оре, обаш аз роҳи калон ҳам мегузарад, ҳоло гирду бараш сабзу хуррам аст!

– Чаро мо онҷоро обод накунем? Агар донӣ, бо оби чашмааш як боғи корикалонеро метавон барпо кард ва доманаҳои атрофаш низ барои парвои як рама мол мусоид аст.

Дар байни гузари мо ва дараи Найзор як теппа ҳасту халос. Агарчи ба чашм наменамояд, роҳаш аз як чақрим зиёд нест. Миёни ду доманакӯҳ, боҳаво, чашмаи сероб дорад,  ҳар гуна боду бӯрон аз баногӯшаш мегузарад. Бо дилгармӣ ба он гӯшаи бекорхобида, гуфтам:

– Рост мегӯйӣ, очаҷон, ту изн медиҳӣ ман дар ҳамон ҷо барои худ кулбае созам?

– Ман аз Худо мехоҳам! Кош  дасту остин бар занию ба он дара

ҳусни нав бахшӣ, ин орзуи деринаи падари раҳматиат ҳам буд!

– Ман ин корро мекунам, – бо ирода изҳор кардам ман, – дараи Найзорро ба гулистон табдил медиҳам!

Модарам ба ваҷд омад, маро дар оғӯш гирифт, як лаҳза худро дар бағали босафои биҳиштӣ ҳис кардам...

Ба маҳзи ин ки айёми таътили тобистона оғоз шуд, пайрави гуфтаи модар, дар саргаҳи дараи Найзор барои манзилсозӣ дасту остин барзадам. Азбаски то он дам аз каҳу гулмех сар карда то вассаю болору шифер ҳама масолеҳи сохтмониро фароҳам оварда будам, тайи муддати кӯтоҳе ду дар хонаи даҳлез дар васат, ошхона ва ҷудогона як оғилхонаю ҷойи берунравиро сохта тамом кардам. Паҳнои атрофи чашмаро низ гирдогирд девор гирифтам ва замини боғро шудгор карда мондам. Аз деҳа бо симчӯбҳои се-чоргазӣ хатти барқ кашида, хонаю дару тамоми дарaро чароғон намудам. Барои худ аҳд кардам, соли оянда як иморати дидании дуошёна месозам ва боғамро дарахтзору токзор мекунам. Хоки заминам дамгирифтаи серҳосил менамуд, ба он бо орзуҳои зиёд умед бастам.

Ҳангоми сохтусози хонаюҷо ҳамеша дар канорам бародари аз ман калонтар Шукурҷон буд ва ӯ бо трактори худ хеле корамро осон кард. Аз кунҷи деҳаи Симоб, бештар аз якуним фарсах роҳ паймуда, болору вассагӣ овардем, барои деворсозиҳо қариб сад боргир хоку санг кашондем, аз боғи бобоям найи пушти бомро расондем, бо ҳам монда нашуда ҳашарҳо кардем. Ҳамон даме, ки ин бародарам ба ман пайваст, саги азимҷуссаи ӯ – Вафодор низ ҳамроҳамон буд. Саг аз рӯзҳои нахустин дар манзили пуштикӯҳии мо монд, дигар ба хонаи бародарам барнагашт. Вай шабу рӯз нигаҳбонӣ мекард ва ба туфайли ҳузури ин дӯсти бовафо аз доманакӯҳҳои бағалӣ мавҷи ҳар гуна садою уллоси рӯбоҳу шағолон аз бех канда шуд. На фақат хонаю дар, ҳамчунин тӯдаи бузу гӯсфанд ва як олам мурғамонро ҳам посбонӣ мекард. Шояд иғроқ мешавад, дар асл, вай саг не, ҷони одам буд! Ба вижа, афтону хезон, дастугиребон шуданҳои ин ҷонвари меҳрубон бо духтари кучулуи шашмоҳаам ҳамаро ба таааҷҷуб меовард. Ҳамсарам бар рӯйи арзи дарамон гилему намад мепартофт ва духтаракамро дар ихтиёри Вафодор мегузошту худ аз пайи зиндагӣ мешуд. Саги мушфиқу ғамхор бошад, поҳои пушташро

ба ақиб ёзонда бо шикам дароз мекашид ва дӯсти хурдаки худро рӯйи поҳои пешаш мегирифт ва ба пеш мехазид. Гоҳе ӯро ба замин раҳо мекарду дубора мебардошт, ки ин ба духтарам кайфу сафо мебахшид ва қиқирросзанон механдиду механдид...

Дарахтҳо барг мерехтанд, барги зарду қаҳваӣ. Фасли хазонрезӣ ҳукм меронд, ҳавои салқину серун ба кӯйи сардӣ даст меёзонд. Аз рӯйи одатҳои сабуксарона, се нафар зани бародарон, аз ҷумла, ҳамсари банда, аҳд карданд ба ҷашни таваллуди дағечи* бузургӣ ба шаҳр раванд. Аз ин тасмими онҳо модарамро хушаш наомад, бо зарда гуфт:

– Боисталаб набошед, дар бағали ҳар якеат бачаи ширмак ҳаст, дар ин салқиниҳо кӣ мондааст ба шумоён таваллудро? Ин ҳама кор пеши по рехтааст, меҳмонравӣ накарда, рӯзғори худа саранҷом кунед намешавад?!

Вале, гӯш кардан куҷо?! Занҳои «боисталаб» таваллудро пеш диданд. Ҳамсари ман субҳи барвақт духтаракамро дар бағал гирифта, бо як сар табақи савғо ба роҳ баромад. Агарчи ба меҳмонравиҳои ҳамсар боре ҳам халал нарасондаам, ин лаҳза дилам намехост ӯ ба сафар барояд. Дилвопас будам, худро ноҳинҷору ошуфта ҳис мекардам. Кучулуи нозанинамро дар бағал гирифта дер боз ширинбинӣ кардам, ҳатто ба ҳамсарам гуфтам:

– Ноз-нози маро набар, бо Вафодор меистад.

– Кӣ шир медиҳад?

– Як рӯз шири буз медиҳем.

– Як рӯз не, се рӯз мегардем.

– Моро пазмон мекунед! – аз бӯйи бомазаи кӯдакона бештар лаззат бурда, ноилоҷ духтарро ба дасти модараш додам.

Онҳо ба роҳ афтидаанду ногоҳ Вафодор уллоси баланде кашид. Вай дар пеши ман намонда давиду аз пайи ҳамсарам рафт ва аз ӯ пеш гузашту як он ҷуссаашро дар пеши нояш афканд. Ҳамсарам «гард, гард»-гӯён тоб хӯрда ба пеш рафт. Саг бошад, дубора аз ҷо хеста давиду ба пеш гузашт ва боз ҷуссаашро дар пеши нояш афканд. Зан ин дафъа бо ошуфтагӣ дод зад:

***дағеч -** зани бародари шавҳар*

– Гум шав! – ва ба ман рӯ оварду имдодҷӯёна афзуд: – Додош, гиред ин балои ҷона!

Ман сагро чеғ задам. Аммо, куҷо, худро тӯрба барин партофта аз ҷо намеҷунбид. Ҳамсарам дубора давр заду ба пеш гузашт. Ин дафъа Вафодор ҷаста аз ҷо хесту аз қафо домани занро маҳкам ба даҳан гирифт. Ҳамсарам худро ба пеш мекашид, саг ӯро ба ақиб. Кашокаш чанд лаҳза давом кард. Дигар, мани ҳайратзада тоқат накарда, ба наздашон омадам ва бо як азоб сагро ҷудо карда дар бағал нигаҳ доштам. Ҳар ду нигарон мондем, ҳамсару духтаракам аз теппа нопадид шуданд. Вафодор дар бағали ман дасту по мезад, инг-ингкунон халос шудан мехост. Медидам, дар бехи чашмонаш ашк ҷило мезанад, ба шигифт омадам...

Аз байн ду рӯз гузашт. Бо писару духтари бузургам корубори зиндагиро яксӯ карда, дар хона пушти суфраи шом нишастем. Ҳанӯз як луқмаӣ ҳам нахӯрда будем, ки ногоҳ садои тақарроси баланде аз пушти дар шунида шуд.  Ҳар се баробар аз ҷо хестем ва ман дарро боз кардам. Вафодор дар пушти дар буд, моро дидан замон ба сӯйи теппагии самти деҳа дартоз шуд. Ман аз дунболаш афтидам. Саг беист то хонаи падарам давида омад ва аккосзанон дар пушти дарвоза қарор гирифт. Модарам ӯро шунида ба берун баромад.

– Чӣ гап, писарам? – хавотиромез пурсид  модар.

– Намедонам, Вафодор безобита аст. Баъд аз рафтани келинат оромӣ надорад, ба худ ҷойи нишаст намеёбад.

– Илоҳо, хайру хубӣ бошад, – модар сари сагро ду-се масҳ кард, – барои чӣ ошуфтаҳолӣ, чӣ шуд ба ту?

Аммо саг уллоси пасти дардолуд мекашид, гоҳ-гоҳ забонашро берун карда беист ҳаллос мезад, зоҳиран мехост дарди дил гӯяд, аммо аз дасташ намеомад. Сарашро ба дастони модар молида-молида як он нороҳат шуд ва дубора сар ба ақиб ниҳоду дартоз шуд. Ман аз пушташ ба роҳ афтодам...

Субҳи зуд бо садои баланди бародарам парида аз ҷо хестам. Ӯро дар назди дар маъюсу музтарибҳол дидам. Бо овози хаста гуфт:

– Додарҷон, бачаҳоро бо худат гир, дар назди оча мемонему ба шаҳр меравем.

– Чӣ гап?!

– Тез шавед, дар роҳ мегӯям.

Аз сарам оби ях рехт бародарам. Вуҷудам ба ларза омад. Ҳаросон либос пӯшида, дари хонаро қуфл зада, бо бачаҳо ба сӯйи деҳа роҳ пеш гирифтем...

Худоё, ин рӯзҳо ба сари касе наояд. Бо дили хунобшуда, ашкрезон ба шаҳр мерафтам, савори мошини сабукрав. Роҳ гӯё охир надошт, Худо намехост мани ҷигаркабобро ба назди духтари кабобшудаам расонад. Ҳастиам мисли ин ки дар зери панҷаи гургҳои хуношом буд, аз ҳар сӯ маро мехарошиданд, мегазиданд, лахтулаб мекарданд. Ҳалқам қоқ мешуд, мағзам орухона. Поҳоям чун ду чӯби овезон ба тани беҷонам часпида буданд. Дилам ҳавл меовард, шушам дар мегирифт, гурдаҳоям об мешуданд...

Дар бемористони шаҳри наҳс ҳамсарамро гирёну нолон ва кучулуи ноз-нозиамро бо тану ҷони сӯхтаю пухта ва бодгирифта дидам. Ҳуш аз сарам парид, дар худ неру ёфта, ӯро дар бағал гирифтам. Бароям чашм кушод, лабонаш ба табассум моил шуд. Беихтиёр, ба дуохонӣ даромадам. Дурудароз дуо хондам, дар бағалам хоб монд. Ӯро рӯйи кат хобонидем. Шояд се-чор соат аз миён гузашт, кучулуам дубора бедор шуд. Бо чӣ забон гӯям, ӯ сари ҳол буд, ҳеҷ боде дар бадан надошт! Вале, духтури ба сари мо омада дилҳоро сард кард, ӯ бо афсӯсу надомат ба мо дил медод:

– Бародар, худро ба даст гиред, аз духтар дигар умеде нест, шумо дардашро сабук кардед.

Дар воқеъ, давутози мо он шаб бесамар гузашт. Ман духтаракамро бой додам. Саҳарӣ, ҳанӯз сапедии рӯз надамида, аз нафаскашӣ бозмонд. Як чойник чойи сӯзоне, ки дар хонаи беодаммонда ба сараш рехтааст, ҷони ҳанӯз ҷоннагирифтаи кучулуи азизамро сӯзонда беҷон кард. Ҷуссаи берӯҳи ӯро ба деҳа овардему бо дилҳои хастаю абгор гӯручӯб кардем...

Ҳамон рӯз мани мотамгирифта ва бародарам пас аз зуҳр ба хонаам рафтем. Дилам мехост Вафодорро бубинам, аммо аз ӯ хабаре набуд, ба сӯямон давида наомад. Вақте ки ба ҳавлиам расидем, манзараи даҳшатборе дубора баданамро ларзонд. Саг сар ба остона гузошта беҳаракат мехобид. Тамоми баданаш мӯкандаву хуншор буд. Ашкрезон вайро низ дар як гӯша зери хок кардем.

Ин ҳама дарду азо кам буд магар, ҳамон рӯз гови дарам низ дар назди оғилхонаам беҷону беҳаракат  дароз мекашид. Ҳеҷ сар дарнаовардам, ки ин чорпоям барои чӣ мурдааст? Дигар, аз зиндагӣ дасту дилам ях шуд, дараи Найзорро бад дидам. Дар ниҳояти дилтангӣ, деҳаи азизамро тарк кардаму ба шаҳри дуре кӯчидам ва чанд муддат бо ҳоли гирифтаю қаландармаоб умр ба сар бурдам. Аз он пас, ҳар гоҳ ҷашни таваллудеро шунавам вуҷудам раъша мезанад, худро аз ин гуна нишаст дур мегирам...

## БОРИ КАҶ БА МАНЗИЛ НАМЕРАСАД

***Тамаъ карда будам, ки кирмон хурам,***
***Баногоҳ хӯрданд кирмон сарам.***
**(Саъдӣ)**

Насим баробари ворид шудан ба шаҳри бузург худро ба тӯдаи мардикорон пайваст. Танҳо ҷойгоҳи ин тоифаи озодманиш дару дарвоза надошт. На саг буду на нигаҳбоне, ки пеши роҳи касро бигиранд, ав-ав кунанд ё шиноснома пурсанд. Кас дар ин тӯда хешро озод ҳис мекунад, ба аҳадунносе мутеъ нест, ба ҳеҷ гуна раҳбар гузориш намедиҳад. Дар тӯли рӯз танҳо коре, ки мекунад, ҳарисона ба самти роҳ дида дӯхтан аст. Ҷодаи бузург бошад, доимо пури мошин, худравҳои ранг ба рангу хурду бузург пайи ҳам шуввас зада гузашта мераванд. Аммо, ҳеҷ кадоми онҳо аз чашмони бозикуни мардикорон дур намемонад, ҳар яке аз нефаи нигоҳҳои умедвору озманд мегузарад. Ба маҳзи ин ки мошине дар канори ҷойгоҳи мардикорон тормоз медиҳад, ҳамоно галаи бесаробон ба монанди селаи мурғони ҳаво, ки ба туъмаи пайдошуда як он фурӯ мерезанд, ба сӯйи он ҳамла меоваранд. Аз пайи талоши лаҳзаина толеи чанд кас механдаду халос. Бо вуҷуди ин, рӯбароҳон ноумед намешаванд, боз ҳам дидаи пурумед ба сӯйи корвони худравҳо медӯзанд.

Дар рӯзи аввал Насим ба нияти худ нарасид. Ҳамин ки корфармое меомад, мардикорони ботаҷриба дар як чашмпӯшӣ ӯро печонида мегирифтанд. Насим бошад, ҳар гоҳ аз ҳалқа берун мемонд, дасту бозувони таранг ва ҷуссаҳои гармухунукдидаи

нерумандро тела дода, худро ба даруни тӯда задан кори осон набуд. Бо ин ҳол дар тӯли рӯз ҳатто як маротиба натавонист бо корфармое рӯ ба рӯ шавад, фақат аз зарбаю нохуни ташнабакорон захмию хунобча шудани бадану дастҳову рухсораш монду халос. Вақте ки дид, пардаи шомгоҳон ба атроф нишаста, торикӣ рӯзи равшанро ҳарчи бештар дар худ мебалъад, дилашро ваҳм зер кард. Дигар тӯдаи корҷӯён низ пароканда шуда, ноаён ҳама пасу пеш ғайб мезаданд. Вай бошад, ҷойи рафтан надошт, намедонист ба куҷо сар гирад. Дар тану вуҷуди худ сардии бегоҳиро ҳис кард. Тугмаҳои камзӯлашро гузаронд, аз кӯлбори ба китф овезон кулоҳи гармро гирифта пӯшид. Пай бурд, ки гурусна аст. Пулҳояшро аз киса дар оварда шумурд: панҷ ҳазор сӯм. «Ду дона санбӯса меояд», – забон хоид ӯ. Ба самти чойхонаи бағали бозор роҳ пеш гирифт...

... Ҳама чиз дар хона ғайриодӣ аст: кӯрпаю болиштҳо паҳну парешон, қолини деворӣ аз як сӯ канда шуда андармони мехе кашол меистад, дастурхон бо тиккаҳои сахтшудаи нон дар зери по, аз барқи хона хабаре нест магар, чароғе бо шишаи дудагирифтаи худ базӯр рӯшанӣ медиҳад. Аз ин бадтар, ҳоли модар ташвишовар менамояд, вай дар як гӯша дасту по дар бағал ҷамъ карда беист менолад, дард мекашад. Ногаҳон овози ҷонгудози ӯ аз зери гӯш садо дод. «Очаҷон!»-гӯён сар бардошт Насим. Чашм кушоду дар ҳавои нимторики саҳарӣ дар рӯ ба рӯйи худ ду ҷавони формадорро бо чӯбдаст дид. Яке дубора калтаки резинии худро ба болои сараш баланд кард.

– Не-е, назанед маро! – ба худ омада дод зад ӯ ва парида аз ҷо хест.

– То кай аз дунболи шумо бехонумонҳо мегардем, барои чӣ дар кӯча хоб рафтаӣ?! – аз задан худдорӣ кард ҷавони посбон. – Агар нахоҳӣ ба зиндон барем, тез лашулушатро ҷамъ куну аз ин ҷо дафъ шав!

Насим ҳамоно кӯлборашро аз замин бардошта ба дӯш гирифт. Дигар ҳарфе назада, пӯшт-пӯшт ба ҷониби ҷойгоҳи мардикорон шитофт. Роҳравон ҳис кард, ки бозуи росташ месӯзад. Хоби дидааш дубора дар сафҳаи зеҳнаш зинда шуд, дар худ ларзид. «Очаҷонам нола мекашид, дарди ҷонкоҳе дошт, – ба ёд овард ӯ. –

Аммо дастам барои чӣ месӯзад? Ҳа, ман аз зарбаи посбони шаб бедор шудам ва шояд ҳам... аз оҳу фиғони очаам. Бечора ба чӣ ҳол бошад? Маро ба мардикорӣ фиристоду худаш чӣ мехӯрад?». Оҳи вазнин дар сина кашид. Беихтиёр дасташ ба рӯйи шикам рафт, гурусна буд. «Бояд тоқат кунам, – аз нав ғарқи андеша шуд ӯ, – имрӯз ба ҳар қимате бошад кор мегирам, пул меёбам. Дар деҳа мехостанд коргари мағозаи тағоям бошам, асло! Намехоҳам дӯсту душман ҳаммолии маро дида мазоҳ кунад. Омодаам дар ин ҷойҳои ношинос ба ҳар гуна амал даст занам, вале дар деҳа не. Ман бояд бо пули пур баргардам, ба боли очаам дароям, вайро аз хиҷолати камбағалӣ раҳо созам».

Ҳанӯз барвақт буд, дар ҷойгоҳи мардикорон касе ба чашм намерасид. Насим чанд муддат дар канори ҷода ба ин сӯву он сӯ қадам заду охирсар ба рӯйи кундае, ки аз дарахтҳои буридашуда ҷо монда буд, нишасту по ёзонд. Бо шукуфтани ғунчаи сафеди рӯз аз ҳар тараф сару тани мардикорон намудор шудан гирифт. Онҳо аксаран ҷуфт-ҷуфт ё се-чор нафарӣ меомаданд, мисли ӯ корҷӯёни танҳо кам буданд. Хеле мехост вай низ ҳамроҳе дошта бошад, аммо аз куҷо? Намедонист ба кӣ наздик шаваду киро ба худ шарик созад. То ҷое ҳама дар ин муҳит ба якдигар рақибанд, касе намехоҳад луқмаи даҳонашро аз даст диҳад. Ба гап гирифтани корфармо кори осон нест, аз миёни ин қадар довталаб худро чӣ хел шинос мекунад?

– Дар фикри кадом ҷононаӣ, додар? – ногоҳ баланд шуд садои дағали марде, ки бо як рафиқи худ дар назди ӯ пайдо шуданд. – Ту ин ҷо бо мақсади кор ҷустан омадӣ ё барои хаёлронӣ? Қариб як соат аст, ки даст зери манаҳ гузошта нишастаӣ ё шалворат ба кунда часпида монд?

Насим нимҳазлу нимҷиддӣ бархӯрд кардани марди ношиносро пай бурда лабханд зад ва беихтиёр аз ҷо баланд шуд. Дар ҳоле ки ба дасти дарозкардаи мард даст медод, ба сухан омад:

– Рости гапро гӯям, бори нахуст ба бозори мардикорӣ омадам. Ниятам пул ёфтан аст, аммо намедонам аз куҷо сар кунаму сарамро ба куҷо занам.

– Ана, халос! – афзуд ҳамон марди аввалӣ, ки аз зери гӯш

то таҳи ҷоғ доғи захм дошт ва чашмони бузургаш гӯиё одамро фурӯ мебурданд. – Мехоҳӣ ба ману рафиқам шарик шавӣ?

Насим як ба марди ношинос ва як ба ҳамроҳи ӯ нигоҳ афканду дудила нашуда гуфт:

– Оре, агар ба сафи худ қабул кунед, ман бо ҷону дил розиам, вале чӣ кор мекунем?

– Кор ёфтан ба зиммаи ман, додар, – бо қатъият гуфт марди ношинос, – фақат шумо ду нафар бояд бо чаққонӣ ҳар чӣ мегӯям анҷом диҳед. Тезкорӣ ва гапдонии шумо силоҳи асосии мост!

Насим намедонист ба ин марди олиҳиммат, ки дар лаҳзаи ногувор ба ӯ дасти ёрӣ дароз мекард, чӣ гӯяд. Ба хотири пулёбӣ омода буд дасту пояшро ба ҳар гуна садду сангар, сарашро ба ҳар навъ сӯроху охурча занад. Ӯ, дар воқеъ, ҷавони чусту чолок буд, метавонист ҳар гуна кореро, ки ба уҳдаи мардикорон мегузоранд, анҷом диҳад. Чун парвардаи деҳа аст, аз мушкилие ҳарос надорад, метавонад ҳатто ба ҳар гуна амали сахту сангин дасту панҷа нарм кунад. Охир, барои кор кардану заҳмат кашидан омадааст! Дар нигоҳи аввал ду марди бегона то ҳадде зишту бадзот менамуданд, аммо барои ӯ ин бадгуҳарӣ аҳамияте надошт. Муҳим ин буд, ки барояш кумак кунанд ва ӯ аз муфлисӣ раҳо ёбад, таваккал ба Худо...

– Аз ман дилатон пур бошад, бародар, – бо умеди ин ки ҳамраҳони нав ба ӯ бовар кунанд гуфт Насим, – агар ҳаққамро сари вақт диҳед, аз ҳеҷ гуна кор сар намепечам.

– Номат чист?

– Насим.

– Маро Даҳшат меноманду ӯро Мормулак, – ба рафиқаш рӯ оварду хандид марди ношинос ва афзуд: – Вақте ки бо мо кор мекунӣ, тез мефаҳмӣ, ки барои чӣ мо чунин исмҳое дорем. Шояд як рӯз ба ту низ ин гуна лақаб гузорем, нороҳат ки намешавӣ?

– Чӣ ҳам мегуфтам, агар кор тақозо кунад ба ҳамааш розиам.

– Хуб, Насимҷон, дигар вақти ҳангома нест, аз пайи кор шавем!

Ҳар се аз миёни корҷӯён баромада, аз канори ҷодаи бузурги мошинрав ба самти поин сарнишеб шуданд. Насим тасмаи кӯлборашро аз китф гузаронда, тез-тез қадамзанон аз дунболи

ҳамраҳони нав роҳ мерафт. Онҳо аз ҷойгоҳи мардикорон хеле дур шуданд. Пиёдаравон Даҳшат ба Насим, ки то ҳанӯз ба кучо рафтану чӣ кор карданро сар дар намеовард, гуфт:

– Ҳар гоҳ амалиётамон сар шуд, гӯшу ҳуш ба ишораю дастурҳои ман бош. Ҳар чизеро, ки ба дастат медиҳам, фавран зери доман ё дар ҷайбу кӯлборат пинҳон кун. Ба ту дигар ҳеҷ гуна ҳаракати изофӣ лозим нест. Мефаҳмӣ чӣ мегӯям, Насим?

– Оре, фаҳмидам.

Аммо, он амалиёте, ки мебоист сурат гирад, барои Насим мубҳам буд. Бо ин ҳол, барои ӯ аҳамияте надошт, ки чӣ гуна фармоишро анҷом медиҳад. «Хари лӯлиро об деҳу пулашро гир» гуфтаанд, аз ин хотир, ду чашм ба амри корфармояш хоҳад шуд, уболу savоби амалаш бошад аз сари ӯ соқит аст. Ҳарчанд бехаёл буд, дар ин лаҳза ҳавлу ҳаросеро дар худ ҳис кард, мехост ҳарчи зудтар воқиф шавад, ки ҳамкоронаш чӣ каромоте анҷом доданианд.

Пас аз чанд муддати роҳгардӣ, дар ҷое, ки аз пиёдараву кӯчагардҳо хабаре набуд, Даҳшат аз ҳаракат бозистод. Ҳар се нафас рост карданд. Аз канори онҳо дар роҳи сертараддуд пайи ҳам мошинҳои хурду калон шуввосзанон гузашта мерафтанд. Дар ҳамин ҷо Даҳшат пештар баромада, бо тик кардани ангушти ишора барои нигаҳ доштани такси азм кард. Лаҳзае нагузашта як сабукрав суръати худро коста дар наздашон тормоз дод.

– Мо то сирк меравем, бародар, – гуфт Даҳшат ва бо як чашмандозӣ салону гирду бари ронандаро аз зери назар гузаронд, – чанд пул мегирӣ?

– Тибқи маъмул, даҳ ҳазор.

– Ӯ-ҳӯ! Аз роҳат намон, бародар! – хунсардона дари мошинро пӯшида худро канор кашид Даҳшат.

Насим медид, ки Мормулак фақат дар камин меистад, на ҷилав меояд, на ба кори сардор дахолат мекунад. Зоҳиран, пайтеро мепоид, ки барояш дастур диҳанд ва мисли бабре ба болои туъма хез занад. Пас аз каме интизорӣ сабукрави дигаре таваққуф кард. Даҳшат дари мошинро кушода, дар ҳоле ки чашмонаш ба ҳар сӯ бозӣ мекарданд, пурсид:

– Метавонед моро то бозори Паркент расонед?

– Бо ҷону дил, чанд пул медиҳед?

– Панҷ ҳазор.

– Эҳ?! Медонӣ то он ҷо чӣ қадар роҳ аст?

– Чӣ фарқе дорад, ту ба мо гӯй, мебарӣ ё не?

– Бародар, агар понздаҳ ҳазор диҳӣ, чашм!

– Аз роҳат намон! – садо баланд кард Даҳшат ва дарро баст.

Насим на аз оҳанги пурсупосу баҳси ду нафар, балки аз он ки сардорашон ин дафъа тамоман адреси дигарро мепурсид, сахт дар ҳайрат монд. Вақте ки мошин газ дода аз наздашон дур шуд, хост аз Даҳшат шарҳи ҳол пурсад, аммо асабонӣ шудани ӯро диду худдорӣ кард. Ӯ низ мисли Мормулак ба даҳон об гирифта, бепарво истодан гирифт. Даҳшат бошад, тез ба худ омад, оҳиста-оҳиста ба самти пеш қадамзанон аз нав ба сӯйи мошинҳои равон ангушт тик кард. Дере нагузашта як сабукрави нав сигнали кӯтоҳе доду дар канори ҷода истод. Ронанда шиму костюми сиёҳ ба тан дошт, ҳатто галстуки хат-хатие ба гардан зада буд, ба назар мерасид марди зиёӣ аст. Ӯ баробари таваққуф кардан шишаи дари пешро поин овард. Даҳшат низ дигар дарро боз накарда ба дарича сар монд ва бо илтифот ба сухан омад:

– Монда набошед, бародар, ба кадом самт меравед?

– Ташаккур, Худо хоҳад, то Юнусобод.

– Ана ин гапи дигар! Ним соат боз такси медорем, чист ки мошине ба Юнусобод равад, – бо хушҳолӣ ба суханаш идома дод Даҳшат ва пас аз чорчашм дохили мошинро варандоз намудан як лаҳза қоматашро рост карду ба Мормулак чашмакӣ зад ва ба Насим низ ишора намуд, ки ба сабукрав нишинад. Худаш ҳамоно дарро кушода дар паҳлудасти ронанда нишаст ва афзуд: – Бародар, хоҳари дӯстамон сахт бемор шудааст, бояд рафта ӯро биёрем. Ҳоло то Юнусобод ҳар қадар мехоҳед аз ӯ гиред, – гуфт ва ба самти дигар ишора кард.

Мормулак аз тарафи чапи ронанда омада, мисли ин ки пул мебаровада бошад даст ба ҷайб бурда, ӯро ба гап гирифт:

– Гӯед, ака, дастмуздатон чанд сӯм мешавад?

– Аз ҳимматат, роҳам ба ҳамон ҷониб аст, ҳар чӣ диҳӣ розиам.

– Мошин аз они шумо, нашавад, ки ман пуле диҳаму баъдан дуои бад кунед?

– Он ҷо хоҳарат бемор будааст, ба одам савоб ҳам лозим аст, охир?!

– Раҳмат, ака, одами бафаҳм будаед, кош ҳама мисли шумо бошанд...

Дар ин лаҳза, вақте ки ронанда бо Мормулак машғули суҳбат буд, Даҳшат ду чашм ба сӯйи онҳо як ҳамёни чарминро аз поин ба қафо дароз кард. Насим баробари дидани дасти дарози сардор ба ёдаш маслиҳатҳои қаблии ӯ омад. Дигар ҷойи истиҳола набуд, бедаранг ҳамёнро гирифту дар кӯлбораш андохт ва гӯшу ҳуш ба амру дархости дигар шуд. Сардор гӯё аз суҳбати ронандаю Мормулак дилтанг шуда бошад, садо баланд кард:

– Ҳой, ин қадар ҷоғат тафсида рафт, пули роҳро медиҳӣ ё не? Ба мо дер шуд-ку?!

– Ҳозир, ҳозир, – ҳаросон шуд Мормулак ва ба кофтукови ҷайбҳояш пардохт, аммо чизе наёфта хиҷолатомез гуфт: – Ноомади корро бубинед, бо шитоб баромадему пулам фаромӯш шудааст. Эҳ, сад афсӯс...

– Марг ба он хотираат! – бо ғазаб бонг зад  Даҳшат ва дарро кушода истода афзуд: – Пулат набудааст чаро такси нигаҳ медорӣ?! Марг ба ту, беҳуши склероз!

Мормулак бо ранги парида ва гуноҳкорона аз ронанда маъзаратхоҳӣ намуд:

– Моро бубахшед, ака, аз роҳатон намонед. Дигар илоҷе надорем, бояд ба хона баргашта пул гирам, узр...

Бо ишораи Даҳшат Насим низ ҷаста аз мошин фаромад. Дар ҳоле ки сардор доду ғирев бардошта ҳамкори «ношуд»-и худро сарзаниш мекард, ронанда мошинро ба данда зада пой рӯйи газ гузошт. Баробари дур шудани сабукрав Даҳшат амр кард:

– Нагурехта номард, ба самти муқобил мегузарем, зуд бошед!

Бо як чашмзанӣ аз пасу пеши сели мошинҳо роҳ ёфта, ҳар се ба ҷониби дигар рад шуданд. Ҳамоно Мормулак мошинеро нигаҳ дошт ва бе пурсуҷӯ худро ба дохили сабукрав партофт. Даҳшату Насим низ аз қафои ӯ нишастанд. То чор истгоҳ омада ҳар се пиёда шуданд ва дартоз аз васати иморатҳои бисёрошёна гузашта, дар охири мошинхонаи дарозе, дар як айвони болокушода нафас рост карданд.

– Халос шудем, – даст афшонда нафаси чуқуре кашид Даҳшат ва ба Насим рӯ овард: – канӣ, ҳамёнро барор!

Устои касби худ будан, бешак, даричаест барои ворид шудан ба манзили мурод. Бо ин ҳадаф одамҳо надониста мемонанд, ки аз субҳ то шом ба чӣ корҳое даст задаанд! Ин зиндагӣ аст, ки ҷилави инсонҳоро ба ҳар сӯ мекашад, якеро ба кӯйи саодат, дигареро ба вартаи ҷонгир ва савумиро ҳам ба оламе мубҳаму ноошно. Шояд иддае аз пасоянди амали худ воқифанд, шояд амдану қасдан масири ноошноро тай мекунанд. Аммо ҳақиқати рӯз ин аст, ки онҳо балад нестанд ба куҷо мераванд, намедонанд фардо барояшон чӣ иттифоқе рух медиҳад. Магар фардоро дарк накарда имрӯзро сохтан мумкин аст? Ё амалкарди касоне дуруст аст, ки мегӯянд, имрӯз бароям хуш гузарад, фардо подшо!? Насими саргиҷ аз пайи ҳамкорони нави худ ба коре даст зад, ки ҳатто дар хоби шабаш надида буд. Пай мебурд дасту поҳояш ба куҷо мераванд, аммо на бо ихтиёри худаш. Дар ҳоле, ки нафаҳмида аз нахустин амали анҷомдода хушҳол буд, ҳамёни чарминро аз кӯлбор гирифта ба Даҳшат дароз кард. Ҳар се махмури ҳавасу умедворӣ бесаброна донистан мехостанд, ки ба чӣ дастбурде соҳиб шудаанд. Вақте ки сардор ҳамёнро боз кард, чашмони Насим аз косахонааш баромаданд. Даҳшат як дастгоҳи телефони Apple iPhone ва як баста пули миённашикастаро ба даст гирифт. Ӯ телефонро ба Мормулак доду бастаи пулро ба ҷайби шалвораш зад ва ҳамёнро қулоч кашида ба канали обе, ки аз бағали мошинхона ба поин ҷорӣ мешуд, ҳаво дод. Мормулак ҳамоно симкорти гӯшии ҳамроҳро дар оварда дур андохт, маълум буд, ки дар ин кор аллакай таҷриба дорад. Даҳшат бо мамнуният ду дасти худро ба дӯши ҳамраҳон гузошта арз кард:

– Пою қадами Насим нек будааст, сайдамон бобарор омад. Акнун ҳарчи зудтар аз ин маҳалҳо сояамонро меканем, – ва саволомез ба Мормулак нигоҳ кард.

– Ба вокзал! – рамуз фаҳмида дарҳол ҷавоб дод ӯ...

Чойхонаи «Бухоро» серодам буд. Дар роҳраву салонҳои ғизохӯрӣ таваҷҷуҳи муштариёнро бештар духтарони хушқадду қомат, ки бо либосу тоқии бухороӣ ҷилва боз мекарданд, ҷалб менамуданд. Онҳо аз ҳар як меҳмони расида бо илтифот

истиқбол гирифта, ба самти мизҳои холӣ роҳнамоӣ мекарданд. Тараддуди беисташонро дида аз даҳони кас об меомад. Ғизо як тараф, тамошои духтараконй пешхидмат низ лаззат мебахшид. Насим фирефтаи ин манзараи чойхона шуда бо иштиҳо санбӯса мехӯрд, мехост тезтар қусури гуруснагиро, ки саҳарӣ ҳам ноништа накарда буд, барорад. Даҳшат пиёлаи арақро бардошта, аз бодиринги шӯр газак кард ва ба Насим рӯ овард:

– Чаро ту арақ намехӯрӣ?

– Одат накардаам.

– Намоз мехонӣ?

– Не.

– Дар деҳаатон масҷид ҳаст?

– Ҳасту аз он истифода намебаранд.

– Мулло надоред?

– Мулло дорем, аммо намозхон нест.

– Аҷаб?! Мебинӣ, масҷидҳои шаҳр чӣ хел гавҷум мешаванд?

– Оре. Дар ин ҷо одамон ба якдигар коре надоранд, вале мардуми мо аз сояи худ метарсанд.

– Ҳеҷ кас намозхониро манъ накардааст, чаро ба масҷид намераванд?

– Намедонам... – забон хоид Насим ва дар идома гуфт: – Одамони мо ин қадар майпараст шудаанд, беҳтар аст масҷидамон фаъол нагардад, ҳалолу ҳаром дар ҳам меомезад.

– Як замон ман ҳам панҷ вақт намозхон будам, – паймонаи дигареро холӣ карда ба сухан даромад Даҳшат, – шабу рӯз тоату ибодат мекардам. Бо ҳар кӣ ошно мешудам ва ҳар касеро, ки дар гирду барам медидам, ба анҷом додани аҳкоми шариат фаро мехондам ва то аз дастам меомад, онҳоро ба масҷид мекашидам. Чунон фирефтаи тақводорӣ шуда будам, ки нафаҳмида мондам аз паям одам афтидааст. Як бегоҳӣ, пас аз намози шом, маро дар вақти дарси динӣ додан ба бачаҳои гузарамон дастгир карданд. Бо ҳамин саҷдаю ибодатам барҳам хӯрд. Маро суд карданду ба шаш сол бuриданд. Дар зиндон ба хотири зинда мондан Худою расулро фаромӯш кардам. Хушбахтона, он рӯзҳои наҳс паси сар монд, имсол озод шудам. Акнун ҳар коре дилам хоҳад анҷом медиҳам, ба ҷуз намозу ибодат.

Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Насим бо ҳайрат ба даҳони Даҳшат нигарон монда буд. Чашм дӯхта, ӯро бо чандин ҳолат аз хатти зеҳнаш мегузаронд, кам-кам дарк мекард, ки бо чӣ гуна инсоне ҳамкор шудааст. Вале ҳоло наметавонист ҳарфе беҷо занад, ӯ бо ихтиёри худ мутеъ ва фармонбардори ин марди роҳ аст. Баъд аз оворагиҳои чандрӯза бояд пул кор кунад, фақат бо пул мумкин аст ҳар гуна муаммо ҳал шавад...

Дар чойхона зиёд намонданд. Пас аз он ки Даҳшат пиёлаи охири арақро хӯрду чаппа кард, ҳар се аз ҷо хеста ба берун баромаданд. Мормулак пеш-пеш мерафт, ӯ медонист амалиёти навбатӣ дар кӯчо бояд сурат гирад. Ин чобукдастии ӯро Насим пай бурда буд. Онҳо аз бағали чиғҳои оҳании майдони сабзи вокзал гузашта, ба самти рост, ба тарафи идораи почта печиданд. Се сознон – истгоҳи роҳи оҳан, идораи почтаю интернет ва шуъбаи бонки миллӣ канори ҳам ҷо гирифта, дар васат барои мошинҳои сабукрав як қароргоҳи умумӣ доштанд. Худравҳои саворӣ ба андозае бисёр буданд, ки на ҳамаи онҳо дар мошинработ ҷо мешуданд. Пасу пеш ду тарафи роҳи калон низ пури мошин буд. Вақте ки аз пиёдарави канори ҷода то охири мошинработ расиданд, ногоҳ Мормулак аз оринҷи Даҳшат кашида, бо ишора ба марде, ки дари худрави худро баста ба сӯйи шуъбаи бонк мерафт, гуфт:

– Ошамон пухт, нигоҳ кун сумкаашро дар мошин ҷо гузошт.

– Дуздгирашро равшан кард?

– Не, бо калид қулф карду рафт.

– Ман нигоҳ карда меистам, шумо аз тарафи девор равед. Ту аз пайи кори худат шав, зуд бош! – сипас Даҳшат ба тарафи Насим, ки ҳанӯз намефаҳмид чӣ карданианд, рӯ гардонда ба суханаш идома дод: – Ду чашм ба ҳаракатҳои Мормулак дӯз, ҳамин ки дари мошинро боз кард, сумкаро аз курсии ақиб бардору ба самти роҳи зерзаминӣ роҳ пеш гир. Фақат, бо дав нарав, посбонҳо бинанд шубҳа мекунанд.

– Чашм! – гуфт Насим ва бо шитоб аз дунболи Мормулак афтод.

Лаҳзае фаро расид, ки дар пеши чашми Насими ларзону

варақадор Мормулак ҳунари беҳамтои худро намоиш дод. Азбаски мошини саворӣ дар бағали девор буд, барои ӯ кушодани дар мушкилие надошт, зеро метавонист оромона, дар ҳоле ки касе ӯро набинад, амал намояд. Вақте ки ҳар ду пушт ба девор дар бағали мошин ҷо гирифта дузону заданд, Мормулак почаи шалворашро боло карда як сихи кабобпазиро берун овард ва ҳамоно милаи паҳнро аз бехи шишаи дар ба самти поин фурӯ андохт. Дарҳои мошин «луққӣ» овоз бароварда боз шуданд.

– Бардор! – садо дардод Мормулак дарро кушода.

Насими карахт як он ба худ омаду сумкаро аз рӯйи курсӣ бардошт ва бо ин ки дасту поҳояш меларзиданд, ваҳму ҳаросро дар худ хӯрда, сархаму босубот ба самти роҳи зерзаминӣ қадам зад. Фурсати чашмпӯшӣ нагузашта, пасу пеш ба ҷониби дигари роҳи калон гузаштанд. Ҳамин ки ба канори ҷодаи автомобилрав баромаданд, худрави саворие омаду дар наздашон тормоз дод ва аз он садои Даҳшат шунида шуд:

– Савор шавед!

... Бар хилофи ҳамраҳони боҳунар, ки аз коркарди худ шоду масрур буданд, Насим нафас дар дарун, хомӯшу гирифта менишаст. Дар фазои дохили такси овози маҳини сароянда пахш мешуд:

***Эй дӯст, аз ҷаҳон бо худ чӣ мебарӣ,***
***Эй чун ҳама равон, бо худ чӣ мебарӣ...***
***Чизе агар барӣ пинҳон зи чашми халқ,***
***Аз чашми Ҳақ ниҳон бо худ чӣ мебарӣ?...***

Насим оҳангро гӯш мекарду ҳанӯз ҳам ҷузвкаши дасташро маҳкам дошта меистод. Ҳарчанд маънии сурудаҳои овозхон дигар буд, барояш чунин менамуд, ки ин оҳанг маҳз барои вай садо медиҳад, вале ӯ намедонист бо худ чӣ мебарад. Ҳатто дарк намекард, ки ин бурдан барои чӣ аст ва ин моли кафашро то куҷо мебарад. Гӯё сандуқи синааш месӯхт, дилаш мисли супопи гардона(клапани мотор)-и мошин мезад. Оҳанги овозхон ҳарчи бештар дар мағзи гӯшҳояш хона мекард, ҳаври сӯзоне димоғашро фаро гирифта, дамида аз чашмон ба берун мезаҳид. То замоне, ки Даҳшат фармуд, «расидем, фароед», худро натавонист ба

даст гираду осудахотир гардад...

Ҳуҷрае, ки Даҳшат дар ихтиёр дошт, дар маҳаллаи дурдасти Сирғали воқеъ буд ва ҳар гоҳ бе дудилагӣ шарикони нави худро ба он ҷо меовард. Хонааш бо як ҳуҷраи хоб, ошпазхона, анборча ва айвонак тамоми имконоти зиндагиро доро буд ва ҳеҷ гоҳ аз оби гарму хунук, барқ ва гази табиӣ кӯтоҳӣ намекашид. Имрӯз баъд аз сайди бобарори дувум мустақиман ба манзилаш омаданд. Даромадан замон нахустин коре, ки кард, дастёфти асрорангезро аз дасти Насим гирифту бо аҷала онро кушод ва ҳар чӣ дар дохилаш буд бо хунсардӣ ба рӯйи хонтахтаи ғизохӯрӣ рехт. Пеш аз ҳама ноутбуки «Acer» ҳар серо ба ваҷд овард. Даҳшат он роёна ва як дона ҳофизафлеши бозёфтро гирифту бе мулоҳиза ба дасти Мормулак қапонд. Ҳамкори «бодасту панҷа» дарҳол роёнаи китобиро равшан карду аз пайи тоза намудани иттилооти он шуд ва ҳофизафлешро низ барои пок кардан ба роёна халонд. Насим ин ҳаракатҳои Мормулакро, ки ба ҳар гуна дастгоҳи замонавӣ ворид буд, дида ба шигифт меомад. Дар ҳақиқат, ӯ ба монанди сусморҳои чобук чунон серҳаракат буд, ки метавонист ба ҳар гуна сӯрохӣ сар занаду аз сӯйи дигар дар равад. Дар ин лаҳза хаёландешиҳои Насимро, ки сар дар гиребон фурӯ бурда побанд ба амалҳои Мормулак менишаст, садои дағали Даҳшат гусаст:

– Ин коғазҳо ба ту, Насим! Ҳамин ки берун торик шуд, баровarda дар паси партовгоҳ оташ мезанӣ, – гуфт ӯ ва як баста коғази навиштадору чанд ҳуҷҷатро, ки аз сумкаи бозёфт баромада буд, ба наздаш партофт.

Насим ҳамоно ҳушёр шуда ба по хест ва коғазҳоро ҷамъ карда ба лабаи тиреза гузошт. Берун ҳанӯз офтобӣ буд, аз тиреза, ки ба пушти хона боз мешуд, партовгоҳи гузар маълум ба назар мерасид. «Ман чӣ хел ин корро мекунам, чаро ман бояд як бечораро бадбахт кунам? – дар худ андешид ӯ, – Ноутбук кам буд магар, ин ҳама ҳуҷҷаташро ҳам бояд нобуд созем?». Аммо амри сардорро бояд иҷро мекард, сарпечӣ намудан аз гуфтаи ӯ баробари маҳрум шудан аз ҳама чиз буд. «Хуб, ҳоло то сӯхтани коғазҳо вақт ҳаст, – дубора ба хаёл рафт Насим, – ба поин ки

фаромадам шояд ҳилае ба мағзам ояд, то табар омадан кунда меосояд...».

Баъзан вақт чунон кунд мегузарад, ки кас ҳис мекунад гӯё дар чоҳи сиёҳи бетаге афтидаасту ба равшанӣ баромадан амри муҳол. Насим ба телевизор чашм дӯхта, дам дар дарун менишаст. Ҳар чӣ дар оинаи нилгун менамуд аз назари ӯ танҳо аксҳое буданд, ки рангу намои худро тағйир дода меистоданд. Ҳарчанд намехост, аммо амалҳои анҷомдодааш бо ҳамраҳони нав чун навори филм дар сафҳаи мағзаш падид меомаданд. Аён буд, ки дилаш ба ҳавл меояд, мехоҳад чизе гӯяд, вале наметавонист нафас барорад. Аҳёнан дар пеши назар симои модараш намоён мешуд, дардмандӣ ва муҳтоҷии ӯро дубора ҳис мекард ва бо маъюсӣ дар худ мегуфт: «ман бояд пул кор кунам...». Хаёли ӯро Мормулак барканд:

– Сардор, ноутбук омода аст.

– Офарин! Фардо ба бозори Янгиобод мебароем, ин дастбурдҳоро обу лой мекунему дар ҳамон ҷо то бегоҳ дунболи сайд мегардем, – бар рӯйи кӯрпача ғел хӯрда гуфт Даҳшат ва ба Насим рӯ овард: – Ту ҳам коғазҳоро барору оташ зан, изаш намонад, сипас аз нонвойӣ ду-сето нони гарм биёр, – ӯ аз ҷайби худ бастаи пулро бароварду аз он се ҳазор сӯмро ба рӯйи хонтахта гузошт.

Аз зинаҳо ба поин фаромадан барои Насим мушкил буд, поҳои худро вазнин мебардошт. Ӯ коғазу ҳуҷҷатҳоро рӯйи даст мебурд, вале ба назар мерасид, бори гароне гӯшаи қалбашро ба зер мекашад. Тоқат накард, ба санадҳо чашм давонд: шиноснома, дафтарчаи меҳнатӣ, зоднома. Дилаш таҳ хӯрд, роҳравон ба фикри пинҳон кардани ҳуҷҷатҳои марди ғариб сар хурд кард. Иттифоқан, аз дари  баромад по ба берун нагузошта нигоҳаш ба сари лӯлае бархӯрд, ки дуруст дар болои дар ба андозаи як ваҷаб ҷилав омада буд. Ҳамоно ин тараф он тараф гашта, аз назди дари зерзаминӣ қуттии холиеро дарёфт. Бо қатъият онро зери по монд ва аснодро дар сӯрохии лӯла қоим кард. Ҳамин ки қуттиро сари ҷояш гузошта аз дар ба берун баромад, хеле осуда шуд, ҳис кард гӯё санги вазнине аз дӯшаш афтидааст. Дигар ба

коғазҳои дасташ аҳамият надода ба самти партовгоҳ роҳ пеш гирифт. Чанд қадам рафта буд, ки аз боло садои Мормулакро шунид:

– Куҷоӣ, Насим, чаро ҳаял кардӣ? – мегуфт ӯ пардаи тирезаро бардошта истода.

– Вақти фаромадан поям печиду ба рӯйи зинаҳо афтодам, – дурӯғе бофта гуфт худаш бехабар.

– Ягон барги коғаз ба замин наафтад, ҳамаро оташ зан!

– Хуб, ҳозир!

Насим қадаммониашро тезтар кард ва дар канори девори пасти партовгоҳ ҷой шуда, аз зери халтачаи пури коғаз гӯгирд зад. То охир ӯро Мормулак наззора мекард...

Шабе буд, ки барои Насим хеле сахт гузашт. Паҳлу ивазкунон корҳои кардаашро беохир аз мадди хаёл мегузаронд. Ӯ возеҳу равшан пай бурда буд, ки ба доми дуздҳои гузаро афтидааст ва имрӯз ба коре даст монд, ки ҳеҷ гоҳ ҳатто ба гӯшаи хаёлаш наомада буд. Кори кардааш гуноҳ аст? Оё ӯ гуноҳкор аст, дар ҳоле ки дигарон вайро ба ин гирдоб кашидаанд? Магар хаторо ӯ мекунад? Барои худ чӣ баҳонае дорад, ки бегуноҳ бошад? Барояш мефармоянд ва ӯ иҷро мекунад, дигар, уболу савоби кор ба вай чӣ рабте дорад? Мардикор асту ба пул муҳтоҷ ва аз ин коре, ки пеш омадааст, бояд рӯй тобад, аз пуле, ки ба ивази заҳматаш медиҳанд, сарпечӣ кунад? Не... Аз суолоти фаровон зеҳни Насим гиҷ шуд. Бар замми ин хастагии бадан ба пилкҳояш зӯрӣ кард, хобаш бурд...

Бозори Янгиобод хеле гавҷум буд. Дар роҳравҳои он анбӯҳи одамон чунон зич менамуд, ки сӯзан партоӣ замин намеафтад, якдигарро теладеҳон базӯр по мебардоштанд. Насим ва ҳамраҳони ӯ аз бағали растаҳои тӯлонӣ гузашта, ба як павилони васеъ, ки дар зераш танҳо роёна ва ҳар гуна қисми телефон хариду фурӯш мешуд, дохил шуданд. Даҳшат мустақиман ба назди ғурфае рафт, ки дар он ҷавоне бо рӯнамоии ҷинсҳои дӯконашон машғул буд ва дарунтар дар паси ӯ марди сиёҳҷурдаи шикамкалоне якпаҳлу бар рӯйи кат дароз мекашид. Насим бори аввал медид, ки сардорашон дар пеши касе миёнашро дуқат

карда, бо дахони пахн ва тамаллуқомез сухан мегӯяд. Марди шикамкалон такон нахӯрда, мисли ин ки ӯро маҷбур мекунанд, даст дароз кард. Даҳшат пас аз ҳолпурсӣ бо овози кам гуфт:

– Мол ҳаст, хӯҷаин.

– Салим, пардаро каш! – як он гуфт мард ба навкари фурӯшандаи худ ва ба Даҳшат рӯ овард: – Канӣ, чӣ овардӣ ин дафъа?

Парда онҳоро пӯшонд. Чун паст ба гуфтугӯ даромаданд, дигар садояшон ҳам наомад. Насим ин ҷо дарёфт, ки ҳамраҳон дастбурдҳояшонро чӣ хел «обу лой» мекардаанд. Ниҳоят, ӯ низ пулдор мешавад, ба ҳар ҳол дастмузде хоҳад гирифт. Вале барояш ҳанӯз маълум нест, ки имрӯз чӣ корҳое хоҳанд кард, ин бор ба кадом «хазина» сар мехалонанд. Дар ин бора ҳамраҳонаш дамдузд буданд, чизе гуфтан намехостанд ва ё шояд худашон ҳам намедонистанд, ки чӣ коре пеш хоҳад омад. Мормулак бо чашмони бозикуни худ то сӯроху сунбаҳоро аз мадди назар мегузаронд, вале ба Насим таваҷҷуҳе намекард, аслан фикру хаёли ӯро хондан намешуд. Ҳарчанд ҷуссаи хурду тану тӯши лоғари назарногире дошт, дар ҳушёрию зарангӣ ба ӯ касе расида наметавонист, устои кори худ буд.

Даҳшат дар ғурфаи хӯҷаин зиёд намонд. Насим ҳанӯз то поёни андешаҳои бесарунӯги худ нарасида, садои дағалу амромези ӯ баланд шуд:

– Рафтем, бачаҳо, кори муҳиму ширадор пеш омад, – хушҳолу мамнун берун омада гуфт Даҳшат, – бояд дер нашуда ба мавзеи Қуйлуқ равем, такси мегирем, Мормулак!

Насим медид, ки сардор чизе дар даст надорад, на роёна, на телефони ҳамроҳ. «Дастбурдҳоро гузарондааст, ки ин қадар хурсанд менамояд, – дар худ андешид ӯ, – зоҳиран аз хӯҷаинаш ҳам дастури нав гирифтааст, ки лахча ба рӯйи каф дорад. Бало ба пасаш, ман бояд пуламро гирам, то сармоя ба дастам наояд маҷбурам аз қафояш тор танам». Ҳар се пайи ҳам бо шитоб бозори пуриздиҳому серғавғоро тарк карданд. Баробари ба кӯчаи калон баромадан Мормулак як савориро нигаҳ дошт.

Мавзеи Қуйлуқ яке аз маҳалҳои қадими ин шаҳри бесару

бун буд ва аксаран хонаҳои маскунии панҷошёна дошт. Дар воқеъ, он як шаҳракеро дар канори шаҳри паҳноварр мемонд, ки бо хиёбонҳои мувозӣ ба ҳафт гузар тақсим мешуд. Тамоми шабакаҳои шаҳрӣ то ин мавзеи гӯшаӣ имтидод меёфтанд ва дар поён ба шоҳроҳи камарбандӣ расида қатъ мегардиданд. Бештар ба ин бахши шаҳр аз шаҳристону деҳоти атроф ва билкул, аз тамоми кишвар маводи кишоварзӣ ва анвои мухталифи меваро ворид менамуданд. Калонтарин бозори сабзавоту меваҷот дар ҳамин маҳал қарор дошт. Барои кормандони умури тартиботӣ кор аз мӯйи сар зиёд буд, гӯё ҳама дузду авбошу безориҳои шаҳр дар гузарҳои Қуйлуқ будубош мекарданд.

Ҳамин ки аз такси пиёда шуданд, Даҳшат аз ҷайби худ як коғазчаро бароварда чашм дӯхт.

– Қуйлуқ-5, бинои 10, хонаи 15, – гуфт ба Мормулак рӯ оварда ва як ҷуфт калидро ба ӯ дароз карду афзуд: – То бист дақиқа вақт доред, ҳар чӣ гаронқимату муҳим менамояд бардоред ва ба поён кашонед, то он замон як мошинро ёфта меорам. Ману Насим ба Сирғали меравем, ту калиди хонаро ба хӯҷаин пас дода бармегардӣ.

– Хуб шудааст! – ҷавоб дод Мормулак ва дигар ҳарфе назада, калидро гирифту бо шитоб ба самти гузари Қуйлуқ-5 ба роҳ даромад. Насим низ бо ишораи Даҳшат аз пушти ӯ афтод.

Мормулак то ҳадде зирак буд, ки бо ҳар гуна ҳаракати худ Насимро лол мекард. Гӯё пештар ба ин маҳаллаҳо омада бошад, дар як чашмпӯшӣ бинои 10-ро ёфту беист бо зинаҳои морпеч ба ошёнаи сеюми он боло шуд. Баробари боз кардани дар, дар ҳоле ки аз ҳирсу ишқи молу неъмат пардае пеши чашмонашро гирифта буд, ба чизе таваҷҷуҳ накарда, ба самти анборчаю ошхона сар зад. Аз он ҷо ду халтаро пайдо карду ҳамоно якеро ба дасти Насими гарангшуда, ки ҳанӯз дар роҳрав меистод, қапонд ва амр кард:

– Биё, ба дохил!

Онҳо ба хонаи пазироӣ гузаштанд. Мормулак аз як сар дару дарчаҳои ҷевони баланди девориро бозкунон ба кофтуков пардохт. Дар пеши назари Насим, ки бо чашмони мисли гурдаи

гов алошудааш даҳонаи як халтаро кушода нигаҳ медошт, як-як ашёву амволи ҷолибу диданиро ба халта андохтан гирифт. Қуттичаи пур аз қошуқу чанголи тиллоӣ, зарфу ҷомҳои булӯрин, пиёлаю чойникҳои чинии нақшу нигордор, халтачаи гулбанду зеваролот, як тахтаи шоҳмот, ки донаҳои аҷоибу ғароиб дошт... паси ҳам ба чашми Насим тофта, дар халта нопадид мешуданд. Онҳо ба хонаи дигар гузаштанд. Он ҷо, зоҳиран, утоқи кори соҳибхона буд, ки дар як гӯшааш мизи мудавваре бо кашуҳои зиёд қарор дошт. Мормулак пеш аз ҳама аз болои миз ноутбукеро бо мушаку симҳояш ва як қаламдони шишанамоеро, ки шабеҳи бурҷи Халифа буд, гирифту дар халтаи дигар андохт. Лаҳзае ба як телевизори ранга, ки дар бурҷи хона меистод, дида дӯхт. Маълум буд, ки сари рабудани он фикр мекунад. Вале, дудила нашуда пеш омада аввал тунери онро бо симҳояш дар халтаи дасти Насим андохт ва худаш телевизорро бардошту як он дастур дод:

– Рафтем!

Ба маҳзи ин ки аз дар мебаромаданд, Мормулак ду-се дугма ва симҳоеро дар буни қоби дар диду ба ваҳшат афтод ва тарсолуд садояшро баланд кард:

– Э вой! Биҷунбу тез бош, ки ба даст меафтем, ин лаънатии дар дуздгир доштааст!

Насим бедасту по шуд, тамоми вуҷудаш ба ларза омад. Ду халтаро маҳкам дар бағал гирифта, аз зинаҳо бо ҳарос ба поин давид.  Мормулак низ телевизор дар даст дарро қуфл карду аз пайи ӯ афтод. Насим дарёфт, ки ин дафъа ҳамкори чобуку зарангаш ба иштибоҳ роҳ дода, дар ниҳояти ҳирсу тамаъ занги ҳушмандро надидааст. Мисли ин ки дилаш аз таҳлука ба ҳалқ меомад, пеши пояшро намедид, якбора аз чанд зина барҷеҳон қадам мезад. Ҳис мекард, гӯё аз қуллаи баланде сангу шаххоро дар пушт гузошта сар ба зер медавад ва гурге ӯро дунболгирӣ мекунад.  Ӯ бо ҳавлу ҳарос, дар ҳоле ки арақшор шуда буд, ба берун баромад, аз дунболаш Мормулак ҳам расида омад. Ҳамон дам дар роҳрави назди бино Даҳшат бо як мошини сабукрав пайдо шуд. Ҳар се бо шитоб дастбурдҳоро дар сандуқи ақиб

гузоштанд. Вале... акнун мехостанд, ки ба мошин нишинанд, тағораашон аз бом афтод. Садои ваҳмовари сигналҳои хатар баланд шуду аз ду ҷониби бино ду мошини полис роҳравро соҳибӣ карда, ба сӯяшон омаданд. Дар як чашмпӯшӣ аз мошинҳо чорнафарӣ мардҳои формапӯш фаромаданду бо дав ба ҷавонҳо ҳамла оварданд. Насим бо чашми сар медид, ки хеле осон дастгир мешаванд, на ҷойи гурез доштанду на талвосаи фирор. Ҳанӯз оби дока хушк нашуда, ба дастони ваю Мормулаку сардорашон кишан заданд ва ҳар серо силтаву теладеҳон ба мошини болобаланд савор карданд...

Фақат садои гур-гури мошин ба гӯш мерасид, ҳама хомӯшу дар худ гирифта менишастанд. Насим бо дили вайрону хаёлоти мағшуш ҳайрону лол монда буд, намедонист ба сарриштаи кадом як андешааш даст ёбад. Дар мағоки сараш чеҳраи ғамолуди модари яккаву танҳояш ҳувайдо шуд. Ӯ хеле дилозурдаю хаста менамуд, гӯё пешомади сахти фарзанди якраву гапнодарояшро ҳис мекард, бо дидаҳои ашколуду хира беохир пилки ҳарос мезаду лабҳои нимаҷони худро ҷунбонданӣ мешуд, то ҳарфе барои таскини дилҳо гӯяд. «Очаҷони ҳалиму меҳрубонам, маро бубахш, ин писари лаванду ҳарзагарди худро бубахш, – хаёлолуд забон ҷунбонд Насим, –  дидаю муниста ба вартаи хатар по ниҳодам, таваккалӣ аз пайи пулу сармоя давидам, ҳама насиҳату гуфтаҳои туро, ки мефармудӣ саломи гадо бетамаъ несту бори каҷ ба манзил намерасад, нодидаю ношунида гирифтам. Очаҷони бехабару дурафтодаам, ин писари дузду бевафоятро бубахш, бубахш...».

# АЗ КӮЛБОРИ ДАРВЕШ

***(ҳикоёти хурд)***

***Подшоҳонро сано гӯянду мадҳ,***
***Ман дуое мекунам дарвешвор.***
**(Саъдӣ)**

***

Ҷавоне дар ниҳояти мастӣ ба ҳама дод мезад, арбада мекард. Дарвеш ин ҳолро дида гуфт:

– Эй ҷавон, боз мастию девона! Агар ба ёди мардум набошӣ, ҳадди ақал Худоро бияндеш. Беимонӣ ҳам ҳадде дорад!

– Домулло, маро нагӯй беимон! Худо дар дили ман аст, агар маст ҳам бошам, ӯ маро мешиносад.

– Не, бародар, Худо дар дили ту нест, ту дар дасти Худо ҳастӣ. Ҳамчунин коре макун, ки ба ғазаби Вай гирифтор шавӣ!

***

Зани дувуми Дарвеш ҳар қадар меҳрубонӣ мекарду дастёрӣ, аммо боз медид, шавҳараш пайваста бо ёди зани аввал аст. Дар ниҳоят, косаи сабраш лабрез шуду бо дилсардӣ пурсид:

– Рости гапро гӯй, ӯ бештар ғамхорӣ дошт ё ман?

Дарвеш ҷавоб дод:

– Ӯ меҳрубонтар буд.

Зан ба шигифт омад, бе истиҳола дубора суол кард:

– Ӯ чӣ коре анҷом медод, ки ман наметавонам?

Дарвеш бо тааммул афзуд:

– Дар муқобили ту ӯ се корро бо ҷону дил анҷом медод: нахуст, ҳар рӯз аз ман пештар бедор мешуд ва бароям оби таҳорат дуруст мекард; дигар, чеҳраи ӯ ҳамеша бозу шукуфон буд, аз дидаҳояш пайваста нури муҳаббат меборид; гузашта аз

ин, пушти сар маро бузург мехонд ва аз пайи ӯ фарзандон дар симои ман инсони комилро медиданд...

***

Фарзанди кунҷков аз Дарвеш пурсид:

– Падар, чӣ сирре ҳаст, ки одам калон мешавад?

Дарвеш дар посух гуфт:

– Калон шудани одам сирре надорад, лекин камон шудани ӯ пур аз асрор аст!

***

Дар ниҳоят, Дарвеш тасмим гирифт дар ҳавлиаш чоҳе биканад, то заҳмати обкашонӣ камтар шавад. Бо ин мақсад ҷавонеро аз байни мардикорон оварду ҷойи чоҳро нишон дод. Ҷавон ду-се таш ба замини сахту санглох заду ҳамоно сангинии кори ба дӯш гирифтаро дарк кард ва баҳона пеш овард:

– Бародар, дар ин ҷо чоҳ кандан бефоида аст, об нахоҳад дод.

– Боке нест, додар, бикан, агар обе надиҳад ба ту-ку нон медиҳад?! – аз раъйи худ нагашта гуфт Дарвеш.

***

Зан оташин буду писари нозпарвардаи ӯ гирёну нолон.

– Биё, ҷонам, ҳамин ҳоло ба мактабат меравем! – аз дасти писар кашолакунон мегуфт модар. – Адаби он муаллими зӯратро чунон диҳам, ки дуюмбор бидонад ба сари кӣ мушт мебардорад!

Дарвеш дар дами дарвоза аз хар пиёда шуду халачӯби дасташро ба модари дар оташи ғазаб ҷӯшида дароз кард ва гуфт:

– Ин ҳам калтак, бизану адабамро бидеҳ!

– Шумо?! Ё алҳазар, ин хел нагӯед!

– Бе шӯхӣ! Охир, ҳамин писари эркаатро, ки ба дӯстонаш ҳарфҳои баду бероҳ мегуфт, ман ҳам ҷазо додаам! Оре, ҳамин ҷонакат пас аз шикастану кандани чанд бех ниҳоли тару

тоза аз ман ҳам тозиёна хӯрда буд! Бале, бо ҳамин дастонам писарҷонатро ман ҳам шаллоқ задаам, чунки ангур дуздида гуфта буд, «модарам фармуд»...

Зан аз аспи ҷаҳл фаромад. Ҳамин ки дид, писараш ҳанӯз ҳам фиқ-фиқ гиря мекунад, кашидаю кушода шаппотие ба рӯяш фаровард ва пас гашт.

Чеҳраи Дарвеш шукуфт, аз он ки чароғи ҳикматаш фурӯғе дар пай дошт.

***

Дарвеш занашро дар дами дар ғарқи андеша диду садо баланд кард:

– Чаро дар худ гирифтаӣ?

Нидои шавҳарро шунида зан як он аз ҷо хест ва ба сухан омад:

– Ба дағечам ҳайронам, пушти ҳама баду бероҳ гуфтанаш гуфтан! Якеро биниаш пучуқ, дигареро гӯшаш вазнин, он якеро ҳам забонаш лакнат дорад...

– Дидаӣ, оби дарё ба даҳани саг ҳаром шавад?

– Не.

– Пас, биё хӯрҷинро аз дастам гир!

Ғубори рӯйи зан аз ҳам рехт, бо хушҳолӣ ба амри Дарвеш сар тофт.

***

Писар сар аз андеша бардошта гуфт:

– Ҳар доим он касе, ки сарват дораду тавонгар аст, ба камбағалон медиҳад, ҳеҷ надидаам, ки тиҳидастон ҳам боре ҳиммат кунанд.

Дарвеш бо нигоҳи хирадмандона ёдовар шуд:

– Ҳар чӣ ҳаст ҳамеша аз осмон ба замин меборад, писарам, на баръакс!

***

Дарвеш бо қалам тарҳи чеҳраи модарро мефаровард. Ҳар гоҳ нӯги қалам мешикаст ё хӯрда мешуд, онро дубора метарошид ва аз пайи кор мешуд.

Дар ниҳоят, вақте ки чашмони фурӯрафтаи меҳрогину лабони мамлу аз ҳусни ноб ба рӯяш хандиданд, зери лаб гуфт: «Ту мисли ҳамин қаламам будӣ, модарҷон, ҳар гоҳ аз ғояти нодонӣ туро метарошидам, боз ҳам чеҳра боз мекардию бароям илҳом мебахшидӣ!».

***

Ҷавоне талабгори духтари Дарвеш шуд. Боре дар ҳузури ӯ умедворона лаб ба таъриф кушод:

– Падаре доштам ҳунарманду доно ва модаре меҳрубону ҳалим. Хонае доштам бузургу боҳаво ва боғе сарсабзу пур аз дарахт. Коре доштам осону бо даромад ва кисаю сандуқам пур аз пулу сармоя...

Дарвеш дар миёни завқи ӯ зад ва гуфт:

– Биист, ҷавони хуб, «доштам» фоида надорад, аз «дорам» бигӯй, ки раво бошад.

***

Дарвеш ба акси модар дида дӯхт, ки як сабад нони тозаи аз танӯр кандаро дошта меистод ва бо чашмони нурогину лабони ба табассум моил нонҳои пухтаашро таоруф мекард. «Эҳ модарҷон, – дар даҳан забон ҷунбонд Дарвеш, – ҳар гоҳ аз меҳрубониҳоят ба ваҷд омада таърифат мекардам, ту шармгинона дар хиҷил мешудию чеҳраат ба сони нонҳои сурхат мешукуфт ва ҳар замон аз дасти нодонӣ бароят гапи сахт мезадам, сукут мекардӣ ва ранги рухсорат ба мисли нонҳои оташнадидаи танӯрат меканду сафедгун мешуд».

***

– Забонамон ба мисли қуроқ шудааст, додо, – хаёломез изҳори назар кард писари Дарвеш, – ҳар кӣ аз ҳар гӯша тиккае ёбад ба он мечаспонад.

– Ин ҳамоқат аст, писарам, забон бояд сӯзанӣ бошад, на қуроқ! – гуфт Дарвеш ва нигоҳи тааҷҷубомези писарро дида афзуд: – Сӯзанӣ ҳунарест, ки гулдӯзиҳояш бар рӯйи заминае сурат мегирад ва соҳибаш ҳар як гулу нақшро метавонад ҷо ба ҷо кунад ё канда партояд. Аммо, қуроқ ин хел нест, агар тиккаеро аз он бардорӣ, ҷояш сӯрох мемонад ва пойдорӣ аз байн меравад.

***

Боре Дарвеш дар канори падари навадсола ва набераи даҳсолаи худ дами фароғат мезад. Бо қасди андешахонӣ аз ҳар ду хоҳиш кард, ки орзуи хешро мухтасар нависанду ба ӯ диҳанд.

Нахуст, барги иншои набераро боз кард, ки навишта буд: «Кошки, ҳарчи тезта бобом боре шаваму риши сафедама молида, таёқама дошта, тасбеҳама гардонда шинам ва набераю аберaҳом а ҳар тараф «бобоҷон» гӯён ба сару кифтам буроянду фуроянд!».

Дарвеш ба иншои дигар чашм давонд: «Эй Худоҷон, кош як бори дигар ба монанди ҳамин абераам писараки хурдакак мешудам! Зиндагиамро бо диду усули тоза чунон месохтам, ки армоне дар дилам намемонд!», навишта буд падар.

***

Додар аз Дарвеш, ки ба дидорбинӣ омада буд, пурсид:

– Ба занҳое, ки ногаҳон бо шавҳари ғазаболуди худ рӯ ба рӯ шаванд, чӣ маслиҳат медиҳӣ?

– Мегӯям, гурез! – ҷавоб дод Дарвеш ва афзуд: – Чӣ хабар, чаро ин суол ба сарат омад?

– Агар келинат ин пандро медонист, дирӯз зери шаллоқ намемонд.

– Эҳ, нобакор! – дандон хоид Дарвеш.

Додар ҳамоно сояашро канд...

***

Шогирд шигифтзада ба Дарвеш арз кард:

– Қадри шеъру шоирӣ намондааст, устод! Ба касе, ки тоза се-чаҳор шеъраш интишор мешавад, тахаллус мебанданду шоираш мехонанд. Ин мунаққиду шоиршиносон дигар коре надоранд магар?

Дарвеш бепарво ҷавоб дод:

– Мехоҳанд ба хок ҷило бахшида зар ба даст оваранд. Ту ки медонӣ, хок ҳеҷ гоҳ зар нагардад!

***

Аз Дарвеш пурсиданд:

– Оё шудааст, ки ҳамсарат гуноҳе кардаву ту наметавонӣ аз он гузашт кунӣ?

Дарвеш ҳамоно посух дод:

– Агар сад кори носавобе ҳам карда буд, ба хотири якмоҳа заҳматаш, ки модарамро дар бистари беморӣ мувозибат мекард, аз ҳама гуноҳи ӯ гузаштам!

***

Ӯ маст буд. Пеши роҳи Дарвешро гирифта бо ҷаҳл гуфт:

– Ту аҳмақ астӣ!

Дарвеш лабханд зад. Мард бо ҳамоқат афзуд:

– Ту номардӣ!

Дарвеш хандид. Ӯ бо оҳанги пархош дод зад:

– Ту одам нестӣ!

Дарвеш қоҳ-қоҳзанон ханда кард. Марди маст ҳайратзада бо садои кам гуфт:

– Ин ман аҳмақу номарду ноодамам, ки ба туи девона гап мезанам.

Чеҳраи Дарвеш ҷамъ шуд, андешаманд нигоҳи маҳзун ба ӯ дӯхт...

***

Дӯсти ҳамсолаш нафаси осуда кашида ба Дарвеш гуфт:

– Диламро холӣ кардаму хеле сабук шудам!

Дарвеш бо завқ пурсид:

– Ба кӣ холӣ кардӣ?

– Ба кӣ мешуд, ба зан-дия!

Дарвеш бо аломати таассуф сар ҷунбонд ва пас аз каме ист хаёлангез гуфт:

– Ба дасти шайтон калтак додаӣ, дӯстам.

***

Дар дили як сухбати гарм ҳамсинфи Дарвеш аз ӯ пурсид:

– Маро дӯст бисёр асту хеш фаровон. Чӣ кор кунам, ки ҳам дӯстам бимонаду ҳам хешам бегона нагардад?

Дарвеш андешаманд посух дод:

– Агар хоҳӣ, ки бо дӯстат ҳусни дӯстӣ бимонад, ба ӯ қарзи калон надеҳ ва агар хоҳӣ, ки хешат бегона нагардад, аз қудоандагӣ бо ӯ парҳез кун.

***

Аз Дарвеш пурсиданд:

– Сахттарин дарди шумо чӣ аст?

Ӯ андешаманд, дар ҳоле ки зери мижгонҳояш оби дида ҷамъ мешуд, ин байтро гуфт:

***Гарчи шамшере намебуррад сари хам бар масал,***
***Гӯсфанд аз сархамӣ озуқаи гургон шавад.***




Шариф Халил (Холов) 23-юми январи соли 1973 дар деҳаи Бибиширини ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё ба дунё омадааст. Соли 1990 мактаби рақами 33-и ба номи Садриддин Айниро тамом карда, ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мешавад. Соли 1991 таҳсилоти олии худро дар факултаи журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон идома медиҳад.

Шариф Халил пас аз хатми донишгоҳ дар нашрияҳои «Садои Сурхон», «Бохтар» ва «Ховар» кор мекунад ва дар оғози солҳои 2000-ум бо радиои «Озодӣ» ҳам ҳамкорӣ менамояд. Ӯ дар канори шуғли рӯзноманигорӣ бо эҷоди асарҳои бадеӣ низ сарукор мегирад. Нахустин бор ҳикоя, новелла ва достонҳои хурди адиб дар китоби «Дар пошнаи кӯҳи баланд» гирд меоянд,

ки соли 2016 аз тариқи нашриёти «Тамаддун» ба табъ расидааст. Китоби дувуми худро иборат аз ҳикоя ва новеллаҳои нав бо номи «Ширмолаҳои маҳтобӣ» соли 2018 дар нашриёти «Адиб»-и Душанбе ба чоп мерасонад.

Шариф Халил узви ифтихории Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

# ҲИКОЯҲО

## БӮЙИ БИҲИШТ

Ман ҳоло ба мӯйҳои мошубиринҷам андешаманд панҷа зада, кӯлбори хотироти қариб нимасраи худро дар банди ҳаяҷон метакам. Аз замони зиндагии он азизон ҳар чӣ дида будаму шунида гирдиҳам меоварам ва чанги рӯйи он ёдҳои моил ба оби чашмро дар ниҳояти эҳтиёт бо остини тафаккур пок мекунам. Он хотироти ғамангез дубора ҷило меёбанд ва аз дуриҳои дур ба рӯйи ман ғамгину бадард табассум мезананд. Суратҳои инак дар коми хоки сард монда яке паси дигар дар тоблуи ёдҳоям зинда мешаванд...

***

Ба димоғам бӯйи зирбаки ош менишинад. Яқин ин бӯйи иштиҳоангез аз ошхонаи дараш нимроғ паҳн мегардид, ки гирди дегу табақаш зане ҷунбуҷӯл дошт. Овози ҷизубиз бирён шудани гӯшту пиёз ва чарс-чурс сӯхтани ҳезуми ток низ аз он макон ба гӯшам меомад. Медидам, ки дуди сафедчаи оташ ба шифти ошхона бархӯрдаву дар худ печида ва сари шояд озорёфтаашро бо надомат молида-молида, аз чандин сӯрох гарданкашон ба осмон мерафт.

Модарҷонам ош мепухт...

– Бачем, раву Бобои Ҳоҷиро хабар деҳ, ки шом ба хонаамон оянд, – падарам дастонашро бо собуни хушбӯ шуста, дастпоки дар тори байни ду сутуни айвон овезонро гирифт ва мани хаёлам ба ошхона бандро ба худ овард. Аз нигоҳи пурсишхоҳам маънӣ чида, фавран таъкид намуд: – Бигзор чанд оят аз каломи Аллоҳ хондаву ба рӯҳи гузаштагон бубахшанд!

– Хуб, – гуфтам ба итоат даст рӯйи сина гирифта ва аз пайи иҷрои фармудаи падар шудам.

Хонаи Бобои Ҳоҷӣ дар гӯшаи дигари деҳа аст. Ӯро дар хонааш пайдо кардам. Чун муддаои маро шунид, зуд либос пӯшиду

сечархаи худро ба роҳ андохт ва ман дар гаҳвораи он нишастам. Дар дами боди муқобил риши сафеди вай ба ду ҳисса ҷудо шуда меларзиду меларзид, балки аҷаб мерақсид. Дар нимаи роҳ пеши як дарвозаи чӯбини кухна сечархаро манъ кард. Баъди як нафас паллаи дарвоза нолакунон боз гардида, як писараки ғароибсурат баромад ва тозон худро ба назди мо расонд. Бобои Ҳоҷӣ чеҳрааш ғарқи нур он махлуқи андомаш хеле зиштро бардошта, рӯйи зонувонаш нишонд ва оғӯш карду бо меҳр чанд бор бӯсид.

– Баҳ-баҳ, ширини бобо, асали бобо. Хуб ҳастӣ? – гуфта пурсид.

– Шукр, хубам бобо, – гуфт шодон, аммо ҳис мешуд, ки аз ман заррае мерамад. Ё ҳузури бегонае ҳаловати хурсандиҳояшро латма мезанад.

Писаракро як чашмаш хеле калон ва чашми дигараш бениҳоят хурд буд. Дар каллаи бузург он дидаи пиёлавор кушода чунин ба назар мерасид, ки ин махлуқи Худо гӯё аз қазо як чашм дошта бошад. Сари аз андоза калони ӯ бо зӯри иродат рӯйи гардани наҳифаш меистод. Вай мутаҳаййир ва оҳиста ба ман нигарист. Писарак одами заминие набуд ва ман дар умри худ бори нахуст ба ин шакл инсонеро медидам. Аз ин рӯ, мисоли сурати девор шудам! Дилам таҳ кашид ва аз тарс гӯё имонам дарз ёфт. Даҳонам кушода, чашмонам низ аз ҳайрати ногаҳонӣ калон-калон боз шуда буданд. Баъд шарм дошт магар, оҳиста нигоҳ барчид ва ба Бобои Ҳоҷӣ нигарист.

– Дар забони қандат садқа шавад бобо, – гуфт дубора бӯсидаву бӯ кашида: – Ин кас Баҳромҷон ном доранд, ҷавони хубу дидадаро, – бо нигоҳ маро нишон дод ӯ ва он писарак ба ман табассум кард. Ба кулли аъзои танам як сардии ноҳинҷор давид.

Бачаякро дурусттар ба рӯйи зонувон ҷой дода:

– Оҳ-оҳ, баҳ-баҳ, хушбӯяки ман. Ку, калимаатро гардон, – бо нармӣ хоҳиш намуд Бобои Ҳоҷӣ.

Ва он бача бедиранг «Калимаи шаҳодат»-ро аз ёд гуфт. Бобои Ҳоҷӣ напурсида бошад ҳам, чанд сураи кӯтоҳро аз китоби Худо бо лаҳни хубе хонда, ба навозишҳо ва таҳсини рӯҳонӣ мушарраф гардид. Бобои Ҳоҷӣ чанд савол дар хусуси мусалмонӣ пурсид ва

посухи қаноатбахш гирифта, боз ӯро гарм оғӯш кард.

– Акнун ба мо рухсат, набера... Ту ҳам ба хонаат баргард ва дарсатро такрор кун, – сари тоза тарошидаи писаракро бо меҳр молида, гуфт Бобои Ҳоҷӣ ва бо шодмониҳо писаракро оҳиста ба замин гузошту аз кисааш як дона пахтасеби бонакҳатро баровarда ба дасти ӯ дод ва гардонаи сечархаро бо як зарби пой ба кор даровард.

Ва он писарак аз шодиҳо гул кард, дидагони аз фараҳ шуълавар, аммо ифодагари кадом як ғами ниҳониаш ба рӯйи Бобои Ҳоҷӣ – ягона одаме, ки дар ин музофот ӯро дӯст медорад ва вай ҳам бешак сидқан эҳтиромаш мекунад, аввал гӯё азоб дида, як-ду қадам ба қафо гузошт ва каллаи калонашро ҷунбонда-ҷунбонда, дар даст он инъоми бебаҳо «тозон» ба самти дарвоза рафт. Ба хаёлам, ин лаҳза писараки маълул, ки дар борааш шунида бошам ҳам, бори нахуст медидамаш, дар олами худ намеғунҷид. Дар забон кадом як калимоти сеҳрангез ва ... ду пойи харобашро кашолакунон, тани номутаносиби худро оҳиста ба паси дарвоза гирифт ва аз роғи ду тахтаи фарсуда ба мо нигарист. Сечархаи Бобои Ҳоҷӣ ором ба роҳ даромад ва нигоҳи он чашмони антиқаи яке калону дигаре хурд то дер гоҳ моро таъқиб карда, ниҳоят дар хаёли ман нақш баст.

– Бобои Ҳоҷӣ?

– Лаббай.

– Ҳама аз вай ҳазар мекунанд. Шумо ҳатто наметарсед.

Хамгаштеро убур карда ва сечархаро оҳиста аз як ҷӯйи обаш мусаффо гузаронда, сари онро ба роҳи нисбатан ҳамвор гардонд. Ва... чун монеаҳо паси сар монданд, бо шигифт, аммо як табассуми зебанда дар лаб лаҳзаяке ба ман нигаристу пурсид:

– Аз кӣ?

Бо нигоҳ ба қафо ишора намудам ва азбаски номи он писаракро намедонистам, хомӯш мондам.

– Ҳъъ, аз Шоҳинҷон? – абру боло кашид ӯ.

– Бале, – номи ӯро дар зеҳнам муддате чархонда посух додам ман.

– Ин хел одамон беозортарин бандагони Худо ҳастанд, – гуфт Бобои Ҳоҷӣ ҳамоно рӯяш ба кӯчаи рост ва ду бараш дарахтзори

деҳа. Сечархаи ӯ гоҳ гашташро суст, дар ҳоле ки обкандае пеши роҳ падид меомад, ва гоҳе суръат гирифта торафт ба хонаи мо наздик мешуд. Инак як кӯҳталчаро зӯъ кашида баромаду дар назди дарвозаи оҳанӣ қарор ёфт. Ман аз гаҳвораи он саманди сепой чаққон худро ба замин гирифтам.

– Аз ин қабил одамон бӯйи ҷаннат меояд, набера! – гуфт Бобои Ҳоҷӣ ба дуриҳо, ҷониби қибла, ки офтоб майли ғуруб дошт, андешаманд нигариста. Ман ҳам беихтиёр ба он самт нигоҳ кӯчондам, ки ин дам султони осмонҳо домани саморо ба ранги арғувон олуда, аз сари қуллаҳои дастнорас  худро гӯё поин меандохт.

– Бале, онҳо рост ба ҷаннат хоҳанд рафт! Ҳамин Шоҳинҷон ҳам беқилу қол биҳиштӣ аст, – даст ба китфи ман гузошта таъкид кард Бобои Ҳоҷӣ ва: – Ваҳ, шом мефарояд, – гуфт саросема ва ин ҳаяҷони фавқулодаи ӯ ба чандин саволи дар нӯки забонам овезон  банд андохт. Вай зуд ҳуши худро ҷамъ оварду бидуни мушояати ман ба пеш қадам гузошт.

Мани он замонаҳо ҷавони навхат аз ин суханҳо қариб чизе нафаҳмида, сарам гаранг низ дунболи Бобои Ҳоҷӣ ба хонаамон даромадам...

***

Модари Шоҳинро як бор вохӯрдаам. Исмаш  ба ҷисмаш муносибу зебанда – Зебо буд, аммо дар он ҳангом аз вай танҳо ҳамин ном монда буду халос! Ин муштипар, аз шунидам, кам ба кӯчаҳо мебаромад ва қариб аз ҳавличаи назарногири худ берун намерафт, магар ба зарурате. Он рӯз ҳам шояд аз бозор меомад, ки ду тӯрхалтаи пур дар даст дошт. Либоси танаш хеле одӣ буд. Дар пой калӯши нимдоште пӯшида, новобаста ба ҳавои мулоими баҳорӣ бо рӯймоли калоне худро печонида буд. Қомати замоне зебояш ҳоло каме хамида ва аз чеҳраи низ дар гузашта базеб ҳоло ду чашми ғамгини мижгонҳояшон дароз ва бинии борике нишона монда буданду халос; боқии рухсораш дар иҳотаи ожангҳои хурду бузург қарор дошт. Аз як бари он сарбанди гулдор мӯйҳои сафедаш овезон шуда ва зан шояд дар банди тафаккури гарон фаромӯш карда буд, ки он қосидони гашти умр ё пасманзари ҳаёти ниҳоят бешафқат ва мураккабро

пинҳон бикунад.

... Мо як села бачаҳои фориғбол аз мактаб бармегаштем. Бо ҳам ҳазлу шӯхиҳо карда, ба холаи Зебо рӯбарӯ шудем. Вай сарашро хам намуда, ба сони соя аз пеши мо гузашт ва ман дидам, ки чашмони он модар тар буданд. Шояд ғами дилаш ногоҳ аз қайд вораста ва ба дона-дона ашки талхе мубаддал гашта, аз дидагони бодомиаш фуруд меомаданд. Баъдтар шунидам, ки ӯ ҳар гоҳ мактабиёнро бубинад, дилаш ганда шудаву ба оби чашмони худ ғарқ мегаштааст. Чунки Шоҳинашро ба кадом сабабе нагузоштаанд, ки мактаб бихонад ва қатори ҳамсинҳои худ илми замон омӯзад. «Бачаву духтари мардум аз сурати ӯ метарсанд» гуфта, аз дари дабистон модару писарро ҷавоб додаанд. Ва он заифа дилаш ғарқоби хуну чашмони шаҳлояш лонаи ашк Шоҳини худро гирифта, дубора ба хонааш омадааст ва аз номаш одам сахт ранҷидаву дилаш монда, ба дарозо кунҷи узлат ихтиёр кардааст.

Ман ба чӣ далеле аз ҳамсинфони худ қафо мондам. Пешопеши ман ду аёли солманд суҳбаткунон мерафтанд. Онҳо шояд аз шодирӯзе бармегаштанд, ки дар дасти ҳар кадом бастаи нону қанд ва пораи матое буд. Модари Шоҳин аз пеши онҳо бо салому алейки кӯтоҳ гузашта буд, ки мавзӯи суҳбаташон низ фавран тағйир ёфт. Дар ибтидо чӣ гуфтанд ман нашунидам, аммо аз ҳамин ҷояш шоҳиди муколамаи эшон будам.

– Зебои шӯр ҳам ягон рӯзи равшанро надид, – гуфт ҳамоне, ки нимтана дошт ва ноаён ангушт ба бари рӯй гузошт, ки шояд маънии «хуб нест» ё «чӣ шармандагӣ»-ро ифода мекард.

– Ҳа, дугон, гул барин арӯс обу адо шудааст. Ҳаҳ бечорае! – ба тақвияти фикри ҳамроҳаш ба сухан даромад зани дигар, ки ба ҷойи нимтана қарси сафеде ба сараш партофта буд.

– Ҳеҷ сари ҷавонаш аз ғам нараст!

– Афсӯс, ҳайф шуд келинчак, ҳайф!

– Худоҷон, дар номаш ман садқа, аз баҳри имтиҳон як бандаашро то баногӯш гирифтори ғам мегардонад, ба дигаре доман-доман шодиву хурсандӣ бахшида, пинҳона таҳаммули онҳоро месанҷад. Баъд, дар фарҷоми кор, басабртарин бандагонашро хуб навозиш мекунад. Оё ҳамин хел нест?

– Ҳамааш дар дасти Худаш. Як вақт мебинӣ, ки ба сари ин берӯзӣ ҳам офтоби саодат нурафшон гаштааст.

– Кош... – оҳ кашид зани нимтанадор ва ноаён лаб зери дандон гирифт.

Онҳо каме хомӯш монданд. Пас аз лаҳзаи андеша он зани рӯймоли сафеддор нӯки қарси худро аз сари сина гирифта паси китф партофт ва нигоҳаш ба роҳи сангфарш ба сухан омад:

– Зебо ҳамун бачаашро дар замонаш ба дасти ҳукумат месупурд, хеле хуб мешуд. Аммо маҳро дид дар рӯйи он тифли ногирон.

Ҳамроҳи ӯ як дам таваққуф намуда нафас рост кард ва теғи нигоҳашро ба ҷониби ҳамсуҳбаташ гардонда:

– Чияш хуб? – гуфта пурсид халадор.

– Ақаллан, озодтар нафас кашида, шояд одамвор рӯзи равшанро ҳам медид, гуфтаниам.

– Ҳар модар ҳам аз баҳри ҷигари худ гузашта наметавонад, Ҳурбибӣ, – ин дафъа ба номаш мурочиат намуд ӯ, – ба ин як дили санг лозим!

– Намебинӣ магар, ҳамун бачаи нимҷони бадбашара гуфта Зебо ҳаёти худро ба доми фано додааст. Мурд аз ғам хӯрдан! Агар оби дар ин муддат рехтаи чашмонаш ҷамъ мешуд, бешак як кӯли калон мегашт.

– Ба назари ман, дуруст кард, ки зодаи худро ба кадом муассисае насупорид. Як умр дар доғаш месӯхт.

– Хаёлат, ҳоло намесӯзад вай?

– Месӯзад, аммо... дар оташи ҳаҷр мондани модар сӯзи дигар дорад, бас азобаш алим.

– Шояд.

– Кӣ медонад, мегӯйӣ? Агар навзоди худро ба дасти ким-кадом одамони ношинос медод, шояд ин вақт ӯро ба қисмҳо тақсим кардаву мефурӯхтанд ва кисаҳои кадом як духтури худобехабар бар ивази гурдаву дил ё ягон узви дигари шӯрбахт пури пул мешуд! Худат паноҳ бидеҳ, Худоҷон, – даст ба гиребон бурд вай.

– Мегӯянд, ки дар таваллудхона Зеборо қариб ризо карда будаанд, то аз баҳри кӯдакаш бигзарад.

– Ваҳ, номакашон гум бод!

– Шавҳараш кайҳо розӣ шуда, ба ҳуҷҷатҳо имзо гузошта будааст. Аммо ба ин заифаи пешонашӯр як ходими тиб, ё...

– Ба шуниди ман, як модари нисбатан аз таги гапи дунё бохабар, ки низ дар таваллудгоҳ мунтазири валодати фарзанд хоб будааст, – сухани ӯро ба таври худ ислоҳ намуд дугонааш.

– Ҳа, шояд ҳамин хел бошад. Хуллас, кадомие гӯшакӣ кардааст, ки агар тифли худро ба дасти онҳо диҳад, куштаву аъзои бадани он мурғакро мефурӯшанд. Баъд Зебо ҳушёр мегардад, ба нолаву фиғон меояд ва ду пойро дар як мӯза андохта, ҷавоби рад медиҳад ва тифли зиштрӯйи худро гириста-гириста ба парпечаш печонда, зуд он маконро тарк мекунад.

– Ман ҳам ин қиссаро шунида будам.

– Аммо шавҳараш ҳамон дам талоқи бечораро дода, аз баҳри хонаву дараш ҳам гузашта, фақат либоси танаш дар бар як саҳари солеҳон аз деҳа баромада рафтааст. Куҷо рафт, муддатҳо ба ягон бандааш маълум набуд. Вай аз тифли бадбашараи худ шарму ор кардааст. Тарсида, ки минбаъд дар байни ҷамоат бо сари баланд гашта наметавонад. Ва... тарки макону ватани аҷдодӣ кардааст.

– Исроил буд-а, номаш?

– Ҳа.

– Дирӯз Гулшани зани Мулло Мухтор гуфт, ки ҳамин Исроил – шӯйи собиқи Зебои бадбахт аз деҳа рафта, дар Бандихон ном мавзеъ бо як зани маҳаллӣ оилаи нав бунёд кардааст. Аммо.., аз қудратат гардам Худоҷон, – гиребон қапид вай, – нуҳ-даҳ сол инҷониб фарзанд надоштаанд. Зану шӯ ба нохунаш зор будаанд.

– Кӯр шавад Исроил! Аз ҳамин рӯзаш ҳам бадтар шавад!

– Ооо... чаро?

– Худоҷон бараъло ба чашмаш нишон додааст. Кӣ гуфт, ки неъмати Аллоҳро пеши по занаду ношукрӣ карда равад?

– Ин гапат айни ҳақиқат.

– Бо ҳамин Зебо зиндагиашро идома медод, нағз набуд? Шояд раҳми Худоҷон омада, боз ҷуфт-ҷуфт фарзандони хушрӯ медодашон.

– Бандааш аз азал як махлуқи шири хомхӯрда, дугон. Пешомадро медонист, шояд ба ин амали нораво даст намезад.

– Ҳамон замонаҳо, ки Исроил зану бачаи худро ба ҳукми тақдир гузошта рафт, тамоми аҳли деҳа нафринаш карданд. Ёдат ҳаст?

– Ҳаст, ҳаст...

– Оқибати ношукриҳо ҳамин, дугонаҷон.

– Ба даргоҳаш ҳазорон шукр... Лекин, ҳар чӣ хоҳӣ бигӯ, аммо умри худро сарфи ҳамин кӯдаки ногирон кардани Зебо ба ман асло маъқул нест.

– Чӣ кор кунад буд бечора? – ба Ҳурбибӣ дубора ало нигарист ҳамроҳаш.

– Бараду, ҳозирам дер нест (!), ба одамаш супорад ва аз ин савдо вораста, сарашро дубора пинҳон кунад ва як зиндагии хубу хушро оғоз бахшад. Охир, як умр дар торикистон зистан чӣ маънӣ дорад?

– Ма, эй бева, ба ман нигар! Ба фаровези даҳонат нигоҳ карда гап зан! Вагарна...

– Э чӣ кор меояд аз дастат? – низ паст наомад Ҳурбибӣ.

– Ҳамон забони дарозатро канда мегирам! Маро медонӣ-а?

– Хайр шуд, Бахтигул! Ин қадар аз худат нарав. Ман ҳам як зани аз худам монда нестам. Дасту остин барзанам, дар як дам пӯстатро канда, ба дастат медиҳам.

– Ҳо-о-о... бало-ку ту, дугона! Ба дастам меафтидагистӣ. Дар ягон хилват биқапам, ана баъд мебинӣ чӣ кор мекунамат!

– О бибимуштумзӯр, чӣ гуфтам ман? Гапи ҳақро гӯйӣ ҳам дар бало мемонӣ-я.. Эҳ Худоҷон...

– Охир, ту ҳам модар ҳастӣ ва...

– Албатта, ба даргоҳаш ҳазорон шукр. Шашто фарзандро қаторак зода, бо сари баланд хонадор кардам. Пеши келинҳоям дутову сето бача доранд. Ман акнун бибии ҳақиқӣ.

– Қандатро зан, бева!

– Э намурӣ, худат бева! Шӯйи ман ҳанӯз аспи бидав. Ҳа-а! – даст афшонд Ҳурбибӣ.

– Илоҳо кӯшапир шавед, ба муроди дил ҳам бирасед.

– Иншоаллоҳ...

Пас аз лаҳзаи сукут холаи Бахтигул лаб кушод:

– Ҳурбибӣ.

– Ҳа.

– Оё медонӣ?

– Чиро?

– Агар дар назди мо – бандагонаш қадре надошта бошад, хунобаҳои хӯрдаи Зебои берӯзӣ, уқубати дидаи вай дар роҳи ба камол расондани як фарзанди маълул дар назди Аллоҳи кабир, албатта, аҷреву мукофоти сазоворе меёбад. Инро ба ду гӯши пӯсидаат шунаву дар ҳамон хотираи парешонат ҳам сахтакак нигаҳ дор.

– Хуб, дугонаҷон. Ба ин гапат ман сад дарсад қоил, – каме ба муросо омад Ҳурбибӣ.

– Ана ҳамин хел! – нигоҳи ғолибонаашро ба пеш гардонда, ноаён оҳ кашид Бахтигул.

Он занҳои солманди деҳа, ки шояд бо ҳам ҳамсоя ҳастанд ё ҳамсолу дугонаҳои наздике, байни ҳам гуфтаву шунида ниҳоят аз назди осиёби валангори деҳа ба чап, ба самти боғистони васеъ тоб хӯрданд. Ман роҳи худро идома дода, ин тавр аз гуфтугузори он бонувони ҳаётдида баҳраманду ниҳоят боз маҳрум ҳам гашта, хаёлам мудом ба ҳаёти печидаи холаи Зебо банд, сумкаи пури китобро аз як китф ба китфи дигарам партофта, ғамгин ба самти хонаамон таноби роҳ кашидам...

***

Онҳо ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд.

Рисолати худро ба ҷо оварда, яке паси дигар чанд даҳсола пеш аз азоби дунё фориғ гашта, дар гӯшаи водии хомӯшон ба хоби абад рафтаанд.

Бале, хоби абад!

Ҳам Бобои Ҳоҷӣ, ки шахси дар диёнат беҳамто буду ӯро мардум барҳақ  сарпӯшу сирпӯши деҳа меномиданд, дар димоғ бӯйи ҷаннати анбарсиришт ба сафари бебозгашт рафтааст, ҳам Шоҳини сураташ ба ҳукми Худованд хеле зишту ба назар ваҳмнок, аммо бешак биҳиштӣ бо олами шар видоъ гуфта, ба ҷамъияти арвоҳ пайвастааст. Во дареғи холаи Зебо, келинчаки хушгиле, ки Шоҳини худро зодаву ба ӯ дарси парвоз наомӯхта, оқибат зери таънаву маломати кӯрдилон дар ҷавонӣ нохост

пир шуд ё шояд фишори таҳаммулнопазири ғаму андӯҳи гарон буд, ки ин заифаро бармаҳал ба хазон расонд! Ва, ниҳояти кор, дар як рӯзи офтобии баҳорон аз дунболи ҷигарбанди худ ба он водии мутлақ сокит кӯч баст. Солҳо гузашта, акнун ҳатто... устухонҳояшон шояд намондаанд, аҷаб нест, ки ба асли худ даромехта ва хок шуда бошанд. Не, не, ҳанӯз тамоман ба хок мубаддал гаштани онҳо боварбахш нест, аммо аз он сару сурат, бешак, як дарза устухон боқӣ монда ва ҳама дороии вуҷудашон ногузир ба коми мору мӯр рафтагист. Инак, он устухонҳои ҷафодида дар синаи хоки нам ба ҳадде сафед гаштаанд. Чӣ ҷойи тааҷҷуб! Шояд дар кулбаи абадан шабистони соҳибонашон мисоли кирмаки шабчароғе рӯшанӣ медиҳанд?

# ГУЛҲОИ ОШИҚ

– Муаллимҷон, ҳо-о Муаллимҷо-он!

Омехта бо чаҳчаҳи булбулон ва садои мурғакони нағмагари шохсорон ин овоз ба гӯшам нишаст. Ҳамсояамон вориди ҳавлӣ шуда буд, ки зуд шинохтам ӯро. Аз овони хурдӣ ба ман шинос буд овозаш ва ҳар рӯзи Худо аз он сӯйи шиғтавораи ҳотаамон баланд шудаву гоҳо аз вазъи ором ва гоҳе аз ғазаболудагии соҳибаш ҳикоят мекард. Овози ба ҳадде равшанаш дар гӯшҳоям маҳкам нишаста, ҳатто агар дар хоби шаб мешунидам, бешак, зуд фарқ гузошта ва номи амаки Насибҷонро бехалал ба забон меовардам. Садои марғуладору базарбае дорад вай! Замоне, ки ба кадом мӯҷибе асабӣ мешуд (инро аз садои баланду бо нафрини ошкор гап заданаш пай бурдан мумкин буд), овозаш аз қарсоқурси тундари фасли баҳорон тафовуте намекард. Аммо... ҳоло садои ногаҳ ҳавлии моро пур кардаи ӯ чунон навозишгар, чунон рӯҳнавоз буд, ки яқин ҳатто мори дар сӯрох пинҳон берун меомад.

– Биёед, ҳамсояҷон, – даме аз шуғли худ танаффус карда, белро бо як зарб дар бари ниҳоли хурмо ба замин халонда, саломгӯён ба истиқболи амаки Насибҷон шитофтам: – Марҳамат, чӣ хизмат? – аз дари одоб омада, даст болои сина пурсидам ман.

– Э ба тарбиятгаратон тасанно, муаллимҷо-он, – баъд аз

ҷавоби салом бо назар чаҳор ҳадди ҳавлии моро чен карда, миннатдор ба сухан омад ӯ ва пас аз фурсати сукутмандӣ:

– Ман... ба зарурате пешатон омадам, – дастони кордидааш дар пушт қуфлу калид хаёле дудила эълом дошт.

«Муаллимҷон» гуфта муроҷиат кардани вай сабаб дорад. Омӯзгор буд падарам ва ғолибан, аз пушти ҳамин касби бошараф нон хӯрдаву фарзандонро низ бо оши ҳалол парварида, дар деҳа эътиборе пайдо карда буд. Ҳоло бо амри Холиқи зулҷалол аз дори фано ба байти бақо кӯч баста ва ҳамин калимаи соҳир чун ёди хайраш дар забонҳо монда буд. Аҳли деҳ ба нишони эҳтиром мудом ба мо – зурриёти бозмондааш низ «муаллимҷон» гуфта муроҷиат мекунанд ва ин одати ҳамдеҳагон ба мани ҷавон хеле хуш меомад, чун навои рӯҳбахше ҳар тори ҷонамро навозиш карда, аҷаб парвозе ҳам мебахшид. Як вожаи сеҳрангезу меҳрангезе буд, ки ба маҳзи шуниданаш дунёам офтобӣ мешуд. Ва... ин асно низ бо истимои ҳамин калимаи дилпазир кӯфти кору осори мондагии рӯзҳои серташвиши баҳорӣ аз вуҷудам батамом бадар шуданд.

– Доскалла даркор шуд, муаллимҷон. Раҳматӣ, падаратон, – оҳ, ҷони одам буданд он кас! Илоҳо, манзили охираташон пур аз нур ва худ ҳамнишини ҳурони ҷаннатӣ гарданд, – чунин як асбоби хубе доштанд, дастааш нуқракӯбу дамаш бурро. Ба нақлашон, аз кадом як оҳангари бухороӣ бо тавалло харида будаанд... Гоҳ-гоҳе, вақти зарурат, ман ҳам истифода мебурдам. Агар бемалол бошад...

– Чаро не, амакҷон?! Садқаи суханатон, ҳозир мебиёрам, – гуфтам аз фахр дар вуҷудам нағунҷида ва тозон худро ба таҳхона задам, ки дар як гӯшааш тамоми асбоби кории зиндагӣ нигаҳдорӣ мешуд. Аммо кофтаву доскалларо дар ҷояш пайдо накардам. Ин сӯ он сӯро гаштам, нест! Аҷиб, гӯё замин кафидаву ба қаъри хок андар шуда буд. Баргашта ба ҳамсоя хиҷолатманд гуфтам:

– Узр, амакҷон, хеле кофтаву наёфтамаш. Шояд табар...

– Не, – гуфт ӯ осори ранҷиш дар гуфтор, – табар дорам.

– Ёбам, албатта, ба хонаатон мерасонам.

– Ташвиш накашед, муаллимҷон. Ягон илоҷи дигарашро меёбам.

Вай, ҳамон даст дар пушт, умедаш кӯр оҳиста қафо гашт. Ман дар миёни ҳавлӣ муддате хӯсавор рост истода, дилам ба шабистон мубаддал шуд. «Охир, он доскаллаи гӯрсӯхта дар куҷо бошад? Наход ягон бебасаре даромадаву бо худ бурда аст? Куҷо мондаам?». Намедонистам, сари калобаам гум шуд. Мағзам сари саду як андешаи гандаву нағз кор карда, ниҳоят хотирам мушавваш гардид. «Оҳ-ҳ.., ин чӣ кор шуд? Шармандаам валлоҳ! Он асбоби таърифӣ аз падарҷонам ёдгор аст, аммо...» – фикркунон худро накуҳиш намудам ва заррае парешонҳол аз бари гулбуттаҳои ошиқ мегузаштам, ки мероси қиблагоҳро онҷо – дар замини рутубатнок хору зор ёфтам. Ба дидаам равшанӣ давид. Дидам, ки аллакай ба дами тезаш занг нишаста, чун дандонҳои гӯсфанди пир бенур метобад. Ба даст гирифта бо остини ҷомаи корӣ сабук тоза кардам, муддате ба ҳолаш бо таассуф назар дӯхта, ба ёд овардам, ки тахминан аввали баҳорон буд ва...

***

Офтоб аз паси кӯҳони талҳои оғӯш ба оғӯши шафати деҳа зардӣ карда, оламро бо анвори мулоимаш навозиш медод. Ҳавои саҳаргоҳон сабуку рӯҳбахш. Дасту рӯ шуста худро хеле ҳушёр дарёфтам ва муддате дар дами бодаки форам қарор гирифта, аз мадҳи чашмон боқимонда осори хобро батамом зудуда ва ин тавр, аз насими субҳи босафо бархурдор гашта, намедонистам, ки ҳоло аз дасти кадом коре бигирам ва ба иҷрояш камари ҳиммат бандам.

– Аҷаб гарданғафс шудаӣ, бачем, – аз пушти сар овози модарам ба гӯшам даромада, мани дар байни ду сутун ходавор рост истодаро аз банди андешаҳо раҳонд. Ҳис кардам, ки ӯ бо нолиши пирона ба айвон қадам мемонад. Садояш дилпазир, аммо як зарра омехта бо итоб ва ранҷиши сабуке буд.

Ман беихтиёр даст ба гардан бурда, ба таври худ он узви дар фарозаш сари сабзам устуворро хандон чен карда, ба нишони тааҷҷуб китф дарҳам кашидам.

– Гардани ман аз миёни мӯрча бориктар-ку, – беғубор хандидам ман. Ҳарчанд сарзаниши модар рост буд ва айёми охир андак нохуш шуда, мисли ин ки бӯйи баҳор зада бошад, ба

кори рӯзгор низ лоқайд менигаристам, хоболуду аъзои баданам карахт буданд. Аммо дилам, ки бо ин амал оҳанги ҳазлро тақвият бахшида ва то ғубори хотираш бартараф гардад, кунун бо як шадда табассуми соф ба рӯяш дида дӯхтам.

– Ҳайрон нашав, рост мегӯям, – ҳоло худро дар бари ман расондаву дастон дар миён ва нигоҳи итобомезаш ба чаҳор ҳадди ҳавлии дарахтзори пеши айвон давида, ба таъкид гуфт ӯ: – Танбал шудаӣ, коргурез шудаӣ.

– Ман-а? Наход... – ангушт ба рӯйи сина гузошта, беолоиш хандидам ва аз сари китфонаш оғӯш карда, аз бӯйи дилпазираш, ки айни накҳати баҳори хуррамро мемонд, маст гаштам. Замоне ба гулгашти айёми беғубориҳо рафтам. Аммо боз лаб ба сухан кушодани модарҷон мани махмурро аз он кишвари афсонаҳо берун овард:

– Чанд бор гуфтамат, ки баҳор дар лаби роҳи Каҳкашон. Мижа таҳ накарда мебинӣ, ки қадами муборакаш ба остони мо ҳам расида аст. Ин тавр, дар як нафас боғамон аз гулу сабза пур мешавад.

– Хайр... – ҳамоно худро бепарво вонамуда, нигоҳи очаамро дунбол гирифта, ба саҳни боғ нигаристам ман.

Дарахтон ҳанӯз урён буданд, аммо бӯйи баҳорро шамидаву беқарор менамуданд. Ҷӯяҳои токи ангур чун чини пешонии модарам дарозу кӯтоҳ бари ҳам хобида ва панҷаҳои низ бебарги раз як ваҷаб аз хоки нам сар бардоштаву бо майли тамом ҳавои омад-омади баҳорро ба димоғ кашида, ҳушёр мегаштанд; оҳиста аз хоби тӯлонии зимистона берун меомаданд. Ягон-ягон хору хасҳои сармохӯрдаи тирафом ҳусни боғро мекоҳонданд.

– Аммо ҳанӯз ҳавлии мо ба истиқболи он арӯси нозанин омода нест, – хаёле лаб газид ӯ ва дар чеҳраи ожангбастааш аломати ғам падид омад.

– Чӣ кор кунам, очаҷон? Намебинед, қариб ҳама ҷо озода... – худро сафед карда, ду даст ба ҷонибҳо ҳамвор намудам.

– Агар раҳматӣ падарат зинда мебуд, кайҳо долу дарахтони ҳавлӣ луфтаквор зебо мешуданд. Дар ягон ҷо гарде намонда тоза мекард, ки фардо алафҳо қад кашидан пас, ҳангоми хишова, ба дами дос халал нарасонанд. Ба назарам, таълими падаратро

фаромӯш кардаӣ, бачем?

– Не, аз ёдам нарафтааст, – сар хам кардам ман ва аз ҳаё тоҷи хурӯс барин сурх шуда, рӯ ба самти дигар овардам.

Модарам бо ҳамон нолиши пирона ба саҳни ҳавлӣ қадам монда, дар назди гулбуттаҳои ошиқ қарор гирифт. Қомати як замонаҳо мавзунаш ҳоло хамида, мӯйҳояш низ шири навдӯшида буданд ва милаҳои аз паноҳи сарбанди хушгулаш вораста дар партави низ ширвории офтоби саҳар медурахшиданд. Ман ба «уфу куф» қадаммонии ӯ зеҳн монда, бори андешаҳои мағмум дар сина аз қафояш омадам. «Офтоби сари қуллаҳост ӯ ...» – бадард аз дил гузаронидам ман.

– Дигар мунтазир мабош, ки ин ёри гулбутта боз сабз мешавад. Бас аст, ки ду сол интизор шудем. Ба хаёлам, ин офаридаи Худо ҳам фаҳмидааст, ки падарат бебозгашт ин манзилу маконро тарк кардааст. Ва аз решааш хушк шуда, акнун даргумон аст, ки нишоне аз ҳаёт бидиҳад. Решакан куну ба ёри дигараш ҷойро васеътар намо, – ин ҳарфҳоро аз дили сӯхтаву бирёнаш ба нӯки забон оварда ноаён оҳ кашид модарам.

Ман бедилон ба самти таҳхона рафта қайчиву доскалларо овардам ва дилам дар панҷаи дарду алам ягон-ягон шохчаҳои хушки онро қайчӣ зада, мураттаб сохтам. Модарам муддате ба кори ман нигариста, оҳиста ба роҳи омадааш қафо гашт. Ҳис намудам, ки дидагони ғамгинаш ғарқи об буданд ва лаб зери дандон бесадо гириста-гириста боз ба хона даромад. Дили ман ҳам вайрон шуд. Ҳаргиз дастам намерафт, ки ин гулбуттаи як замонаҳо шукуфон ва бо реҳлати падарам акнун аз наво мондаро батамом решакан бикунам. Хотироти дерине ба ёдам расид, ба ҳеч ваҷҳ намехостам онро аз ёраш – гули Садбарги ҳанӯз тар ҷудо созам. Доскалла дар даст рост истодаву ин корро ба ягон рӯзи мувофиқ мавқуф гузоштам ва он асбобро низ дар ҷойи кор, рӯйи замини рутубатнок партофта, дунболи иҷрои нақшаҳои нав рафтам. Ин тавр, рӯзҳо гузашту ҳоло баҳор ҳам расид ва боғи мо пероҳане аз гулу сабза ба бар намуд.

Таърихчаи аҷибе доштанд ин гулҳои Садбарг. Ман аҳламро шинохта ва онро ба таври худ хулоса карда, ба онҳо аз эҳтиром гулҳои Ошиқ ном ниҳода будам.

***

Ин гулҳо дар қарибии пояи суфаи сангӣ, миёни хел-хел рустаниҳо қад боло карда, аҷаб шукуфон ба назар мерасиданд. О ваҳ, чӣ зебо буданд онҳо ва ранги базебашон чашм мебурду накҳати машомгирашон дил. Ёд дорам, ки хурд будам ман ва як бачаяки мудом ёвари падар! Ба ҳар коре ҷурғот шудаву ба ҳар сухан нахӯди пеши чумча, гуна-гуна суолҳо додаву низ ҷавоби дилхоҳ шунида, ғарқи дунёи худ мегаштам. Он рӯзон ҳанӯз табиат аз хоби гарони зимистон бедор нашуда, аммо нафаси баҳор аз пушти дар бармало ҳис мешуд. Саҳарӣ аз хоб хеста падарҷонро дар сари хони наҳор надидам. Маълум буд, ки оламафрӯз чашм накушода чун одати ҳамешагӣ дар дили субҳи содиқ ба сафар баромадааст. Аммо куҷо рафта буд, ба мо номаълум. Ҳатто модарҷонам хабаре надошт. Аз сафарҳо баргаштани ӯ барои мо – фарзандон ба иди ҳақиқӣ мубаддал мегашт. Зеро вай ҳатман бо дастовезе омадаву вақти моро хушу мамлуи шодиҳо мекард: гоҳ шакалот, гоҳ қандалот, гоҳе гуна-гуна мағзу чағз... туҳфа меовард ва бешак, узубати ҳамин дастовезҳо моро ниҳоят хуморӣ карда буд. Ин дафъа сафари ӯ чун дар гузашта ба дарозо накашид. Дами саҳар аз хона баромадаву бо қадами шоми мармуз дубора баргашт. Ба гуфтааш, Деҳнав ном мавзеъро тамошо карда пеши роҳ аз бозори дар забонҳо достони он макони тоҷирони беқарору ҳушёр ба ҷуз шириниҳо ҳадяи назарногире харидааст – як ҷуфт ниҳоли гули Садбарг! То решаашон шамол кашидаву осебе набинанд, бо нишондоди падарҷон онро дар қарибии суфаи сангин – маъвои тобистоннишини аҳли хонадон нишондем. Мани ёвари додо зуд аз лаби сатил об рехта, аз пояи ҳанӯз урён ва бенавои он гулҳо нигоҳ барчида, назари суол ба қиблагоҳ дӯхтам.

– Айнан ҳамин рӯз модарат – он вақт духтари хушгилу дар латофат беҳамто, нахустин қадами мубораки худро ба ин хонадон монда, манзили моро ба нуру сафо оганда буд. Ба нишони меҳру вафо хостам ба ӯ ягон дастагули бебаҳо бихарам. Аммо як шаҳри калонро гашта, ба ҷуз гулҳои сунъӣ чизе дархӯри армуғон наёфтам. Бедимоғ аз миёни растаҳои бозор мегузаштам, ки як мӯйсафеди деҳотӣ (инро аз либоси танаш ва

аз оҳанги гуфтораш, ки бӯйи самимият медод, фаҳмидам!) аз роҳ боздошт. Вай рӯйи шолчае нишаставу дар қатори хел-хел ниҳолҳои себу анор, шафтолуву бодоми пайвандӣ ду адад гули Садбаргро низ ба фурӯш гузошта буд. Он гулҳои решаашон латтапечро ба даст гирифта илтиҷоомез: «Писарам, илоҳо баракат ёбӣ, ҳамин гулҳоро бихар, – аз ҷой нимхез шуда гуфт ӯ, – арзон медиҳамат. Асло пушаймон намешавӣ. Ба як маъно, пулат ҳам бо худат меравад. Аз худи баҳор ба гул нишаста, то дари зимистон шукуфон мемонанд. Ин хел гулҳо дар музофот камёбанд... Аммо ба мардуми мо гул лозим нест магар, касе нахаридашон. Бигир, бачем, ҳайф нашаванд. Арзон медиҳамат». То сухани он пири рӯзгордида ба замин намонад, ҳарчи бодо бод гуфтаму харидам. Ҳамин тавр, ба як тир ду нишон ба даст омад: деҳқони мӯйсафед хушнуд гашт ва ба ифтихори солгарди рӯзи шодиамон соҳиби туҳфаи, ба қавли соҳибаш, олие шудам! Чеҳраам кунун равшан, зуд маблағи он гулҳоро ба дасти фурӯшанда дода, боз чандин дуо ҳам аз забонаш шунида, инак бо худ овардам. Ин ҳадя аслан ба модарҷонат аст, бачем. Бигзор ҳар баҳор гул кунанду ба ҳусни ҳавлиамон биафзоянд ва он рӯзи нек – оғози оилаи моро бо вуҷуди муаттарашон ёдовар шаванд.

– Беҳтарин туҳфа, – гуфтам ман сарам ба осмонҳо расида ва аз эҳтироми беназираш ба модарам андешида, хеле мутаассир гаштам. Вуҷудам низ бо ҳисси ифтихор пур шуд. Аз садоқати беолоиши ӯ дилам боғ-боғ шукуфт, лабрези сурур гардид. Ин дам модарам дар даст лаълие ба самти ошхона қадам монда, ба мо – падару писари ғарқи суҳбат муроҷиат кард:

– Ошро мекашам, хона дароед.

– Дидӣ, модарат ҳам ин рӯзро фаромӯш накардааст ва аҷаб нест, ки ба шарафаш оши аълое пухтааст, – дасти навозиш ба китфи ман монда қаноатманд гуфт падарам.

Мо шодон даст шуста вориди хона гаштем. Пас аз тановул падарам албоми суратҳоро аз ҷевон гирифта, суратҳои онро як-як ба мо нишон дод. Аксҳои таърихию таърифии албом аз ҷараёни тӯйи арӯсии волидонам ҳикоят мекарданд. Ману хоҳарчаам аз ду бари падар нишаста, бо шавқу завқи беқиёс суратҳоро тамошо кардем. Баъд хоҳаракам ногоҳ авзояш беҷо бо муштчааш ба зонуи

падарам нарм-нарм зада, қариб гиряолуд пурсид:

– Чаро ман нестам дар суратҳо, додоҷон? Чаро маро сурат нагирифтед?

Мо баробар хандидем ва ин хандаҳо ӯро боз ҳам оташин намуд магар, дар идома сим-сим ба гиря даромад. Падарам ӯро ба сари зонувонаш нишонда, сару рӯяшро бӯидаву бӯсида:

– Ту дар кишвари афсонаҳо будӣ, духтарам. Баъдтар ману модарат бомаслиҳат туро, ки аз фариштаҳо монданӣ надоштӣ, аз байни ҳурони осмон, аз миёни чандин духтарчаи шӯху хандон интихоб карда ба хона овардем, ширини ман, – мулоим посух гардонд падарам.

– Ана, ин сурати ту, – расмеро ҷудо карда кӯдаки парпечро нишон дод вай. Хоҳарчаам дубора чаманвор шукуфт, дунёаш рангин кокулони зебояшро алвонҷ дода қариб ба рақс омад.

Ин тавр, аз ҳамон айём ин гулҳои Садбарг зеби ҳавлии мо гаштанд. Аз худи аввалбаҳор ба гул нишаста, то омад-омади фасли хазон ва сармоҳои шадиди сол мешукуфту мешукуфт. Накҳати хуше, ки аз вуҷуди нозуки ин мавҷуди зинда ҷудо шуда то машомҳо мерасид, ба рӯҳи аҳли хонадон аҷаб оромише эъто месохт. Гӯё дар қади гулгаштҳои фирдавси Худованд ҳузур дошта бошем, масти ин бӯй, асири он мешудем. Яке аз он гулҳо ранги сурхи баланд дошт ва ёраш гулобиранг буд. Ман ин гулҳоро ба падару модарам шабеҳ медонистам, зеро онҳо низ зеби ҳаёти мо буданд...

***

Дидагонам нам ин таърихчаро ба ёд оварда, дубора ба гулҳо назар мондам. Гули Садбарги тари гулобӣ, ки чун тимсоли модарҷонам медонистам, ёри худро, ки ду соли охир аз нумӯъ мондаву хушк шуда буд, ба оғӯш оварда, бо баргу гулҳои зебояш пояи сиёҳфоми онро батамом пӯшонда аст. Чунин ба чашм мерасид, ки гули Садбарги қирмизӣ – ёри азалии Садбарги гулобӣ ҳам эҳё гаштаву чун дар замони шукуфоиҳояш зебову дилбар шудааст. Аҷаб ҳолати ҳайратангезе ва дар айни замон такондиҳандае буд, ки маро мафтун сохт ва як ҳисси тасвирнопазире вуҷудамро фаро гирифта, дар шарёнам хун ба шодӣ омад. Ин дам аз куҷое модарҷонам дар барам пайдо шуда:

– Бачем, овози ҳамсоя ба гӯшам расид ё хаёл маро фанд кард? – гуфта пурсид.

– Ҳа, амаки Насибҷон омада буданд, – ба посух лаб кушодам ман ва доскаллаи зангзадаро ҷонсарак ба бағал пинҳон кардам, то чашми ӯ афтода зиёда мушавваш нагардад.

– Барои чӣ омада аст?

– Доскалла лозим шудааст.

– Нағз, ки хайрият будааст. Дилам ба куҷоҳое нарафт. Одамӣ аст, бачем, ҳаёташ гоҳ шодӣ дорад, гоҳе ба ғам тавъам!

– Олуғда нашавед, оромист.

– Хуб, доскалларо додӣ?

– Наёфтам, очаҷон. Куҷо мондаам, намедонам. Ҳама ҷоро тагурӯ намудам, – доскалла дар оғӯш аз дурӯғи худ шармам омадаву ба гунаҳоям сурхӣ давида, ҷавоб додам ман.

Аммо ин замон чашми модарам ба гули шукуфони Садбарг, ки накҳати хушаш машомро муаттар месохт, афтод ва аз сари ин савдо гузашту қадре ҳаяҷонзада:

– Ваҳ, гули додот шукуфтааст-ку, – гуфт бо овози ларзон.

– Ҳа, очаҷон, – бо сари баланд тасдиқ намудам ман.

– Ҳаҳ шӯраке–е... – ногоҳ нидо дардод модарам ва сари зону нишаста, бо дастони ларзон Садбарги шукуфонро бо меҳр сила кард. Дар пай чашмаш ба пояи гули хушкидаи ҳоло дар оғӯши баргҳои Садбарги ғарқи гул афтода:

– Аз қудратат гардам, Худоҷон,  муъҷизаҳоятро ҳисобе нест, – гуфт хаёле дилаш ганда шуда ва фавран гиребон қапид. Вай бо осори як ғами оганда бо шодӣ, вале посухҷӯ ба ман рӯ овард. Пурсидан мехост, ки чаро гули хушкшуда дар ҷояш?

– Дастам нарафт, очаҷон, ки ёри гули додомро решакан кунам, – маънӣ чида гуфтам гунаҳкорона ва лаб газидаву сар хам намудам.

Модарам оҳи бадарде кашид, низ аз таҳайюри азим ҳамоно даст ба гиребон ва бесадо зери лаб чиҳое гуфта, мил-мил ашк рехт. Баъд:

– Кори дунёи бевафо ҳамин, писарам, – нолон қомат рост гирифт ӯ ва ғамгин изофа намуд:  – Давлати сарамон зинда мебуд, бо ҳам баҳори гулпӯшро медидем, вай бешак ба файзи

хонадон афзуда, мояи хурсандиҳоямон мегашт. Аммо чӣ илоҷ, инсон алаф нест, ки тухмаш ба хок рафта дубора нумӯъ кунад. Одамӣ савдои дигаре доштааст: сар ба хок ки монд, тамом, бебозгашт фано мешавад. Мо ба ҷуз сабр чорае надорем.

Вай бесадо гириста, ба самти хона қадам монд. Офтоби умри ӯ низ майли ғуруб дорад. Ҳар дами буданаш давлатест бебаҳо! Ман ба оби чашмони худ ғарқ дар бари гулҳои Ошиқ, ки тимсоли волидонам буданд ва ҳоло яке аз онҳо ёри хушкидаи худро ба оғӯш кашида ларзону ҳаросон, бо сад илтиҷо ба «ҷаллод»-и доскалладор менигарист, бори шонаҳоям сангин:

– То ҷовидонаҳо шукуфон бимонед, гулҳои Ошиқ, – гуфтам мӯякунон. Пас, доскаллаи зангхӯрда дар бағал пойи худро кашола карда, ҷониби таҳхона рафтам. Акнун бедиранг чораи аз асорати занг халос кардани асбоби ёдгориро бояд биёбам.

# ҶОЙИ МОДАР

***Эҳдо ба устод Юнуси Имомназар,***
***адиби пухтакор ва муаллифи ҳикоёти мондагор***

Дар даст ду нони гарм аз мошин фаромада, лоқайдона ба қади кӯча чашм давонд. Роҳи сангфарш аз ҷойи истодаи ӯ саршеб рафта, ниҳоят аз пеши як чанори азим хам хӯрдаву аз назар ғоиб мегашт. Аммо аз як тараф ин ҷодаи рустоӣ морпечон ба кӯҳтали лучаке расида, мисли ин ки ногаҳон гардан зада бошанд, қатъ мегардид. Нигоҳ аз фарози тали урён ба поён тасаввуре илқо медошт, ки роҳ маҳз забони ҳамин хоктеппаи ҷигарсӯхтаи бегиёҳ буда, гӯиё аз ташнагии шадид берун омада аст... Ҳар санги ин кӯча, ҳар гулу хораш ба мард шиносу хеле азиз аст ва албатта, ин ошноиро бо тамоми вуҷуд сидқан ҳис мекунад. Чунки давраи лоуболии бачагии ӯ дар домани ҳамин роҳу пайроҳаҳо гузашта, то ба ҳол дасту пойҳояш аз захми сангу хорҳо ҳикоят доранд, нешу нӯши он айёми гулбасарро фаромӯш накардаанд. Аз қаъри ҳамон солҳои ҷодуӣ суруше ба гӯшаш нишаста, ёдҳои хуфтаро бедор месозад. Он хотироти шодиангез лаҳзае ба тану ҷонаш

лаззат бахшида, аммо бо баробари рӯ гирифтани як хотираи ғамангез ин узубатро зуд ба талхӣ дармеомезад. Мард гӯё бо нигоҳи ҷафидаи худ сар то пойи ҷодаро чен карда, ба таҳқиқ фаҳмидан хост, ки дар гоҳи набудани ӯ ба дороии ин маҳалли хокбозиҳою хартозиҳояш чӣ афзудаву кадом аъзои азизи он кам шудааст! На, на! Ҳар як узви ин кӯчаи шинос мисли қадим пойбарҷо аст: аз ду бараш деворҳои похсаву сангини ҳотаҳои мардум тӯл кашида, парити* ниҳоят аз боду боронҳо ва шаъшааи офтоби тобон сиёҳшудаи сари онҳо маъвои лонаҳои занбӯру говзанбӯр буд. Аз бари ин деворҳои каҷу килеб дарахтони шамшодқади сафедор, себу зардолу, гелосу олу... саф кашида, ҳоло бодаки мулоиме шоху баргони онҳоро ба наво меовард. Ба ин суруди дилпазир садои шил-шили ҷӯйбори обаш мусаффо ҷӯр мегардид ва радаи дарахтон, хел-хел сабзаву гулҳои худрӯро шодоб карда бо нағмаи хосе ҷорӣ мегашт... Аммо чӣ илоҷ? Ин оҳангу замзамаҳо ба гӯши мард асло намедаромаданд ва ҳусни ба худ хосу қариб тағйирнаёфтааш низ нигоҳи лоқайди ӯро рӯҳ намебахшиданд. Баръакс, ба дили ҷароҳатмандаш тазйиқ оварда, решаи дарду аламро жарфтар менишонданд. Хаёлаш ки дар айни вақт ҳамин кӯчаи ниҳоят шинос ва ин деҳаи дар дилу дидаҳояш мақомёфта манзили чуғзро мемонданд ва беодаму аҷаб хилвату сокит намудор мегаштанд.

Аммо...

дар асл деҳаву ҷодаи шағалпӯши чиркинакаш, албатта, гуна-гуна саргини ҷонваракон ва коҳи парешон, ки шамол бо ҷорӯби худ рӯфтаву ба ду ҳошияи он баровардааст, зинати хосаш буданд;

ин ҳангом хилват ва ба сукут низ ғӯтавар набуд! Охир, ба ҷуз суҳбати мулоими барги дарахтон ва қул-қули якнавохти оби ҷӯйбор ҳамин асно аз пеши ӯ писараки харсаворе гузашт, ки кӯчаро бо садояш пур карда буд. Вале инро марди хаёлрабуда ҳатто ҳис накард. Писарак, ғолибан, маркаби танбали худро хала кардаву маҳмез мезанонд ва бо нафринҳо ба гаштан водор месохт. Аммо хари бепарвофалак баҳузур қадам бардошта, фириқ-фириқ бинӣ афшондаву сум кӯфта ва пеши роҳ ягон-ягон

---

*** парит** – *сарпаноҳи каме ба берун баромадаи сари девор*

саргинҳои парешонро бӯй мекашид. Ду лаби худро ба ҷонибҳо кӯчондаву дандонҳои зардаш дар намо ва фукаш ба сӯйи само чунон ин бӯйи ба худаш ошноро ба димоғ мегирифт, ки ҳатто ба мағзаш асар карда, муддате чун кӯкнорие ба тамоми ҷисму ҷонаш як роҳати оромбахш медавид. Сипас, хар дар сағрии худ зарби мулоими халачӯбро ҳис кард ва соҳиби хурдакакро зиёд интизор насохта, коҳилона таноби роҳ кашид. Маълум буд, ки савораaш – бачаяки беқарори борикандом, боз ҳам ғазабҷӯш мегардад.

Ана, боз...

як миқдор моли реза низ гузашта, – эҳтимол бесоҳиб буданд, шояд ногаҳон аз ҳотае берун омада, ба ҳавои худ гашту гузор мекарданд он ҷонваракон, – сукути кӯчаро латма заданд. Ҳатто аз кадомин ҳавлие овози гов ҳам ба гӯш расид, ки шояд он махлуқи Худо гурусна ё ташна буд, ё ки вақти дӯшиданашро мунтазир истода, соҳибаи худро огоҳ кардан мехост, ки дар фироқи ҷигарбанд – гӯсолаяки хушрӯяку хушбӯякаш дилтанг гаштааст.

Хуллас, ин замон деҳа дар панҷаи садоҳои мухталифи ба худ хос метапид!

Вале бо ҳама сару садоҳояш ин ҷодаи деҳистон ба назари меҳмон сокиту ҳавлангез намуд. Чаро? Инро танҳо худи мард медонисту Худои ӯ!

Вай нек дар ёд дорад:

Рӯзе нолаҳои ҷигарсӯзи пайвандон дар бехи гӯшҳо...

тобути модарҷонашро...

аз ҳамин дарвозаи ҳавлии саросар сабз берун оварданд ва он гаҳвораи ғам сар-сари дӯши мардум ҷониби манзили хомӯшон албонҷхӯрон рафт. Ин тавр ҷисми очаҷонашро абадан дар он маскани ниҳоят хилвати хокаш сард гузошта омаданд. Худи ӯ низ чандин бор тозон рафта дастаи тобути модарро сари китфон гузошта буд. Дили фигораш реш-реш чашмони пури обашро аз гаҳвораи он аспи чӯбин намеканд. Нолаи кунде аз лабонаш хеста ва: «Очаҷонаме, меҳрубонаме! Моро партофта куҷо меравӣ?» гуфта, якзайл оби дида мерехт. Ин тавр, ҷисми ӯро нолону гирён ба доми хоки нам супурда, аз қабристон баргаштанд. Аз он гаҳ эътиборан қасри нишоташ футур рафта, олами бопаҳно ба

назараш дидаи мӯр барин танг гашт... Вай то ҳол худро монои як дарахти бенаво ва мурғаки беболу пар ҳис мекунад. Солҳо гузашта, ҳанӯз ба ин ҳақиқати талх – фироқи ҷигарсӯзи модар хӯ намегирад. Зиндагӣ бе модар на ранг дораду на бӯй ва ҳаёти мудом рангин ҳам дар назараш чун матои обшуста камнур шудааст.

«Оҳҳ... ҷоякат ҳамеша холист, модарҷон! Оё ягон махлуқи Худо ин ҷавфро пур карда метавонад?». «Наметавонад!» – дар дил хитоб намуд ба посухи суоли худ. – «Меҳрат ҳам бебадал будааст. Хуллас, нотакрор будай, очаҷони ман!» – аз алам лаб газид ӯ. Пас аз лаҳзае: «Ҳароина, ҷойи модар дар пешгаҳи қалби фарзанд ҳамеша холӣ мемондааст!» – чун хулосаи андешаҳояш сидқан тасдиқ кард. Сипас, хаёл вайро ноаён ба гузашта бурд.

...Вақте очаҷонаш зинда буд, эҳ-ҳа-а... ҳаёт ҳам беқилу қол мазаи дигар дошт, рангин ва бонакҳат буд! Он замонҳои рангинкамонӣ маҳз як неруи ниҳонӣ ӯро кашон-кашон то ин хокдон меовард. Зуд-зуд водор месохт, ки аз шаҳри азим омада, вориди ҳамин манзилу макон гардад. Бешак меҳри модар буд он неруи пинҳон, ки ӯро чун оҳанрабо ба сӯйи худ мекашид. Ин тавр, аз дидораш рӯҳу тавон ёфтаву боз аз пайи зиндагии хеш мерафт ӯ. Акнун, пас аз сафари бебозгашти модар, осмони сари ӯ офтоб надорад, абадан гирифтори як шабистони бедод аст!

Мард ғамгин пешонӣ молида, гӯё андӯҳро сари панҷа овардаву сахт фишурд.

***

Ҳоло...

Рӯз гашт мекард!

Офтоби шуълавар дар тараддуди расидан ба шаббоши хеш буд ва ҷисми мунираш дар панҷаи садҳо ғусса худро ба қафои кӯҳталҳои урён мегирифт. Мард... аз ин манзара бо гаронҷонӣ чашм гурезонда, дар назди дарвозаи қадима таваққуф кард ва бори синаашро бо чандин «оҳ» берун афканд. Қалбаш аз кадомин хотироти ногаҳон рӯзада ба ғалаён омад, оҳиста як табақи дарвозаро тела дод. Дилаш мехост, ки бо овози баланд «Ассалому алайкум, очаҷон, ман омадам!» гӯяду шоду бод

худро ба ҳавлӣ занад. Албатта, ҳамон дам овози қаймоқии модарҷонаш ба гӯшҳояш хоҳад нишаст: «Биё, писаракам, биё ҷигаракам. Қудумат болои дида!», мегӯяд ӯ ва аз ду бари рӯяш бӯсидаву ба оғӯш мегирад. Баъд, болои суфачаи сангини таги хавозаи токи ангур, аз бари худ ҷой нишон медиҳад... Мард аз тасаввури ин манзара як лаҳза ба ҳаяҷон омад ва зуд аз банди хаёл вораста, қалби ҷароҳатмандаш бадтар ба андӯҳ гирифтор гардид. Мағзаш тамоман меҳолуд бо чӣ хаёле дубора аз дарвоза даст ғундошта, як дам гулуяшро молид. Низ филфавр оби даҳон фурӯ бурд ва гӯё панҷаи оҳании яъсро, ки ноаён ба гулуяш фишор меовард, нарм кардан хост. Дидагонаш нам, ночор боз даст ба паллаи дарвоза бурданӣ шуд, ки аз паси он садои базарбаи саге ба гӯшаш нишаст. Вай як қад парид! Ҳушёр шуда, ба чоки гиребон «туф-туф» гуфт. Баъд:

– Бостон! Бостонҷон, ин манам! – аз садояш сагро шинохта, ба навозиш забон кушод вай.

Ҳамон лаҳза садои саги бадҳайбати хонадон тағйир ёфт. Нарм ва акнун шодиомезу хайрхоҳ гашт. Вай бо баробари ба ҳавлӣ қадам мондани ин марди барояш ошно рӯҳ гирифта, ба ҷастухез даромад ва думу гӯшҳои буридаашро хушнуд ҷунбонда, як қадам дуртар чӯкка зад; ин тавр, забони сурхаш кашол ва шояд пас аз реҳлати кампираки меҳраш дарёи ин хонадон бори нахуст буд, ки фараҳманд шуда, чашм ба марди шинос дӯхт.

– Созӣ? Ҳолат чӣ хел? – нигоҳи меҳр ба сӯйи саг гардонд мард.

Саг гардан каҷ кард. Ба ин пурсупосҳо чандон эътибор надод ва ғолибан ҳушу ёдашро нонҳо рабуда буданд магар, забонаш овезону чашмонаш шуълавар шуданд.

– Ҳа-а, фаҳмо! – аз нигоҳи саг маънӣ бардошта, абру боло кашид. – То ҳаққатро наситонӣ, маро иҷозати вуруд нахоҳӣ дод. Ма, бигир, ҷӯраҷон, бигир! Ошат шавад, – аз лаби нон порае ҷудо намуда, ба даҳони посбони хонадон гузошт мард. Саг оби даҳонаш чакчакон нонро газида, худро ба соядави собот расонда, мамнун ба тановули насибааш оғоз намуд.

***

Бостон аз худи бачагиаш дар ин макон ба воя расида, ба як саги қавипайкари гургафкан мубаддал гаштааст. Модари вайро худи мард – он замон бачаи бебок ва хонандаи мактаб, аз дасти чандин безорӣ халос карда буд. Он бадбахтҳо ин махлуқи Худоро ба оби ҷӯй сар дода, бо азоб обкашон ба соҳил расиданашро бо завқ тамошо мекарданд. Сагча ғел мехӯрд, дастак мезад, маҷрои обро бо почаҳои ҳанӯз нозукаш бурида, фиғонкашон ва сад талош ба харҷ дода, худро аз ғарқ шудан наҷот мебахшид. Зӯр зада ба соҳил расидан замон дубора аз он ноқобилон лагаде хӯрда, ба доми бало андар мешуд. Талошҳояш дар роҳи халосӣ бесамар анҷомида, зор-зор менолид, ба умеди тараҳҳуме ба он бачаҳои шӯхи бешохбанд менигарист. Ниҳоят, дар миёни маргу зиндагӣ аз неру монда, ба оби сарди ҷӯйбор муқовимат карданро бас кард. Об ӯро чандин бор ба коми худ кашид, аммо боз неруе вайро рӯёб баровард ва акнун чашмони имдодҷӯяшро ба чаҳор тараф дӯхт. Ку имдодгаре? Вопасин неруи худро ҷамъ оварда, дар талоши зинда мондан ҷон коҳонд. Ана, дастонаш ба соҳили мурод расиданд ва ӯ ханҷол кашида, гирёну нолон аз ин муҳлика бадар омадан мехост, ки боз зарби пойи кадоме аз он худобехабарон ба ҷисми афгораш расид ва дубора ба гирдоби бало баргашт. Ин тавр, чун хайли майнаҳои шӯрапушт ба сари вай шӯру мағал бардошта, ба таври худ хурсандиҳо мекарданд он бачаҳо. Дар ин асно, ки сагча дигар неруи муқовиматаш ба ин бедодиҳо адо шудаву дар панҷаи аҷали муаллақ метапид, дасте аз пӯсти гарданаш бардошт ва вай аз қаъри зулматистон вораста, дидагонаш дубора ба ҳаёти равшан расиданд, ба ҷони ҷавонаш низ ором даромад. Халоскори сагбача бо чандин лафзи қабеҳ он шумтакаҳоро ба гурез мувоҷеҳ сохта, вайро дар оғӯши худ ҷой дод, ба кадомин хонае овард ва аз чашми ҳама пинҳон ба каҳдон ҷой карда, рӯзҳо аз обу нонаш ҳам бохабар гашт. Баъдтар падару модар ва бародару хоҳаронаш низ аз узви нави хонадон воқиф гардиданд ва таърихчаи ғамангези сагчаро аз забони фарзанд шунида, икдоми ҷигарбандро таҳсин гуфтанд. Ҳамин тавр, модари Бостон ба саги бовафои хонадон табдил ёфт. Вай бештар аз меҳрубониҳои бонуи хонадон бархурдор буд... Баъд,

он модарсаг чандин маротиба фарзанд ба дунё оварда, билохира дар ҳамин хокдон ба пирӣ расиду чашм аз олам пӯшид. Аз вай ҳамин Бостон нишона монд, боқии фарзандонаш шояд то ба ҳол дар ҳавлиҳои ҳамдеҳагон, шубонҳои атроф... зиста, мулки онҳоро посбонӣ мекунанд.

***

Мард ин таърихчаро аз лавҳи хотир гузаронида, дар гӯшҳо садои ноороми қалби ҳаяҷонзадааш ба сояи хавозаи токи ангур даромад, ки аз пеши дарвоза оғоз шуда тамоми ҳавлиро фаро мегирифт. Вай гӯё айёми бачагии худро ҷуста-ҷуста вазнин қадам мегузошт. Ҳама ашёи атроф, хосса хӯшаҳои пухтаи ангури ҳусайнӣ, ки дар партави офтоби бегоҳон аҷаб зебову иштиҳоангез метофтанд, хотироти ӯро доман мезаданд. Вай акнун дар назди айвончае истодааст, ки ин гоҳ сангу хокаш алоҳида-алоҳида ғарам мехобиданд. Дар назди суфачаи валангор муддате беҳаракат монд, ба чаҳор ҳадди ҳавлӣ чашм давонд. Пас аз як назарсайри кӯтоҳ дар ҳавлии падарӣ, ки ғарқи шукуфаву сабза... буду ҷой-ҷой тағйирот дидааст, боз ба суфачаи инак валангор мутаваҷҷеҳ гардид. Як замонҳо дар болои ҳамин суфаи сангин модараш нишаста, аз сари нахи дурушт гирифта, бо як молидан урчуқро ба тоб хӯрдан водошта, гоҳе пахта ва гоҳе пашм мересид ё риштаю сӯзан дар даст кӯрпаю кӯрпача медӯхт. Хуллас, бекор наменишаст ӯ. Мудом дастони муъҷизаофараш ба шуғле андармон буданд. Ва бо баробари аз дарвоза сар халондани меҳмоне кори худро канор гузошта мешукуфту меболид. Бо рӯйи шод истиқбол гирифта, исрор меварзид, ки як дамак нишаста, аз хони хонадон насиба бигирад. Ва худ тозон ба сари токи ангур рафта, чанд хӯша кандаву шуста, пеши меҳмон мегузошт...

Мард табассуми ба худ зебандаи модарашро пеши назар овард, низ табассум кард ва баробари он аз нӯки мижгонҳои ӯ чанд қатра ашк ба гунаҳояш таровид.

«Магар табассумҳои ҷонбахши ту фаромӯш мегарданд, очаҷони ман!» – хаёлан дар дил хитоб кард мард ва: «Ё Аллоҳи меҳрубон, маъвояшро дар хулди барин бигардонӣ!» – дар идома пич-пич дуо намуд ӯ ва бо пушти даст ашкҳои худро пок кард.

– Эҳ-ҳа-а... Акаҷонам омадаанду мо бехабар, – дари долонро кушода, либоси худро ба тартиб оварда, аз зинаҳо поин шуд Фирӯз. Онҳо – додару бародар, оғӯшкашон вохӯрдӣ намуданд.

– Ба ҷуз Бостон маро касе пешвоз нагирифт, – шӯхиомез гила кард мард.

– Як лаҳза пеш мо ҳама дар рӯйи ҳавлӣ будем. Оинаи нилгун ба намоиши филми аҷоибе оғоз карду ба хона даромадем. Ҳамин ҷияни аз телевизор қимобатонро ҳам имрӯз хумори тамошо гирифт, – сари писаракро молида гуфт соҳибхона. Вай пас аз тозон омада ба амакаш салом додану меҳрубониҳо дидан инак дар бари падар рост меистод.

Мард аз лаби нон боз порае шикасту ба ҷиянаш дод ва боқиро ба дасти додараш қапонд.

– Ҳеч боке не, – акнун ба сарҳои пухтаи ангур чашм давонд меҳмон. – Ман ҳамин хел аз дари шӯхӣ омада гуфтам.

– Як лаҳза пеш Бостон бо ак-акаш ҳавлиро кӯчонда буд. «Кӣ омада бошад?» гуфта тозон ба ҳавлӣ бароям, аз қафои кадом гурбаи сарсахте тохтутоз доштааст. Ин дафъа ҳам овозашро шунидам ва гумон кардам, ки боз...

– Хуб, парво накун, додарам, – мард сухани ӯро бурид то бори хиҷолати соҳибхона сабуктар гардад ва маҷрои суҳбатро ба дигар самт бурд: – Ҳоло аз зиндагии худат бигӯ. Корҳоят хубанд?

– Дар пеш як ташвишаке дорем, акаҷон, – даст ба ҳам совида, бо гунаҳои сурхидавида гуфт Фирӯз.

– Хӯш! Ку, бишнавем, – мутаваҷҷеҳ гашт меҳмон.

– Мо ният дорем.., дасти Фарҳодҷонро ҳалол кунем, – ба ҳаяҷон омада эълом дошт Фирӯз.

– Бисёр кори хайр.

– Албатта, худатон сару бар шуда, шодирӯзи ҷиянатонро мегузаронед, – дилаш пур бошад ҳам, боз умедвор ба бародар нигарист соҳибхона.

– Иншоаллоҳ... Чаро не? Албатта! – мамнун тасдиқ намуд мард.

– Ҳама созу барги тӯй омода аст, дар давоми сол ғамашро хӯрдаам, ба ҷуз чанд камбудии назарногир... Ҳамонҳоро, ки буд

кардам, тӯйро сар мекунем, акаҷон. Ниятам, ки ҳамин ангурҳоро ҳам фурӯхтаву харҷи тӯй кунам.

– Соз мекунӣ. Аммо чӣ ёрдаме зарур шуд, ман омода. Бародар ба чӣ рӯз лозим?!

– Ташаккур, акаҷон. Дарёдилед шумо.

– Аммо... ин суфаро чаро титу пит кардӣ? – нигоҳ ба ғарами хоку санг гардонда, ғамгин пурсид мард.

– Ба шодибазм ҷой танг барин тофт. Бигзор мардум бемалол нишаста тановул кунанду хурсандӣ. Акнун ҳавлиро ба тартиб дароварда, баъзе чизҳоро нав карданиам. Масалан, ҳамин зинаҳо ҳам ба зеҳнам намешинанд. Ошхона низ куҳна аст. Бояд шакли замонавӣ диҳам. Суфаи сангин ҳам ҳусни ҳавлиро мекоҳонд, оқибат аз бунаш бардоштам. Акнун ҷой васеъ шуд...

– Хайр, ихтиёрат. Пас аз сари падару модар соҳиби ин мулк худатӣ. Хоҳӣ, осори дастони падар, нақши пойҳои модарҷонро нигаҳ дор, нахоҳӣ.., худат медонӣ! Ихтиёр дар дасти бахтиёр, мегӯянд.

– Ман ҳам дар зиндагӣ орзуҳо дорам. Ман ҳам... – сурху сафед гашта посух гадонд Фирӯз.

– Гуфтам-ку, ихтиёрат! – оҳ кашидаву пешонӣ чин намуд бародари калонӣ.

– Эҳ-ҳ, ин каллаи кадуям лухсад... Ака, хона дароед, ин чӣ истодан? Як пиёла чой..., – хиҷолатманд гардан каҷ кард Фирӯз ва худ даст болои сина ба самти хона қадам монд.

– Не, додаракам, вақтам танг, – ӯро аз роҳ боздошт мард. – Дирӯз модар ба хобам даромада буданд. Ошуфта дидамашон, гӯё маро сарзаниш мекарданд, ки роҳи зодгоҳро батамом фаромӯш кардаам. Ва... омадам як сари қадам. Муродам, як соат дар суфачаи раҳматӣ нишаста, ширин-ширин ёдашон кунам. Аммо ин маконро валангор дида..., уфф, дили худам ҳам вайрон шуд.

– Тӯй гузарад, як суфаи замонавӣ месозам, парво накунед.

– Майлат. Акнун ман бармегардам.

– Ин чӣ омадан? Менишастед, мешуд, ака! Суҳбат мекардем. Келинатон як оши палав мепухт...

– Вақти дигар. Ман пагоҳ Тошканд меравам, гуфтанд, дар ҷаласаи муноқисае бояд ширкат варзем.

– Аммо зудтар баргардед, акаҷон. Фаромӯш накунед-а! Худатон дар тӯйи ҷиянатон раҳбар. Худоҷон мадад кардаву хушу хурсанд мегузарондем...

– Албатта, бо шодмониҳо мегузаронем. То он замон ман ҳам корҳоямро сабук мекунам.

– Мо интизор.

– Хайр, амакҷон, боз биёед, – худро ба оғӯши мард зада, хушҳол хоҳиш намуд писараки хонадон ва боз аз навозишҳои меҳмони азиз бархурдор гардида, дар даст пораи нон давон зинаҳоро баромада ба хона даромад.

Аз он ҷо саросема келинчаке берун омаду салом дод ва пас аз пурсупоси кӯтоҳ исрор варзид, ки меҳмон ҳатман як пиёла чой нӯшад. Аммо мард қатъӣ рад намуда, ҳамон набудани вақти худро баҳона карда оҳиста қафо гашт. Вай ҳамқадами додараш маҳзун аз дарвоза берун омадан мехост, ки боз Бостон думликон пеши роҳи ӯро гирифт.

– Хайр, то дидор, – гуфт мард сару гардани вайро молида.

– Ин чӣ беадабӣ, дур рав, Бостон! – Фирӯз нармакак вайро танбеҳ дода, водор сохт, ки худро аз роҳрав қафо бигирад. Онҳо суҳбаткунон то назди мошин расиданд. Мард боз нигоҳи худро ба сарҳои овезони ангури ҳусайнӣ гардонд, ки аз табақи кушодаи дарвоза намудор буданд ва ноаён оби даҳон фурӯ бурда, бори ғамаш дучандон бо додар хайрухуш кард ва худро ба курсии мошин партофт.

Хуршед аз рӯйи ин деҳаи воқеъ дар ҷигари кӯҳистон охирин анвори зарҳалии худро ҷамъ оварда дар паси талҳои урён паноҳ мешуд. Албатта, бо омад-омади шом ҳама садоҳо фурӯ нишаста, оламро як хомӯшии асрорангез фаро хоҳад гирифт.

Аммо хонаи сари мард пур аз садоҳо шуд, вуҷудаш дар ғалаёну талотуми дардҳои куҳан монд, мошинро бемадор ба кор даровард. Ин лаҳза, ғайри интизор андешаҳои ғамангези ӯро латма зада, додараш аз тирезаи паҳлудар як сар ангури ҳусайниро ҷонибаш дароз намуд.

– Даҳони хушк меравед, акаҷон. Хона бурда тановул мекунед. Моро бубахшед, ки ақаллан ангур ҳам муроот накардем. Дар гӯри ташвишҳои зиндагӣ сад алов! Ҳуши маро бурдаанд...

Ногаҳ ёдам омад, ки ҳар гоҳ ба зиёраташон меомадед, очаҷонам пешатон як табақ ангур гузошта мегуфтанд: «Бичаш, бачем. Шумо шаҳриҳо харидахӯред. Ин ангурҳо – деҳқонӣ ва токи онҳо бо зарби меҳнати падарҷонат сабзу борвар гаштаанд».

– Раҳмат, додарам! – табассуми аламангезе дар лабонаш падид омад, бо овози ларзон миннатдор гашт ва... мошинро оҳиста ба роҳ даровард.

Аз хӯшаи ангур як ғуҷула ҷудо намуда ба даҳон андохт, оби чашмонаш заҳида баромаданд. «Ҷойи ту дар ҳақиқат холӣ будааст, модарҷон», лаб зери дандон талх гирист вай. Мошин ба пеш медавид ва ягон-ягон ғуҷулаҳои ангури ширабастаро ношуста бошанд ҳам ба даҳон андохта, симои модар дар лавҳи хаёл, мил-мил оби дида мерехт...

# ЗАНКАЛОН

Як рӯзи гармо гашт кардаву инак олам асири шоми пурасрор мешуд. Лаълии осмон ҳам лаҳза ба лаҳза аз ситораҳо лабрез мегашт. Чароғҳои қад-қади ҷодаҳо равшантар мешуданд ва анвори онҳо аз маъвои худ – фарози пояҳои бетонӣ ба рӯйи роҳи мумфарш рехта, атрофро оҳиста ба рӯшании ширворӣ меомехтанд.

Ва... ниҳоят муҳити шаҳр ба итоати шаб медаромад.

Онро шамолаке ҳамқадам буд, ки яқин аз оғӯши ягона дарёи ин қаламрав – Ому хеста, ҳоло ба заволи гармо дасту остин барзадааст. Бо ҳамин, ҳавои то ин дам гарми ноҳинҷор заррае табдили ҳол намуда, оҳиста ба салқинӣ мегаравид. Аммо марди чашмонаш дар паси айнаки шишакалон ба ин тағйирот асло эътибор намедод: хаёлаш мутлақ парешон ва ба самти номаълуме парвоз дошт.

– Ту ҳанӯз бо як зан зиндагӣ дорӣ? – ҳарчанд медонист, аммо то сухан кафшер гардад, хаёлоти дӯсташро парешон сохта пурсид Миралӣ. Баъд пушт аз такяи кат барканду тақсимчаи пури ангурро пештар кашида ғуҷулае гирифт ва он неъмати ишиҳоангезро муддате дар нӯки ангуштон нигаҳ дошта, оҳиста ба даҳон андохт.

– Албатта! – ба ангурхӯрии дӯсташ нигариста ҷавоб дод Шокир ва ноаён оби даҳон фурӯ бурд.

– Аз они ман се нафаранд, – бо боди ғурур калла ҷунбонд Миралӣ, – аз ҳар кадомаш якдоманӣ фарзанд ҳам дорам, ҷӯраҷон.

– Худо диҳад, намегӯяд, ки бачаи кистӣ!

– Аммо ба шумори занҳо афзудани ман бесабаб нест. Акнун дилам тамоман ҷамъ...

– Аз чӣ ҷамъ аст дилат? – ҳайрон пурсид Шокир ва айнаки худро аз чашм гирифта ба фарқи сар гузошту ба даҳони дӯсташ нигарист, ки боз чиҳо хоҳад гуфт.

– Чанд сол ин ҷӯраат бефарзанд гашт, медонӣ-а? – тоқиашро пештар, ба пешониаш кашида, гарданашро каме каҷу аз таги чашм ба дӯсташ нигарист Миралӣ.

– Не, дӯстам. Аниқ намедонам.

– Даҳ соли расо! Даҳ со-ол... – ангушт ба ҳаво гардонд вай.

– Ваҳ... Чӣ хел азоби рӯҳӣ мекашидӣ, дӯстам. Чӣ хел...

– Баъд аз даҳ сол, – садқаи номаш шавам, – Худованд шояд лобаҳои ману завҷаамро шунид, ки ба нохуни фарзанд муяссарамон дид.

– Аз инаш хабарам ҳаст. Мо тамоми дӯстон оҳи сабуке кашида, шодмониҳо карда будем.

– Чӣ хел фаҳмонам ба ту? Он рӯз мани билкул мурда дубора зинда шуда будам. Ҳа, зинда! Оҳҳҳ... падар шудан аҷаб ҳаловате доштааст.

– Бале, беназир хушбахтиест.

– Ва... ҳоло падарҷони чандин нафар писару духтарони ширинам! Ҳамон солҳои азобӣ дар дил қасд доштам, ки бо таваллуди фарзанди нахустин ба шумораи занҳоям ҳам меафзоям. Ин тавр, ба баъзе ҳасудону кӯрдилон нишон хоҳам дод, ки мард будан ана ин хел мешавад! Бигзор ба шумоaридани зурриёти Миралӣ Самадович ангуштони дастонашон камӣ кунад! – бадард хандид Миралӣ ва пиёларо ба даст гирифта як қулт чой нӯшид.

– Гуфтӣ, ки дилат ҳам ҷамъ аст...

– Бале! Акнун хуб медонам: вақти зарурат аз байни

фарзандонам ягонто баинсофаш пайдо шуда ба лабони чун кавир сӯхтаи ман, дар вақти назъи равон бо пахтае об мечаконад. Ё... рӯзе, ки бо Худои худ ҳисобу китоб намудам, – чӣ илоҷ, он рӯз ҳам бар сари ҳар бандааш ногузир хоҳад омад, – дар байни даҳҳо навҳагарон, албатта, аксарашон таборони баоқибат ва хоҳару бародаронам хоҳанд буд, аз забони ҳамин қӯша-қӯша зурриётам калимоти «Додоҷонаме, меҳрубонаме!» ҳам баромада, ба гӯши одамони ҷанозахон менишинад. Баъд мардум ба андеша рафта, ба чӯт хоҳанд зад, ки «раҳматӣ» аз одамони бахташ бедоре будааст. Ҳамон нафароне, ки як замонаҳо рӯйирост ба ман таъна зада буданд, низ рӯзи ҷанозаи ман хоҳанд омад ва ин навҳаҳои фарзандонам ба гӯши онҳо чун тири милтиқ асар карда, зиндабазинда хоҳанд кушт. Ба ин аминам.

Шокир ба ҷойи он, ки чизе бигӯяд, оҳи вазнин кашиду хомӯш монд.

– Ҳамон рӯзону шабони бароям хеле вазнин, ки боз азоби камбағалӣ мекашидам ва ҳама ёфту тофтам барои табобат ё дар роҳи эшону муллоҳои аълам, ё ки зиёратгоҳҳои поки азизони Худо... сарф мешуданд, чанд нафар дӯсти дилнишин ҳамеша дар барам буданд. Яке бо сухани хуш, дигаре ногоҳ ба зиёфате даъват карда, заҳри айёмро аз дили банда мешуст. Масалан, ту чандин бор маро ба гӯшае кашида, ба неву нестонам эътиборе надода, ба кисаам пул гузошта будӣ. Агар ин ҳамаро фаромӯш созам, ҳатман кӯр мешавам.

– Ин гапҳоро мон. Охир, дӯстон ба кадом рӯзи ҳамдигар лозиманд?

– Дар ҳама рӯзи кас дӯст лозим будааст: хоҳ гоҳи ғаму хоҳ вақти шодиҳо!

– Рост, – ангуштонашро қуфл андохта рӯйи зону гузошт Шокир.

Миралӣ оби ба чашмонаш заҳидаро бо пушти даст пок кард ва нафаси амиқе кашид. Баъд хаёл ӯро ба кадом кӯйи номаълуме бурд. Ин тавр байни дӯстон сукут фаромада, Шокир низ банди андешаҳои худ шуд.

Ҳавлии бо нури чароғҳо равшани тарабхона аз садои хуши мусиқӣ пур буд. Ҳамчунин аз танӯри даҳонаш кушода ҳавр

мехест ва бӯйи хуши санбӯса ба атроф паҳн мегардид. Бо иштиҳои мизоҷон бозӣ карда, онҳоро водор месохт, ки дар машом он бӯйи хуш ҳар кадом – чи сер, чи гурусна... гарданкашон ба он тараф назар бикунанд. Миралӣ ва Шокир низ ба самти танӯр нигоҳ партофтанд, ки ду ҷавон – яке санбӯсаҳоро аз танӯр меканд ва дигаре дар лаълие чида, бо тикаи латтае ба рӯяшон равған мемолид; мурод боз ҳам ҷилодор шаванд.

Миралӣ нигоҳаш ба самти танӯр:

– Шояд як донагӣ санбӯса мехӯрем? – гуфта пурсид аз дӯсташ ва ноаён лаб лесид.

– Ман... Не–е, серам Мираличон, ташаккур, – аз болои курта шикамашро молида ҷавоб дод Шокир.

Миралӣ боз чанд бор ба самти танӯр нигоҳ карду аз фикри санбӯсахӯрӣ гузашт магар, сари суҳбатро ба ҷониби дигар гардонда, яке аз воқеаҳои давраи бачагиашонро ёдовар шуд ва худ аз таҳти дил хандид. Шокир ба лаб табассум давонду халос. Вақте ки дӯсташ ноаён даст ба ҷониби чойник бурд, вай фавран чойи пиёлаашро, ки ҳоло истода-истода ширгарм шудааст, бо як бардоштан холӣ карду ба рӯйи хон, канортари мизи пур аз ғизо чаппа гузошт ва аз нигоҳи омехта ба таҳайюр, хосса абру боло кашидану лаб шикастани ӯ маънӣ бардошта:

– Шуд, дӯстам, ба ман дигар чой нарез, – гуфт ва ба нишони таъкид оҳиста кафи досташро болои пиёлаи сарнагун гузошт.

– Ҳоло ба «шуд» гуфтан фурсат ҳаст, ҷӯраҷон. Ту саросема нашав... – аз ин кори дӯсташ гӯё малул шуд Миралӣ.

– Не, ошноҷон, кифоят. Ҳоло мехоҳам зудтар ба хона баргардам, – гуфт қатъӣ Шокир.

– О бандаи беқарор, сабр кун! Магар одам ҳам аз занаш ин қадар метарсад? Барги бед барин ларзиданашро бинанд. Эээ, моне–е.., – хаёле даст афшонда, хандакунон гуфт Миралӣ ва дастони ошиқу маъшуқи худро болои шикам гузошта:

– Агар нӯшидан намехоҳӣ, марҳамат, аз ин неъмати худо бичаш: себ, ангур, шафтолу... Ва ҳар чӣ дилат бикашад, шарм надошта гирифтан гир. То мехӯрам гуфтӣ, ки кабоб ҳам хунук шуд. Як дам биист, ба пешхидмат мефармоям, дубора гарм карда мебиёрад, – қомат рост гирифт вай ва бо нигоҳ духтараки

хидматрасонро ҷуст.

Дар болои катҳо гоҳ такя оварда, гоҳе болиштеро ба таги каш гирифта, мизоҷон машғули суҳбати худ буданд. Дар паси чандин мизи ороишёфта низ мардону занон нишаста, ба тановули гуна-гуна таомҳо, нӯшидани машрубот, афшурдаи меваҳои мухталиф... банд буданд. Аммо дар байни мизоҷон пешхидмат ба чашми Миралӣ наомад.

– Дар кадом танги лаҳад мегашта бошад, – норизо ғурунгид ӯ.

– Мон, беҳуда ташвиш надеҳ, – монеъ шуд Шокир.

– Ташвиши чӣ? Корашон...

– Не, Миралӣ, рост мегӯям, лозим нест! Ташаккур, ки ёди дӯстон мекунӣ ва... дар ин чанд соат хеле роҳат бурдам. Хотироти бачагиро шунидаву ғуборҳои моҳҳо ҷамъшуда низ вуҷудамро тарк карданд. Сипосгузорам аз ту.

– Ҳай-ҳай, маро шарм мадорон, ошно. Хайр, як пиёлаҳак чой будааст-дия. Ҳоло худат медонӣ, дастам дароз. Мисли солҳои пешин ба тангае зор нестам! Ёфту тофтам, шукри Парвардигор, акнун ба ҳафт пуштамон мерасад. Хешовандон низ баҳрамананд ва дар ниҳояти кор хеле ризо. Дӯстони содиқамро низ як-як ёд карда, ҳамроҳ дами беғам мезанем. Ин дафъа навбати худат буд. Охир, ҷӯраҷон, мегузарад ин дунё. Хоҳӣ нахоҳӣ касро ҷизубиз сӯзонда, мегузарад.

– Гузаштанаш аниқ, – Шокир айнакашро аз чашм гирифта, бо ҳаври даҳон нам ва бо остини куртааш тоза карда, боз ба ҷояш гузошт.

– Пас, кайфу сафо ҳам лозиманд? Чӣ гуфтӣ, ошноҷон?!

– Албатта, – гуфт Шокир ва ноаён остини куртаашро боло кашида, боз ба соаташ нигарист.

Миралӣ ҳарчанд инро мушоҳида намуд, аммо худро ба нодонӣ зада, дастурхони суҳбатро дарозтар кард.

– Ман то ин дам беист лаққидаму лаққидам. Қариб буд, ки забонам мӯй барорад. Ту бошӣ, хомӯш менишастӣ. Акнун навбат ба ту. Аз кору борат бигӯ, аз зиндагиат...

– Аз ман чӣ гап ҳам мебарояд? Ҳамон Раҳматови қадимаам, – андешаманд даст ба ҳам совид Шокир ва хомӯш ба пеши пояш

нигариста, ба фикр рафт, ки боз чӣ гӯяд?

– То ҳол дар мактаби пеши хонаат кор мекунӣ, омӯзгори фанни санъати тасвирӣ ҳастӣ? – то суҳбат қаймоқ бандад, ҳарчи саволе ба ёдаш меомад, ба забон меовард Миралӣ.

– Колеҷ гузаштам, дӯстам. Ду сол шуд ба ин. Андак бардошта шудам ба фикрам, – хандон посух гуфт Раҳматов.

– Хайр, боз ҳам омӯзгор будагистӣ? Боз ҳам аз фанни санъати тасвирӣ... Ё директор?

Раҳматов дубора беғаш хандида:

– Омӯзгори одӣ... Чор-панҷ соат дарс дорам, як села шогирд, – гуфт ва дар идома каме қиёфаи ҷиддӣ гирифта таъкид сохт: – Аз дасти ман дигар чӣ кор ҳам меояд! Боз..., чӣ гӯям? Касбамро хеле дӯст медорам ва инро худат нағз медонӣ. Намехоҳам ивазаш кунам.

– Чандин бор даъват кардамат-а, ки биё ҷӯраҷон, ана кори таптайёри табъи дил – муовини директори комбинати истеҳсоли равған гузоштанӣ будам! Яъне..., муовини худам.

– Ташаккур, – бекина боз хандид Шокир.

– Эҳҳа, ин вақт дар таги поят мошин мешуд, хонаҳои наву нағз месохтӣ. Ба як ҳисоб, зиндагиат гул мекард. Эҳ дӯстам, чӣ бало зад, ки ба хаёлоти ганда рафта рад кардӣ. Мумкин ҳаётат ҳам ранги дигар мегирифт.

– Рост. Худам рад карда будам. Ҳар кас бояд ба кӯрпаи худаш нигоҳ карда пой дароз кунад. Боз дар ин замонае, ки... – давоми сухан дар даҳон даст бардошту ангуштонашро кушодаву дубора мушт сохт.

– «Додан ва гирифан». Ҳамин аст формулаи ҷамъияти мо. Шояд дар ҳама ҷомеаи инсонӣ яксон аст. Агар ҳамин формулаи одиро бидонӣ, олам гулистон – кордат болои думба!

– Аз табиати гандаи банда хабарат ҳаст. Ин формулаҳо дар қолаби ман ҷой намегиранд. Хайр... мон, ба гузашта салавот...

– Шояд аз ҷафоҳои зиндагии дун мерастӣ.

– Худоро шукр, зиндагиам бад нест.

– Хайр, майлат... худат медонӣ. Лекин ҳар гоҳ, ки аз кори омӯзгорӣ хаста шудӣ, биё пешам. Охир, бачаҳоят калон шуда истодаанд, аз ин баъд ташвиши сарубар намудани онҳо дучандон

мешавад! Кори дилхоҳатро ёфта медиҳам.

– Раҳмат, дӯстам. Хеле дарёдилӣ. Аммо... ба ман акнун иҷозат...

– Нафаҳмидам, – гардан каҷ намуд Миралӣ.

– Баргардам мегӯям...

– Шояд суҳбати ман ба дилат зад?

– Не, бисёр олӣ буд. Ҳам дастурхон, ҳам пазироии гарму низ суҳбати табъи дил...

– Пас, чаро ин қадар хаёлат парешон. Ягон кори зарур ҳаст?

– Кор... Нест кор!

– Ин хел бошад, боз як дамак ором бишин. Ҳозирак фармудам, ки гӯшт бирён кунанд. Машрубот-ку, тамоман нанӯшидӣ. Як вақтҳо улфати ҷон будӣ.

– Шикамҳо сер. Беҳуда фармудӣ. Ҳайф мешавад охир.

– Шаби Худо дароз...

– Барнагардам, намешавад!  – мармуз хандид муаллим.

– Боз ҳам намефаҳмам. Саропо муаммоӣ.

– Бояд баргардам. Ту хафа нашав. Ҳоло бисёр суҳбат мекунем.

– Чӣ бало! Занкалонӣ?! – хандид Миралӣ.

– Албатта, не, – низ лаб ба ханда кушод Раҳматов ва дар паси айнаки шишакалон дидагонаш шодон ба бозӣ даромаданд.

– Пас, ин қадар нороҳатӣ аз бахри чист? Агар ягон мушкил дорӣ, бигӯ! Дар як дам дурусташ мекунем, – абру парронда гуфт вай.

– Завҷаам интизор, янгаат! Бечора... – оқибат маддаи дил кафонд Шокир ва айнакашро гирифта, оби чашмонашро бо пушти даст тоза намуд.

– Эээ... Аниқ занкалонӣ ту, ҷӯраҷон. Дониста мон: ба зан мардум сар фарорӣ, тамом! Як умр таги пошнааш каҷаку маҷақ шуда мегардӣ, рӯзат ҳам шоми тор мешавад.

– Янгаат бечора ба «лому мим» гуфтан ҷуръат надорад. Як махлуқи беозор. Аммо ман худам...

– Метарсӣ? Хайр, иқрор шаву мон, – аз даҳони муаллим суханро гирифта гуфт ӯ.

– Ман худам ҳар рӯз вақти хӯроки шом ба хона расида меоям. Намехоҳам, ки дер кунам, – ба ҳазли дӯсташ эътиборе надода идомаи фикрашро баён намуд Шокир.

– Сарбастаанд гапҳоят. Ҳеч намефаҳмам туро.

– Вай бе ман хӯрок намехӯрад, Мираличон. Бовар кун. Чанд бор танбеҳ додам, ки партояд ин одаташро. Бефоида! Мегӯяд, ки зану шавҳар агар якҷо хӯроки шомро бихӯранд, малоикаҳои осмон ба таъзим омада, косаҳои онҳоро бо муҳаббати худовандӣ лабрез месозанд.

– Чӣ хел?

– Ва ҳамин хел, бечора, агар дар сари дастархон набошам, сидқан хафа мешавад ва то саҳар луқмае ба даҳон набурда, мунтазири ман мешинад. То ки ба умеди ман гушнаву ташна намонад, ҳаракат мекунам, ки дар вақти хӯроки шом ҳозир шавам. Ана баъд мебинӣ, ки чаманвор мешукуфад ӯ... Ишқу муҳаббаташ шояд ҳамин бошад.

– Ту маро боз ҳам қоил кардӣ, дӯстам... – гуфт Миралӣ ва идомаи суханаш дар даҳон монд.

Ин дам дар назди ҳавлии тарабхона мошини қиматбаҳое омаду истод ва аз дохили он зани чорпаҳлуе фаромада, ба чаҳор ҳад чашм давонд. Касеро ҷустуҷӯ дошт ӯ. Чашмони Миралӣ ба вай бархӯрда, қарор гум кард. Ӯ саросема аз кат поён омада, бо як чолокии беназир ба таги он даромад. Раҳматов, ки лаҳзае гардан кашида, ба самти кӯча назар монда буд, баргашта ба дастурхон нигаристу дӯсташро наёфт. Ҳайрон шуд. Баъд он зани таннози чорпаҳлу ба наздаш расида, ҳамоно нигоҳи ғазаббораш ҷӯёи касе ё чизе:

– Миралӣ Самадовичро надидед? – гуфта пурсид.

Аз таги кат касе почаи шимашро кашид ва муаллим ба фаросат дарёфт, ки ин Миралии дӯсташ аст. Дар банди ҳаяҷон:

– Не, – гуфт ӯ аз нигоҳи оташини зан чашм гурезонда.

– Гуфтанд, ки дар ҳамин тарабхона ишрат дорад.

– Надидамаш.

– Хайр, шаб ба хона меомадагист, – дандон гиз намуд зан.

– Чӣ гап шуд, янгаҷон? – то батамом дарнагирад, мулоим пурсид Шокир.

– Пар баровардааст, лаънатӣ. Беҷогард шудааст, касофат. Улфатбозу занакбоз гаштааст. Биёяд, иншоаллоҳ, пӯсташро канда, коҳ ҷой мекунам! – савори аспи ғазаб дастафшон таъкид кард ӯ ва дубора ба мошинаш савор шуда рафт.

Миралӣ либосҳояшро афшонда, бо ханда аз таги кат баромад. Ва дӯстон муддате ҳазлу шӯхиҳо намуда, ба дастархон «омин» гуфтанд ва берун баромада, дар лаби кӯча:

– Зани сеюмам ҳамин бону аст, – гуфт Миралӣ ба гунаҳояш сурхӣ давида.

– Қӯшапир шаветон, – гуфт Шокир.

– Дидӣ, Шокирҷон, зан не ин, хирмани оташ.

– Хеле хуб, дар сармои зимистон хунук намехӯрӣ ва хомиҳоят низ мепазанд, – суханро ба шӯхӣ кашид Шокир. Ва онҳо хандида-хандида бо ҳам хайрухуш карданд. Раҳматов ниҳоят оҳи сабуке кашида, пиёда ба ҷониби хонааш шитофт. Миралӣ кирокашеро манъ карда, зуд савор шуду ба самти номаълуме раҳсипор гашт; шояд ба хонаи зани дигараш...

Шокир бо хотири парешон аз лаби ҷодаи чароғон гом бардошта, аз дил гузаронд, ки «Аҷабо, дар зери ин чархи кабуд рангу баранг одамоне зиндагӣ доранд, ки тинаташон низ ба садҳо ранг оганда аст!». Манзараи ба таги кат пинҳон шудани дӯсташро пеши назар оварда, як табассуми пуристеҳзо меҳмони лабҳояш гашт. Муддате ин манзараро дар хаёл чархонда, сипас дар дил азм кард, ки ягон рӯз, албатта, онро рӯйи тоблуе хоҳад фаровард. Боз... фикраш ба тинати мухталифи одамон рафта, дар банди ҳайрат ноаён гиребон қапид. Айнакашро ба чашмонаш дурусттар ҷобаҷо сохт, гулу равшан намуд. Фавран хаёли парешонашро ғундошта ва ба гашти хеш суръат бахшид.

Шаҳр кайҳо ба қайди торикӣ даромада бошад ҳам, кӯчаҳо чароғонанд.

Аз оғӯши реги Ому ҷудо шуда, насимаки ҳаловатбахше мевазид.

То манзили зисти Шокири муаллим ҳанӯз роҳ дур аст.

Ӯро, яқинан, завҷаи меҳрубонаш дастурхон густарда мунтазир аст...

# ИФТИХОР

Ҳоло ҳавои шаҳр дар шомҳангоми баҳорӣ аҷаб ҳаловатбахш аст. Насими фораме, ки худро ба нафаси дарё омехта аст, вазидаву бо навозиши нозолуд ба тани аз кору бори рӯз кӯфташудаи мо менишинад ва ғубори бо гузашти айём ҷамъшударо ба ҳар навъ мехоҳад аз қалбҳои дар муҳоҷират озурдаамон бирӯбад. Имрӯз назар ба айёми дигар хеле хурсанд ҳастем, зеро корхонае, ки ба мо кор додааст, пас аз танаффуси сабршикан якбора шашмоҳа ҳаққи заҳматамонро пардохт намуд. Билохира, кисаҳоямон пулро дид, рӯҳи кӯфтаи мо фурсате орамид ва аз қазо дар тани аз меҳнати мудовим абгори худ як неруи тоза ҳис намудем. Ниҳоят, нигоҳамон равшан, азмамон қатъӣ... ба кӯча баромадем; ҳоло ниятамон соате дами беғам бурдан! Дар дил қавл додем, ки аз лабаки моҳонаамон харҷе карда, дар ягон гӯшаи ин шаҳри зебо нишинем, кӯфти рӯзҳоро бароварда, ба меҳнати оянда омода гардем. Баъд аз истироҳат ҳар кадом бахши зиёдтари маблағи худро ба номи завҷаҳои раҳинтизорамон бифиристем... Илоҳо, саломат бошанд онҳо, ҳама машаққати рӯзгорро бар дӯш гирифтаанд. Худро аз об кашида бар оташ мезананд, аз панохи офтоб берун меоянду ба оғӯши барфу борон меравand. Хулласи калом, ғами зиндагиро аз сӯзанаш сар карда то риштааш хӯрда, ба ҷойи мард марду ба ҷойи зан зан шуда, чаҳорчӯби оиларо ба низом меоранд, муттакои фарзандону равшании хонадон мегарданд.

Мани тоҷик дар ин шаҳри бегона се нафар дӯст дорам. Яке қирғиз, Сафар ном дорад. Маҳмуд ӯзбек буда, ба қавлаш, аз мардуми бумии Насаф, шаҳри Қаршии имрӯза мебошад. Савумӣ Сардори туркмантабор аст. Дар як вагони муҷаҳҳаз хоб меравем, хӯрокамон якҷост, якҷо ба кор рафтаву ҳамроҳ бармегардем. Саҳв нахоҳам кард, агар гӯям, ки дӯстии мо дар ин муддат, ки аз як ҳаво нафас мегирем ва ҳамкорему ҳамхона, сабзидаву шукуфтаву борвар гашта, ба як бародарии қавие мубаддал гаштааст. Даҳҳо бародарон ба дӯстии беғубори мо ҳавас мекунанд.

Инак, аз кӯчаи чароғон роҳ гирифта, ба як тарабхонаи соҳили дарёи азими Нева дохил шудем ва интихобан ба як гӯшаи

нисбатан ором нишаста, ба пешхидмат ғизои дилхоҳи худро фармудем. Ба ҷойи шароб овардани як чойник чойи кабудро низ таъйин кардем.

Аз сақфи мурассаи тарабхона чароғакҳои ранга мил-мил хандида, як манзараи зебое меофариданд. Мусиқии маҳини рӯҳнавозе садо дода, дар ҳавои он мизоҷон ду-ду, се-се, баъзан танҳо... дар курсиҳои атрофи мизҳои ороста нишаста, бароҳат ғизо мехӯрданд. Баъзан даст ба соғарҳо бурда, арақ, пиво ва ягон шарбати меваи хуштаъм менӯшиданд. Маҳин-маҳин суҳбат ҳам доштанд, ки ба ин гуфтугузорҳои хосса касе эътибор намедод. Як ҷуфти ошиқ ҳам дар гӯшае нишастаанд. Зарфҳои ғизои пеши онҳо нима... ва ҳоло дар даст ҷоми шароби арғувонӣ хомӯш, чашм ба чашм, бо забони нигоҳҳои махмур гуфтугӯ мекунанд. Дар як канори миз, болои дастурхони сап-сафеди беҷурм ва пештари духтараки симинтани баҳоргуна як даста гули садбарги аъло ҳам ҳаст. Онро шояд ҷавон барои маҳбубаи худ харидаву тухфа намудааст. Мумкин аз ҳамон гулдаста ё он гули баҳории ошиқ... ҷудо гашта, омехта бо бӯйи шаробу кабоб ба атроф накҳати хуше паҳн мегашт. Мутаносибан аз гӯшае нолаи кадом як асбоби мусиқӣ пар кушода, фазои тарабхонаро роҳатбахш нигаҳ медошт.

Акнун шикамҳои мо сер...

Лаҳзае пеш ду донагӣ санбӯсаи гарм хӯрда, ҳоло низ гоҳ-гоҳ даст ба пиёлаҳои худ бурда, дар гӯш садои форами мусиқии ҷонбахш бароҳат чой менӯшем ва пас аз кори сангину дилбазан (охир, роҳсозем мо!) ин гӯшаи афсонавии шаҳр ва хосса, пас аз ғизои миллӣ чойи хуштаъм ба тани кӯфтаи мо ҳаловати хубе мебахшад.

Нолаи мусиқии ширин ҳамон паркушоён ба ҳарими дилҳо сар мехалонд.

Гуфтугузори то ҳадде ороми мардум кам-кам ба гӯш менишинад.

Накҳати гулу атру маю ғизоҳои гуногун ба машом мерасад.

Ин дам...

Дар назди пештахтаи мизи тарабхона, ки аз он тарафаш дар ҷевоне гуна-гуна шишаҳои рангобаранги машрубот чида

шудааст, як марди хушлибос ба пой рост шуд. Ба пешхидмат ҳаққи фармудаҳояшро пардохта, аз ҷой хест ва... ҳайъаташ ланҷ ба ҳамон самт гом бардошт, ки аз васати бино дари оинабанд худ кушодаву пӯшида шуда, мизоҷонро гоҳ ба дохили тарабхона роҳ медод ва гоҳе ба берун мегуселонд.

Аммо...

Ҳамон мард аз қазо калавида, пойҳояш ба ҳам печиданд ва мувозинати худро гум карда, рӯйи қолии хушгули фарш дароз афтод. Аз шиддати ҳаяҷон неруи худро ҷамъ оварда, бо азобе аз ҷой хест, вале...

Дубора афтод!

Пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд.

Ва боз хесту... акнун ба паҳлу каҷ шуд, то сарозер нагардад, фавран дасташро тирак гузошт. Пешхизмат – ҷавони ҳушёри чаққон дартоз омада хост кумакаш намояд. Вале мард ангушт ба лаб гузошта, ҷиддӣ ишора намуд, ки аз паси кораш равад.

– Ман ху-удам ... мехезам! – гуфт ба самти пешхизмат ба тоҷикӣ ва мо дарёфтем, ки ӯ як тоҷики мусофире аст.

Пешхизмат низ китф дарҳам кашиду  даст афшонд ва маҳви ҳайрат  аз пеши ӯ дур шуд.

Мард ҷандала менамуд, ки ба пой рост шуда, ба кӯча, ба ҳавои тоза барояд ва шояд дар умқи дил ният дошт, ки баъд бо чӣ азобе набошад, ба шаббоши ҳамешагии худ, дар ягон канораи ин шаҳри пурғавғо... бирасад; дар он ҷо бемалол шабро саҳар намояд.

Аммо...

наметавонист ба пой рост гардад.

– Шамс, ба фикрам, ҳамватани ту! – ба ман рӯ овард Сардор, дӯсти туркманам.

– Бале! – ҳамон бепарвою мулоим тасдиқ кардам ман ва часпу талошҳои ҳаммиллатамро босаброна тамошо намуда, қалбам дар талоши гургон, аз дил мегузарондам, ки Худованд неруе дода, вай зудтар аз ҷой бархезад; тоҷик будани худро собит созад!

Рафиқи туркмани ман дид, ки мижаам хам нахӯрда, бепарво нишастаам ва то ҳадде хунсардона ин манзарaро тамошо  ҳам

дорам, беқарор шуд ва ҷаста аз ҷой хестан хост. Ва... ман аз остинаш қапида, ишора намудам, ки оромак биншинад.

Баъд дарбони тарабхона синаи худро дамонда, ба ёрии марди маст ҳозир шуд. Марди мусофир дасти ӯро аз китфи худ дур андохт, ба забони лакнатдоре дубора гуфт:

– Ман... ху-удам...!

Ва... ба по нимрост шуда, аз нав афтод!

Рафиқи қирғизи ман майли хестан дошт, ки оҳиста пояшро дар таги миз кӯфтам. Вай ҳам дар ҷойи худ ором гирифт. Билохира, тоқати дӯсти ӯзбеки ман тоқ шуду дасту остин бар зада, шитобон аз ҷой хест.

– Нарас. Кордор набош! – гуфтам ман ба оташи ғайрати ӯ об пошида. Вай низ дилтанг дар ҷойи худ нишаст.

Баъд аз лаҳзае...

охирин неруяшро ҷамъ оварда, дандон ба дандон гузошта, он ҳаммиллати ман қомати худро рост гирифт. То ҳадде рост гирифт, ки шояд дар ҳушёрӣ ягон бор ин хел алифвор бар пой рост нашуда буд. Ва оҳиста, гӯё фарши қолинпӯши таги пояшро озор надода..., ба самти дар қадам монд.

Дигар наафтод.

Накалавид ҳам.

Сураташ ба ҳадде ҷиддиву чашмонаш ифодагари кадом як ғами ниҳон қоматаш ҳамон рост, бале, шамшодвор рост (!), ба кӯча баромад.

Ин лаҳза мавҷи кафкӯбии ҳозирон баланд гардид. Дар вуҷуди кадомие шодӣ нағунҷида, ҳуштак ҳам кашид. Аз забони чанд нафар вожаи «браво!» берун омада, дар шаҳболи кафкӯбиҳо то ба гӯшҳои мо расид. Баъд...

Ҳамон ҷавон, ки дар бари Гули ягонаи худ нишаставу хомӯш аз чашмони ҷодуии маъшуқааш роз мечид, аз ҷой хеста, ба назди дастаи санъаткорон рафт ва баландгӯякро ба даст гирифт.

– Азизон, – гуфт вай, аз ҳаё ё ҳаяҷони зиёд сурх шуда.

Ҳама хомӯш ва мунтазир монданд.

Садои мусиқӣ низ ба муваққат фурӯ нишаст.

– Ман аминам, ки ҳамин марди боғайрати тоҷик шояд дар дил ягон дарди кушандае дорад! Аҷаб нест, ки ягон ноинсофе

ранҷонида бошад. Мумкин, аз ёраш хиёнате дидааст ё ягон дӯсташ аз кӯйи вафо берун гом ниҳодааст. Хуллас..., бори ғамаш вазнин барин. Ба ифтихори ҳамин бародари тоҷик, ки худ афтоду боз худаш мардонавор хест, як кафкӯбӣ шавад!

Ҳама мамнун дубора қарс заданд ва ба назар чунин мерасид, ки ҳоло тарабхона гӯё шодикаф мешуд. Дили ман ҳам ноаён лабрези ифтихор мегашт.

– Акнун як суруди шӯхе садо бидиҳад ва мо ҳама бирақсем, – хоҳиш намуд ӯ.

Ҳозирон бо кафкӯбӣ даъвати ӯро пазируфта, акнун ба ҷониби овозхонҳо нигаристанд. Онҳо маътали як ишора буданд магар, бетаъхир ба хониш даромаданд.

Мо подоши хидмати тарабхонаро дода, оҳиста аз ҷой хестем ва аз дунболи он ҳамдиёр берун баромадем. Ба дӯстонам гуфтам, ки акнун ба он бародар шояд кумак лозим аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳам ба дасти милисаҳои чапандози шаҳр афтода, аз ду сӯмаки ҷайбаш муфт ҷудо гардад.

Ҳавои сабуки берун моро истиқбол гирифт, шӯру мағали тарабхона дар қафо монд.

Дӯстонам баробар назари суол ба рӯйи ман дӯхтанд.

– Ана, инро тоҷик мегӯяд, дӯстон! Худаш меафтад ва боз худаш мехезад! – ангушти ишорат ба сифати таъкид сӯйи осмон гардондам ман, ки чашмонам дар партави беозори чароғҳои қади роҳ медурахшиданд.

Се дӯстам зиёда ба шавқ омада, аз латофати сухани ман баланд-баланд хандиданд ва... мо ҳамин тавр масрур ба назди ҳамон бародар омадем, ки пояи бетонии қади роҳро оғӯш карда, ҳанӯз бар пой рост меистод. Ҳоли ӯ гирифта буд, шояд дарун-дарун мегирист. Аз таги кашаш дошта ба хонаи худамон, ҳамон вагончаи муҷаҳҳази вокеъ дар шаҳраки коргарон овардем ва ҷойи хобе барояш рост намудем. Пас аз лаҳзае ҷурғот барин хобаш бурд, аммо аз хурроки осмонкафи ӯ мо то саҳар мижа таҳ накашидем...

Баъдан, ки ҳушёр шуду зери бори хиҷолат монда гашта-гашта узр мепурсид, ман фаҳмидам, ки он бародар Маъруф ном доштааст. Ӯ ду сол қабл дар ҳамин атроф аз дасти гурӯҳи

ҷавонони авбош ҳамсару духтараки сесолаи худро, ки аз боғча бармегаштаанд, талаф додааст. Он нобакорон бо чанд зарби корд азизони ӯро куштаанд. Маъруф, дар умраш бори аввал, то ки ғуссаҳояш лаҳзае таскин ёбанд, ба ҳамон тарабхона даромада, чанд қадаҳро холӣ кардааст...

# ОСИЁИ БАНАВБАТ

– Хезед, дадеш, борон омад! Беда тар мешавад, – гуфт зани Шоир ба тирезаи хона маҳин ангушт кӯфта ва шавҳари ин дам ба китобу дафтар саргарми худро ҳушдор дод. Мунтазири ҷавобе нашуда, зуд аз пайи кадом кори муҳим – аввал ба самти кӯра, баъд аз он ҷо дар даст як тағораи кухна ба офтобрӯя рафт, ки саргини хушк ғарам меистод. Чӣ илоҷ, зиндагии аҳли русто ҳамин: то танӯрашон тафсаду хомашон пухта гардад, аз саргини бузу гӯсфандон низ кор мегиранд. Дар вақти сармо барои гарм кардани хонаҳояшон ҳам… Вақти гармо, албатта, ғами зимистонро мехӯранд. Шояд аз азал омадааст ин одат!

Бонуи хонадон бо тағораи лаболаб ба ҳезумхона рафт, ки он ҷо захира мекарданд таппаку саргинро.

Садои қарсоқурси тундар оламро мегирифт.

Ва ҳамзамон барқ низ шамшер аз наём берун оварда, ба дили абрҳои лангардор теғ кашид. Ҳоло ҳавои баҳорон тағйир ёфтаву сатҳи осмони то ин дам мусаффоро чун қавми Яъҷуҷу Маъҷуҷ абр мегирифт. Абри сиёҳи бадвоҳима, жоларез… Ба ҳар ҳол аз ваҷоҳаташ аён буд, ки нек гузар нахоҳад кард. Ҳатман боридаву аҳли русторо дар ташвиши гарон хоҳад мононд. Бечораҳо дар бадали чанд рӯзи дурахшони офтобӣ алафи палу боғҳои худро хишова карда, инак дар партави шамси баҳорон хушк менамуданд. Охир, ғизои зимистонаи чорвоашон аст!

Ва аз қазо ин абри чанд рӯз боз гумном аз худ дарак дода, ҳоло дар ин саҳари солеҳон ҳамаро ба давутоз овард. Қариб аз ҳар хонадон овози «Ҳа гир, биҷунб, бардор, пӯшон…» – баринҳо омада, мардум мехостанд сари вақт аз гулбеда сар карда то таппаку боз чанд моводи заруриро аз чашми борон пинҳон

кунанд. Мурод, маҳсули заҳматашон барабас наравад, тар шуда, фосид нашавад.

Хулласи калом, айни як таҳлукаи мардуми деҳнишин!

Шоир ҳам бо нихтаи завчааш хоҳам нахоҳам аз сари китобу дафтар хеста, муддате шоха кофт. Баъд, ана, ёфту назди ғарами бедаҳои бандзада омад. Чӣ кор кунад? Сараш гаранг шуд. Боми хона – бедаҷой баланд. «Ақаллан ягон нафар мешуд, аз боло банди бедаро аз нӯки шоха гирифта, бурда дар мақомаш таҳ мезад», дар дил андешид вай.

– Бону, болои бом намебароӣ? – занро аз роҳ боздошта, ночор хоҳиш намуд Шоир.

– Чӣ, аз расидани аҷалам пештар куштаниед маро? Аз ман ин қадар безор шудаед, ки аз лаби бом паррондаву бармаҳал халос шуданиед? – бо нигоҳи итоб ба боми баланд ишора кард зан.

– Ваҳҳ ... Худо нигаҳ дорад! – паси гардан хорид Шоир ва худ заррае шарм овард магар, дигар гап қатӣ накард.

– Ҳозир ҳамсояро ҷеғ мезанам, – истода, фикри ба сараш омадаро ба забон ронд зан.

– Вай ҳам ягон ташвишу тараддуди рӯзгор доштагист...

– Ҳама ҳам мисли шумо холабеғам нестанд! Худам дидам, ки дина бегоҳӣ ҳамсоя бедаҳояшро аз ҳамвор ҷамъ кард. Шояд ҳозир ба ҳоли шумо барин мардони ҳамадону вале «танбал» хандида шиштагист.

Бонуи хонадон ҳарчанд медонист, ки соҳиби сараш марди меҳнатист, аммо сухани охири худро танҳо дар омади гап гуфт, ба хотири ин ки халаду дард кунад, то мардаш ҳар корро дар фурсати худ анҷом диҳад.

– Хайр, рав, рав! Ин қадар зоғи ало нашаву зуд ҷеғ зан ҳамсояро! – каме оташин гуфт Шоир.

Баъд аз лаҳзае чеҳрааш рахшон Амон пайдо шуду ба дили Шоир низ нур дамид. Онҳо аз азал дӯстони қарин ҳастанд. Аз бачагӣ дар як макон ба воя расида, ҳоло ҳарду дар мактаби деҳа омӯзгоранд. Дар ҳазл устухон надоранд. Ҳама гуна шӯхиро таҳаммул мекарданд. Баъзе қиссаҳои онҳо ба даҳони мардум афтода буд. Бар замми ин ҳамсояи девордармиён…

– Аз қадамат гардам, ҳамсоя, биё ки, аз дасти ин кадбону

халосӣ надорам, – изҳори шодмонӣ кард Шоир.

– Кай боз «ҳамсоя» гуфта мурочиат мекардагӣ шудӣ? Дидан баробар «Пишак» гуфта, бо лақабам ном мегирифтӣ-ку?!

– Ҳамеша эҳтиромам баланд ба ту, ҷӯраҷон.

– Медонам, Бузаки ҷингилапо, чӣ қадар ҳурмат мекунӣ маро! То корат буд шудан садқаву банда шудан гир! – акнун Шоирро бо лақабаш ном гирифт. Махсус, дониста ва халонда.

Шоир табассуме карда дам фурӯ баст. Ҳоло мавридаш нест, албатта, кораш ки буд шуд, бо гап пӯстакашро хоҳад канд. Чун ҳамеша…

Амон аллакай аз нардбон рафта, худро болои бом гирифт ва ба поён нигарист, ки дӯсташ бо рамз табассум мекунад.

– Чӣ ба ёдат расид? Бигӯй гапи дилатро, – низ лаб ба ханда бурд Амон.

– Ҳеч чиз. Фақат аз дилам гузашт, ки чӣ хел чолокӣ ту. Ба бом баромаданат ҳам осон, – шодон ба забон ронд Шоир ва шохаро ба шиками банди беда хаста, зуд ба Амон дароз кард. Вай аз панҷаи шоха онро раҳо намуда, бурда аз як тараф ба таги боми шиферпӯш рахт зад, ки ҳоло то нисф пур буд.

Ҳамин тавр, дӯстон бо ҳазлу шӯхӣ саргарми кор шуданд.

– Ҳай-ҳай, Бузакҷон, ин бедаҳоро барои худат ҷамъ мекунӣ?

– Не, барои ту! То дар зимистон ба оғӯшаш даромада гармакак бихобӣ, – низ аз дари ҳазл рафта ҷавоб дод Шоир ва боз банди гулбедаро бо нӯки шоха ба Амон дароз кард. Амон бедаро гирифту:

– Ҷавоб нодуруст! – гуфт ва аз сари бом дубора ба поин партофт.

– Шуд, дӯстам, ман қоил, гапи ту ҳақ, ин ҳама барои худам! – аз паёмади кор хавф бурда, зуд иқрор шуд Шоир.

Дубора раъд ғуррид, ин дафъа боз ҳам баландтар… ва соиқа низ ба рӯйи ғафсу тираи абр нохун кашида зуд нопадид гашт. Борон ягон-ягон дона партофт…

– Оқибат бедаам тар шуда аз зан гап мешунавам, Амон! Садқаат шавам, дӯст, чолок биҷунб! – дар димоғ бӯйи борону гулбедаи нав аз ҳамсояи худ хоҳиш намуд Шоир.

– Шохота хубтар кор кунон, Бузакҷон!

– Аз ин зиёд боз чӣ хел?

– Хайр, бигӯ ки, чаро туро Буз лақаб мондаанд? – мавзӯъро аз нав ба ҳазл кашид Амон.

– Хуб, чаро туро Пишак мегӯянд?

– Ҷавоб мутлақо бемантиқ! – аз сари шоха бедаро гирифта дубора ба поён ғурронд Амон.

– Маро бубахш, дӯстам! Тавба кардам, дигар такрор намешавад.

– Ана ҳамин хел! – қаноатманд гуфт Амон. – Акнун ҷавоби саволро бидеҳ.

– Чӣ гӯям? Буз нест лақаби мо.

– Канӣ шунавем .., – ҳамчунон ба ҷиғи Шоир расида, қаҳ-қаҳ зад вай.

– Аслан – Бузмак!

– Ҳа-а-а… Чаро? – боз як банд гулбедаро гирифта, савол ба миён гузошт Амон.

– Замони гуруснагиҳо, шояд давраи бедоди ҷангҳои хонумонсӯз бошад, бобоямон ниҳоят аз шиддати гуруснагии тоқатфарсо даҳон ба пистони буз бурда, шири ҷонбахшашро макидааст. Албатта, дар хурдсолӣ… Кадом нобакор инро дида овоза кардааст ва ҳамин хел мо дар байни мардум Бузмак шудаем, вассалом!

– Яъне Буз нест лақаби ту?

– Не, албатта!

– Ҷавоб нодуруст! – боз як банд беда аз лаби бом ба замин омад.

– О раҳм кун, Амон. Таърихи лақабамро пурсидӣ, гуфтам. Боз чӣ мехоҳӣ?

– Бо овози баланд чанд бор такрор мекунӣ, ки ман Буз! Баъд ҷонат халос мешавад. Корат ҳам буд хоҳад шуд, – шарти нав пеш овард Амон.

– Инаш, ростӣ, аз ҳад гузашт!

– Пас ту медониву гулбедаат. Ман рафтам! – ба нардбон пой гузошт Амон.

Ба рӯйи Шоир донаҳои борон нишаста, дилаш мисли деги осмон тира шуд ва ноилоҷ бо илтиҷо ба ҳамсояаш рӯ овард.

– Майлат, нафаро, нафаро. Хости туро иҷро мекунам! – гардани каҷ ба забон овард Шоир

– Ин гапи дига-а-ар! – мамнун дубора ба рӯйи бом баромад Амон.

– Ман Буз! Ман…

– Баландтар. Ҳа… – ӯро қувват дод Амон.

– Акнун ба муродат расидӣ?

– Имрӯз ҳаминаш кифоя! – масрур гуфт Амон. – Акнун кор мекунем. Бузаки ҷингилапо… – банди бедаро кашола карда ба замзама даромад вай ва интизор шуд, ки Шоири дӯсташ ягон сухани эътирозӣ мегӯяд ё не? Хомӯш аст Шоир. Пас, ҳоло усул дар дасти ӯст, чӣ қадар навозад, ихтиёраш. Ку «ғинг» гӯяду бинад!

Боз раъд ғуррид ва боз…

Акнун борон бо суръат аз чашми абр фурӯ рехта, то замин ришта мекашид. Бонуи хонадон аз дари ҳезумхона берун омада, як ба шавҳари худ назар партофту дартоз худро ба айвон гирифт. Шоир низ охирон банди бедаро ба Амон дароз карда, нардбонро аз бари девор канд.

Ҳоло борон қувват гирифта, заминро комилан ба оби худ ғарқ карда буд. Ба машом бӯйи хоки нам менишаст.

– Бузаки ҷингилапо… – Амон ниҳоят хурсанд сурудхонон ба лаби бом баргашт, ки нардбон дар ҷояш набуд. Шоир хандон аз дари ошхона ӯро тамошо мекард.

– Шӯхӣ накун, нардбонро мон, ки ман фароям, – қуташ парида хоҳиш намуд Амон.

– Пишак омад лаби бом,

Аз барои шири хом… – бо садои шар-шури борон омехта ниҳоят хурсанд  замзама намуд Шоир. – Чӣ ҳол дорӣ, Мошон? Ана ҳамин хел, ҷойи ту – болои бом!

– Номардӣ накун, ҷӯра...

– Эҳ-ҳааа, навигарӣ ку! Як лаҳза пеш, лақабамро мегирифтӣ?

– Хайр, чӣ шудаст? Осмон омада ба замин начаспидааст, охир! Гуфтам, гуфтам-дия!

– Пештар фикр кардан лозим буд. Акнун навбати суруд аз мо, ҷӯраҷон! – ангушт ба сари сина гузошта, таъкид намуд Шоир.

– Шоир, дӯстам, шарманда накун, аз чуки бачаат гардам!

Шармсор насоз, мегӯям.

– Чуки бачаатро хӯрам гӯй!

– … хӯрам.

– Пише, ҷонвар. Акнун дар оғӯши гулбеда дарову хоб рав! – қаҳ-қақ зада хандид Шоир.

– Соати аввал дарс дорам, ҳамсоя! Балота гирам, дӯстам, мон ки, фароям. Бачаҳои мардум бекор мемонанд.

– Ба ман чӣ? Ин мушкили ту.

Шоир ниҳоят аз омади кор курта-курта гӯшт гирифта, суруди «Пишак»-ро зери лаб замзама намуда, каме тар шуда бошад ҳам, ба он эътиборе надода, ба хона даромад ва пас аз лаҳзае либоси мактабӣ пӯшида, дар даст чатр ба ҳавлӣ баромад. Акнун мактаб хоҳад рафт ва албатта, аз воқеаи нав ҳамаро огоҳ хоҳад сохт.

– Пишак омад лаби бом… – қаноатманд суруд хонда, ба зориҳои дӯсташ, ҳатто эътиборе надода, ба кӯча баромад.

Амон дар лаби бом музтар монд. Ба поён назар кард. Хеле баланд, сабил.

Борони баҳор авҷ мекард. Ба шифери боми хона бархӯрда, ҳама гуна садоҳоро дар худ фурӯ мебурд. Раъду барқ гулдуррос зада, замину замонро меларзонд. Оби чашми абрҳо беист мерехту мерехт. Гоҳ шиддат мегирифт, гоҳ ором фурӯ меомад.

Худкардаро даво нест, мегӯянд, – дар дил худро мазаммат кард Амон. –Ҳоло Шоир рафта, агар тадбире наандешад, оламро бӯй хоҳад гиронд ва ӯ як умр дар даҳони мардум афтода, боиси хандаву истеҳзо хоҳад гашт. Фикре ба сараш омад…

Борон меборид у меборид ва…

Инак, як гӯшаи осмон сафедӣ карда, офтоб рух намуд ва абрҳои тира батадриҷ доман барчида, ба қибла рафтанд. Борон ҳам чӣ хеле оҳиста сар шуда буд, ҳамон хел аз боридан монда, пас аз як дам ҳаво сабуку рӯҳафзо гашт. Аммо ҳанӯз аз новадонҳо, барги дарахтон қатраҳои рахшони борон лағжида ба замин мефаромаданд.

Шоир ба мағозаи деҳа даромад, қарзҳояшро бо фурӯшанда баробар сохт ва сипас ба мактаб рафт. Гӯё як табақ симу зар ёфта бошад, хеле мамнун, бо хушҳолӣ ба хонаи муаллимон

ворид гашт.

Ва...

шах шуд!

Сураташ санг баст!

Табассум аз даври лабонаш ғайб зад!

Амон дар ҳалқаи омӯзгорон нишаставу гарм-гарм сухан мекард. Бо баробари дидани Шоир мавҷи хандаи ҳамкорон ба осмон печид.

Пас аз лаҳзае занги дабистон садо дода, омӯзгорон хандакунон як-як ба дарс даромаданд. Шоир ҳам ба синфи худ рафт ва баъдтар хабар оварданд, ки Амони дӯсташ ҳамаи бандҳои бедаро аз болои бом ба поён партофта, бо ин роҳ аз баландӣ фаромадааст ва дороии Шоир дар оби борон монда, комилан тар шудааст.

# ХУБОН

– Ман...

Намедонам ман ҳоло дар чӣ ҳолам! Зиндаам ё мурда, аниқ нест. Ҳолати сардаргуме дорам ва кадом як ҳисси мағшуш маро беист ба коми бетаги худ мекашад. Дасту дилам ҳам аз зиндагӣ сард...

– Як сол пеш, вақте меҳмонат будам, мутлақо сухани дигар доштӣ. Аз ватани ниёконат чунон боҳарорат ҳарф мезадӣ, ки... эҳҳа-а-а, гӯё аз забонат ҷӯйи асал ҷорӣ буд.

– Рост. Ҳоло... хъммм... – барои таъкиди ҳайрати ҳарчи бештари худ кунҷи лабонашро овезон намуда китф боло кашид, баъд маҳин сар ҷунбонд Моҳир ва нигоҳаш ба самти номаълум ғарқи фикр гашт...

***

Бонуи хонадон баъд аз он ки дастархон густард, ба рӯйи як лаълӣ дар чанд рикева* мағзу чағз, гуна-гуна шириниҳоро оварда, аз ҳар ҷониб ба атрофи ду нони гармакаки лахчарӯ гузошт. Баъд аз як бори дигар қариб бесадо ба ҷониби ошхона рафта омадани

---

** **рикева** – лаълича, тақсимча*

вай дар як гӯшаи моида* чанд пиёлаи ҳошиязарҳали хушрӯ ва як чойники мунаққашҷомаи чинӣ пайдо шуданд. Ҳамин тавр ба шукӯҳи хон афзуда акнун ба самти омадааш қадам мондан мехост, ки аз пушти сар овози шавҳарро шунид:

– Парӣ, палават кай тайёр мешавад?

– Нав дам партофтам, дадаҷонаш... – нафасе таваққуф карда, посух гардонд бонуи хонадон.

– Хеле хуб. Бигзор нағзакак дам хӯрад, – гуфт мард аз дунболи завҷааш, ки аллакай гулбуттаи зебои бонакҳати канори роҳравро чап дода рост ба самти ошхона мерафт.

Зан бо ҳамин аз назарҳо ғоиб гардид, шояд гирди дегу табақи худ ҷунбидаву жӯлида, бо ҳар гуна корҳои рӯзгор худро андармон медошт...

Соҳибхона сабук гулу равшан кард. Даст бурду яке аз нонҳоро пора намуд ва ҷомаи чойникро кашида, баъди бо ҳавсала се бор гардондану боз муддате интизор гаштан, қаноатманд ба ду пиёлаи пахтагул чой рехт. Муродаш ин буд, ки хуштар таъме гирад, рангаш низ дурусттар бароял! Якеро пеши худ нигаҳ дошта, дигарашро ба меҳмон дароз кард.

– Марҳамат, дӯстам. Ба дастархон нигар, – муроот намуд ӯ.

– Ташаккур.

Онҳо болои кати чӯбӣ, дар сояи дарахтони рӯ ба рӯйи ҳавзаки пуроб аз ду ҷониби хони ҳоло мамлуи ғизо ҳар кадом болиштеро ба таги каш гирифта, каҷпаҳлу задаанд. Дар ибтидо, азбаски меҳмон ба ҳурмати нону дигар неъматҳои рӯйи дастурхон худро кашида истиҳола менамуд, соҳибхона исрор варзид, ки бемалол пойҳояшро ёзонда биншинад ва худро чун дар хонаи хеш озод ҳис намояд. Ва... худ, то бародархондаш шерак шавад, намуна гардид: тоқии аз қаъри замонаҳо расидаву акнун хеле фартутшударо бо салиқае хос ба сар каҷ гузошта, бо майли хотир каҷпаҳлу зад...

Аз васати ҳавзаки сероб фаввора дили чанд харсанги оғӯш ба оғӯшро ошиқона кушода ба ҳаво сар мекашид. Гӯё шаҳдухтари афсонавие буд, ки рӯ ба рӯйи оинаи хуршед истода мӯйҳои

---

*** моида –** *дастархони пур аз таому неъматҳо; дастархон*

зебояшро беист шона мекард ва он хирмани нурандуд аз фароз ба баёзи гарданаш маҳин шорида, аз он ҷо бо садои марғуб ба рӯйи зонувонаш менишаст. Аз таъсири бодаки серун зарраҳои он вуҷуди обӣ ба ракс омада паркушоён то худи ҷойи нишасти дӯстон мепароканд. Овози шитир-шитир ба харсангҳо ва баъд ба шишаи оби ҳавзи мармарпӯш бархӯрдани сиришки фаввора равони касро навозиш мекард; оҳанги муассире эҷод шуда, қалбҳоро ба домани сурур мекашид.

– Охирин бор кай меҳмони мо будӣ? – сукути муваққатро барҳам зада пурсид Моҳир.

– Як сол шуд, ба назарам, – хиҷолат бурда, ноаён пушти гардан хорид Фозилҷон. – Агар хотираам фанд надиҳад, ҷашни мавлуди писаракат буд ё...

– Бале, ҳамин хел, як соли расо гузаштааст. Айнан таваллуди Species Бобоҷони мо буд он рӯз. Инак, ману янгаат ният дорем, ки пас аз чанде ба хотири шодирӯзи фарзанд дигарбора дастурхон ороем. Охир, мучал пур мекунад баҳодури мо! – шодон абру боло кашид Моҳир.

– Худованд рӯзҳои хурсандиатонро зиёда гардонад. Ба ҷиянча низ умри ҳазрати Хизрро дода, чаҳор мучалашро аз газанди рӯзгор бехалал гардонад. Омин...

– Омин... – қаноатманд даст ба рӯ кашид Моҳир.

– Аммо, худи Бобоҷон куҷост? Нилуфари қандаки амакҷонаш ку?

– Мактабхонанд хоҳару додар. Ҳамин он бояд баргарданд... – беихтиёр ба соати даст назар монд Моҳир ва пиёларо бардошта, як ҳурт чой нӯшиду: – Номи шераки мо аслан Саидбурҳон аст. Медонӣ-а? Мо дар хона Бобоҷонаш мехонем.

– Бале. Гуфта будӣ худат.

Моҳир боз ба кадом мазмун будани он таърихчаро ёдовар гашта таъкид кард, ки Саидбурҳон аслан номи бобоҷонаш буда, то аз ёдҳои ояндагон фаромӯш нагардад, ба писарчааш гузоштааст, аммо ин тавр аҳли оила аз гирифтани номаш худдорӣ карда, фарзандро аз эҳтироми баланде, ки ба ҷадди худ қоил буданд, Бобоҷон меноманд.

Баъд... Соҳибхона лаҳзаяке риоят гардидани суннати

гузаштагонро дар хаёл чархонда ва як навъ худро қонеъ ёфта, дубора ба сари мавзӯъ баргашт:

– Мо, дӯстам, дар ин муддат туро хеле пазмон шуда будем. Хайрият, омадӣ. Чаро ки, ту дер-дер дидор менамоӣ. Аз мо ку, хафа нашудаӣ?

– Не-е! – гардан кач кардаву ноаён китф дарҳам кашид меҳмон. – Ҳаргиз! Ба ҳар хел фикрҳо нарав, дӯстам! Сабил... корам зиёд шудааст. Ба сархорӣ вақт намеёбам. Аммо дилам ҳамеша кашол буд, ки...

– Зану фарзандонатро чаро наовардӣ? Ҳар дафъа ваъда медиҳию аз ёдат меравад, дӯстам. Шояд барқасд фаромӯш мекунӣ?! Янгаат ҳам кадом рӯзе шикоят мекард, ки Фозилҷони мо зану бачаҳояшро ба шаҳри дигар кӯчонда бурду мутлақо одами дигар гашт.

– Узр мепурсам, дӯстам. Айбамро тан мегирам. Албатта, дафъаи дигар меоварам. Аммо... ба янгаам худат фаҳмон, ки ман асло дигар нашудаам, ҳамон Фозили қадимаам; меҳру муҳаббатам ҳам барҷост. Нағзиҳои шуморо то рӯзи қиёмат пос хоҳам дошт.

– Зинда бошӣ.

– Ман аз дил мегӯям.

– Муҳим барои одамизод саломат будан, дӯстам. Ва... баъдан, доштани хотири ҷамъу дили беғам! Ҳарчанд дили беғам доштан... мушкил, хеле мушки-ил, хосса ба ману ту барин бандагонаш. Аммо ба ҳар ҳол мебинам, ки андак парешониҳои пешин рӯзгори туро тарк кардаанд. Ман сидқан хурсандам.

– Ҳамааш аз шарофати ту, меҳрубонии янгаҷонам...

– Мо кори арзандае накардаем. Ба як ҳамватани худ дар ғурбат дасти шафқат дароз кардему халос. Вазифаи инсониямон буд, ки баҷо овардем, вассалом. Бояд аз дилу гурдаи худат, сабри ҳамеша сабзат, неруи бозувонат миннатдор гардӣ.

Онҳо хомӯш монданд.

Моҳир ба пиёлаи меҳмон чой рехт ва бародархонди худро ғарқи андеша дида, низ чашм ба самти дарахтзорон монда, лаҳзае ба фикр рафт.

Фозилҷон бо сари хам ба ёд овард, ки вақте бо ину он

мақомдорон муросо карда натавониста, сари ҷаҳл ватанро тарк намудаву саргашта ба ҳамин шаҳр омад, ҳоли хеле низоре дошт. Бо зану кӯдаконаш дар назди як мағоза рост меистоданд ва ҳайрону зор буданд, ки чӣ кор бикунанд? Ба чӣ насақ* шабро рӯз намоянд. Навакак аз ҳавопаймо фаромада, акнун намедонистанд дар ин шаҳри азими бегона куҷо раванду чӣ тадбире биҷӯянд! Дар ҷайб маблағи корое надоштанд. Завҷааш дам ба дам оби чашм рехта, дили шавҳарро реш-реш мекард. Кӯдаконаш ҳам бо инҷиқиҳои худ ба волидон рӯҳан фишор меоварданд. Шом фаромада олам либоси шаб мепӯшид. Ин замон Фозилҷон аз пешомади норӯшани худу аҳли оила дилтангу гаронҷон меистод, ки ба гӯшаш лафзи тоҷикӣ расид. Гӯё суруше аз Масеҳо шунида мешуд, ки аҷаб маҷзубу овози булбулро мемонд ва хеле фораму дилнишин садо медод. Аз ин овози ҷонбахш рӯҳ гирифта, шодон ба ҷонибаш рафт. Марди қоматбаланди хандонрӯе аз дасти як писараки моҳталъат дошта, аз дари мағоза берун меомад. Ӯро як хонуми зебои низ шукуфончеҳра ҳамроҳ буд. Фозилҷон бо чашмони нам арзи муддао намуд. Онҳо – зану шавҳар аз атои Худованд хурсанд шуда, оилаи Фозилҷонро ба мошини худ нишонданду ба хонаашон оварданд ва муддате аз барашон ҷой, аз дастархонашон нон доданд... Фозилҷон ҳамон таърихчаро пеши назар оварда ба риққат омад ва дилаш хонаи кадом як эҳсоси аҷибе шуда, бо меҳри беандозае ба чашмони Моҳир нигарист.

– Хайр, акнун аз корҳоят гап зан. Зиндагиат хуб аст? – мавзӯи суҳбатро дониста ба самти дигар бурд мизбон ва даст монда, тоқии худро аз сар гирифт. Моҳир ин сарпӯшро, ки аз бобояш ба падар ва аз қиблагоҳ ба ӯ ёдгор мондааст, дар хона ҳаргиз аз сар намегузошт. Фозилҷон ин хислати дӯсташро нек медонист ва аз эҳтироми ӯ ба пушти накукораш низ воқиф буд.

– Бад не, бародар. Ҳаракат дорам, ки дар байни мардуми бумӣ мақом ёбам. Тоҷик ба чӣ қодир аст, нишон бидиҳам! – ангушт ба ҳавову бо ифтихори хосса гуфт Фозилҷон ва ноаён бо пушти даст нами чашмонашро пок кард. Дар пай нигоҳи дидагонаш

---

*** насақ** – *тарз, равиш, тартиб, қоида*

масрур ва барқафшон гаштанд.

– Ман аз такопӯи ту хеле хурсандам. Ва... бовар дорам, ки Худои меҳрубон, албатта, заҳмати бандагони бедордилашро бидуни аҷре нахоҳад гузошт.

– Иншоаллоҳ. Аммо...

Ин дам аз назди кат гурбаи пешонақашқаи лоғаре бо чашмони тарсолуд ва садояш ба ҳадде ҳазин, ки шояд гурусна буд ҷонвар ё дар дил ягон ғами дигаре дошт, ки бо алам «мияв, мияв...» мегуфт, думи худро базӯр кашола карда гузашт ва фурсате ҳуши дӯстонро дуздид. Моҳир аз лаби нон порае шикаста, он махлуқи Худоро навозиш кардан мехост, ки вай гашти худро тезонда, ба миёни дарахтзор гузашта рафт ва бо ҳамин аз назарҳо ғоиб гашту овози ҷонхарошаш ҳам басанда шуд. Дӯстон пас аз лаҳзаи андеша боз ба ҳам рӯ оварданд. Фозилҷон аз лаби пиёла як ҳурт чой нӯшида, акнун бо нигоҳи ҷиддӣ мулоим ба сухан омад:

– Ҳамин хел, дӯстам, чанд рӯз гузашт аз баргаштани худат?

Фозилҷон ин саволро дода дар дил оҳ кашид ва хаёл ӯро ноаён ба самти Ватан бурд; хокдоне, ки хуни нофаш дар он ҷо рехтаасту сарнавишти талх вайро аз он чаманистон ба ҷойҳои дур ва ниҳоят ба мулки ғарибӣ афканда буд.

– Як ҳафтаи расо, – акнун болиштро аз таги каш раҳо карда чаҳорзону нишаст Моҳир ва то дороияш хунук нашавад, ҷомаи чойникро дубора пӯшонд. Боз рикеваҳои бомағзу шираворро пештари меҳмон гузошта, бо нигоҳ ишора намуд, ки бигирад, даҳон ширин кунад. Ва худ бедилон ғӯлунгеро ба даҳон андохт. Дар ин асно чӣ хел пайиҳам чанд оҳи бадард мағзи ҷонашро тарк гуфтанд, худ бехабар монд.

– Лекин... ту маро айб накун, дӯстам, – низ ба тақсимчае даст дароз намуда як дона мавиз гирифт Фозилҷон ва онро муддате дар нӯки ангуштон бозӣ доронда, баъд бо нидои «бисмиллоҳ» оҳиста ба даҳон бурд. Ком ширин намуда: – Бовар кун, дар ҳамин шабону рӯзон як одами ниҳоят серкорам ман. Бо олимони намоёни мамлакат болои тарҳи хеле муҳим кор мебарем. Маро аз байни зиёдтар аз сад нафар донишманд ба узвияти дастаи машваратӣ пазируфтанд. Хуллас, дар зимма масъулият дорам, – гуфт.

– Зинда бошӣ, дӯстам... Ҳамеша дилам гувоҳӣ медод, ки як рӯз марому мақоми худро хоҳӣ ёфт; дар ин олами пурғавғо ба садои худат соҳиб хоҳӣ шуд.

– Эҳ-ҳа-а... Ҳоло ҳама корҳои нек дар пешанд, – ба ваҷд омада кӯдакввор шукуфт Фозилҷон.

– Офарин...

Байни дӯстон, фаротар... ду бародархонд боз сукут фаромад. Ин дам шитир-шитири резиши оби фаввора шунавотар гашта, аз кадомин як панҷаи дарахтони атроф хониши мурғакон низ ба гӯшҳо нишаст. Фозилҷони кимиёгар муддате ба ин навои сурурангез гӯш фаро дода, нақшаҳои корашро пеши назар овард ва бурути қиргунашро молида-молида, аз дил гузаронд, ки Худо агар хоҳад, то охири сол рисолаи илмиашро сарбаландона дифоъ хоҳад кард. Боз дар як тарҳи ҳукуматӣ ширкат дорад. Агар назарияи пешниҳоднамудаи вай исботу дар ҳалли ягон мушкил кор ояд, барояш чӣ иқболе хоҳад буд. Бешак, дари имконоти нав ба рӯяш боз хоҳанд гашт. Бигзор шунидаву аз тавфиқи ӯ воқиф шуда, ҳасудонаш дар Ватан хуни ҷигар гарданд. Ҳарчанд дар диёр қадр накардандаш, ҳеҷ боке нест! Як рӯз, албатта, чашмонашон кушода хоҳанд гашт. Инак, дар ин ғурбатсаро истода, собит хоҳад сохт, ки аз пушти родмардони нек ба дунё омадаву фарзанди барҳаққи миллати барӯманде аст ва... иншоаллоҳ зайли замонаҳо тағйир ёфта, агар ба олим мардум таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, бо сари баланд ва рӯйи сурх ба хокдони хеш хоҳад баргашт. Ҳоло вай дар Ватан дар назари баъзе хасакҳои рӯйи об душмани қаттол – фарзанди як муллои бешохбанд мебошад, ки дар замонаш ғолибан мардуми маҳалро аз шӯру шари беҳуда ҷилав мегирифт, ба роҳи Худову расул, ба кӯйи раҳмони раҳим тарғиб мекард, аммо ба туҳмати ноҳақ печида, дар натиҷаи истинтоқҳо ва минбаъд аз азоби номусу ори шуълавар адо гашту ҷон ба Ҷонофарин супурда буд. Бо реҳлати ӯ ва боқӣ мондани тамғаи бадномӣ оилаи амну осоиштаи онҳо парешон гашт, бародарон аз ҳавли ҷон гурехта дар хоки Русия паноҳ оварданд ва ӯ бо амри тақдир саргашта ба Туркия омад. Пас аз сарсониҳо инак офтобро мебинад, бале танҳо болои сараш! Аммо... ҳарими дилаш хуршедӣ нест, қалбаш

ҳамон шабистонро мемонад ва ба ёди Ватан мудом гум мезанад, ғарқоби хун ва пайваста меноладу менолад...

– Акнун сухан ба ту, – сукути қоимро шикаст ва алъон каме аз бори хиҷолати пешин вораста, андӯҳи ногаҳон рӯгирифтаро бо зӯри иродат дубора дар қаъри дил зиндонбанд сохта, бо лабони моил ба табассум чашм ба рӯйи дӯсти худ дӯхт Фозилҷон.

Моҳир низ домани андешаҳоро раҳо карда, беихтиёр ҷабин молид ва риши майсаашро масҳ кашида, дасташ дар сари чойники ҷомапӯш:

– Чӣ гӯям ман?... – гуфт оҳкашон. Осори яъс дар чашмон боз болиштро ба таги каш гирифт, каҷпаҳлу зад ва нигоҳ гурезонда, дубора ба фикр фурӯ рафт ва ҳамоно нигоҳи дидагони мағмумаш дар оинаи оби ҳавзаки обаш мусаффо шикастанд.

– Деҳаи Хубони бобоиятро чӣ хел ёфтӣ? Оё таборонат сиҳату саломат будаанд? Албатта, аз тамошои он ҷойҳои баробари биҳишти адн бо як олам таассуроти нек баргаштагистӣ... – оби даҳон фурӯ бурда акнун шодон пурсид Фозилҷон.

– Таассурот беҳисоб, бародарҷон. Лак-лак... – як табассуми links мармуз дар кунҷи лабон овезон, ниҳоят ба рӯйи бародархонди худ нигарист Моҳир.

– О ман чӣ гуфта будам ба ту, – ногаҳ кӯдаквор болид Фозилҷон. – «Ҳамааш хуб мешавад»-гӯям, ту бовар намекардӣ, ҳаяҷон мебурдӣ, дудила ҳам будӣ, ки ба Хубон биравӣ ё не?! «Раги поям намекашад, дилам дар панҷаи ғулғулаи номафҳум...» гуфта, чанд муддат ин кори хайрро мавқуф низ мегузоштӣ.

– Ҳа-а-а... рост. Хеле дудила будам. Аз пешомади номафҳуме як ҳаяҷони тира ҳам дар дилам ошён дошт.

– Лекин...

– Аммо... бардоштаҳои банда хуб нестанд, Фозилҷон. Ватани бобоӣ дар тасаввури мани хаёлпараст дигар хел буд, мутлақо дигар!

– Аъа! – гӯё нашунид Фозилҷон ва ҳайрат дар чеҳрааш овезон қомат рост карду чаҳорзону нишаста, мутааҷҷиб ба рӯйи дӯсташ нигарист, ки мабодо ҳазл намекунад? Мабодо...

– Мумкин бовар надорӣ, вале... ман алъон як калобаи чағбутеро мемонам! – оҳи дарозе кашид вай ва ба рӯяш сояи ғам

фаромада, чашмони дар банди андӯҳаш ба самти боғи саросар сабз сухани худро идома дод: – Акнун на оғозам пайдосту на анҷомам равшан. Ҳамин хел, дар аърофам гӯё.

– Пас, ҳанӯз савори тавсани эҳсосоте ҳастӣ, ки қаблан дар дили ту ошён гузоштаанд!

– Ҳоло, ба фикрам, як куштаи бетире, як мақтули бекорду заҳри ҳалоҳиле ҳастам! Дигар сухане надорам, ки ҳоли дили худро рӯшан ифода созам.

– Худо нигаҳ дорад туро, – ноаён даст ба гиребон бурд Фозилҷон.

– Ту даҳон ширин кун, дӯстам. Аз ин нозу неъмат бичаш, мазоргузаштаанд охир, аз худи Ватани бобоям овардаам ва... воқеан, чаро наменӯшӣ? Чой хӯр! Дилат кашад, ана, оби маъдандор, шарбати мева... – як-як ба сӯйи хӯрданиҳо бо даст ишораву ҳалимона муроот намуд соҳибхона.

– Албатта, мечашам. Бепарво бош...

– Ман, ҳозир, – узр пурсида аз ҷой хест Моҳир ва таъкид кард, ки пас аз як нафас бармегардад. Фозилҷонро танҳо гузошта, худ ба ҷониби хонаи қашанге роҳ гирифт, ки дараш аз самти долон буду дар паси шоху баргҳои як рада дарахтони борвар аз назарҳо пинҳон меистод...

***

Фозилҷон аз паси бародархонди худ замоне нигариста, аз дил гузаронд, ки вай чӣ хел як инсони ҳимматаш баланд, чашму дилаш сер ва хоксору меҳрубонест. Боз чунон дили нарму беғуборе дорад, ки аз одитарин бархӯрд бо ҳодисоти зиндагӣ таъсир бардошта, қалбаш мабдаи ғаму алам мегардад. Дарун-дарун азоб кашида, то аз ёдаш рафтан хеле азият мебинад. Ҳоло низ аз Ватани бобоӣ баргашта, аз кадом як воқеаи номатлуб димоғаш сӯхтааст. Шояд аз таборонаш пазироии табъи дил надида бошад ё... кӣ медонад? Кадом як нусхаи тирадил, ҳатто рӯйи хотир накарда, дар пеши завҷааш ягон воқеаи замонаҳои пешро аз гузаштагонаш ба ёд оварда, каждумвор неши заҳрогин задагист. Ана, бародархондаш ҳам баргашт, шояд худаш нақл хоҳад кард, ки...

Аммо, ғайричашмдошти Фозилҷони ғарқи андеша Моҳир суханро аз ҷойи дигар оғоз кард:

– Ҳамин ҷомаву тоқӣ ба тахминҳо зиёдтар аз сад сол умр доранд. Аз бобоҷонам Саидбурҳон ба дасти падарам расида, инак ба хидмати ин акаат даромадааст.

– Ваҳ, чӣ хел зӯр! Мерос аз худи бобоҷонат-а?

– Бале! – бо тафохур тасдиқ намуд Моҳир. – Ба нақли падарам, бобои қозии ман вақте аз кори Ватан дасту дилаш хунук шуда, ба ин сӯйи рудхонаи Омӯ мегузарад, бо аҳли иёлаш албатта, дар тан ҳамин ҷомаи беқасабро доштааст, ки модараш – бибикалони банда бо даст дӯхта, ба шарафи кадом як рӯзи хурсандӣ ба ҷигарбандаш пӯшонида будааст.

– Аҷоиб...

– Он замонаҳо Ватани мусалмонободи мо бо пайи қадами лашкари куффор ноамн гашта, зайли ҳаёти бе ин ҳам мураккаб зуд тағйир мехӯрад ва зиндагӣ ба мардуми эътиқодманд батадриҷ мушкил мегардад. Амири гӯсолатабиаташон раиятро дар чаҳорсӯйи тақдир, рӯ ба рӯйи душмани қаттол гузошта, худ фирор мекунад. Бобоҷони ман ҳам дар қатори ватанхоҳони баномус як муддат бо куффори бераҳм ҷангида, баъд ба фаросат дарк мекунад, ки талошҳои чун ӯ ғаюрон беҳуда аст, кори мулк ҳам дигар ба низоми пешин нахоҳад баргашт, минбаъд рӯзи мардуми худотарс хароб хоҳад шуд! Ояндаи торики сарзаминро ин тавр тасаввур карда ва қитъа-қитъа заминҳои ҳосилхезашро вогузошта, ҳамин ҷомаи туҳфаи модар дар бар, зану фарзанди худро гирифта, ба Афғонистон меояд. Замоне дар шаҳри Мазори Шариф мемонад ва баъд ба Машҳад кӯч баста, он ҷо зиндагӣ мекунад. Баъдтар фурсатро мувофиқ ёфта, ба Туркия меояд ва муқими шаҳри Истанбул мегардад. Азбаски шахси кордоне будааст, зуд тиҷорати худро ба роҳ мемонад ва ин тавр худу аҳли оилаашро аз моли дунё бениёз мегардонад. Дар тӯли зиндагиаш чанд ҷигарбанди бобоҷони ман новақт аз дунё гузашта, баъдтар Худованд ба ӯ, вақте ки дар домани шаст нишаста будааст, боз хурсандие ато мекунад, бо ламъаи нуре сарфароз мегардонад. Падари ман ба дунё омада, ин тавр ба рӯзгори вай зиёи нав медарояд. Номи фарзандро Саидхубон мегузорад ӯ, албатта,

ба шарафи хокдоне, ки хуни нофаш он ҷо рехта аст ва меҳри он гӯшаи нусхабиҳиштро бо худ ногузир то рӯзи қиёмат хоҳад бурд.

– Як умр дар орзуи дидани ватан сӯхт бигӯ.

– Сӯхтан ҳам гап шуд! Эҳ-ҳа-а... Ба нақли қиблагоҳам, вақте мӯйсафед ба Ҳақ ҷон таслим мекардааст, бо такрори калимаи «Аллоҳ» гоҳ «очаҷон» гӯяд, гоҳе «Хубон» мегуфтааст ва ин тавр нолидаву нолида ба сӯйи Офаридгори худ рафтааст. Бо ҳар бори «Хубон» гуфтани шавҳари дар дами назъи равон дар баракаш нишаста, бибиҷони ман сад бор мурдаву боз аз нав зинда мегаштааст. Ҳамин хел меҳри беандозае доштанд ба Хубони фарсаххо дури худ ва аз садоқате, ки дар дилашон якумрӣ зиндагӣ мекард, забони модариашонро заррае ҳам тағйир надодаанд ва ба ягона ҷигарбанди худ ҳам онро омӯзонда, таъкид кардаанд, ки ин забони биҳиштиро ҳаргиз фаромӯш насозад; ҳатман ба фарзандонаш ҳам омӯзад, фарзандонаш ба фарзандонаш...

– Офаринашон.

– Ба ин тартиб, ин анъана дар дудмони мо то имрӯз қоим аст. Бобоҷону Нилуфар ҳам ба тоҷикӣ равон ҳарф мезананд. Ин қоидаро дар хонадони мо касе ҳад надорад, ки вайрон созад. Чунки забони давлатии дохили ҳамин чаҳордевор тоҷикист, – беолоиш хандид Моҳир ва рӯ ба самти дарвозаи мунаққаш гардонд, ки ин замон оҳиста кушода шуда, дар дамаш Бобоҷони ӯ пайдо гардид. Дар китф сумкаи мактабӣ як гурбачаро оғӯш карда, ба ҳавлӣ ворид шуд ӯ. Баробари он аз кадомин шохаи дарахт худро ба замин партофта, модаргурбаи то ин дам хомӯш нолон ба самти дарвоза давид. Аз фироқи ҷигарбанд ба дод омадаву аз бӯйи хушаш дубора маст гашта баланд-баланд мегирист, балки... механдид; аз пайдо гаштани фарзандаш ин навъ хурсандӣ мекард. Бобоҷон пишакбачаро ба замин гузошта буд, ки модараш тозон омада бӯйиду бӯсид ва аз гарданаш газида, акнун қадре хотирҷамъ ва хушнуд ба самти номаълуме паноҳ гирифт...

***

– Ош тайёр! – ҳоло берун аз ошхона қадам мондаву нафасе

дар паси гулбуттаҳои роҳрав таваққуф карда эълом дошт бонуи хонадон. – Биёрам, дадаҷонаш?

– Биёр, – чаҳорзону нишаста, сабук ба ҳамсари худ назар партофта таъкид намуд Моҳир ва ду-се тақсимчаи рӯйи хонро канортар гузошта ба табақи ош ҷой боз кард.

Пас аз даме дар рӯйи дастурхон табақи пури ошро гузоштанд ва... дӯстон саросема нашуда, ҳамчунон азину он гап зада, шоҳи таомҳоро тановул карданд.

– Оё дидӣ, ки чӣ хел модаргурба аз пайдо гаштани ҷигарбанди худ шодӣ мекард? Чӣ хел «мияв, мияв» гӯён вайро ба оғӯш гирифта мебӯиду мебӯсид? – пурсид Моҳир ба чашмони Фозилҷон нигариста.

– Бале.

– Чаро ҳамон гурба ба фарзанди худ «мияв, мияв» неву сагворӣ «ав, ав» нагуфт?

– Чӣ шармандагие мешуд... – ҳамон манзараро пеши назар зинда дошта, беихтиёр лаб ба ханда бурд Фозилҷон.

– Бемалол «Қиёмат қоим мегашт!» гуфтан гир, – низ маҳзун хандид Моҳир ва қиёфааш ҷиддӣ боз пурсид: – Чаро мо инсонҳо зуд аз баҳри забони модариамон мегузарем? Фаромӯш мекунем ва ҷояш ояд шарм надошта, миллати худро низ тағйир медиҳем? Чаро?

– Ҳмм... намедонам, чӣ хел посухат бидиҳам, худам ҳайрон.

– Бузу гӯсфандон дар як қӯра зиндагӣ карда, аз домани як дашт ризқи худро чида, ҳаргиз забони худро табдил намедиҳанд. Оё шунидаӣ, ки гов мисли маркабе ҳангос бизанад?

– Не!

– Пас чаро мо инсонҳо дониста, аз забони модариамон даст мекашем?

– Хиёнат ба модар аст ин!

– Одаме, ки ба модари худ хиёнат кардааст, оё ба модари дигар, ки забонашро чун забони модарҷонаш пазируфтааст, содиқ мемонад?

– Не! Боз ҳам хиёнат мекунад вай. Чунки ин одати ганда ба хунаш мегузарад, хиёнат ба як ҷузъи ҳаёташ мубаддал мегардад.

– Офарин! – оҳкашон гуфт Моҳир ва ба пиёлаҳо чой рехта,

яктоашро ба Фозилҷон дароз кард. Дӯстон хомӯш чой нӯшиданд ва ҳар кадом дунболи андешаҳои худ рафта, гӯш ба садои атроф доданд. Оби фаввора ҳамон аз миёни сангҳои ошиқ, ки онҳо гӯё ҳамдигарро бо меҳр ба оғӯш мекашиданд, ба осмон хеста, бо садои дилпазир ба ҳавзи сероб фуруд меомад. Аз шохаҳои баланди дарахтон гузашта, нури офтоб рӯйи ҳавлиро ба нигористон мубаддал сохта буд.

***

– Чоят ҳам хунук шуд.

– Парво накун. Хунукаш нағз, айни муддао...

– Чой-ку, наменӯшӣ, ақаллан аз ин нозу неъмати Худо бичаш. Аз худи ҷигари Ватан овардаам: чормағз, бодом, писта, мавизу ғӯлинг... Ё ана аз ин шираворихо гир, даҳон ширин кун.

– Хуб, ҳоло дилам чизе намекашад, вагарна...

– Ихтиёрат! Аммо ин хел шармгин набудӣ ту, – дар омади гап гуфт Моҳир. Вале Фозилҷон ба сухани ӯ эътибор надода, ниҳоят як ҳӯрт чой нӯшиду чашм аз дороии пиёла наканда пурсид:

– Хайр, акнун бигӯ: чаро ҳолат ба гунҷишки пару болрехтае шабоҳат дорад?

– Чӣ гӯямат? Як ҳолати номафҳум. Ҷигарам месӯзад, дӯстам, гӯё дилу гурдаҳоям дуд мекунанд. Тамоми вуҷудам дар панҷаи ҳузн...

– Ё тавба!

– Рост...

– Ман бениҳоят ҳайронам, вазъи ҳаворо мемонӣ, дӯстам! Аввал тифлона механдӣ, сидқан шодӣ мекунӣ, чаманвор мешукуфӣ, баъд... якбора дев мезанад туро!

– Бале, зуд ба боди самуми як кавири ҷигарсӯхтаи бепаҳно мубаддал мегардам; оҳ мекашаму оҳ мекашам ва... абри ҳузн дар ҳарими дилам сар халонда, маро ба домани нолаву гиряҳои бесадо мекашад. Ва... дарун-дарун мегирям, ғами диламро дар зиндони дандонҳоям банд намуда, бо азобе фурӯ мебарам; талх бошад ҳам, заҳри ҳалоҳил бошад ҳам, бо азобе аз гулу мегузаронам.

– Пас, чӣ шуд ба ту? Ман асло намефаҳмам! Аз рӯзе, ки Ватани

ниёконатро зиёрат карда омадӣ, ба ҷойи хандону шодон гаштан димоғат билкул сӯхта аст. Хандидан мехоҳӣ, аммо наметавонӣ. Ба фикрам, бигирйӣ ё не, онро худат низ дақиқ намедонӣ. Балки на ба ин ва на ба он ҷуръате мекунӣ.

– Акнун ман аз як одами ватанмурдае беш нестам, – озод тан гирифт Моҳир ва ноаён пешонӣ молид.

– Тавба кардам бигӯй. Ин чӣ гапат? – қомат рост намуд Фозилҷон.

– Ҳа, дӯстам. Мурдааст ватани ман. Ватане, ки ифтихори бобою бибӣ ва падарҷонам буд!

– Худоё... Бори аввал мешунавам, ки ватан ҳам мемурдааст.

– Мемурад!

– Таги хок мондааст?

– Не!

– Тарма гирифтагист?

– Не!

– Об-ку, набурдааст?

– Не! Вай ҳамон соне, ки шукуфон буд, боқӣ мондааст. Балки... дар зебоӣ боз ҳам раънотар шудааст.

– Хайрияте...

– Кунун тамом, Хубон гӯшаи биҳиштӣ нест! Шояд пораи дӯзах ҳам набошад. Бештар ба аъроф монанд шудааст он.

– Ҳай сарбастаанд суханҳоят. Аз ҳазёне беш нестанд гӯё.

– Ман ягон бор дурӯғ нагуфтаам. Хубон акнун барои ман мурдааст. Ин либосе, ки дар тани ман мебинӣ, – ба ҷомаву тоқиаш ишора мекунад Моҳир, – нишонаи азодории як фарзанди он хокдон аст.

– Афсӯс...

Байни дӯстон як сукути сангин хазид. Моҳир зонуҳои харобашро оғӯш кашида, сари худро ба рӯйи он гузоштаву ба андеша фурӯ рафт. Фозилҷон ҳам оҳиста ба ҳузн гирифтор шуда, нигоҳи худро ба як нуқта дӯхт.

– Ният доштам, ки дар домани ин деҳаи биҳиштӣ ягон ҳафта ё зиёдтар гашта табъи дил истироҳат мекунам. Рӯҳу тани худро ба обу ҳавои ҷонбахши Хубон моил месозам, ниҳоят ғубори дилро зудуда, бардаму сабук ба шаҳри худ бармегардам, – сар аз

зонувон бардоштаву ба нақли худ идома дод Моҳир.

– Хӯш...

– Вале... аз рӯзи нахуст, аз лаҳзаҳои аввал кайфияти мо кӯр шуд.

– Чӣ хел?

– Моро хеле мутантан пешвоз гирифтанд. Бо нону намак, бо хандаву шодӣ, бо садои осмонкафи карнаю сурнаю доира... Маълум буд, ки хуб тайёрӣ дидаанд хешовандон. Чунон хурсанд будем, ки... эҳ-ҳа... сухан ба таърифаш оҷиз! Аммо баъд мазҳака оғоз гардид ва бо ҳамин замин аз таги поям рафт. Осмони баланди лоҷувардӣ нохост болои сарам фуруд омада, ҳастии мани аз дунё бехабарро чунон фишор дод, ки... чашмонам мош барин кушода шуданд.

– Ваҳ... – чашмони олувор сиёҳаш аз фарти ҳайрат калон-калон боз шуд, лаб газид Фозилҷон.

– Бо таборонам суҳбат кунам, чизе намефаҳманд, китф дарҳам мекашанду кимчиҳо мегӯянд. Хуллас, ман ягон ҳарфи тоҷикӣ нашунидам. Ҳар хубоние, ки худро ба ман хешу ақрабо муаррифӣ мекард, бо забони дигар гап мезад ва сухани ӯро кадом як тарҷумон бармегардонд. Ин хел ман бо пайвандонам ба воситаи тарҷумоне мулоқот кардам. Ҳамон лаҳза вуҷудам ба ғӯтяхе мубаддал гашт. Дар лабонам ҳарчанд табассуми сохта, албатта, бо истеҳзо буд он, вале дилам сим-сим дард мекард, балки ҳар тору пудам дар панҷаи дарди нофораме монда буд. Нигоҳи янгаатро намегӯйӣ! Синони Гев буд гӯё, рост аз ҷавшани ҷонам мегузашт. Баъд... туҳфаҳои овардаамонро таслим намуда, ҳамон шаб меҳмон шудаву аз оғози саҳари дигар бо баҳонае баргаштем. Дигар тоқати дар Хубон мондан надоштам. Ба як мӯйсафед, ки аз пушти худамон будааст, ҳама гапи диламро гуфтам ва таъкид кардам, ки дигар Хубон барои ман мурдааст! Вай ҳам кӯдаквор гириста, кимчиҳо мегуфт, ки дуруст ба умқаш нарафтам. Аммо маълум буд, ки изҳори пушаймонӣ мекунад. Ин тавр саҳарии баланд он хокдонро тарк намудем. Дар пеши роҳ интихобан чаҳор пора санг ба сумкаам андохтам. Ният дорам, ки ин дафъа ба зиёрати азизонам биравам, ба сари қабри ҳар кадом яктоӣ мегузорам, чун нишона аз Хубони азизашон.

Як пора сангро дар болои сангҳои оғӯш ба оғӯши фаввора ҷой додаам.

– Хеле аламангез, хеле ғамангез...

– Акнун ман Хубони худро дар ҳамин макон месозам.

– Кори хайре мебуд, – оҳ кашида ба тақвияти сухани бародархондаш гуфт Фозилҷон ва дар дил барои худ мақсад гузошт, ки фарзандаконашро чунон тарбият хоҳад намуд, ки забони модариашонро ҳаргиз фаромӯш накунанд. Баръакс, бо ин забони аҳли биҳишт фахр намоянду бинозанд.

– Бале! Ҳамин чаҳордевори бобоиямро ният дорам Хубон эълом созам. Дар паси дарвоза низ дар як тоблу ҳамин номро хоҳам навишт. Забони давлатӣ дар Хубони ман, албатта, тоҷикӣ хоҳад буд...

Моҳир ба нақли худ хотима дода, акнун сараш баланд, нигоҳаш ба ҳадде равшан ба чаҳор ҳадди ҳавлии дар оғӯши гулу дарахтони саросар сабз нигарист.

– Аз ин баъд Хубони ману фарзандонам ин ҷо хоҳад буд! – дастон ба ҷонибҳо ҳамвор бо нигоҳ ба ҳавлии озода ишора намуда таъкид кард ӯ...

Суруди фаввора гӯё баландтар гашт, садояш боз ҳам фораму гӯшнавоз ба самъ мерасид ва зарраҳои обие, ки аз он ҷудо мешуданд, дар кафи шамолаки форам то ба ҷойи нишасти дӯстон расида, ба ҷонашон ҳаловат мебахшиданд.

Ин дам дуртар аз кат ба мазраи офтобрӯя ҳамон гурбаи пешонақашқаи газгӯшт баромад ва атрофро як аз назар гузарониду ҳама ҷоро амн ёфт магар, бемалол дароз кашид ва худро ба тоби анвори хуршеди бегоҳирӯз андохт. Пишакбачаи дӯстрӯякаш низ аз қафо омада, даҳон ба доруки вай гузошт ва муддате бо майли хотир шир нӯшид, баъд шоду бод бо думи модар ба бозӣ даромад. Аз ин бозиҳо роҳат бурда, модарпишак думи худро аз як ҷой ба ҷойи дигар мекӯчонд ва фарзандаш аҷаб хушнудиҳо мекард, меғелиду меҷӯлид, гӯё дар дунёи худ намеғунҷид...

# НОВЕЛЛАҲО

## КӮЛБОРИ УМР

– Сол аз сол вазнинтар мешавад, ҷӯраҷон! – мегӯяд дӯсти қадимаи ман ва ноаён гардани ғозгуна борикашро ба китфони худ фурӯ мебарад. Дар ҳамин ҳол ду бари ҷомаашро низ сар ба сар карда, даст пеши бар мегирад. – Аз як сарборӣ раҳо ёфта, навакак нафас рост гирифтан мехоҳӣ, ки ташвиши дигаре «мана ман!» гуфта аз пеши кас мебарояд. Кашидани бори рӯзгор рӯз ба рӯз мушкилтар мегардад. Хайр, худат чӣ кор карда гаштаӣ? Бачаҳакот хубанд? Зиндагии ту ҳамвортар, дӯстам. Ҳавасам меояд ба ту. Ба ҳар ҳол дар шаҳр ҳастӣ. Борат ҳам сабук... Ман бошам, аз давлати Худо як қӯра бача дорам. Эҳҳ-ҳ... – оҳ кашида даст меафшонад вай.

– Бори ман ҳам сол аз сол сангинтар мешавад, – мегӯям ман як гапи бобоям ба ёдам расида.

– Агар мисли ту ду ё се то фарзанд медоштам, тоқиамро аз шодӣ ба ҳаво меғуррондам. Аммо... даҳ нафаранд зурриёти банда; оилаи ман бо шумули худаму кампирам дувоздаҳ даҳони хӯранда дорад. Ту бори худатро «вазнин» гуфта маро зиёда нахандон, – ва дандонҳои кирмхӯрдаашро бо кафи даст пӯшонда механдад ӯ. Сар ҷунбонда, аз шавқ ё алам... лаб мегазад ва ба ҷомааш дурусттар печида оҳиста гашти худро идома медиҳад.

Ман ҳам аз кӯчаҳои деҳа бачагии худро ҷуста-ҷуста ба роҳ медароям ва суханҳои бобоям ба ёд меоянд...

***

Як рӯзи оғуштаи нуру сафои фасли баҳорон буд.

Мани он айём бачаи кунҷков бо бобоям ба кӯча баромадем; ба хатнасури писари як хешамон меравем мо. Дар кӯчаи сангфарши морпеч ва пасту баланди деҳа, ки он замонаҳо мошинсавораш каму харсавораш бештар буд ва аз ин сабаб миёни пуски бузу гӯсфандон, ҷой-ҷой саргини ин ҷонварони меҳнаткаши кӯҳистон низ парешон мехобиданд. Кадом як паррандае титу пит намуда,

аз миёни хоку хамуч насибаи худро мечинад ва аз мо рамида, бо як хез худро ба ҳаво мегирад. Аз ду бари роҳ похсадевори каҷу килеб ва ё шиғтавораи берабте низ тӯл кашида, аз он тарафаш, аз ҷониби ҳотаи мардум дарахтони гуногун дастони худро ба сари шонаи онҳо монда, раҳгузаронро тамошо мекарданд. Бобоям дар даст асое дошт, ки қариб баробари қадди худаш меомад ва ба дӯши он ёвари худ вазни қоматашро партофта, оҳиста қадам мезад. Ман аз бари ӯ роҳ рафта, бо гуна-гуна саволҳоям гоҳ ӯро ба ғазаб меовардам, гоҳ ба домани шодиҳо мекашидам. Агар ало-ало ба самтам нигариста, миёни абрувони сермӯяш гиреҳ андозад, мефаҳмидам, ки пурсиши ман бемаънӣ будааст. Агар саволи мақбуле медодам, вай паси гардани маро бо дасти шахшӯлаш молида ё ба сари китфам тап-тап зада, ҷавобҳое медод, ки ё ман фаҳмида хомӯш мемондам, ё ки ба мағзаш дуруст сарфаҳм нарафта, дар дунбол чанд саволи дигарро қатор менамудам.

Аммо...

Ин дафъа ба як пурсиши ман бобоям на пешонӣ чин кард, на меҳрубоние зоҳир намуда бо дастони кордидааш гардани маро молид. Ба дарозо хомӯш монда, вазни худро ба қомати асо андохта, андешаманд қадам мебардошт. Нигоҳи олудаи афкораш гӯё пешопеши пойи вай мелағжиданд ва барояш роҳро ҳамвор месохтанд; куҷо пой гузорад ва куҷое не, нишон медоданд. Ман сад саволи дигар дар дилам фурӯзон хомӯш қадам зада, роҳравон бо сангчаҳои пеши поям бозӣ мекардам. Баъд ин хомӯшиву бозиҳо ба дилам зада ба танг омадам, ки дубора забон кушодам:

– Хайр, ҷавоби шумо чист, бобоҷон?

– А?

– Чаро дар пирӣ қомати одам хам мегардад? – саволи худро такрор намудам ман.

– Дилакат беқарор ва хеле танг аст, ҷони бобо! Мехоҳӣ ба ҳама саволҳоят зуд посух бигирӣ.

– Агар ман мактаб равам ва муаллимам ҷавоби ҳамин саволро пурсад, чӣ мегӯям? – далел меорам ман.

– Муаллимат ин саволро ба ту намедиҳад, – беғубор механдад бобоям.

– Чиро мепурсад вай?

– Вай... чиҳоро мепурсид? Аз ту ҳарфҳоро мепурсад, шеърҳоро мепурсад, ки азёд медонӣ ё не. Рақамҳоро мепурсад, ки аллакай онҳоро ёд гирифтаӣ. Аммо... ман ба ту ҷавоби он саволро мегӯям ва ту бо диққат гӯш андоз!

– Хуб, – гӯшу ҳуш мешавам ман.

Аммо бобоям боз хомӯш мемонад ва ман дубора дилтангӣ карда, кӯшиш мекунам, ки ба саволи худам ҷавобе ёбам ва... оҳиста мепурсам:

– Мумкин дар пирӣ одам бештар касал шуда қоматаш хам гардад?

– Неъ! – сар меҷунбонад бобоям.

– Ё камтар ғизо хӯрда, қувват аз танаш меравад?

– Неъ!

– Пас, чаро...

Вай роҳравон дасти чапашро ба китфи ман мегузорад ва бо нигоҳи андешамандаш ҳамон роҳ чида, посух медиҳад:

– Одамро дар гашти умр бор лағат мекунад, ҷони бобо!

– Бор?

– Ҳа, бор...

– Чӣ хел бор?

– Бори аъмоли савобу носавоб, неку бад, ки одам дар давоми умр содир мекунаду ба як халта андохта, пуштора карда мегардад.

Ман замоне хомӯш монда, ин суханро дар мағзам ҷой медиҳам ва гӯё чизе фаҳмида бошам:

– Ҳа, дина гуфта будед, ки агар кори савоби одам зиёдтар бошад, Худо ӯро дӯст медорад, – мегӯям.

– Боракаллоҳ, аз ёдат нарафта будааст. Ин гапамро низ дар гӯшат нигаҳ дор, – мегӯяд вай нармак бинии маро пучида.

– Хуб, – мегӯям ман ва посухи бобоямро чанд бор дар зеҳнам чархонда, барои худам хазина мекунам...

***

... Ҳоло furthermore бобоҷонам дар қайди ҳаёт нест. Кӯлбори пур аз корҳои савобашро (ба ин итминонам комил аст!) пуштора карда, ба пеши Худо рафтааст, то бо Ҳабиби худ ҳисобу китоб кунад.

Акнун солҳо гузашта, ман ҳам марди бахонаву ҷое ҳастам ва анбони аъмолам рӯз аз рӯз вазн мегирад. Аммо намефаҳмам, ки он аз корҳои савоб пур мешавад ё...

– Ин рӯзи ҳисоб маълум мегардад! – зери лаб хитоб мекунам ман ва... сурати дӯсти бачагиам пеши назарам меояд, ки лаҳзае пеш аз гаронии бори рӯзгораш менолид...

Охир, сербача аст вай!

# ШИКОЯТ

Баъд аз суҳбате ба ман ҳам ҳоли он марди яҳудӣ бориз гашта буд: андешаманд, андак асабӣ ва зиёдтар дар банди сукут умр ба сар мебарам. Бехи гӯшҳоям мудом садои писараки фаластиниро мешунавам, ки...

Ва... панҷаҳоям ба мушт табдил ёфта, ҳар гоҳ зери лаб хитоб мекунам:

– Бирав, додараки ман, бирав! Бираву ба Худо гӯй, ки...

***

... Мо дар паноҳи сояи хавозаи токи ангур нишаста ҳаво мехӯрем.

Ин хоҳиши рафиқи ман аст.

Хеле ороста ва ҳама шароити истироҳат муҳайё ва ғолибан аз нафаси ҳавосоз* ҳавояш рӯҳбахш гашта бошад ҳам, дар ин нимарӯзи офтобӣ рафиқи маро яқин чаҳордевори хонаҳои ҳутал ба танг оварда буд, ки дар берун нишастанро авло донист ва аз ман хоҳиш кард, ки бо ҳузурам танҳоии ӯро бизудоям.

Ҳаво гарм...

Аммо дар сояи хавозаи токи панҷаҳояш дар дами бодаки нимарӯзӣ мудом ларзон муътадил аст ҳаво; гармои дилзаъфкунанда ҳис намешавад. Мо ду нафар мусофиракони ин шаҳр дар харакҳои чӯбини бепуштак рӯ ба рӯйи ҳам нишастаем.

Хуршед чун одати ҳамешагӣ дар қиёми рӯз дасти сахо кушода буд. Аз ин саховат ҳарф ба ҳарф, ҳиҷо ба ҳиҷо суҳбати

**** ҳавосоз** – дастгоҳи таҳвияи ҳаво, кондитсионер*

мо ҳарорат мегирад.

Ҳамсуҳбатам аслан як марди яҳудии камгапе аст. Зодаи Бухорои шариф буда, ба қавлаш, бисту панҷ сол пеш аз ин бо вазидани нахустин насимаки истиқлол дар Ватани мо пешомадро тираву тор дида, бо аҳли оилаашон ба кишвари Исроил кӯчидаанд. Аммо ҳоло ният дошт, ки ба зиёрати қабри гузаштагон ба зодгоҳ сафар намояд. Инро аз суҳбатҳои иҷмолии пешин дарёфта будам. Ман намедонам, ки дар дили ин мард чӣ хуфтааст?! Чунки мудом хомӯш менишаст, ба андеша равад, соатҳо ба як нуқта нигариста, аз кадом хусусе фикр мекард... Хуллас, як рафиқи камсухан ва мармузе буд ӯ. Аммо имрӯз ғайричашмдошт баъд аз ғизои чошт аз ман хост, ки... агар муқобил набошам, як дам дар сояи хавозаи токи баргҳояш ғулии ҳавлии ҳутел, ки дар ҳамин шабону рӯзон меваи ранг бадал карда ширин шудааст, нишинем ва... ҳаво хӯрем.

Ва...

мо ҳар кадом дар банди тафаккур ҷудо-ҷудо, ба қавли шарикам, «ҳаво хӯрда», баъд аз суҳбати маъмулӣ инак хомӯш менишастем. Ман аз ин фурсат истифода бурда, ба хӯшаҳои ангури болои сарам назар партофтам. Аз тасаввури лаззати он даҳонам бевосита об кушод, аз он назар барчида, ҳар чӣ дар атроф ҳаст, як-як тамошо кардам. Масалан, дарахтони гуногуни баргу шохаҳояшон мураттаб, гулҳои рангобаранг, ки низ дар соядави дарахтон роҳат мекарданду роиҳаи машомгирашон то ҷойи нишасти мо мерасид, боз... роҳравҳои морпечи нақшинро... аз назар гузаронидам ва билохира, аз сукуте, ки байни мо афтода буд, ба танг омадам ва дар ҷойи худ беқарор гаштам. Ин сукути гарон ҷони маро меҷафид ва сактае дар равони ман таҳмил месохт. Ҳолати маро ба таҳқиқ фаҳмида, ҳамсуҳбатам ғамгин табассум кард ва оҳи бадард кашиду гуфт:

– Ман ҳар шаб ӯро хоб мебинам. Овози хастаашро ҳар шаб шунида, нигоҳи чашмони зебои пур аз тааccуфашро ҳис мекунам. Мешунаваму... об мешавам; аз гаронии азоби виҷдон сад бор мурдаву аз нав зинда мешавам, – даст монда гулуи худро молид ҳамсуҳбатам ва ноаён оби даҳон фурӯ бурд. Яқин панҷаи ғамеро, ки аз банди гулуяш гирифта буд, мехост ба ин навъ нарм

созад, роҳи нафасашро аз чанги он дарди кушанда бираҳонад.

– Албатта, аз даст додани азизони дил чӣ саъбу сангин аст, – гуфтам ба дилаш рафта.

– Не, ошноҷон... Вайро ман намешинохтам. Вай ҳам маро дар умри сараш надида буд.

– Пас, ин хел ғам хӯрдан чӣ маънӣ дорад?

– ...! – бо нигоҳаш ором таъкид кард ӯ ва оҳ кашиду лабонаш ғунча сари худро хам намуд.

Акнун суҳбати мо ба дигар самт тоб хӯрд. Чаро? Худам намедонам. Ҳанӯз дар дили ман садҳо савол бедор аст, аммо...

***

Вай, ки аслан як марди камгапе менамуд, маро мутаҳайир сохта, имрӯз зиёдтар майли суҳбат дошт. Ба қатораи самти Бухоро чипта харида буд ва бо омад-омади шом сафари худро идома хоҳад дод ва... шояд мехост, ки ман аз ғами дилаш огоҳ бошам, ҳадди ақал мутмаин гардам, ки вай як инсони ба дарди башар бетафовут нест! Боз... намедонам чӣ ният дорад ҳамсуҳбати ман. Чунки рӯзҳо хомӯш нишаста, инак дар пояи идомаи сафараш булбулаш мехонад. Аҷиб!

Ва... ҳоло аз чашмаи камоби лабони рафиқам ин суханҳо заҳиданд:

– Одам дар дами назъи равон чӣ мегӯяд, аз чӣ меандешад? – пурсид вай нигоҳи андешамандашро ба роҳрави мунаққаш гардонда. – Вақте ки фариштаи Марг ба исрори амонати Худованд болои сараш ҳозиру нозир гашта, панҷа ба гулуи ҷонаш мегузорад ва...

Ман аз ин пурсиши ғайримаъмулӣ ҳайрон китф дарҳам кашидам ва пас аз пораи андеша гуфтам:

– Шояд аз зану фарзандонаш меандешад, ки ҳолашон пас аз сари ӯ чӣ мешуда бошанд!

– Шояд... – сари худро миёни ду китфи лоғараш фурӯ бурд ӯ.

– Боз... аз молу маноле фикр мекунад, ки дар давоми умр худ нахӯрдаву ба касе ҳам надода, ба андешаи «рӯзи мабодо!» ба чӣ сахтиҳо ҷамъ овардаву инак ба дардаш намехӯранд ё ба дасти кадомие хоҳанд монд.

– Аммо ин хел нусхаҳо зиёд нестанд, хушбахтона.

– Айнан дар замонаи мо кам ҳам нестанд! – бо итобе равшан ба оҳанги таъкид гуфтам ман.

– Мумкин... – гуфт ӯ бари рӯ молида ва пешонӣ чин намуд. Ин навъ боз ба андеша рафта, акнун дидагони олувор сиёҳаш ғамолуд ба ман нигаристу оҳиста лаб кушод:

– Вақте ки фарзанди одам зиёда азият кашида ва ҷони кӯфтааш ниҳоят нолону дар қолабаш ба танг меояд, худаш бехабар, ҷӯёи наҷот рӯ ба осмонҳо мегардонад – ба самти Парвардигори худ! Ва, ин дамҳои гарон нахустин калимае, ки меҳмони забони вай мегардад, бешак ҳамин номи муборaки Худо аст! Яъне, ба ҳазорон андомаш ларза рафта «Худоҷон» гӯён менолад ӯ. Баъд, мумкин дар дунбол идомаи муноҷоташро дар дил такрор мекунад. Ба қавли худат, номи зану фарзандонро зӯр зада ба ёд меорад, шояд хира-хира молу дунёаш низ аз пеши назараш бигзаранд.

Хомӯш монд ӯ.

Атроф ҳам гирифтори сукути мармуз гашт.

Ман то ба умқи суханҳои ҳамроҳам биравам, низ ҳарфе ба забон наоварда, аз болои ду шонаи лоғари ӯ нигоҳи оганда ба сад суоли беҷавобамро ба дуриҳо дӯхтам.

Вай вазнину озурдахотир сар афканда, маҳзун ба пеши пойҳои худ менигарист. Бо ҷорӯби нигоҳҳои мағмум гӯё як поразамини пешорӯяшро мерӯфт. Яқин бо ҳамин сӯзани нигоҳҳои кунди чашмонаш то дили замин чоҳ меканд, замине, ки дар гузашта қалби баҳарорату хушнуд тапанда ва шояд дар ҳамин вақту замонаҳо замири ҷароҳатнок дошт. Маҳз бандагони бешохбанди Худо ин шӯрбахтро азият медоданд, бо аъмоли шайтонии худ меозурданд, огоҳона ҳаловаташро медуздиданд.

Бале, ҳоло ҳамсуҳбати ман бо сӯзани нигоҳи кундаш чоҳ меканд! Чиро ҷустан мехост? Ба мани музтар маълум набуд. Тахмин мезанам, ки дар ҷустани ҳақиқате ин навъ талош меварзад.

– Агар одам атеист бошад-чӣ? Воқеан, ин турфа дар байни мо зиёданд! Бехудо бошад, чӣ кор мекунад? Чӣ сухане пар мекушояд аз лабонаш? – ногаҳ сукути сангинро парда дарида, савол додам ман.

– Чӣ ҳам мегуфт? – акнун сар барафрошт ӯ ва андешаҳои худро

як тараф гузошта, бо кафи дасти шахшӯлаш пешонӣ молид ва як табассуми ҳузнангез дар лабон ба нигоҳи пурсишхоҳи дидагони ман дучор омада, қиёфааш ҷиддӣ гардид ва пас қатъан ҷавоб дод:

– «Очаҷонакам!» мегӯяд, дӯстам. «Модарҷон!» гӯён ғарибона менолад.

– Чаро?

– Чунки... маҳз модарон дар рӯйи ин замини сӯхтадил тимсоли Худованд ҳастанд!

– Пас...

– Бале! – сухани маро дубора аз даҳонам гирифт ӯ. – Инсон чӣ бехудо аст, чӣ аз ҷумлаи баимонҳо, таҳтан бо Он ламязили ламязол, донандаи асрору огаҳ аз кулли ҳол пайвандии азалӣ дорад!

Вай инро гуфту боз сар хам намуд. Ду дасташро тирак сохта, ба лаби харак гузошт. Аммо аз бори сангине шонаҳояш ба тадриҷ хамида, пушташ ба сони хоки болои қабр шикам монд.

Ман аз ғилофакаш берун оварда, ба соати телефонам нигаристам.

Ин замон ба намози зуҳр пораи фурсате монда буд.

– Зиқ шудӣ?

– Не. Баръакс...

***

... Аз кисаи куртааш суратеро берун кашида ба дасти ман дод. Як гӯшаи кадомин шаҳри ҷангзада буд, ки биноҳои вайронаш дар коми оташ месӯхтанд. Ғубори дудолуд, ашёи рӯзгори мардум парешон ва оғуштаи хун буданд. Дар гӯшае зери сутуни оҳании шикаста марде то нимаи тан дармондааст. Дар оғӯши ӯ кӯдаки тақрибан се ё чаҳорсолае буд, ки низ ду пояшро ҳамон сутуни вазнин пахш карда аст. Мард ҳарчанд зӯр мезад, ки худ ва писаракро наҷот бахшад, наметавонист!

– Ин ҷо Фаластин аст! – гуфт ӯ ҳамон бо сари хам ва дили пурғам. – Пас аз бомбабороні неруҳои ҳавоии Исроил.

– ... – ман дигар ҳарфе ба забон наоварда, хомӯш ба манзараи даҳшатбори сурат хира шудам. Он марди маҷрӯҳ дод мезад,

кулли аъзои баданаш дар банди дарди беамон фарёд мекашид, бисёр мехост, ки писаракашро аз ин муҳлика халос кунад. Аз тоблуи ҳамон сурат боз садоҳои дигари барҳаму дарҳаме хеста, дар бехи гӯшҳоям менишастанд. Дар оинаи хаёлам даҳшатҳои ҷанги хонумонсӯз зинда гашт ва ҳастиам аз тасаввури он манзараи дилхарош вазн гирифт, оҳиста он амонатро ба соҳибаш баргардондам.

Вай ҳам як бор ба сурат нигариста, лаб газиду сар ҷунбонд. Онро дубора дар ҷайби худ гузошт, аз болояш маҳин қафаси синаашро молид ва... баногаҳ дидагонаш нам оварданд. Ду қатра ашк дар хами мижгонаш муддате ҷило дода, баъд сарозер афтоданд.

– Ҳамин писарак... дар рӯйи дастони ман ҷон дод, – гуфт вай кафи дастонашро ҳамвор намуда ва оҳи амиқе кашид. – Охир, вай ҳақ дошт, ки мисли садҳо, балки миллионҳо кӯдаки рӯйи замин рӯзҳои хушро бубинад, калон шуда ошиқи ягон гулдухтаре гардад, ба давлати пирӣ бирасад. Аммо...

Дар банди гулуи ман чизе дармонд, ноаён оби даҳон фурӯ бурдам.

Вай ба ёди он айёми барояш кулфатбор рафта, муддате хомӯш нишаст. Баъд кӯлбори хотироташро кушод, овозаш ҳазин ба ҳикоят даромад.

***

... Осмон ҳанӯз дар тасарруфи ғубори ғализи ғашовари иборат аз чангу дуди хоку чӯбу оҳану садҳо ашёи дигари сӯхта қарор дошт; ҳавои атроф ба ҳадде ҷафида буд, ки нафас дар синаҳо танг мешуд. Аз чашмҳо чашмаи ашки талхе равон гашта, сӯзиши бераҳме пайдо мекарданд. Ин пардаи тирафом ба ҳадде ситабр буд, ки ҳатто офтоби тобони нимарӯз дар паси ҳиҷоби он монда, гӯё чунин ба назар мерасид, ки айни ҷӯшу хурӯши ҳаёт дар ин қаламрав баногаҳ шом фаромада бошад.

Шаҳр месӯхт!

Месӯхту дар равғани бани башар бирён мешуд!

Туъмаи нафси саркаши хайле аз бандагони лаҷомгусехтаи Худо гашта буд шаҳр! Ва... инак ба азо нишаста, рӯю мӯй меканд, нола мекарду бадард навҳа меандохт.

***

Муддате пеш ҳавопаймоҳои ҷангӣ наъракашон ба болои ин шаҳр ҳамлавар гашта, бори марговари шонаҳои худро ба сари мардуми осоишта рехта, акнун ба ҳадде аз ҳамли кушандаву сӯзанда сабук шуда шодихӯрон ба мақарри пешини худ баргашта буданд. Бо нопадид гаштани ҳавопаймоҳо садои таркиши даҳшатбор аз ҳар гӯша баланд ва паҳнои ин шаҳри ободон ба маҳшаргоҳе мубаддал шуд. Ҳанӯз садои ин таркишҳо фурӯ нанишаста, тӯпхонаҳо ба кор омаданд ва ҷисми шаҳрро гулӯлаборон намуданд.

Баъд ҳама таркишҳои даҳшатзо хомӯш гардида, садои гиряву нолаи мардум ба осмон печид. Мо савори зиреҳпӯшҳо вориди шаҳр шудем, то ин маконро аз вуҷуди душманҳои худ пок созем. Ва ногаҳ ба ҳамин манзара вохӯрдам ман. Мардеро бо писаракаш сутуни оҳанӣ ва шикастаҳои бинои хонааш зер карда буд. Ҳар ду оҳу воҳ мекарданд, аз сару рӯяшон хун метаровид. Зуд пиёда гашта, ба кумак шитофтам, аммо... ман тавони бардошта, якбара кардани он бори гаронро надоштам.  Рафиқонамро ба ёрӣ садо задам. Онҳо аз тарс зиреҳпӯшро тарк накарданд. Ман бехудона худро ба ҳар сӯ мезадам. Аммо бенатиҷа... Баъд садои тир баланд гашт. Шояд кадоме аз ҳамроҳонам, ки дар паноҳи зиреҳпӯш менишаст, он мардро чун ҳадаф қарор дода буд. Вай тир хӯрда, мағзи сараш ба атроф парешон шуд ва ҷисми дар панҷаи дарди тоқатфарсо ларзонаш ором гирифт. Писарак ҳанӯз намедонист чӣ воқеае рӯй додааст, менолиду менолид. Ҳаракат мекард, ки аз қайди бори гарон озод шавад. Падараш, ки то рамақ дошт бо зӯри зонувон сутуни оҳаниро мебардошт ва ин хел азоби ҷигарбандашро коҳиш медод, ин дам муқобилатро бас карда буд. Бори сангин бадтар ба ҷисми писарак фишор овард. Ман аз ноилоҷӣ девона мешудам, ҳамроҳони тарсуи худро носазо мегуфтам. Сари он писараки маҷрӯҳро аз қафаси синаи падараш бардоштаву рӯйи дастонам нигаҳ дошта, зор-зор мегиристам, ба ҳар навъ дилбардорӣ мекардам...

Баъд аз як дам нолаҳои дилхароши писарак  паст гардид, нигоҳи чашмони имдодҷӯяш ба рӯйи ман бо овози хирае гуфт:

– Ман пеши Худо меравам.

– Роҳакат сафед, – гуфтам ман гирякунон.

Аз чашмони ман беист ашк мешорид, то садои ӯро пахш накунад, лабони худро сахт газида, садоямро банд карда будам. Оҳиста мӯйҳои шабранги олудаи хоку хунашро молидам. Чашм кушод. Ҷоми чашмонаш ин замон аз ҳисси нафрат лабрез буд. Нигоҳи он чашмони ифодагари ким-кадом ҳисси барои ман номафҳум ба рӯям дӯхта шуданд. Ва писарак боз канда-канда ба забон овард:

– Ман ба пеши Худо меравам...

– ... – бо имои сар ишора намудам, ки сафарат бехатар бод.

– ... ва ҳатман арз мекунам, ки ... шумо дар рӯйи замин гуноҳ мекунед! Одам мекушед! Албатта... мегӯям...

Ва...

Ҷисми хурдакаки ӯ ором гирифт.

Вай ба дидори Холиқи худ шитофта буд, то аз аъмоли бандагони гургсифаташ шикоят кунад.

Таркиши даҳшатноке маро ба худ овард ва ба ҷониби ҳамраҳонам назар кардам.

Ҳамхидматони ман, ки дар зиреҳпӯш нишаста, ба ҳар шабаҳи дар ҳоли ҳаракат тир мекушоданд, аз зарбаи мушаке мунфаҷир гашта, ҷисми берӯҳашон пора-пора ба ҳар ҷониб мехобиданд...

Ба ситоди қумондонӣ баргашта, ҳамон замон ариза навиштам ва сафи ихтиёриёни артиши кишварамро тарк намудам.

***

Рафиқи ман оҳи бадарде кашида хомӯш монд ва аз кисааш сигор гирифта ба лаб гузошт. Як дона ба ман ҳам дароз кард. Аммо ман нагирифтам, аз ҷайби худ носкадуямро берун кашида, ба лаби харак тиқ-тиқ зада, доропяшро ба ҳаракат овардам. Аммо дилам ғаш овард, он «азизи» худро бе ҳеҷ дудилагӣ ба қутии партов андохтам.

Ҳамсуҳбатам дуди сигорро аз кунҷи лабонаш ҳалқа-ҳалқа сар дода, илова намуд:

– Аммо, ҳамон нигоҳи пур аз нафрати писараки фаластинӣ, ҳамон нигоҳи таҷассумгари шикоят аз феъли вайрони одамизод маро то ба имрӯз таъқиб мекунад. Шояд то фарҷоми умр он

аз ёди ман намеравад. Ҳар шаб ба хобам медарояд ва... ман об мешавам, дар оташи худ мегудозам, дар равғани худ бирён мегардам.

– ... – ман чизе намегӯям, аммо бисёр мехоҳам беибо ба рӯяш андозам, ки «бадтар шав, эй махлуқи ...!». Вале...

– Албатта, он писараки маъсум ба Худо шикоят бурдагист ва мо рӯзе ҷазои лоиқ мегирем! – гуфт бо сари хам рафиқи ман ва пасмондаи сигорро ба қуттии партов андохта, вазнин аз ҷой хест ва ба ҷониби ҳуҷраи хоб қадам бардошт. Шояд ният дошт, ки асбоби сафарро омода созад.

Ман аз қафояш муддате нигоҳ карда, зери лаб ба таъкид гуфтам:

– Иншоаллоҳ, ҷазо муқаррар!

# ДУГОНАҲО

Дари мағозаи хурдакак боз гардида, баробари ба дарун қадам ниҳодани хонуми болобаланде як оғӯш ҳавои сард низ ба дохил роҳ ёфт ва ба нафаси бухории барқӣ дучор омада, то ҷойи нишасти фурӯшанда – паси пештахтаи саросар шишабанди дохилаш пур аз анвои хӯрданӣ нарасида муътадил шуд. Бо вуҷуди ин, ӯ ҳис намуд, ки дар берун сармои туфкуну яхкун ҳукмрон аст.

– Ленаҷон, марҳабо! – сар аз бофтан бардошт ва созу кори бофандагиашро канор гузошта, ба истиқболи дугонааш шодон забон кушод вай.

– Ба Худо ки, мегазад ин хунукии зормонда, – сабукак тан афшонда, лаб ба шиква кушод Лена. – Ин хел зимистони девонаро дар умрам бори аввал мебинам. Охир, Надяҷон, дирӯз чӣ хел ҳавои форам буд?!

– Бале, – ба дасдиқ гуфт Надя, бонуи миёнсоли фарбеҳак.

– Имрӯз яку якбора Худо зад ҳаворо! – дар банди ҳайрату боз ҳисси омехта ба нафрат ду даст ба ҳам совид.

– Танзими ин корҳо дар дасти ману ту нест. Албатта, хӯҷаин дорад ва ба изни Вай содир мегардад! – бо имои абрувон ба

дуриҳо ишора намуд, ки гӯё ба пиндораш маъвои раббулъоламин он ҷо бошад.

– Ин гапат айни ҳақиқат, – хиҷолатманд тан гирифт Лена ва фавран ба гунаҳояш оташ давид.

Ва...

Дугонаҳо муддате сукут варзида, ба андешаи худ андармон шуданд.

Лена рӯймоли пашмини дастбофташро кушода ба сари китф партофт ва мӯйҳои тиллорангашро бо хилоли ангуштон мураттаб сохт; кафу пушти дастонашро як лаҳза аз назар гузаронида, ба ду рухсораш гузошт ва оринҷ ба пештахта бурд. Ба дугонааш малеҳ табассум зад. Аз паси лабони рангдида дандонҳои сафедаш намудор шуданд. Баъд, ба чӣ хаёле рафта бо нӯки забон лабҳои дар сармои берун обаш паридаро нам кард. Ин тавр, гӯё аз кӯлбори хотира беҳтарин воқеаро меҷуста бошад, ду абруи қаламкашидаву ҷаззобаш сарбасар нигоҳи чашмони акнун ба ғам нишастаашро ба шишаҳои машрубот кӯчонд, ки дар рафҳо бо салиқае хос чида шуда ва бешак мунтазири харидорон буданд. Ин дам як оҳи сӯзон низ аз паси он дандонҳои чароғон гузашту нармак ба киштии лабони зан нишаст.

– Чун мубталое ба ишқ оҳ мекашӣ, Ленаҷон, – авзои дугонаашро зуд таҳқиқ намуда, забон кушод Надя.

– Акнун ин савдои балоангез барои ман бегона, – мижгонҳои баргаштаи Лена болову поин шуданд ва ҳузне аз он мабдаи нур ҷудо гашта то рӯйи Надя лағжид.

– Пас, ҳанӯз ин сари қоқат танҳои танҳост?

– Ҳа, – кӯтоҳак посух дода чашм гурезонд Лена.

– Афсӯс...

– Хайр, чӣ ҷойи таассуф?

– Бо ҳамин қомату ҳусни расо, а? – гӯё маҳви ҳайрат гардида пурсид Надя. – Мисли ман, – бо нигоҳ ба ҷойҳои сергӯшти худ назар карда таъкид мекунад: – аз чорчӯба набаромада бошӣ!

Лена дубора ғамгин табассум кард ва ба ҷойи посух гардани нозукашро каме хам ва ду китфи наҳифашро беихтиёр боло кашид; мазмун: сарнавиштам чунин будааст!

– Аҷиб! – тани фарбеҳаки худро ба курсии роҳат озод

партофта низ лаб шикаст Надя ва нигоҳаш огандаи сад суоли посухҷӯ аз зери чашм ба ҳамсуҳбати худ нигарист, то бифаҳмад, ки дар дили ӯ боз чӣ гапҳое нуҳуфтаанд.

– Бояд саратро паноҳ оварӣ. Танҳо зистани зан-мардум хуб нест, дугонҷон!

– Эҳ, Надя, Надя! Чӣ лозим боз як саги дигар?

Ин сухан тирвор аз забони Лена ба парвоз омад. «Саг!» – аз фарти таҳайюр чашмонаш калон-калон кушода шуданд.

– Ҳоло ҳамин Алабайи меҳрубонам кифоят аст! – сагашро дар назар дошта посух гардонд Лена. – Базӯр қурбам ба сер кардани шиками вай мерасад.

Ин дам як харидори дигар вориди мағоза шуда, ба муваққат суҳбати онҳоро бурид. Он мард як шиша арақ хариду он дороии нестдарҷаҳонро аз сари сина ба остинаш хаст ва гӯё ҷонаш дар қолаб нағунҷида, шоду бод ҳавои сардро ба дохил сар дода, аз дар баромад. Дар пӯшида шуду Лена:

– Як кило гӯшти нағз бар каш, – гуфт ба дугонааш рӯ оварда.

– Барои Алабай?

– Албатта. Боз барои кӣ мешуд?

– Ҳозир, дугон, ҳозир... – тараддуд гирифт Надя ва гӯшти лаҳми иштиҳооварро ба дасти дугонааш супорида, дар бехи гӯшҳо садои худоҳофизии Лена, ба хоначаи шафат – анбораки пур аз чизучора ворид гашт. Ин дам шавҳари арақмасташро ба ёд оварда, бо надомат аз дил гузаронд, ки «Чӣ қадар ҳақ аст Лена. Саги дигареро поидан чӣ лозим?».

Чашмони Надя аз ашк тар шуданд.




Фаридуни Фарҳодзод (Йӯлдошев) 5-уми феврали соли 1989 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ – мактаби таълими умумии рақами 43 фаро гирифта, соли 2007 ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мегардад. Ӯ соли 2011 зинаи бакалаври донишгоҳро хатм намуда, як сол дар мактаби зодгоҳи худ бо касби омӯзгорӣ машғул мешавад. Сипас, барои фаро гирифтани давраи магистратура дубора ба бахши филологияи тоҷик пас меояд. Мактаби олиро бо муваффақият ба поён расонда, фаъолияти хешро дар шуъбаи тоҷикии радиои Самарқанд бо шуғли хабарнигорӣ оғоз менамояд.

Соли 2018 дар рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» ба кор сар мекунад ва ҳоло чун котиби

масъули рӯзнома фаъолият дорад. Ҳамзамон дар рӯзномаи бачагонаи «Булбулча-доно», ки ба забони тоҷикӣ нашр мешавад, кор мебарад.

Навиштаҳои Фаридун дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Субҳи Гулобод» ва «Ховар» нашр гардидаанд. Инчунин, чанд ҳикояи ӯ дар маҷаллаи «Паёми Суғд», ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чопро дидаанд.

Чанд ҳикояи Фаридуни Фарҳодзод дар китоби «Деҳаи зархез»-и адиби варзида Юнуси Имомназар нашр гардидаанд.

# ҲИКОЯҲО

## ЧУН МОДАРКАЛОН ДАРГУЗАШТ...

Шаби пурнози поизро шамоли сокине тароват мебахшид. Шатар-шутури баргҳои зардшуда, ки аз таъсири шамол мерақсиданд, наворо ҷаззобтар месохт. Ситораҳои дурахшон ва моҳтоби нурпош, чун гули сари сабади маҳфил ҳусни шабро дигаргун менамуданд. Аз куҷое ҳангоси маркаб ба гӯш мерасид. Ин садои гӯшхарош овои зиёдатиеро мемонд, ки оҳанги ҳазину дилкаши фасли хазонрезро хароб мекард. Ҷавонмарде калавида-калавида бо роҳи калон ҷониби деҳа мерафт. Ҷавони миёнқад, ки тақрибан бистусе-бистучаҳорсола буд, ҳар дам аз роҳ бозмеистод ва ба сӯйи осмон назаре меандохт. Жарф-жарф нафас мекашид, ки ангор ҳаво намерасидаш. Гоҳо фарёд мекашид: «Чаро?! Бигӯ чаро?!» Гӯши фалак кар буду, дар ҷавоб танҳо садои шуввоси шамол, аккоси саг, ҳангоси хар ва хишир-хишири хазони зери пояшро мешунид…

Ин ҷавон писари Маҳбубахола Билол аст. Ҳамон Билоле, ки шаш сол муқаддам дар озмуни ҷумҳуриявӣ иштирок карда, ҷойи аввалро соҳиб гашт ва бидуни супоридани имтиҳон донишҷӯйи факултаи иқтисодиёти донишгоҳ гардид. Билоле, ки тарбияти хуби модаркалонро гирифта буду пиру барнои деҳа ҳурматаш мекарданд. Ҳамон Билол, ки ҳар як зан мехост чун ӯ писаре дошта бошад. Модаркалон низ бо набераaш ифтихор мекард. Вай дар ҳар як ҷашну сур барҳақ сарбаланду бологузар гардида буд. Дар ҳаққи Билолаш суханҳои неки занони деҳаро шунида, дар курта намеғунҷид. Билоли хуштарбият, воқеан, бачаи ситорагарм буд. Бо суханони ширин ба дили мардум тез роҳ меёфту дар дидаҳо ҷой мегирифт. Ӯ, аз он, ки ба номаш аз донишгоҳ борҳо ташаккурномаву ифтихорнома омада буд, ҳавобаландӣ намекард, вақти таътил ба бачаҳои илмдӯсти деҳа мадад мерасонд.

Инак, кадбоную кайвонии хонадон аз сар рафт. Маҳбуба ба ин муносибат аз сафари дуру дароз баргашт. Писар медид, ки модар дар давоми маъракаҳои модаркалони раҳматӣ дар пеши

аҳли деҳа аз ин хонаву дари камназир, аз писари таҳсилкардаи худ ифтихор мекард. Чаро кибру ғурур накунад, ки ин ҳама маҳсули заҳматҳои кашидаи ӯву ҳамсари раҳматиаш дар ғурбат аст. Барои ояндаи писари ягонааш кам меҳнат накардааст Маҳбуба. Ин аст, ки пеши мардум сарбаланд аст. Ҳафту бисту чили модаркалонро бо тамоми урфу қоида, балки зиёдтар аз маъракаҳои ин тактак гузаронид. Билоли якдона низ ҳамчун марди хонадон ба қатор пайваста сари по истод. Ҳамааш хубу аъло!

Ва аммо, аз назари Билол бо реҳлати модаркалон шаҳсутуни хонадон фурӯ рафт, фарру файзи ин манзил парид. Эҳсос мекард, ки дигар нируе нест, ки ӯро дар ин манзил нигаҳ дорад. Оҳ, чӣ қадар орзу дошт, ки пас аз хатми донишгоҳ дар деҳа монад, қуввати дили бибии пираш бошад, бо овардани арӯсе, ки тамоми нозу нузи пиразанро бардошта тавонад, ҳам худу ҳам азизи умрашро хушнуд гардонад. Бале, модаркалон ягона касе буд, ки нозашро мебардошт, азизаш медошт. Ӯ буд, ки ин ҳавлӣ барои бачаи дирӯз биҳиштеро мемонд.

Билол оҳиста-оҳиста қадам мезад. Ҳар дам қарор гирифта, дилашро медошту ба осмон менигарист ва саволҳои «Чаро? Барои чӣ? Аз чӣ сабаб?»-ро такрор мекард. Садояш гирёолуд буд. Магар аз сардии ҳаво ашкҳо андаруни хонаи чашм ях баста буданд, ки берун намеомаданд. Ӯ мехост, ки дуртар аз деҳа рафта, баланд-баланд фарёд занад ва фикру хаёли талху ширинашро аз сар дур созад… Ӯ дар дуроҳае бозистод ва ба ҷояш нишаст. Ба осмон нигарист. Дар байни Билол ва ҷирмҳои осмонӣ суҳбати ноаёне, бо забони безабонӣ ба миён омад. Пас аз чанд лаҳза бархест ва ба сӯйи ҳавлиашон – иморати боҳашамати дуошёнаи замонавӣ тоб хӯрд. Ҷавон аз ин пас дар ин ҳавлӣ ҳамроҳи модар зиндагӣ мекунад. Падар, ки ҳанӯз пеш аз ба дунё омадани ӯ ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ ба Амрико рафта буд, панҷ сол қабл дар садамаи нақлиёт даргузашт. Писар, ки чанд расми падарашро дида буду халос, рӯзи ба хок супоридани ӯ натавонист қатрае ашк резад. Албатта, дар дил аламҳои зиёд дошт, мебоист барои орзуҳои ношикастааш, барои дидори дар қиёматмонда, барои рӯъёҳое, ки аз нақлу афсонаҳои модаркалон дар зеҳнаш падид меомаданд, оби дида мерехт… Аммо, он рӯз

ҳеҷ натавонист буғзи дилашро кафонад.

Билол дари хонаро кушода, хастаҳолона овоз дод:

– Ман омадам, бийӣ.

– Чаро дер кардӣ, писарам? – модар аз ҷойи хоб нимхез шуда буд. – Хавотир шудам.

– Барои чӣ? Ман кӯдакам, ки хавотир мекашед? Тавба...

– Дили очаро аз куҷо донӣ? – пушт ба девор гардонда, амонат такя кард модар. Хона торик буд ва равшании чароғи айвон имкон намедод, ки ӯ чеҳраи Билолро бинад. Дар идомаи суханаш гуфт: – Охир, ту ягона вориси ману падари раҳматиат ҳастӣ.

– Агар бегонае ин гапро шунавад, фикр мекунад, чӣ хел модари меҳрубоне ҳастед! – эрод гирифт Билол. – Хоби хуш!

Писар сӯйи хонаи дигар рӯй овард. Дар чашмони модар ашк ҳалқа зад.

– Туро Маъруф – писари Солеҳи шофир пурсид, – овози модар оҳанги ҳузн мекард.

– Хай, нағз.

– Магар боз меравӣ?

– Ҳа! Боз меравам! Меравам! – фарёд зад Билол. – Норафта чӣ кор кунам? Хонаҳои боҳашамати шуморо посбонӣ карда шинам? – Билол ба назди дари хонаи модар омад ва афзуд: – Гап занед, чӣ кор кунам?! Аз ман чӣ мехоҳед?!

– Ба ман дод назан, ба ҳар ҳол модаратам! – овози модар як парда баланд шуд.

– Медонам… Аммо гӯед, ки ба шаҳр нарафта, дар деҳа чӣ кор кунам?

Ашк пеши дидагони Маҳбубаро гирифт ва бо як мижа таҳ кардан марҷонвор поён рехт.

– Маро парастор мешавӣ?

– ...

– Фаромӯш накун, ки ин қарзи фарзандии туст.

Билол хандид. Хандаи истеҳзоомези ӯ аз ҷавшани ҷони модар гузашт. Дар баданаш мурғак дамиду дастонаш ларзиданд. Вай ҳайратзада сӯйи писараш нигоҳ кард. Билол бо ду даст синаашро дошта механдид ё гиря мекард, аён набуд. Ашкҳо чун қатраҳои борони поиз поин меомаданд. Танаш вазнин гашта, пойҳояш бемадор мешуданд магар, ба дари хона такязанон нишаст. Он

салобати мардонаи Билол куҷо шуд? Ӯ кӯдакеро мемонд, ки барои баровардани ниёзҳояш ғаш мекунад...

– Дуруст! Ба шумо нигоҳ кардан, шуморо парасторӣ намудан қарзи фарзандии ман аст. Аммо гӯед, ки шумо ҳамчун модар чӣ вазифа доштед? Барои ман, писари ягона, дилбанду ҷигарбанди худ, чӣ хизмат кардед?! Кадом қарзи модарии хешро адо кардед?! – саволборон кард Билол.

Маҳбуба аз ин суханон, ки интизор набуд, дар ҳайрат афтод.

– Чӣ кор кардед?! Гӯед!... Ҳамон падаре, ки маро давомдиҳандаи умри хеш медонист ва ман ақаллан боре надидааму танҳо бо аксҳояш гап мезадам, чӣ кор кард?! Гӯед, бийиҷон! Чаро хомӯш меистед? Гап занед?!

– Ин тавр нагӯ, писарам. Рӯҳи падари раҳматиат нороҳат мешавад, – гирякунон гуфт модар ва ашки чашмашро бо бурҷи сарбанд тоза кард. – Ҳар як кори мо танҳо барои беҳбудии ояндаи ту буд. Маҳз барои хушбахтиат ҳаракат кардем.

– Барои беҳбудии ман, баҳри хушбахтии ман? Бубахшед… Бубахшед, ки надонистаам, – Билол сар ҷунбонда дастонашро болои сина гузошт. – Ин суханонатон афсонаҳои модаркалонамро ба хотирам овард, ки ҳар шаб бароям мегуфтанд. Мегуфтанд, ки волидонам барои ман қаср месозанд, ояндаамро таъмин мекунанд, бо ҳамин мақсад ғурбатро ихтиёр кардаанд. Рӯзе мерасад, ки мо дар ин хонадон зиндагии якҷоя оғоз мекунем... Аммо барои ман кӯшке лозим набуд. Мехостам, ки дар ҳавливу дари хоксоронаамон ҳамроҳи падару модарам, ҳамроҳи додару хоҳарам зиндагӣ кунам. Ҳа, дили ман додару хоҳар мехост. Чӣ қадарҳо орзу доштам, ки падар маро сари китфонаш бардорад, рӯзона ин ҳавлиро овозу хушҳолиҳои бачаҳо пур кунад, бегоҳиҳо сари болинам аллаи модарро шунавам. Аммо бачагиву наврасиҳои ман дар миёни чор девори пур аз ҳузну сукут гузашт. Ман ҳамеша бачаи муаддабу гапгири деҳаву мактаб будам. Касе маро озор медод, аз бинӣ боло гап зада наметавонистам, чун пушту паноҳе надоштам... Меҳру муҳаббатро дар дили инсон бо пулу пайса ба вуҷуд оварда намешавад, бийӣ!

– Ман мехостам, ки бароят беҳтарин зиндагиро фароҳам созам, ҷони бийӣ...

– Оё шумо медонистед, ки барои ман чӣ беҳтар буд?

Боре пурсидед, ки бароям чӣ кунед хушнуд мешавам? На! Напурсидаед. Фақат мепурсидед, ки пулат ҳаст ё не. Ба мани кӯдак пул чӣ қадре дошт? Дар шашмоҳагӣ маро ба модаркалонам гузошта рафтед. Фикр накардед, ки ин кӯдак асту эҳтиёҷ ба шири модар дорад. Барои шумо ва падарам танҳо пул лозим буд. Мехостед давлат ҷамъ кунед, бой шавед, то дигарон ба рахту бахти шумо ҳавас кунанд. Хушбахтиро танҳо дар пул медидед.

– Ин тавр не, писарҷон … – аранг забон кушод модар.

– Модар, хоҳиш мекунам, гапамро набуред! Ҳеҷ набошад, боре ба сухани дилам гӯш кунед, бисёр не, як бор… Шумо, ҳатто, намедонед, ки аввалин калимае, ки ба забон овардам «оча» буд ё «дада»! Намедонед, ки қадами нахустинамро дар чандмоҳагӣ гузоштаму дандони аввалинам кай баромад. Чунки он вақт шумо фақат дар ғами ғун кардани сармоя будед ва аз садои шараққосии доллар лаззат мебурдед. Ҳушу ёдатон бо ҷамъ овардани молу дунё банд буд… Чун дирӯз дар хотир дорам, рӯзи нахустини мактабравии ман буд. Либоси тозаамро пӯшида, дуои бибиҷонамро гирифтам ва ба сӯйи мактаб шитофтам. Бачаҳо бо дастаҳои гул ҳамроҳи падару модаронашон мерафтанд. Хурсандии онҳо ҳадду канор надошт. Ҳамон вақт дилам бар ҳолам сӯхт ва худро чун инсони яккаву танҳо эҳсос кардам. Дилам захмӣ шуда буд он рӯз.

Модар бо овоз гиря кард.

– Чаро мегирйед? Ман бояд гиря кунам, бийиҷон. Бигӯед, ки дар муддати ин қадар сол, ки дур аз мо будед, чанд маротиба ҳамин писари яккаву ягонаи худро бо зодрӯзаш табрик гуфтед? Намедонед! Чунки як бор ҳам табрик накардаед! Рӯзе занг задед. Ҳамон рӯз аз фанни математика се то баҳои панҷ ва аз кори хаттии забони модарӣ низ баҳои аъло гирифта будам. Вақти суҳбат аз модаркалонам хостам, ки ба шумо инро гӯям, то аз чунин писари аълохон доштанатон фахр кунед. Модаркалонам хоҳишамро гуфтанд ва шумо дар ҷавоб «камтар хаста шудам, дигар вақт гап мезанем, ҳоло пули телефонам ҳам кам аст…» гуфтед ва алоқа қатъ шуд. Модаркалонам бардурӯғ «э, ба телефони бийет чӣ шуд, қувваташ тамом шуд-барин… Вай бо ту гап мезанам гуфта буд, афсӯс...» – гуфтанд. Ман суханони шуморо шунида ва дурӯғи бибиҷонамро пай бурда будам. Лекин

барои хотирҷамъ карданашон «ҳеҷ гап не, бибиҷон, дигар вақт суҳбат мекунем», гуфтам... Акнун гӯед, ки ин «меҳрубониҳо», «дилсӯзиҳо» ва «ғамхориҳо»-ро чӣ тавр фаромӯш кунам? Ман низ мехоҳам, ки тамоми инҳо хоб бошад, як хоби нобаҳангоми ҳавловар... Мехостам, ки ҳамеша дар паҳлуям бошед ва ман дар сари зонуятон сарамро гузораму онро навозиш кунед. Мехостам ба хона баргардед ва чун оилаҳои дигар аҳлу осоишта, бо ҳам, якдилу муттаҳид зиндагӣ кунем. Лек, ҳамон суханҳоятон, ки он дам шунида будам, то ҳол дар зери гӯшам садо медиҳанд. Он рӯзҳо фаромӯш намешаванд, чун муҳри ғуломӣ ба дилам нақш бастаанду монанди захми носуре танамро азият медиҳанд…

Модару писар дар гиря ҳамовоз мешуданд, ашки дидагон чун донаҳои борон фуруд меомад. Зан пеши фарзанд худро нотавону афсурда, дилгиру пиртар ҳис мекард.

– Медонам, аз даст додани шахси наздиктарин, ҳамрозу анбоз вазнин аст. Ҳозир аламҳоят тоза мешаванд. Ман туро мефаҳмам, аммо ту ҳам бояд маро бифаҳмӣ. Охир, барои ояндаи ту талош мекардам, бачам...

– Мегӯед, барои беҳбудии ту кор кардем. Вале бояд бидонед, ки ҳар гоҳ бибиам аз пулҳои фиристодаатон медоданд, намегирифтам. Чунки онҳо дар назари ман чун пулҳои одамони бегона метофтанд. Сармояи бандаҳое буданд, ки асири зару сарват шудаанду барояшон одаму одамгарӣ, меҳру муҳаббат дувумдараҷаю севумдараҷа аст, – дар ҷойи нишаст Билол якпаҳлу гардида, дастрӯмолашро гирифт ва бинӣ афшонд. – Бачагиам андаруни ранҷҳо, озорҳо, аламҳо, ноумедиҳо, табоҳиҳо, дилсардиҳо гузашт ва аз ин замони умр хотираи ширине нест, ки ба ёд ораму хурсанд шавам. Не-не, як хотираи хуше дорам. Ин ҳамон афсонаҳои бибиҷонам мебошанд, ки ҳар шаб мегуфтанд. Маҳз ҳамон афсонаҳо маро ҳаёт омӯхтанд, неку бадро шиносонданд, дар интихоби роҳи дурусти зиндагӣ чун чароғи раҳнамо хизмат карданд. Насиҳатҳо ва қаҳрамонҳои афсонаҳояшон маро умед бахшиданд, диламро ба ҳаёт гарм карданд, орзу парвариданро ёд доданд. Раҳматӣ ҳамеша мегуфтанд, ки «бачам, бисёртар китоб хон, худро шинос, пайрави ҳар касу нокас нашав. Орзу дорам, ки дар ҳаёт одами нағз шавӣ, ҳар доим некуӣ кунӣ. Дар зиндагӣ аз одам фақат накукорӣ

мемонад. Агар ту инсони хуб гардӣ, ба рӯят тамоми дарҳои зиндагӣ боз мешаванд». Ман мекӯшидам, ки бо насиҳатҳои эшон роҳи дурустро ёбам. Ба назарам, андаке муваффақ ҳам шудам...

– Дар ин миён мани бадбахт саҳме надоштам?

– Не, чаро саҳм надошта бошед? – оҳанги гуфтор дигар намуд Билол. – Бо пул таъмин кардани шумоёнро фаромӯш намекунам. Ба қавли шумо, «чизи аз ҳама муҳим» аз ёд мебарояд магар?

Дасту пойи Маҳбубахола меларзид ва тамоми баданашро араќи сард фаро гирифта буд. Ду пояшро ғунча карда, сарашро болои онҳо гузошт, болопӯшро наздиктар кашид. Муддате дар миён сукути вазнин ҳукмфармо шуд. Билол мисли ҳайкали шахшуда назди дари хона нишаста, нигоҳашро аз чилчароғи булӯрии айвон намеканд. Э кош, булӯри дилҳо дарз намеёфт, чароғи дилҳо ҳам ҳамчунин фурӯзон мебуд.

– Ҳақ дорӣ. Аммо... фақат волидайн гунаҳгоранд? Худат аз гарму сарди зиндагӣ хабар дорӣ. Вазъи бади зиндагӣ..., – яхи сукутро шикастан хост модар.

Писар боз чанде ҳамон сон нишаст ва бо овози дупарда зери лаб гуфт:

– Ман навозишҳои модаронаи шуморо, соябони сарам гардидани падарро мехостам. Хаёлан худро дар каноратон медидам, меҳрубониҳои шуморо тасаввур мекардам, сурудҳои навозиширо мешунидам. Ҳамаи ин дар олами рӯъёи ман буданд. Дар асл шумо аз ману эҳсосоти қалбии ман ҳазорҳо фарсах дур будед. Шояд ман ҳарфи нодуруст мезанам, хато мекунам, балки гуфтаҳоям ба синну сол намезебад. Аммо бояд донед, ки дилам аз ғаму аламҳо саршор аст. Ман бисёр фикр кардам, ки ин ҳамаро ба шумо гӯям ё дар дилам нигаҳ дорам. Дар охир қарор кардам, ки бигӯям. Имрӯз барои пайдо кардани ҷуръат бори аввал бода нӯшидам... Хайр, хоб кунед. Ман ҳам дам гирам. Шаб кайҳо аз ним гузаштааст, – ба соати девор нигоҳе афканд ӯ.

Аммо то субҳ чароғҳо гирон буданд. Субҳидам сигнали мошин шунида шуд ва пас аз андак замон овози Солеҳи шофёр ба гӯш расид:

– Билол! Маҳбубахола! Кӣ ҳаст?

Билол аз назди дарвоза ба ронанда «ҳозир, як лаҳза» гуфта

пас гашт. Аз киса коғази чорқатеро гирифту сари болини модар гузошт ва ба ҷабинаш бӯсае заду берун баромад. Чун садои ҳаракати мошин шунида шуд, модар аз ҷой хест. Зери лаб пичирросзанон ба дӯлча об гирифт ва ба кӯча баромаду обро аз паси мошин пошид ва каф ба рӯй кашид. Гарди роҳ аллакай нишаставу мошин ба гардиши кӯча тоб хӯрда буд.

Модар ашкҳояшро бо остин тозакунон ба хонаи хобаш даромад ва баргаи гузоштаи писарашро дид. Онро бетоқатона ба даст гирифт. «Модарҷон, ман ҳатман бармегардам. Саъй мекунам, ки гузаштаро чун хоби кобусӣ фаромӯш кунам. Шумо низ ин рӯзро аз ёд бароред. Агар шуморо ранҷонида бошам, бубахшед, модарҷон. Писаратон Билол», – навишта буд ҷигарбандаш.

Модар оҳи сабуке кашид ва ба акси кӯдакии Билолаш, ки рӯйи миз андаке уреб гузошта буд, чашм дӯхт. «Чӣ сурати зебое дорад ин пораи меҳр…», – аз дил гузаронид ӯ.

# АРМОН

Рӯ-рӯйи хазони наврехта қадамзанон аз дарс бармегаштам. Таваҷҷуҳамро марде, ки дар истгоҳ буду ба бар тоқии кӯҳистонӣ, либосҳои рангпарида, пойафзоли чангзеркарда ва дар даст дастовез дошт, ба худ ҷалб кард. Чеҳраи мард, ки ҳар замон гардан ба роҳи мошингард меёзонд, гарм тофт. Наздиктар рафтаму хато накарданамро фаҳмидам.

– Ассалому алайкум, акои Андарз! – хушҳолона садо баланд кардам, ки аз садои ғайричашмдошт ҳамсӯҳбатам як қад парид.

– Ваалайкум ассалом, ошно, – хурду калонро «ошно» ном мегирифт ӯ. – Аз куҷо пайдо шудӣ? – ба канор кашида, боло бардошт, ки тамоми устухонҳоям шароққос заданд.

– Хонда гаштаам. Аз худатон пурсем, кадом шамол ба Самарқанд овард?

– Э ошно, падарамро ба шифохона овардам.

– Кай омадед?

– Як ҳафта шуд, ошно, – тоқиашро аз сар гирифта, бо рӯмолча арақҳои ҷабинашро тоза кард.

– Ҳафт рӯз боз ақаллан як маротиба занг назадед-е, – гилаомез гуфтам.

– Ошноҷон! Дар Самарқанд буданатро намедонистам. Агар бохабар мебудам, албатта занг мезадам. Деҳотӣ бошам ҳам, дар як зум туро ёфта мегирифтам, ошно, – қоҳ-қоҳ зада хандид ҳамсояамон.

– Саломатии бобои Сайёд чӣ хел?

– Вақти омадан як пояшонро бардошта наметавонистанд. Ҳозир бо асо оҳиста-оҳиста мегарданд, – аз ҷайби худ куҳнателефонеро бароварда соаташро дид акои Андарз.

– Ягон ҷой мешитобед?

– Ошно, ба шифохона рафтан лозим. Камтар пеш бобо занг зада, тезтар биё, ҳабдоруҳо тамом шуд гуфтанд.

– Ин тавр бошад, он касро интизор накунед.

– О, ин автобус ҳам дер кард-ку, ошно, – чашм ба роҳ дӯхт ӯ.

– Бобо дар кадом бемористон?

– Дар шифохонаи шаҳр.

– Пагоҳ дарсам кам. Албатта, ба аёдат меоям.

– Ҳамту кун, ошно. Чанд рӯз боз мегӯянд, ки деҳаро, одамони қишлоқро, бӯйи кӯҳистонро ёд кардам. Туро дида хурсанд мешаванд.

– Рақаматонро ба ман диҳед, – телефонамро аз ҷайб баровардам.

– Ошноҷон, ин асбобро нағз кор фармуда наметавонам. Рӯйхати номҳоро бин, рақами телефонам бо номи худам аст.

Автобус дер мекарду суҳбати мо метафсид. Акои Андарз воқеаҳои аҷиберо шавқовар нақл карда, беистиҳола аз атрофиён, механдид. Ростӣ, ман аз рафтори ҳамдеҳаам дар назди раҳгузарон хиҷолат мекашидам. Пас аз чанд лаҳза, ҳамсоямардро ба шифохона гусел кардаму худ сӯйи хона рафтам...

Рӯзи нав чун тозасаҳифаи зиндагӣ оғоз шуд. Саҳар ба дарс омадам ва пас аз анҷоми машғулот, ҷузвдонамро ба ҳамхонаам дода, сӯйи шифохона шитофтам. Даме, ки вориди ҳуҷраи бобои Сайёд шудам, он кас дар рӯйи ҷойхоб буданд. Ҷавоне дар назди тиреза рост меистод. Оҳиста гулу равшан кардам. Ҷавон ба қафо нигоҳ кард, бобои Сайёд сар бардошт.

– Ассалому алайкум, бобоҷон, – дастовезамро болои миз гузошта, тарафи бобо шитофтам.

– Ваалайкум ассалом, биё, писарам, биё, – аз ҷо хеста маро ба

канор гирифт бобо ва ба нишастан даъват намуд. Ҷавон салом доду ба назди тиреза баргашт.

– Писарам, ту чӣ хел? Саломатиҳоят, корҳоят, нағз? Дӯстонат хубанд?

– Худоро шукр, бобоҷон. Ҳама хубанд. Худатон чӣ хел? – ҳамдеҳаам дар назарам афсурдаву солхӯрдатар намуд.

– Ман нағз. Акнун аз они мо ҳамин-дия. «Ҳафтоду афтод» мегӯянд, ман-ку шаш кам ҳаштодсола. Ин тарафаш аз они мо «зелёний» писарҷон, «зелёная дарога», – табассуми ҳалимонае намуд, ки тамоми ожангҳо дар бари рӯй ҷамъ омаданд. Дар хонаи на он қадар калон се кат, як либосовезак, се ҷевон, як мизу се курсӣ буд. Аз хона бӯйи дору ба димоғ мезад. Дар қафои тиреза, ки ба тарафи боғ кушода мешуд, манзараи аҷибе ба назар мерасид. Баргҳои дарахтони қадафрохта заб-зард шуда, чунон зебо ва дилкаш менамуданд, ки метавонистанд ҳар касро оғуштаи хаёлот кунанд.

– Акои Андарз дар куҷо? – оромиро халалдор кардам.

– Ба дорухонаи марказии шаҳр рафт, – канда-канда сухан мегуфт бобо. – Он доруи зормонда дар аптекаҳои ин атроф набудааст. Даруни бобоят дорухона шуд, писарам... Каллаам пӯсад, ки овораи дардгӯйӣ шуда аз ту ҳол напурсидаам. Хонданҳоят чӣ хел?

– Нағз бобоҷон.

– Ҳамеша нағз шавад, писарам. Ояндаи деҳаамон шумо ҷавонҳоед.

– Шумо мехонед? – рӯ ба ман гардонд ҷавон.

– Ҳа.

– Дар куҷо? Колеҷ, литсей...

– Дар донишгоҳ.

– Донишгоҳ? – ҳайрати ҷавонро аз нигоҳҳояш дарк намудан душвор набуд, – дар бахши буҷавӣ ё ...

– Бар асоси шартнома.

– Ӯҳӯ, контракт гӯед, – омада рӯ ба рӯйи ман, дар паҳлуи бобои Сайёд нишаст. – Мушкил. Дар ягон ҷо кор мекунед?

– Не.

– Ба падаратон душвор будааст, – гуфт ва нигоҳҳояшро ба баргҳои зардгуни дарахтон давонид. Хонаро хомӯшӣ фаро

гирифт. Танҳо ғингоси пашае, ки аз кучое вориди ҳуҷра гардида буд, шунида мешуд.

– Таҳсил дар мактаби олӣ хуб аст, – баъди чанде дубора сухан оғоз кард ҷавон ва пардаи сукутро бардошт. – Ҳаёт бо орзуҳои наҷиб ширину гуворост. Аз бачагӣ мақсад доштам, ки ба камол расида, ба ягон донишгоҳи олӣ дохил шавам. Вале барои зану шавҳаре, ки яке фарроши мактабу дигаре посбони шифохона аст ва дар хона шаш нафар нонхӯр доранд, орзуи дар мактаби олӣ хонондани фарзанд хобу хаёле беш нест. Моҳонаи волидонам ба рӯзгорамон базӯр мерасид. Хайрият, ки барои оилаҳои камбизоат аз ҷониби давлат бо номи «туҳфа» баъзан мадади моддӣ мерасид. Соле набуд, ки ё ман, ё хоҳару додарам аз ин «туҳфа» бенасиб монда бошем. Вақте ки дар синфи ибтидоӣ мехондам, «ин туҳфа барои аълохонҳо» гуфта медоданд, ки аз гирифтани он фахр мекардам. Дертар пай бурдам, ки дарёфтани чунин инъом бароям нанговар будааст. Гарчанд бечораҳол умр мегузарондем, намехостам, ки атрофиён ба оилаи мо бо чашми раҳму назари паст нигоҳ кунанд. Бо вуҷуди тангдастӣ пайваста мехондам, меомӯхтам. Аз болои китобу дафтар сар намебардоштам. Ҳа нагуфта, мактабро хатм кардам. Дар ин мобайн бо тасодуфе пойи падарам шикасту ланг шуд ва аз кор дур гардид. Ба ин нигоҳ накарда, баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳоямро бардошта, аз қафои орзу роҳи шаҳрро пеш гирифтам, – нафаси чуқуре кашид ҷавон.

Ман ба чеҳраи ӯ зеҳн мондам. Акнун дар симои ҷавон навниҳолеро медидам, ки дар айни сарсабзӣ рӯй ба хазон овардааст, бо тани нозуку нотавон, бо ранги зарду бенур. Бо вуҷуди ин, гӯё кӯшиш менамояд, ки амиқтар реша давонад, баҳру бар кунаду самар оварад, то одамонро аз меваҳои ширин ва сояи хеш баҳраманд созад. Бобои Сайёд бо сари хам побанди фикру хаёлот буд.

– Ба хондан рафтанамро касе фаҳмад, хунукназарона писханд мезад, – ҳамоно бо овози паст ба қисса кардан даромад ҷавон, – ва дар дил «шутур ҳаммомро орзу кардааст» мегуфт. Аз сӯйи дигар, касоне ҳам буданд, ки бароям роҳи сафед ва омад мехостанд... Лаҳзае, ки бо мақсади ҳуҷҷат супоридан аз хона берун меомадам, падарам дар рӯйи ҳавлӣ нишаста буд ва «писарам, агар мехонам гӯйӣ, ба умеди ман нашав. Аҳволамонро хуб медонӣ, ки оиларо

базӯр эб мекунем. Худам аз уҳдааш мебароям гӯйӣ, рав», гуфтанд. Сухане нагуфта, бароматда омадам, – овози ҷавон меларзид. – Соли аввал корам омад накард, дохил шуда натавонистам. Ба деҳа низ барнагаштам, ғурурам роҳ надод. Нахостам, ки аҳли деҳ ангушти ишорат рост кунанду гӯянд, ки «ин писари фалонӣ, имсол хондан рафта дохил шуда натавонист».

Аз нонвойхона кор ёфтам. Шаб нон пухта, рӯзона ба репититор мерафтам. Як сол гузашт ва бори дувум гӯё бахтам тофт. Ба хондан дохил шудам, вале контракт… – жарф нафас кашид ҷавон ва монанди он ки роҳи нафасашро чизе мегирифт, гулу афшонд. – Миёни обу оташ мондам. Намедонистам, ки чӣ кор кунам. Баъзе дӯстонам мегуфтанд, ки «шояд дигар чунин имконият нашавад, чор сол тез гузашта меравад, хон!», гурӯҳи дигар таъкид менамуданд, ки «контракт хондан намешавад, боз як сол тайёрӣ бин, соли оянда ҳуҷҷат месупорӣ». Боз як сол, 365 рӯз... Ба гуфтан осон, гузаштани як рӯзи як солро намегӯед?! – оби чашмони ҷавон берун омаданд ва бо остин ашкҳояшро пок карду ба мо рӯ овард. Чанде лабонашро газида, ба сақфи хона нигоҳ кард. – Қарорам қатъӣ буд, – суханашро давом дод ӯ, – ба таҳсил камар бастам. Аз як ҷониб, дарсҳо, аз тарафи дигар, кор маро лакот мекард. Рӯзе аз ғояти хастагӣ нонҳоро часпондаму дароз кашидам. Надониста мондам, ғанабам бурдааст. Бо бӯйи нони сӯхта бедор шудам. Чандто нон сиёҳ шуда буд. Соҳибкор аввал дашному ҳақорат доду таъкид кард, ки дигар такрор нашавад. Дар ноомади кор, чор-панҷ рӯз гузашту боз нонҳоро сӯхтам. Ба илтиҷову тавбакуниҳоям нигоҳ накарда, ин дафъа соҳиб бору бӯғчаамро ба дастам дод. Контрактпулӣ кам буд, ки пули иҷора низ илова шуд... Бовар кунед, мағоза, нонвойхона, завод, ширкат, кофе, ресторан, тӯю сурхона, чойхона, хуллас, ягон гӯшаи шаҳр намонд, ки кор накофта бошам, – лабони хушкидаашро бо нӯги забон нам кард. – Дар ҳама ҷо як сухан: «ҳозир коргар лозим нест, баъдтар хабар гиред»-ро мешунидам... Охир аз мойка* кор ёфтам. Фарқ надошт, ки сармои зимистон буд ё гармои саратон, ман дар мойка будам ва рӯзҳо якранг буданд: дарс, мойка… мойка, дарс… Хоби бароҳатро фаромӯш кардам.

---

* **мойка** – *коргоҳи мошиншӯйӣ, худравшӯйӣ*

Гоҳо дар рафти дарс хобам мебурд. Аз омӯзгорон гапҳои пасту баланд мешунидам. Мехостам, ки ҳеҷ не, барои контракт танбеҳ нашунавам. Хонданам суст шуд. Намехондам, барои хондан вақт надоштам…

Ҷавон аз роҳравӣ дар хона бозистоду бар рӯйи кати пешгаҳ нишаст. Чеҳраи рангпарида, лабони парсинбаста ва мӯйҳои нагирифтаву шонанадидаи ӯ аз муддати зиёд дар шифохона буданаш дарак медод.

– Пул меёбам гуфта саломатиамро аз даст додам. Дар оғоз ҳар замон месулфидам, аммо оҳиста-оҳиста беморӣ авҷ гирифт. Охир чунон шуд, ки ягон ҳабдору таъсир накард. Аз дасти сулфа дар дарсҳо иштирок намекардам. Ниҳоят, беморӣ маро ба шифохона овард… Шифокорон мегӯянд, ки сахт шамол хӯрдаам. Нағзакак табобат кунанд, сиҳат мешавам. Аммо барои давои «нағзакак» пул дар куҷо? – аз ҷояш хест ҷавон ва ба назди тиреза рафта, ду дасташро ба рӯйи тахтаи тиреза гузошт ва сарашро хам карда сулфид. – Боз сулфаи лаънатӣ омад, – гуфт ҷавон. Беист месулфид, ки гӯшҳояш сурх гаштанд. Бо ду даст синаашро маҳкам медошт, ки гӯё аз баромадани дилаш метарсид. Ҳамин ки сулфааш андак суст гардид, ба мо рӯ овард ва узрхоҳона ба сухан омад:

– Маро бу…бу… бахшед.

– Ҳеҷ гап не, писарам, – сухан ҳамроҳ кард бобо.

– Removed

– Бобоҷон! – пас аз қарор гирифтани сулфаи худ нигоҳашро ба сӯйи бобои Сайёд гардонд. – Ман аз мурдан наметарсам. Марг ҳақ аст ва ҳар як одам рӯзе вафот мекунад. Дар дунё касе умри абадӣ надидааст ва нахоҳад дид. Ман аз чизи дигар метарсам. Метарсам, ки… – дар кушода шуда, сухани ҷавон дар даҳонаш монд.

– Ассалому алайкум, – акои Андарз даромад. – Э ошноҷон, худати-мӣ? – ба ман оғӯш кушод. Ҳолпурсӣ менамудем, ки ҳамшира омад.

– Шумо нарафтед?! Ба панҷ дақиқа рухсат гирифта будед, – гуфт.

– Ҳозир меравам, – ҳиҷолатмандона ҷавоб додам, то ки ҳарфи зиёдатӣ назанад. Бо ҳама хушбошӣ карда ба роҳ баромадам.

Чеҳраи рангпаридаву нигоҳҳои бенури ҷавон як лаҳза аз назди чашмонам дур намерафт. Чӣ тавр хона омадам, намедонистам.

Яке ба хотирам расид, ки ақаллан ном ва манзили таҳсили ҷавонро напурсидаам. «Дафъаи дигар, албатта ном, ҷойи таҳсил, манзилашро мепурсам», ба худ қарор кардам…

Субҳ. Рӯбандаҳо хазон мерӯфтанд. Шамоли маҳини поиз баргҳоро аз дами ҷорӯби онҳо мерабуду парешон месохт. Фаррошзанҳо оташин шуда, шамолро дуои бад мекарданд ва боз ба ҷамъуҷӯр кардани баргҳо мепардохтанд. Ба дарс мешитофтам, ки садои телефонам баланд шуд.

– Ассалому алайкум, акои Андарз.

– Ваалайкум ассалом, ошноҷон. Чӣ хел ҳастӣ? Саломатиҳоят соз?

– Нағз. Бобои Сайёд чӣ хел?

– Хубанд, ошноҷон. Имрӯз баъди пешин меравем. Бобо гуфтанд, ки вақтат бошад, як омада мерафтӣ.

– Албатта, меравам.

Пас аз дарси дувум ҷавоб гирифта сӯйи шифохона шитофтам. Вориди утоқи Сайёдбобо гардида, аввал ба назди тиреза, баъд ба кати ҷавони бемор нигоҳ кардам. Ӯ дар хона набуд. Бобои Сайёду акои Андарз димоғсӯхта менишастанд. «Сиҳат шуда рафтагист», аз дил гузарондам. Пас аз ҳолпурсӣ ҷавонро пурсидам. Акои Андарз ба бобои Сайёд нигоҳе кард.

– Умри раҳматӣ кӯтоҳ будааст, – оҳ кашид бобо.

Ин суханро шунида баданам ба раъша омад ва чунин шуд, ки гӯё касе бо чизи вазнин ба дилам фишор овард.

– Поси шаби гузашта ҳарораташ баланд шуд. Навбатдор чанд сӯзандоруро болои ҳам зад, аммо фоида накард.Фақир дар даруни обу арақ ғӯтид. Дар пеши чашмонат ҷон додани як ҷавонмард даҳшатнок будааст, – бо рӯмолча ашки чашмонашро тоза кард бобо.

Гӯшҳоям ғуввос мезаданд. Худро бад ҳис мекардам. Аз ниҳояти дилтангӣ нафасгириам сахт мешуд.

– Баъд аз рафтани ту, – чодари сукутро дарронд Сайёдбобо, – аз чӣ тарсидани ӯро пурсидам.

– Чӣ гуфт? – беихтиёр садо баланд кардам.

– «Аз марг наметарсам... Аз армон гардидани хоҳиши беинтиҳои дилам, ки соҳибмаълумот гардидан буд, метарсам», – гуфт он ноумед.

# ТАЗОДИ ЗИНДАГӢ

Офтоб ғуруб мекард. Домани шафақ месӯхт. Назди даромадгоҳи базмгоҳи «Садаф», ки дар маркази шаҳр ҷойгир буд, Саидбой даст пеши бар меҳмононро қабул мекард. Ӯ мучалгардони набераи калонии худ – Сайёрабонуро ҷашн мегирифт. Дар ду тарафи кӯча мошинҳои гуногунтамғаву гуногунранг меафзуд. Меҳмонон пешу қафо, бо тухфаҳои гаронбаҳо вориди базмкада мешуданд. Тӯй сар шуда буд. Аллакай як-ду меҳмони сархуш рақс ҳам мекарданд. Яке аз онҳо Саидбойро, ки ҳамроҳи завҷааш – Настаринойтӣ меҳмононро «хуш омадед» мегуфт, ба давра мекашид. Саидбой бо ишораи «ҳозир» роҳи халосӣ меҷуст. Дувумӣ рақскунон, аз киса панҷҳазорсӯмиҳоро гирифта, болои соҳибтӯй мепошид. Пулҳо шабеҳи кабӯтарҳо дар фазо парвоз мекарданд ва ба поин фуруд меомаданд…

Пирамарди кӯзапуште асобадаст ба сари кӯча баромад. Зимистон, ки наздик аст, хост тарбуз харида хӯрад. То соли дигар зинда аст ё не, Худо медонад. Ду-се рӯз интизори нафақааш буд, вале аз он дараке наёфта маҷбур шуд, ки бо се ҳазор сӯми пасандозаш ба кӯча барояд. Пирамард оҳиста-оҳиста роҳ мегашт, қадамҳояш ноустувору ларзон буданд. Бо азоб ба сари кӯча расид. Фурӯшанда ҷавони зардинарӯй, дар ҳоле ки харбуза мехӯрд, аз пирамард пурсид:

– Тарбуз мехоҳед, бобо?

– Ҳа, писарам.

– Чандто? – оби шоридаи харбузаро аз лабу лунҷаш бо пушти даст пок кард фурӯшанда.

– Якто. Чанд пул аст? – пирамард ноаён оби даҳон фурӯ бурд.

– Аз панҷ ҳазор сар мешавад то даҳ ҳазор. Ӯҳу-ӯҳу-ӯҳу! – яқинан шарбати харбуза ҷавонро гулугир карда буд.

– Эҳе, чаро ин қадар нархаш гарон?

– Ҳозир чизи арзона худаш нест, бобо. Баъд мавсими тарбуз гузашт. Ин тарафаш зимистон. Барои ҳамин... – гӯиё эзоҳ дод ҷавон ва атрофиёнро ба тарбузхарӣ даъват кард.

– Яктояшро ба се ҳазор сӯм деҳ, – кисаҳояшро кофт пирамард.

– Шӯхӣ мекунед? – писханд зад ҷавон. – Худам чорҳазорсӯмӣ харидаам. Кадом аҳмақ ба зиёни кисаи худ мефурӯшад?

– Кори савоб мекунӣ, – пулро аз кисаи даруни пиҷаки фарсудааш гирифт пирамард. – Ба одам савоб ҳам даркор.

– Ин бозори хайру саховат не, бобоҷон. Мо ҳам бо умед, як сӯм ёбем, якамон ду шавад гуфта, кор мекунем. Дар як рӯз ба чор-панҷ нафар, ба гуфти шумо, кори савоб кунем, банкрот мешавем-ку, – оҳанги гуфтори ҷавон мазоҳомез буд.

– Набошад, якто тарбузро ду тақсим карда нисфашро деҳ, – илтимос кард пирамард.

– Чӣ? – ҷавон қоҳ-қоҳ зада хандид. – Тасф кардед-чӣ, бобо. Нисфи дигарро чӣ мекунам? Ба гову хар медиҳам магар?

– Хонаат мебарӣ…

– Не, бобоҷон, намешавад. Майлаш, тарбузи панҷҳазориро ба чор ҳазор сӯм медиҳам. Лекин ба се ҳазор сӯм дода наметавонам. Рост меомад, ба ҷону дил медодам. Чор ҳазор диҳеду боз як дуо ҳам кунед, ана мешавад ин тарбуз моли шумо – тарбузи хурдакаки ноҳамвореро ба даст гирифт ҷавон.

– Се ҳазор сӯм пулам ҳаст охир, – дар зери лаб ғурунгид пирамард ва ноумед баргашт…

Офтоб нопадид шуд. Базми мучалгардон дар авҷ буд. Дар дастархони тӯёна ғайр аз тухми анқову ҷони одам дигар ҳама хӯрданӣ ба назар мерасид. Пешхизматҳо баробари холӣ шудани як табақча, ба ҷояш зуд дигарашро мегузоштанд. Санъаткору раққосаҳо навбат мепоиданд. Ҳамкасбу ҳамсояву ҳамсабақу ҳамтабақҳо, хешу бегона – ҳама мерақсиданд, механдиданд, меболиданд... Саидбою Настаринойтӣ назди меҳмонон мерафтанд ва ҳар замон ба раққосаҳо ҳамроҳ шуда ракс мекарданд. Санъаткоре бо дархости Саидбой – Сайёрабонуро ба ракс таклиф кард. Духтарак бо ишваю ноз, солорона ба саҳна баромад. Ҳама дар атрофи духтарак ҷамъ омаданд. Меҳмонон аз ҷайби худ қабза-қабза пулро гирифта, болои сари духтарак мепошиданд. Бачаҳо дасту по зада, пул мечинданд... Духтарак бо сад ноз хиром мекард ва парвои пул надошт. Пулҳо амсоли парҳои гули қоқу, ки аз боди ногаҳонӣ парешон гардида дар фазо пар мекушояд, пош мехӯрданд, парвоз мекарданд, мерақсиданд…

…пулҳои панҷҳазорӣ…

…пулҳои ҳазорӣ…

…Рӯз торик шуд. Ҷавоне танҳо дар мардикорбозор менишаст. Медонист, ки бевақтӣ касе ба мардикор намеояд. Вале, ба ҳар мошине, ки дар ин мавзеъ роҳравии худро суст мекард, бо умед нигоҳ меандохт. Суханони завҷааш паси гӯшаш садо медоданд: «Дар хона як дона нон монд. Вақти бозгашт се-чорто нон биёред». Хотири ҷавон парешон буд. Ӯ шарм мекард, ки бо дасти холӣ баргардад. Меандешид, ки чӣ гуна ин масъаларо ҳал намояд? Аз дӯкони ҳамсоя қарз гирад? Соҳибдӯкон намедиҳад, чунки қарзашон зиёд аст. Дигар мағозаҳо ба одами ношинос қарз намедиҳанд. Ӯ аз нобарории рӯз ва касодии кораш афсӯс мехӯрд. Ба тақдири бади хеш лаънат мехонд. Мошине намеистод ва ҳатто касе ба ӯ эътибор намедод. «Чӣ кор кунам? Бевақту бепул чӣ хел ба хона медароям? Агар занам пурсад, «Нон наовардед? Ман аз ҳамсоя дуто қарз гирифтам, баргардондан даркор», чӣ ҷавоб медиҳам?

…Садои санъаткорон хонаҳои атрофро ба ларза меовард ва ҳаёҳуйи меҳмонон базмгоҳро гӯиё метарконд. Духтари ягонаи Саидбой – Нигина обистан буд ва бо шиками таранг чунон арғушт мерафт, ки модарарӯсаш дилкаф шуда, «ҳозир афтода ягон бало мешавад»-гӯён парешон мешуд. Наварӯси дуҷон бошад, парвои дуҷонӣ надошт ва ба сабки мардона, боло-боло меҷасту рақс мекард ва ҳар замон ду ангушташро дар даҳон гузошта ҳуштак мекашид. Дар ҳар гӯшаи базмгоҳ меҳмонон мерақсиданд, меҷастанд, пулпошӣ мекарданд. Нигина аз ин давра ба он давра ва аз он ба давраи дигар мерафт. Шоҳдухтар аз ҳамён даста-даста пул гирифта, ба меҳмонон дароз мекард. Нафаре ноз кунад, бо абрувони гирифта дастак мезад ва ё ба ҳаво пош медод. Пули ҳамён тамом шавад, дарҳол аз борхалтаи духтараке, ки яқин хоҳари шавҳараш аст, як даста пул гирифта, дар ҳамён мегузошт. Он духтарак борхалтаро бо ду даст маҳкам дошта, соя барин аз қафои Нигина мегашт. Писари Саидбой, падари Сайёрабону – Ҳомид маст буд. Рафторҳои номутаносиби мардона менамуд. Монанди ҷинси латиф даст ба ҳар сӯ ёзондаву китфонашро ҷунбонида, ҷилваву ноз мекард. Занҳоро ба рақс мекашид, оғӯш мекард, дастаи

пулро ба синабандҳо тела медод, мебӯсид ва … Баъзеҳо аз ӯ худро дур мегирифтанд, гурӯҳе барои қабзаи пул дар атрофаш парвона мешуданд. Бонувони атрофи дастархон нишаста аз фурсат истифода бурда, борхалтаҳои худро оҳистакаку ноаёнак аз нозу неъмат пур мекарданд. Пулҳо дар болои сари Саидбой, Настаринойтӣ, Ҳомид, Нигина ва Сайёрабону алвонҷ мехӯрданд, бозӣ мекарданд, зери по мешуданд…

…пулҳои панҷҳазорӣ…

…пулҳои ҳазорӣ…

…пулҳои панҷсадӣ...

Поси шаб. Зане дар сари бистари духтарчаи бемораш нишаста буд. Лабони духтарак аз ғояти таби баланд кафида буданду рангаш парида ва чашмонаш фурӯрафта. Ҳарорати бемор баланд буду сулфа мезад ва садои баланди тӯйхона духтаракро noроҳат мекард. Зан ҳар замон докаро нам карда ба пешонии духтарча мегузошт. Модар медид, ки вазъи кӯдакро бо ин беҳ карда наметавонад, аз ҷой хеста, бори дигар қуттии доругузоракро дид. Дору набуд. Кисаҳои либосҳоро кофт, аз ҳар гӯшаи хона пул ҷустуҷӯ кард. Ғайр аз дусад сӯм дигар тине наёфт. «Ба 200 сӯм чӣ медиҳад? Ақаллан як дона ҳабдоруи простамол ва спирт мегирифтам, мерасид», аз дил гузаронд зан. Вай дар назди духтарча нишаст ва дастони ӯро масҳ кард. Духтарак базӯр нафас мекашид. Аз димоғаш нафас не ангор оташ мебаромад. Модар чора меҷуст, фикр мекард, ашк мерехт... Бо ин ҳол, ба духтарча дил медод. Садои баланди савту мусиқӣ ва ҳаёҳуйи базмгоҳ оромиро халалдор мекард. Зан тоқат накарда аз ҷо бархест ва ба кафшкан рафта, палтову сарбандии калонашро гирифт. Калӯшҳояшро пӯшид ва оҳиста аз хона баромад. Тез-тез роҳ мегашт ва жарф-жарф нафас мекашид. Аз саросемагӣ ҷӯроб напӯшида буд, ки инро кӯча баромада фаҳмид. Дуртар аз сурхона омада истод. Дудила мешуд, ки чӣ кор кунад – равад ё не?! «Дигар илоҷам нест»-гуфт дар дил ва ба назди дари даромади базмгоҳ омаду нишаст, рӯймолашро аз сар кашида ба рӯйи замин густурд...

Меҳмонон як-як, калавида-калавида берун мебаромаданд. Барояндагон торафт кам мешуданду ғалоғулаи тӯйхона паст. Онҳо аз назди зан бепарвою беэътибор мегузаштанд, мисли

ин ки ӯро намедиданд. Зан ба рӯмолчаи пешаш нигоҳ карда, сархам, чун санги сари роҳ меистод. Пойи меҳмонон канда шуд. Зан ноумед гашту гиря кард. Бесадо мегирист, ки танҳо китфонаш меҷунбиданду чашмонаш ашк мерехтанд. Сипас, боз овози одамон баланд шуд. Пеш-пеш марди қоматбаланде Ҳомидро кашола карда баромад. Баъд Саидбой, Настаринойтӣ, Сайёрабону ва чанд заифи дигар берун омаданд. Аз қафо Нигинаи обистан писарчаеро кашола карда баромад. Вай аз дасти бача маҳкам медошт. Кӯдак сӯйи зан нигоҳкунон гузашта рафт. Аммо зиёд дур нарафта, як он сари ҷо бозистод ва беихтиёр ба қафо гашт.

– Куҷо?! – дод зад Нигина.

Бача назди талбанда омада, аз ҷайбаш панҷсад сӯм бароварду ба болои рӯмолча гузошт ва дубора ба тарафи модараш шитофт…

# ПОДОШ

Субҳ медамид. Табиат наварӯсеро мемонд, ки гӯё либоси зарбофт пӯшидаву бо зебу зинат худро оро дода, ба сар тоҷи заррин гузошта бошад. Магар шаб борон боридааст, ки ҳавои фасли поиз накҳати хушеро ба димоғ мезад ва ҳаво софу беғубор буд. Дар кӯча равуойи мошинҳо кам ба назар мерасид. Орзуи ҷорӯбкашон тезтар гузаштани фасли хазонрез буд. Қад-қади шоҳроҳи Регистон се нафар – як мард, як зан ва духтараке ду аробаро пеш меронданд. Мард пеш-пеш ва зан аз қафои ӯ ҳаракат мекард. Духтарак ин сӯ он сӯ давида, аз партовдонҳои канори роҳу даруни ҷӯйбор зарфҳои оби маъданиро ҷамъ карда ба аробачаҳо меандохт. Мард, ки қадди баланд дошту миёнсол менамуд, бар тан жемпери кӯҳнаи дарбеҳшуда пӯшида буд. Шими ҷинсиаш дар сари зону чок дошт, мӯзаҳои соқбаланде ба по карда буд. Зан басе лоғар ва лабонаш кафидаву ду рухсораш барҷаста метофт. Ӯ ланг-лангон қадам мепартофт. Ба сар сарбанди сурх баста, дар тан аз болои пироҳани рангпаридаи сабзи майдагул куртаи мардона пӯшида буд. Андозаи пойафзолаш чунон калон буд, ки пойҳояш дар даруни онҳо гӯё ракс мекарданд. Сару тани духтараки фарбеҳи қадпаст булъаҷаб менамуд: дар пой кедии сафеди писарона дошту дар тан куртаву поҷомаи якранги дастдӯхт ва палтои

сурхи куҳнае; кокулонаш майдабофтаю ҷамолакдор буданд; ба сар зартоқӣ пӯшида буд, ки дар қафояш тӯри зард дошт. Ранги рухсори ҳар сеи онҳо аз таъсири гармову сармои рӯзгор чунон сиёҳ гашта буд, ки ба як дид мегуфтӣ, мазангонанд. Духтарак чолокона роҳ мерафт ва зери лаб сурудеро замзама мекард:

***Дунё гузарон,***
***Дунё гузарону кори дунё гузарон,***
***Хуш пир шавед, ёрони ҷавон,***
***Ман нағмасарои дили ошиқписарон…***

Аробачаи аввалӣ, ки мард ҳай мегуфт, нисбат ба қафоӣ калонтар буд. Атрофи ҳар ду аробача аз борхалтаҳои куҳнаи даридаву дарбеҳшуда ва равғанин, ки чирки онҳо дар шуои офтоб ҷило медод, пур буд. Мард ҳар замон меистод ва ба қафо нигоҳ карда, бо маънои «зудтар роҳ равед», сар меҷунбонд. Онҳо ба кӯчаи калоне ворид шуда дар назди партовгоҳе қарор гирифтанд. Духтарак дарҳол аз ҷайбаш калидеро баровард ва дари хонаи хурдакаки назди партовгоҳро кушоду дохили хона шуд. Мард назди партовҳо рафта як-як борхалтаҳоро кушод. Занаш ҳам аз ақиб ғур-ғуркунон омад:

– Кадом сағира тамоми баклашкаҳоро чидааст. Ҳамин қадар роҳ гашта ақаллан як кило бор ҷамъ накардем, – гуфт ӯ бо рӯҳафтодагӣ.

– Чӣ? – баланд шуд садои мард.

– Худозадаҳоро мегӯям, нони моро нимта кардаанд. Илоҳо, аз Худо ёбанд, ноинсофҳо. Мисли ин ки нисфи шаб баромада чидаанд. Пештар тамоми борхалтаҳо пур мешуданд, вале чанд рӯз аст, ки як ё ду халта ҷамъ меояду халос. Имрӯз, ҳатто, як қанор нашуд. Ҳар касе чида бошад, насибаш накунад-а, насиб накунад...

Духтарак дар назди оинаи хурдаке, ки паҳлуи тиреза ба гулмех овезон буд, мӯ шона мезад.

Хонаи кучак таҷҳизоти зиёд надошт. Дар он ҷо як ҷевони чӯбин, дар паҳлуи он қуттии коғазине, ки вазифаи китобдонро адо мекард ва дар дарунаш чанд китобу дафтару як ҷузвдони кухна ба назар мерасид. Тирезаи ягонаи хона ба тарафи кӯча во мешуд. Аз он одамони ба партовгоҳ ояндаро назорат кардан мумкин буд. Дар девори паҳлуи дигари тиреза чанд мехи либосовезиро

зада буданд. Дар кунҷи хона рахти кӯрпаву кӯрпача ҷой дошт. Духтарак пас аз ба тартиб даровардани мӯҳояш аз ҷо хеста чой монд, дастархонро густурд, аз ҷевон табақчаи шакар ва як нони бӯлка гирифту пора кард. Аз берун ҳанӯз ҳам садои зан ба гӯш мерасид, ки бо нороҳатӣ мегуфт:

– Бо ин аҳвол зиндагӣ намешавад, зимистонро чӣ тавр мегузаронем? Касе баклашкаҳои територияи моро мечинад... Агар дида монам, доди ҳаромзодаро медиҳам. Илойимак, тешук карда барояд.

– Дадаҷон, бийиҷон, чой тайёр.

– Ҳозир медароем, ҷони дада, – гуфт мард ва борхалтаҳоро ҷамъкунон рӯй ба зан овард: – Худо бандаашро бо ризқ меофарад. Бисёр худата ғам нате, ҳамааш сара мешавад.

– Гӯр сара мешавад, – мегуфт зан дар ҳоле, ки вориди хона мешуд, – бало ҳам намешавад... – ӯ абру дарҳам кашида буд.

Мард сар ҷунбонда бесадо хандид.

– Худо хоҳад, имрӯз ё пагоҳ ҳамааш сара мешавад…

– Дадаҷон, чой сард шуд, биёед!

– Ҳозир рафсем, ширини дада, – падар дастонашро шуста хона даромад.

– Тезтар хӯр, боз аз мактаб қафо намонӣ! – ба сари духтар дод зад зан.

– Ҳа занак, бо дасти чап аз хоб хестӣ, чӣ бало? Аз пагоҳӣ алошақшақа барин шаққос мезанӣ.

Зан ҳарфе нагуфт. Духтар ба падараш нигариста табассум кард.

– Пага не, пагайи дигар рӯзи таваллуди ман, дувоздаҳсола мешавам, – гуфт духтарак пас аз сукути кӯтоҳ.

– Ӯ-ҳӯ, духтари ширинам мучал пур кардаасту ман бехабар.

– Ваъдаатонро фаромӯш накардед?

– Чӣ хел ваъда? – бо тааҷҷуб ба духтар рӯй овард мард.

– Ин хел чизҳора дадоят зуд фаромӯш мекунанд, духтарам. Ту фарзанди одами бой набошӣ, ки мучалбароронат кунанд... – луқма партофт зан.

– Чӣ хел ваъда? Магар нагуфтед, бо баҳои аъло хонӣ дар зодрӯзат гӯшвораи тилло мегирам?

– Ҳа, – ранги рӯйи мард тағйир ёфт, – ин ваъдаамро дар хотир дорам. Албатта, мувофиқи ваъда гӯшвора туҳфа мекунам. Ваъда,

ваъда аст, духтари дада.

Духтар бо хушҳолӣ дастонашро бар гардани падар ҳалқа намуд ва аз рӯйи ӯ бӯсид. Пас аз омин гуфтан, тағйири либос кард ва ҷузвдонашро гирифта, хайрухуш карду баромада рафт.

– Духтарро чаро умедвор мекунед? – эътирозомез гуфт зан. – Умедворӣ бад аст.

– Чаро умедвор кардаам? Албатта, гирифта медиҳам.

– Аз куҷо мегиред? Барои хӯрдан аранг нон меёбему гӯшвораи тилло мегирифтаанд.

– Ношукр нашав, занак. Ҳамааш хуб мешавад, – аз ҷой бархост мард.

– Куҷо?

– Бозори Сиёб меравам.

Ҳаво метафсид. Рӯз аз нисф гузашта буд, ки мард бо ду борхалтаи пур аз зарфи пластикӣ баргашт. Дар як гӯша борро холӣ карда пеши партовҳо омад ва ба ҷудо кардани онҳо камар баст. Мӯйи сар ва риши сафеди дамидааш, ки равғанин гардида буданд, аз он гувоҳӣ медод, ки чанд вақт боз собунро надидаанд. Мард коғазҳоро дар як гӯша, пӯсту барги сабзавотро дар гӯшаи дигар ва зарфҳоро алоҳида ҷамъ мекард. Ҳамин вақт аз шуои нури офтоб чизе ба чашмаш тофт. Мард эътибор надода аз пайи кор шуд. Боз он чиз ҷило дод. Мард хам шуда ба он зеҳн монд ва... ба чашмонаш бовар накард: гӯшворае буд! Аммо зуд ба он даст назад. Қомат рост карда ба атроф чашм давонд. Касе наменамуд. Пасон гӯшвораро гирифту ба мисли заршиносон онро бо дандонҳояш санҷид.

«Тиллои асил барин, – зери лаб пичиррос зад мард. – Афсӯс ки гӯшвора ҷуфт надорад. Вазнаш чӣ қадар бошад? Сабук нест, маълум ки тиллои қадим. Барои як ҷуфт гӯшвораи бачагона наход нарасад? Мерасад. Инро зудтар ба заргар барам, ки то зодрӯз гӯшвораи дигар созад», – бо ҳарос аз байни партовҳо баромада ба хона даромад ва чапон пӯшид.

– Куҷо меравед? – пурсид зан, ки машғули зеҳбофӣ буд.

– Кӯча.

– Дар кӯча чӣ ҳаст?

– Кор дорам, зуд бармегардам.

Раҳорах ба Худо шукрона мегуфт. Хурсанд буд, ки акнун

барои духтараш туҳфаи ваъдагиро гирифта медиҳад. Ӯ ба дӯкони заргарии сари кӯча рафт.

– Ассалому алайкум, писарам, – ба ҷавоне, ки машғули кор буд, рӯй овард.

– Ваалайкум ассалом! Хизмат, амак?

– Ман як гӯшвора овардам, – бозёфтро аз ҷайби худ бароварда дароз кард, – мехоҳам аз ҳамин ду гӯшвораи хурдакак созонам.

– Ин аз гӯшвораҳои қадим будааст, – ҳар тарафашро аввал бо даст, баъдан бо лупа санҷида гуфт заргар. – Аз куҷо гирифтед?

– Аз модарам мерос аст, – ҳарфи дурӯғ зад мард ва аз дил гузаронид: «зарур бошад, раво бошад», – афсӯс ки ҷуфташ гум шудааст.

– Фаҳмо. Баъд аз се рӯз хабар гиред, тайёр мешавад.

– Писарам, то пагоҳ сохта наметавонӣ? Пасфардо зодрӯзи духтарам аст. Ман ваъда додам, ки ба зодрӯзаш гӯшвораи тилло туҳфа кунам.

– Ҳама кори зарурӣро монаму аз пайи ин кор шавам, ҳаққи ман баланд мешавад, амак.

– Гап не, ҷони амак. Музди корат чанд пул бошад, аз ҳисоби тиллои ҳамин гӯшвора бардор. Гӯшвораҳо хурдтар шаванд ҳам, ман розӣ.

– Пагоҳ омада баред.

Мард хурсандона ба манзилаш баргашт. Аз омади кор чун кӯдаке, ки соҳиби туҳфаи аҷибе гаштааст, хурсанд буд...

Рӯзи дигар, саҳарии барвақт ҳадяашро дар зери болини духтар гузошт ва берун баромада андармони кор шуд. Нозпарварди хона кӯрпаҳоро ҷамъ мекард, ки гӯшвораро дид ва аз шодӣ дод зада, бо пойи урён берун тохт. Модарро ваҳм фаро гирифт. Гумон кард, ки ҷигарбандаш дар хона каждум ё калламуш дидааст.

– Раҳмат, дадаҷон! Дадема гардам! – хушҳолона падарашро оғӯш кард духтарак.

Зан намефаҳмид, ки чаро духтар ин қадар падарашро мебӯсаду изҳори ташаккур мекунад.

– Чӣ шуд? Чӣ гап?

– Дадем ба зодрӯзам гӯшвораи тилло ҳадя карданд. Ана, бинед чӣ хел хушрӯ! – ду гӯшвораи хурдакакро ба модар нишон дод.

– Хазина ёфтед-чӣ? – зан бо ҳайрат ба мард рӯ овард.

– Аз Худо пурсидам, дод, – гуфт мард ва чашмонашро гурезонда машғули кор шуд. Духтар ба хона даромада зеварро ба гӯш андохт ва боз дартоз ба оғӯши падар омаду аз гунаҳояш бӯса бардошт. Аз забони ӯ сухани «раҳмат, дадаҷон» канда намешуд. Сипас, зуд либосҳои мактабравиро пӯшида ҷузвдон ба даст гирифт. Вай роҳ намегашт, мисли ин ки дар само парвоз мекард. Мард аз хурсандии духтараш шод буд.

Рӯз бегоҳ мешуд. Дар само селаи зоғҳои сиёҳ бо «қар-қар»-ашон гӯшро ба қомат меоварданд. Очаву бача ба кӯча рафта буданд. Дар хона ғайр аз «чиқ-чиқ»-и соат садои дигар ба гӯш намерасид. Мард саргарми тамошои суратҳои як маҷаллаи куҳна буд. Ҳамин вақт аз берун садои тақар-тукури чизе баланд шуд. «Ягон кас партов овардагист», андешид мард. Аммо боз садои ба ҳам хӯрдани чизе баландтар ба гӯш расид. Мард берун баромад. Дид, ки духтараке саросема, бо ҳарос партовҳоро ба ҳар тараф мепартояд.

– Ҳа духтарам, тинҷӣ? Ягон чиз гум кардӣ?

Духтарак ба мард нигоҳе карда хандид ва қад рост кард. Мард ӯро шинохт. Вай духтари Содир ном шахси барӯманди маҳалла буд. Ҳамон Содирбое, ки  ба кадом як корхона раҳбарӣ мекард. Онҳо дуртар аз партовгоҳ зиндагӣ доштанд. Содирбой ва завҷаи ӯро, ки аз одамони хоксору ҳалим буданд, мард хуб мешинохт ва чандин бор ба хонаи онҳо рафта буд. Онҳо доимо либосу пойпӯшҳои нимдошти худро напартофта ба хонаи ӯ оварда медоданд. Либоси мактабии духтарашро низ зани Содирбой оварда, «ба набераамон гирифтем, калон будааст, ба духтарчаи шумо муносиб, дар мактаб мепӯшад»-гуфта дода буд. Дар сохтани хонаи зисташон низ саҳми падари ҳамин духтар бузург аст...

– Ман гӯшвора мекобам, гӯшвораи тиллои модарамро, – бо вазъи парешон гуфт духтарак.

Мард дар дами дар шах шуд, ангор ба симчӯби лаби роҳ табдил ёфт. Дигар ҳарфе ба гӯшаш намедаромад ва дилаш чун себи сармозада дар шохаи дастнорас ях баст.

– Чор рӯз пеш модарам гӯшвораи тиллои худро ба ман доданд, ки тоза кунам. Дар ошхона нишаста тоза мекардам, ки як пояш ба даруни сатили партов афтод. Онро меҷустам, модарам маро ҷеғ зада кори дигаре фармуданд. Ҳамин тавр, гӯшвора

аз хотирам баромад. Дирӯз додарам партовҳоро партофтааст. Имрӯз тасодуфан гӯшвора ба ёдам омад. Дарҳол сатилро дидам, холӣ. Зуд ба ин ҷо давидам. Кош чизи арзон мебуд, садқаи сар мегуфтем. Агар падару модарам бохабар шаванд, бегумон, ҷазоямро медиҳанд, он аз момоям ба модарам мерос буд, – гуфт ва боз машғули партовкобӣ шуд духтарак.

Мард ӯро намешунид.

– Амак, – қад рост кард духтарак, – мошини партовкаш кай омада буд?

– ...

– Амак?

– Лаббай! Чӣ?.. Чӣ гуфтед?..

– Мошини партовкаш кай омада буд?

– Дирӯз, – мард мадори гапзанӣ надошт.

– Шумо гӯшвора надидед?

– Не-не… Надидам… Надидам духтарам… – худро ба хона зад мард.

Чеҳраи мард ранги бемореро мемонд, ки пас аз гирифтори маризии вазнине шудан аз бистари бемористон бадар рафтааст. «Ман чӣ кор кардам? Акнун чӣ мешавад? Бо кадом рӯ ба рӯйи соҳибони ин хонадон нигоҳ мекунам? Ман чӣ кардам? Эй Худоҷон, чӣ гуфтагӣ одам шудам? Ба подоши некиҳои онҳо чӣ гуна ҷавоб додам?». Мард ба дар такя карда бо ду даст ду чаккаи сарашро маҳкам медошт. Фикр мекард, то илоҷи воқеаро ёбад, аммо чорае намедид. Худро чун марди мусофире, ки дар ошёнаи ҳафтуми бинои бисёрошёна танҳо зиндагӣ мекунаду рӯзе поси шаб дар кӯча калиди хонаро гум кардааст ва илоҷи хонадароиро надорад, эҳсос мекард...

Рӯзҳо мегузаштанд. Мард мекӯшид, ки аз ин ҳодиса касе воқиф нагардад. Вуҷудашро ғаму ғусса ба худ ошён карда буд, ба қавле, ба хонаи дилаш чароғ ҳам афрӯзанд, равшан намешуд. Хоҳиши ба коре даст задан надошт, аз хона намебаромад. Хандаро фаромӯш карда, побанди андӯҳ менишаст. Чора меҷуст, фикрҳояшро аз ғалбери ақл мегузаронд, то ки на духтарашро ғамгин созад ва на ба амонати ҳамсоя хиёнат кунад: «на сих сӯзаду на кабоб!»

Рӯзе духтарак пас аз мактаб дар хона нишаста дарс мекарду мард он сӯтар аз ӯ, мисли ҳамеша, побанди хаёлот дар ҷойи худ

дароз кашида буд.

– Дада, «роҳбар» ба забони русӣ чӣ мешавад? – пурсид духтар ва ҷавобе нашунида саволи худро такрор кард.

Мард чашм аз рӯйи хона намеканд. Гӯё чоку пораҳои гилемро бо нахи нигоҳ бахя мезад. Духтар паҳлуи падар омада нишаст ва сар ба зонуи ӯ гузошт.

– Дадаҷон, ба шумо чӣ шуд?

– Ҳеҷ чиз нашудааст, азизам, – сари духтарро навозиш кард.

– Дурӯғ нагӯед…

– Дурӯғ нагуфтам. Ман дурӯғгӯ не, – хандаи маҳзуне кард мард, то аз вазъият бурун ояд.

– Аз рӯзи таваллудам инҷониб шумо ғамгинед, чӣ шуд? Аз ман пинҳон накунед.

– Чизе нашудааст, ширини дада... Ҳамааш хуб…

– Ман духтарчаи хурди бесавод нестам, гӯшвораро ба қарз гирифта будед-а? Акнун қарзатонро канда наметавонед, ҳамту?

– Не-е, духтарам.

– Пас чӣ шуд, гӯед?! – чашм ба чашми падар дӯхтан мехост духтар. Мард ба чашмони ҷигарбандаш, ки ашк ҳалқа зада буд, нигариста наметавонист. – Набошад, ман аз шумо меранҷам, бо шумо ногап мешавам.

Падар ноилоҷ тамоми воқеаро гуфт. Духтар пас аз шунидани нақли ӯ назди оина рафта гӯшвораҳоро кушода гирифт ва баргашту ба дасти падар дод.

– Дадаҷон, ман намехоҳам, ки шумо дар азоби виҷдон монед. Барои ман гӯшвораи тилло он қадар муҳим нест. Бе зару зевар зистан мумкин, аммо бе обрӯ зистан маънӣ надорад. Мехоҳам, ки шумову бийиҷонам сиҳату саломат бошед, ҳеҷ гоҳ ғамгин нагардед, рӯйи ғамро набинед…

Падар лаҳзае аз гапҳои нури дидааш дар ҳайрат монд. Беихтиёр таҳи дили худро рӯшан ҳис кард. Духтараш бошад, бо табассум ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид ва ашки чашмонашро бо остин тоза карду аз хона берун рафт.

Шомгоҳ аҳли оила дар сари дастархон ҷамъ буданд. Гаронии дили мард чун меғи поиз парешон шудаву чеҳрааш кушод буд. Таом мехӯрданд, ки касе дарро кӯфт. Аҳли хона бо маънои «дар бегоҳирӯзӣ кӣ бошад?» ба ҳам дида дӯхтанд…

***

Чархи гардун чун ҳукми азалӣ мегашт: рӯзу ҳафтаву моҳу солҳо думболгири ҳам мешуданд. Модарро ҳисси ноумедӣ аз дарун мехӯрд ва билохира, гирифтори беморие шуда, аз олам даргузашт. Марди хонадон масъулияти бештаре ба дӯш гирифт. Тамоми ёфту тофташро барои тарбияту таҳсили нури дидагонаш, ки қадрас гардида буд, сарф мекард. Ӯро дар қатори насли хушбахти замон донишҷӯйдухтари муваффақ дидан мехост. Духтарак, ки вазъи зиндагиашонро хуб медонист, мекӯшид барои падар ранҷ наёрад. То имкон дошт ёрмандӣ менамуд. Ҳатто китоби дарсӣ намегирифт. Намехост, ки падараш дар ғами пули китоб ғусса хӯрад. Аз китобҳои ҳамсинфу ҳамсоягон истифода мебурд. Бо вуҷуди ин, пешсафу аълохон буд. Худ дар ҳаёт, ки роҳи пасту баланд дорад, одатан онҳое ба манзили мурод мерасанд, ки ба оянда назари нек дошта бошанд. Дар дили онҳо умед пойдор бошад...

Саҳарии барвақт духтари хона ба мактабравӣ омодагӣ медид. Ин охирин рӯзи айёми толибагии ӯст. Имрӯз бояд хатмкунандагон дар вазъияти тантанавӣ номаи камол бигиранд. Ӯ аз падар як сирро пинҳон дошт. Бигзор, ин марди заҳматӣ аробаи шалақро кашолакунон ба бозори Сиёб равад. Чунин пиндорад, ки ин рӯз ҳам ба мисли рӯзҳои дигар муқаррарист. Ҳатман бегоҳӣ ин кулбаяки назарногир ҳусни тоза хоҳад гирифт. Аҳли гузар шоҳиди он хоҳанд шуд, ки ин дунё яксон нахоҳад монд. Он лаҳзаҳо дур нестанд, ки қомати аз бори рӯзгор барвақт хамидаи падар рост шавад, духтар аз болои баланди падар ифтихор кунаду падар аз сарбаландиҳои духтар!

Саҳну толори мактаб чун тарабхонаҳо оро ёфта буд. Даста-даста духтару писарони хандон лаҳзашуморӣ мекарданд. Тадбир оғоз шуд. Сарвари мактаб баъд аз он ки ин кабӯтарони хушболро бо парвози аввалин табрик гуфт, зери мусиқии мутантан ному насаби ҷавононро паси ҳам ба забон овард.

Падар бори нахуст аз таги дарвоза номи худу исми духтарашро шунид. Аҷаб, то ин вақт аз тариқи баландгӯяк номи худашро нашунида буд. Басе гуворо ба гӯш мерасад ному насаби якдонааш. Дар чашмони мард ашк ҳалқа зад. Марду занон бо гулдастаҳо

вориди толор мешуданд. Мард ҷуръат накард. Куҷо медароянд бо ин аҳвол? Духтарро шарм доронд ан хуб нест. Дигар ин ки аробаро куҷо мемонад?

– Амакҷон, гул мефурӯшед? – пурсид роҳгузаре, ки мактаб меомад.

– Не-е, ҷони амак. Духтари ман ҳам хатмкунанда аст. Гул барои ӯст.

– Ҳа-а... Муборак бошад.

– Садсола шавед.

Аробакаши шинос бо нигоҳи интизорӣ чашм ба тарафи маҷлисгоҳи мактаб буд. Акнун садои беисти мусиқӣ ба гӯш мерасид. Мард вазни худро аз ин пой ба он пой мепартофту беқаророна боз дида ба ҷониби толор медӯхт. Ниҳоят ҷамъомад ба охир расид. Тӯда-тӯда духтару писарон бо ҳаёҳуву нидоҳои шодмонӣ берун баромаданд. Дар дасти ҳар яки онҳо номаи камолу гулдастаҳо буд.

– Падарҷон! – баланд шуд овози гулдонаи ӯ, ки дар тан либоси зебои атлас дошт ва аз болои мӯйҳои дарози майдабофта тоқии ироқӣ пӯшидаву дар гӯшҳояш гӯшвораҳои тиллои дар мучалгардон туҳфакардаи падар йилдиррос мезад. Падар даста-даста гулҳои хушрангубӯйро аз аробаи шалақи дастӣ гирифта, ба нозанинаш дод.

– Охир, шумо чӣ мекунед, падарҷон? Наход барои ман ин қадар пул сарф кардед?

– Барои фарзанде, ки мактабро бо баҳои аъло хатм кардааст, як ароба чӣ, як вагон садбарг оваранд кам аст! – дасти мардро фишурд муаллиме. – Ҳамеша фикр мекардам, ки падари ин духтари зебову бо ақлу ҳуш кӣ бошад? Офарин! Фарзанди хуб тарбият кардаед.

Падари ҳаяҷонзада ҳатто ташаккур гуфта натавонист. Ӯ бо остин оби дидагонашро пок мекарду бо дасти дигар номаи камоли духтарашро гирифта, хонданӣ мешуд. Падару модарони ҳамсинфони духтарак ба ин марди аробакаш бо ҳавас нигоҳ мекарданд. Дар назар қомати мард ба мисли айёми аскарӣ росту бовиқор менамуд.

# ХОНАИ МЕҲРУБОНӢ

Насими фараҳфизои поиз чун дӯсти содиқу вафодор мардуми дар кору бори зиндагӣ кӯфташударо аз оғози шоми нав паём мерасонд. Паррандагон ба лонаҳои хеш мешитофтанд. Аз само садои турнаҳо ба гӯш мерасид, ки яқин ба манзили гармтаре парвоз мекарданд. Ҳар рӯз дар ин вақту соатҳо ошхонаи хонаи меҳрубонии шаҳр бозорро мемонд. Тарбиятгирандагон бо шӯру ғавғо хӯроки шом мехӯрданд. Яке бо дигаре баланд ҳарф мегуфт, дигаре қоҳ-қоҳ зада механдид, бархе гиря ҳам мекарданд… Кӯдакон дар синну сол, миллату мазҳаб, хӯю рафтор аз ҳам тафовут доштанд, вале дар айни замон байни онҳо умумияте дида мешуд: ҳама ятим буданд. Кӯдакон одатан дар атрофи мизи таомхӯрӣ аз рӯйи тартиби синну сол менишастанд. Озар ном писарбачае, ки тақрибан даҳсола буд, саросемавор, ҳаросону шитобон таом мехӯрд. Ангор коре дошту барои қафо намондан ё иҷро намудан мешитобад. Ин бача, ки мӯйҳои сиёҳи дарози ҷингила, абрувони ғафс ва чашмони калон-калон дошт, хӯрокро аз дигарон пештар хӯрда, мувофиқи тартиб косаву табақчаашро ба даст гирифт ва назди хоначае рафт, ки зарфҳоро мешустанд. Дар назди тирезаи хонача зане менишаст, ки халтаи пуркоҳро мемонд. Аз ғояти фарбеҳӣ аранг аз ҷой меҷунбид. Тарбиягирандагони маскан ин зани бадқаҳру забондарозро, ки сару гарданаш ба ҳам пайваст шуда буд, «бегимотхола» меномиданд. Озар табақчаҳоро назди зан гузошта, майли рафтан намуд, вале фикре ба сараш омаду қафо гашт.

– Холаҷон, Носир бемор аст.

– Ман чӣ кунам? – дод зад зан зарфҳоро як сӯ гузошта. – Бемор бошад, ба духтур гӯй. Ба ман чаро мегӯӣ?

– Шиками ӯ гушна аст, – сари мақсад омад Озар.

– Ба ман чӣ? Гушна бошад омада хӯрокашро хӯрад.

– Бемор аст, аз ин рӯ омада натавонист.

– Ин ба ман чӣ дахл дорад? Омада натавонад, гушна шинад, – зан дар даҳон чизеро кафша мезад. – Ба вай хӯрок бурда додан вазифаи ман не. Дар ин ҷо садто ятимча бошад, ман қафо-қафои

онҳо хӯрок хӯронда намегардам-ку!

– Не, холаҷон. Шумо хӯрок набаред. Ба ман диҳед, худам мебарам, – илтиҷоомез гуфт Озар.

– Чӣ? Худат мебарӣ? Магар ту хобгоҳро мушхона кардан мехоҳӣ? – садо баланд кард зан.

Бачагон ба чунин доду мағалҳои «бегимотхола», ки қариб ҳар рӯз ба миён меомад, одат карда буданд. Ҳама бо мақсади донистани ҳарифе, ки ин дафъа дар зери санги маломати ӯ мондааст, сар боло карданд.

– Ту тирмизаки сағира намедонӣ, ки ба бӯйи нону хӯрок мушу нонхӯраку ҳар хел ҳашарот пайдо мешавад?! – ҳамоно пасту баланд мегуфт «тӯрбаи пуркоҳ». – Ятиме, ки аслу насаби худро намедонад аз куҷост, инро аз куҷо донад?! Тез дафъ шав, ки афтатро набинам, – ба сари Озар дод зад «бегимотхола». Ду лунҷи рӯйи ӯ баробари ҳарфгӯйӣ болову поён мешуданд, ки хандаи бинандаро меовард.

– Меҳрихола ҳеҷ гоҳ «не» намегуфтанд, – Озар оташин шуда, номи ошпази аввaлаpo ба забон овард.

– Чӣ? – сари худро аз тирезаи хонача берун кард зан. Агар ҷуссаи хурдтар медошт, аҷаб набуд, ки аз ҳамон дарича ба берун ҷаҳида, писаракро дошта мекӯфт. – Чӣ мегӯйӣ?

– Меҳрихоларо мегӯям, – бо овози баланд такрор намуд Озар, ки дар чашмонаш ашк ҳалқа зада буд.

– Рав назди Меҳрихолаат. Вай меҳрубон бошад, рав! Ба ту хӯрок диҳад. Меҳрубонӣ кунад. Носирчаатро ҳам гирифта рав. Аслан ба шумо ятимчаҳои худозада нағзӣ кардан хатост, – суханҳо аз даҳони зан тирвор берун меомаданд. – Тез аз назарам нест шав, ки ҳозир зада майда-майда мекунам. Дафъ шав!

Озар ноумед сӯйи хобгоҳ шитофт. Носир дар даруни обу оташ месӯхт. Таб мекард. Рӯзи сеюм буд, ки ҳарорати баданаш паст намегардид. Духтури сағирахона чанд ҳабдору дод, аммо нафъ накард. Писарак, ки дар синну сол баробари Озар менамуд, якзайл нола мекард. Озар аз баландии таби дӯсташ меҳаросид. Чунки дар ин маскан Носир наздиктарин инсон, дӯсту бародари ӯ буд. Онҳо доимо якҷоя мегаштанд, ҳамроҳ бозӣ мекарданд, ба ҳам роз мегуфтанд. Ҳатто шаб паҳлуи ҳам мехобиданд. Озар

метарсид, ки аз дӯсти беҳтарини худ ҷудо гардад. Ӯ дастрӯмолро нам карда, дар пешонии Носир мегузошт. Дасту поҳои ӯро масҳ менамуд. Ба дӯсташ латифаҳо мегуфт, ҳар саргузаштеро медонист нақл мекард. Мехост, ки Носир саргарми суҳбат гардида, даме бошад ҳам, дардро фаромӯш кунад…

Шаб аз нисф гузашта буд. Ҳама масти хоб. Яке худ ба худ гап мезад, дигаре хуррок мекашид, севумӣ аз ҷой хеста, рӯ-рӯйи хона мегашт ва боз рӯйи кат рафта, хоб мекард... Носир аз зӯри дарду баландии ҳарорат шабеҳи море, ки даруни оташ партофта бошанд, дар худ мепечид. Нола мекард. Ғайр аз Озар нафари дигаре набуд, ки имдодгари ӯ гардад. Як қадам аз сари Носир дур намерафт.

– Очаҷон… – нола кард писарак.

– Чӣ хел очаҷон? – болопӯши Носирро дуруст кард Озар. – Очаҷони мо нест. Падарамон ҳам, модарамон ҳам давлат аст, дӯстам, давлат, – оҳи бадарде кашид Озар.

Беҳузур гардидани дӯсташро дида, хост аз ҷевон дору гирифта диҳад.

– Доруро дар куҷо гузоштӣ? – пурсид дар ҳоле, ки ҷевонро тагу рӯ мекард.

– Тамом шуд…

– Тамом шуд?! Чаро барвақттар нагуфтӣ, аз духтур боз мегирифтем. Намедонам чӣ хел бачаӣ. Гард таом хӯр гуфтам, нарафтӣ. Шикамат ҳам гушна. Ягон чиз биёрам?

– Не… Намехӯрам… Иштиҳо надорам…

– Чизе нахӯрӣ, чӣ тавр сиҳат мешавӣ, дӯстам? – лабони парсинбастаи Носирро тар кард ва матои пешониашро аз дигар нам карда, гузошт. – Ман ошхона рафта, ягон чиз меорам.

– Беҳуда нарав... Ин вақт… ошхона пӯшида аст... Аз куҷо… хӯрок меорӣ?.. – аранг ҳарф мезад Носир.

– Шояд кушода бошад, – гуфт Озар ва пас аз лаҳзае бо дасти холӣ баргашт.

– Ошхонаро қулф задаанд.

– Озар, – якка-якка нафас мегирифт писарак.

– Чӣ мегӯйӣ, дӯстам?

– Ман хунук мехӯрам… Баданам сард мешавад...

– Ҳозир, – гуфт Озар ва болопӯши худро дар болои Носир паҳн кард. Писарак чун дарахти шохаҳояш яхбаста, ки аз шамоли сахт шох ба шох мезанад, дандон ба дандон мезад.

«Чӣ кунам? Нигоҳ карда шинам, аз дӯстам ҷудо шуданам мумкин. Аз навбатчӣ мадад пурсам, «дар бевақтӣ ман чӣ мекунам, то субҳ сабр кунад» мегӯяд, аз дил гузаронд Озар. Бархоста назди кати хоб рафт ва аз зери болинаш пул гирифт. Ҳамон пулеро, ки чанд рӯз пеш як роҳгузар дода буд.

– Дӯстам, ту андак сабр кун, ман ҳозир бармегардам.

– Куҷо меравӣ?

– Зуд бозмегардам, – гуфт Озар ва бо либоси хоб дар пой шипак берун рафт. Фикр мекард, ки аз назди дарбон чӣ тавр гузарад. Бахташ тофт: навбатчӣ дар ҷойи худ набуд. Писарак дарро оҳиста кушоданӣ шуд, маҳкам будааст. Пеши тиреза рафта, як табақи онро кушоду берун ҷаст. Ҳаво сард буд. Шамоли хунуки поиз ба сару рӯйи Озар, ки дар тан либоси тунук дошт, неш мезад. Писарак зуд қафои бино гузашт ва ба ҷонибе давид, ки бачагон як оҳани панҷарадеворро барои гурез калонтар карда буданд. Аз ҳавлии ятимхона берун баромада, сӯйи кӯчаи калон шитофт. Пулро маҳкам медошт. Метарсид, ки онро афтонда бепул монад. Озар барои зудтар ба дорухона расидан, қад-қади роҳи калон медавид. Роҳгузару ронандагон ба сару либоси писарак бо тааҷҷуб назар мекарданд. Беморе мепиндоштанд, ки аз девонахона гурехтааст. Озар ду дорухонаро маҳкам ёфт. Лаҳзае қарор намегирифт. Шитоб мекард.

Шамоли фасли хазон баргҳои ноумеди аз дарахтон поёномадаро, дар ҳар гӯша ҷамъ менамуд. Ду паҳлуи панҷараи мобайни роҳ анбӯҳ-анбӯҳ баргҳои рангаш заъфарон пайдо шуда буданд, ки дар зери равшании чароғҳои канори роҳ теппаҳои тиллоиро мемонданд. Озар назди дорухонаи дигар омад, ки боз буд. Ӯро марди қоматбаланди қоқина, ки мӯйҳои зард дошт, пешвоз гирифт.

– Ассалом, амак.

– Салом, – бо маънои чӣ хизмат нигоҳ кард мард.

– Ба ман спирт ва ягон ҳабдору лозим… барои таби баланд, – бо як даст қафаси синаи худро дошта, тез-тез нафас мекашид Озар.

– Барои кӣ?

– Ба дӯстам Носир.

– Дӯстат чандсола аст?

– Даҳсола.

Мард спирт ва ҳабдоруеро ба коғазхалта андохта, пеши оина гузошт:

– Се ҳазор сӯм мешавад.

– Амакҷон, ман фақат ҳазор сӯм дорам, – ҳазорсӯмаи ғижимшударо дароз кард Озар.

– Чӣ? – бо шигифт ба пул нигоҳ кард доруфурӯш. – Не ука, ҳазор сӯм намешавад, – доруҳоро пас гирифт.

Озар бо сари хаму дили навмед қафо гашт ва боз аз пайи ҷустуҷӯйи дорухона шуд. Ӯ аз чанд дорухонаи дигар бо дасти холиву сари хам берун омад. Аммо лаҳзае бознаистода медавид. Аз ятимхона хеле дур рафта буд. Дона-дона борон сар кард. Озар ба дорухонаи дигар расид ва дар дил ҳазор умед, ки боз бо дасти тиҳӣ набарояд, дохили он шуд.

– Салом амак, – ба ҷавоне, ки машғули китобхонӣ буду омадани ӯро нафаҳмида монд, муроҷиат кард. Ҷавон алейк гирифта, ба саропои Озар, ки арақшор буд, дида давонд.

– Ҳа додар, чӣ гап? Чӣ шуд? – суоломез пурсид ҷавон ва ба берун нигоҳ кард, ки боз касе ҳаст ё не.

– Ҳеҷ гап не… – чун нафаре, ки аз саг гурехтааст, тез-тез, нафас мекашид Озар.

– Магар касе аз қафоят сур мекунад?

– Не, амак! Дӯстам бемор аст, – роҳи нафасашро чизе маҳкам кард. – Ман ба дору омадам. Ба вай зуд дору бурданам даркор, – овози писарак меларзид.

– Чӣ гуна дору?

– Амакҷон, ман буду шуд ҳазор сӯм пул дорам, – дар чашмони писарак ашк ҳалқа зад. – Дӯстам таб дорад… Шикамаш гушна... Хунук мехӯрам мегӯяд… Аҳволи ӯ вазнин аст… Ман ба дӯстам кӯмак накунам, намешавад… – канда-канда ҳарф мегуфт писарак ва чанд қатраи ашк аз дидагонаш поён омаданд. – Илтимос, амакҷон… Ба ҳазор сӯм дору диҳед. Ман зуд баргаштанам лозим... Набошад… Дӯстам мемирад, – бо қафои даст ашкашро

тоза кард.

– Дӯстат чандсола аст?

– Аз ман як сол хурд, – сари хами худро боло кард Озар, ки дар чашмонаш шарораи умед барқ заданд. – Даҳсола аст.

Ҷавон спирт ва тарзи истеъмоли чанд ҳабдоруву доругии моеъро фаҳмонда, онҳоро дар коғазхалта андохт ва ба Озар дароз кард. Писарак ҳазор сӯмро болои пештахта гузошт.

– Пулатро гир, ҷӯраҷон. Дӯстат сиҳат гардад, ҳамроҳ яхмос харида мехӯред, – хандида гуфт ҷавон.

– Раҳмат, амакҷон, саломат бошед, – дар лабони хушкидаи писарак ханда пайдо шуд.

– Ба дӯстат ин доруворихоро диҳӣ, тез сиҳат мешавад, – гуфт ҷавон. – Акнун назди вай шитоб.

Озар берун баромада, сӯйи сағирахона давид. Борон гӯиё обе буд, ки аз ширполо мерехт. Шипакҳои резинӣ барои тез ҳаракат кардани писарак монеъ мешуданд. Аз ин рӯ, онҳоро ба як даст гирифту бо дасти дигар коғазхалтаи доруворихоро маҳкам дошта ба пеш давид. Лаҳзае қарор нагирифта, ба чорроҳаи қарибии ятимхона расид. Ранги сабзи чароғаки роҳ фурӯзон буд. Писарак бо хаёли «зудтар ба назди дӯстам равам» ин сӯву он сӯ нигоҳ накарда, бошитоб аз роҳ мегузашт, ки садои гудоки мошин баланд шуд ва пас аз андак овози гӯшхароши чархҳои он дар фазо паҳн гардид. Аз садои исти мошин, ки бо суръати тез меомад, баргтӯдаҳои тиллоранги паҳлуи роҳ шабеҳи селаи кабӯтарон, ки аз овози ногаҳонии тири сайёд рамидаанд, ба фазо пар кушоданд. Масофаи байни Озар ва мошин чанд ангушт буду халос. Ӯ чашм наканда, ҳайкалвор рост меистод. На пеш роҳ гаштанро медонисту на қафо рафтанро. Коғазхалтаи доруворӣ ва шипакҳо ба рӯйи замин афтода буд. Марди чорпаҳлуи шикамкалон аз мошин поён омада, сӯйи Озар даст меафшонд ва ҳар сухане, ки ба забонаш меомад, мегуфт. Писарак суханеро намешунид. Ҳамоно дар гӯшҳояш садои чархҳои мошин садо медоданд. Ӯ сангвор, ноҷунбон меистод. Мард бо панҷаи гиро аз дастони хароби Озар дошта, ба паҳлуи роҳ кашола кард. Ронандагони ҳангоматалаб сар аз оинаи мошин бароварда, ин манзараро тамошо мекарданд. Озар камтар ба худ омада буд ва

акнун дида аз коғазхалтаи доруворихо намеканд. Ӯ мехост гӯяд, ки доруҳоро гирад. Аммо забонаш гирд намегашт. Чизе садди роҳи овозаш мешуд ва имкон намедод, ки ҳарфе гӯяд. Мард ба рӯйи писарак торсакии обдореро зад, ки Озар рӯйи замин афтод ва сар боло карда, як ба мард нигоҳ карду боз сӯйи халтачаи доруҳо нигарист. Писарак бо даст ба доруҳо ишора мекард, аммо марди девҷусса дастакзанон, бо суханҳои тунд писаракро дашном медод:

– Ҳаромзода. Марг ба ҳамон падару модарат, ки ту барин гаранги ландаҳурро тарбия кардааст. Чашмонат магар кӯр буд, ки ба роҳ нигоҳ накардӣ? Ту ҳаромзодаҳоро аз зиндаат мурдаат қимат аст. Агар мемурдӣ, ман дар балои азим мемондам, – мегуфт ронанда ва ба сару рӯйи Озар бераҳмона лагат мезад. Касе ёфт намешуд, ки писаракро аз дасти ин марди кундфаҳму ҳайвонмизоҷ раҳо кунаду гӯяд, ки роҳ роҳи пиёдагардон аст, айбдор ту ҳастӣ. Ранги сабзи чароғаки роҳ фурӯзон буд, писарак айб надорад. Мард лаънатгӯён сӯйи мошин рафт. Озари гирён, ки дар рӯйи замин мехобид, чашм аз доруҳо намеканд.

– Не-е-е-е-е! – баробари ба ҳаракат даромадани мошин фарёди ҷонгудози писарак ба само печид. Мошин доруҳоро зер карда рафт. Озар ҳунгос зада гиря мекард. Даст ба замин мезад. Рӯ ба осмон оварда навҳа мекашид. Кӯдаквор дод мегуфт. Донаҳои ашку қатраҳои борон аз бари ду рухсори ӯ селвор поён меомаданд. Писарак бо ду даст бари рӯяшро дошта гиря мекард. Мехост доруворихоро гирифта, ба «хонаи меҳрубонӣ» шитобад. Аммо мадоре надошт, ки аз ҷой бархезад. Ангор бори гаронеро болои сараш гузошта буданд. Беист гиря мекард. Мошини замонавие аз чароғаки роҳ гузашта, қарор гирифт. Марди солхӯрдаи хушсарулибосе аз он поён омада, ба даст соябон гирифт ва назди писарак омад. Озарро аз замин бардошту соябон дошт. Писарак бо алам гиря мекард ва бо нигоҳҳои меҳрҷӯю имдодталабона рӯй ба мард оварда, боз ҷониби доруҳои бо замин яксоншуда нигоҳ кард.

– Дору… Дору…

– Чӣ шуд?

– Носир… Дӯстам… – базӯр сухан мегуфт писарак.

– Намефаҳмам, чӣ шуд? Кӣ туро хафа кард? – писаракро оғӯш кард мард.

– Дору… С..ссағирахона… Носир… Бемор… – гирякунон бо даст ба тарафи халтачаи доруҳо ва «хонаи меҳрубонӣ» ишора мекард Озар.

– Шуд писарам, шуд. Ту мард ҳастӣ. Ба мардҳо гиря кардан намезебад, – ором кардан мехост марди бегона. Камзӯли худро дар китфони писарак партофта, соябонро ба дасти ӯ дод ва ба куҷое телефон кард. Пас, коғазхалтаи доруву шипакҳоро овард. Доруҳо реза-реза шуда буданд.

Борон ба рӯйи баргҳои бемадоргаштаи дарахтон бархӯрда, онҳоро аз шох ҷудо мекард ва чун қолини заррин ба рӯйи замин мегустурд. Мард ва Озар ҳамроҳ ба назди «хонаи меҳрубонӣ» омаданд. Дар он ҷо ҳама ба по хеста буданд. Аллакай ҳама ходимони сағирахона, мошинҳои нозирони роҳу ёрии таъҷилӣ ҳозир буданд...

# ШАҲЗОДА

Рӯзи истироҳат буд. Хостам роҳат карда хоб равам. Аммо сару садои одамон аз берун намегузошт, ки фароғат кунам. «Чаро ҳамин одамон ин қадар баланд гап мезананд. Охир дар ин ҷо танҳо набошанд. Ба ҳар ҳол хонаи бисёрошёна. Одамон мехоҳанд рӯзи якшанбе маза карда хоб раванд. Не, аз ин онҳоро чӣ парво? Ҳамаро ғами худу дарди худ» аз дил гузарондам ва ноилоҷ аз болин сар боло кардам. Завҷаам дар ошхона ҷунбуҷӯл дошт.

– Дар берун чӣ гап?

– Мағозаи назди хонаро имрӯз мекушодаанд, – ҷавоб дод ҳамсарам.

– Аз саҳар хоб дидаанд-чӣ?

– Чӣ хел саҳар?! Соат қариб нуҳ шуд.

– Не-е. Берун торик-ку.

– Ҳаво абрнок. Барои ҳамин.

Дар ҷойхоб телевизорро гиронда тамошо мекардам, ки борон сар кард. Донаҳои калон-калони он ба тиреза бармехӯрд. «Ана

ба шумо. Дар зери борони тирамоҳ мағозаатонро кушоед», хурсанд шудам. Ҳамин лаҳза садои мусиқӣ баланд шуд.

– Уф-ф, ҳамин кам буд, – аз ҷой хестам.

Назди супермаркетро бо пуфакҳои рангоранг оро дода буданд. Дар пештоқи мағоза чанд нафар ҳарфҳоро васл мекарданд. Аз афт номи супермакетро мечаспонданд.

Дасту рӯ шуста, сари дастархон нишастам.

– Ҳамсояҳо баромадаанд. Шумо ҳам бароед, – чой дароз карда гуфт завҷаам.

– Мебароям... Кушода шудани супермаркет кори хуб шуд. Вақти дилхоҳ савдо кардан мумкин.

– Ҳа, ҳамсояҳо ҳам хурсанд, – дар сари ҳар як сухан аз ҳамсояҳо ёд мекард завҷаам. – Ба плостик ҳам савдо мекардаанд. Акнун дӯкони терминалдор кофта намегардем.

Шаб хуб хоб бурдааст, ки табъам хуш буд. Пас аз тановули субҳона кафпаҳлу зада китоб мутолиа мекардам, ки садои ҷарангосии марде баланд шуд. «Тадбир сар шуд», аз дил гузарондам ва аз ҷой бархостам. Дона-дона борон меборид. Устоҳо аллакай навиштаҷотро, ки ҳарфҳояш калон-калони ҷилодор буд, ба девор насб кардаанд. Аввал ба чашмонам бовар накардам ва бодиққаттар хондам: Шаҳзода! Оре, Шаҳзода навишта шуда буд. Тамоми ҳастиамро эҳсоси аҷибе фаро гирифт. Дар баданам мурғак дамиду суръати тапиши дилам афзуд. Чизе гулугирам мекард. Мехостам фурӯ барам, аммо бефоида буд. Садоеро намешунидам. Ғайр аз навиштаҷот чизи дигарро намедидам. Назди тиреза такя карда, дар даст китоб ҳайкалвор рост меистодам. Қатраҳои борон чун гардҳои шишаи тиреза оинаи ёди диламро тоза мекард…

…Давраи донишҷӯйӣ, ҳамроҳи чанд дӯстам дар хонаи иҷора менишастем. Рӯзе аз дарс бармегаштам. Шамоли сардхӯйи тирамоҳ баргҳоро ба ҳар тараф парешон мекард. Ба дару девор, боғоту ҷӯйбор мезад. Атри огандаи баргҳое, ки даруни обравҳо ҷамъ шуда буданд, табъро хира месохт. Аз борону шамоли ногаҳонӣ одамон паноҳгоҳ меҷустанд. Азбаски роҳи хона дур буд, дар автобус нишастам. Даруни автобуси пурмусофир бӯйи «хуштар» дошт. Аз таъсири ҳавои сард буд ё дигар сабаб, беихтиёр атса задам.

– Саломат бошед, – овози гӯшнавозе баланд шуд.

– Ташаккур, – гуфтам ва рӯй ба ҷониби овоз гардондам. Духтаре дар курсӣ менишаст. Мӯйҳои дарози майдабоф, абрувони камон ва чашмони шаҳло дошт. Ҳар як узви дӯшиза чунон ба ҳам мувофиқ афтода буданд, ки дар ҳаёти худ бори аввал чунин духтари зеборо медидам. Бахусус, холи бари рӯяш ҳусни ӯро даҳчанд мекард. Аз вай чашм канда наметавонистам. Духтар магар инро пай бурд, ки рухсораш ранг дигар кард, сурх шуд. Ба манзил наздик омадам. Аммо аҳд кардам, ки духтар куҷое равад, аз қафояш меравам. Чӣ ҳодисае буд, ки духтар дар истгоҳи назди хонаи мо фаромад. Духтарак пеш-пеш ва ман аз қафои ӯ мерафтам.

Шамоли тундхӯй, ки айни замон бароям насими фараҳангезро мемонд, мӯйҳои духтарро шона мезад ва дарахтон баргҳои тиллоранги худро гӯё ба зери қадамҳои ӯ барчош мекарданд. Борон суст шуда буд. Ман чун чокар аз дунболи ӯ будам. Духтар тез-тез роҳ мегашт. Гӯё ба ҷое мешитофт. Камтар боло рафта, ба тарафи рост гашт ва вориди ҳавлие шуд. Дилам беқарор буд. Мехостам вориди он хона гардида аз духтар пурсам, ки чӣ касест: фаришта аст ва ё аз насли одамӣ? Маконаш куҷост ва чӣ иттифоқ ӯро ба Самарқанд овардааст? Баъди андак худро ба даст гирифтан дарвозаи ҳавлиро кӯфтам. Зани миёнсоле берун омад, ки қадди пасту рухсори сергӯшт дошт.

– Ассалому алайкум, холаҷон.

– Ваалайкум ассалом.

– Хола, ман хонаи иҷора мекобам.

– Мо танҳо донишҷӯдухтаронро мегирем, – оромона гуфт зан.

– Ман барои худам не, ба духтари амакам хона мекобам, – сурху сафед шуда гуфтам.

– Ҳозир дар хонаамон чор нафар духтар зиндагӣ мекунанд. Бояд боз як нафарро гиранд. Дирӯз ҳамроҳ меорем гуфта буданд. Пурсам, агар касеро наёфта бошанд, шумо хешатонро меоред, – гуфт зан ва аз дами дар садо баланд кард:

– Шаҳзода… Шаҳзода…

«Шаҳзода, Шаҳ-зо-да», зери лаб такрор мекардам. Ҳар лаҳзаи номашро ба забон овардан, тафсе диламро гарм мекарду баробари ин баданам меларзид. Аҷабо! Аз таъсири гармӣ тан

биларзад. Шояд ин аст муҳаббат...

– Чӣ мегӯед? Чӣ хел Шаҳзода? – овози завҷаам маро аз олами хаёлот берун овард.

– Номи супермаркет, – аз саволи ногаҳонӣ дасту по хӯрдам.

– Ҳа, – ҳамсарам назди тиреза омада ба берун нигоҳ кард. Баданамро араќи сард гирифт. Намедонам чанд муддат дар назди тиреза будам, дилам тагу рӯ мешуд. Ҳоло ҳамон ларзаи бадан гӯё нарафта буд, ки дастонам меларзиданд. Зуд дар ҷоям нишаста, китобро гирифтам.

– Шаҳзода! Номи хуб. Шояд номи модар ё номи духтари дӯкондор бошад, – гуфт ҳамсарам ва рӯй ба ман овард. – Шумо намебароед?

– Не.

– Чиба? Ҳамсояҳо баромаданд.

– Баромада бошанд, чӣ кунам? – чашм аз китоб нагирифта қатъӣ гуфтам.

– Нав мебароям гуф…

– Мемонӣ, ки дар хона шинам, – оташин шудам. – Гаранг кардӣ-ку!

Завҷаам ҳайрон, рост меистод.

– Ман чӣ гуфтам?

– Ту ҳеҷ чиз намегӯйӣ! Чизе нагуфтӣ! – бо асаби вайрон аз ҷо хеста хонаи дигар гузаштам.

– Гап зада намешавад. Тавба. Асаб намондааст, – аз қафоям садои занам шунида шуд.

Дар ҷой нишаста наметавонистам. Қувваи ноаёне ором намегузошт. Дилам бухс мекард. Китобро болои якандоз гузошта, рӯй-рӯйи хона мегаштам. Ҳар замон ба берун нигоҳ мекардам ва чашм аз катиба намекандам. Бори дигар фаҳмидам, ки муҳаббат оташ аст: оташе дар дил. Мумкин шуълаи он андак хомӯш шавад, вале шарораи назарногире сабаб шуда метавонад, ки аз нав аланга занад. Худро рӯйи якандоз партофтам. Садои мусиқӣ шунида мешуд. Аммо намефаҳмидам кӣ чӣ мегӯяд…

… Бо Шаҳзода дӯст шудем. Дӯстони меҳрубон, ғамхор, розгӯй. Рӯзе набуд, ки ҳамдигарро набинем, суҳбат накунем, ба ҳамдигар занг назанем. Рӯзҳо хуш мегузаштанд. Аммо наздик омадани таътили тобистон диламро танг мекард, ба ваҳм

меовард. Охир Шаҳзодаро набинам, рӯзам тираву дилам хира мешуд. Муҳаббати ӯ ҳаётамро мазмуну ҷилои нав бахшида буд. Вақти дилхоҳ занг мезадам. Ҳеҷ монеият намекард. Доим хушгуфтор буд. Чунон сухан мекард, ки гӯё донаҳои марворидро ба банд мекашид. Кам мегуфт, вале пурмазмун. Ёрие лозим бошад, беистиҳола мепурсид ва дар ҳар гуна маврид ба ман такя мекард. Кушодарӯву кушодадил буд. Чунон хандаи зебо дошт, ки ба ҳар дил шодмонӣ мебахшид. Дар назди ӯ худро чун хушбахттарин одам ҳис мекардам. Ишқам рӯз ба рӯз пурзӯртар мегардид. Аз чӣ гуна анҷом ёфтани он ҳатто фикр намекардам. Толеи неки ман буд магар, вақти таътили тобистон ӯро барои иштирок дар фестивали «Таронаҳои Шарқ» гирифтанд. Ҳар рӯз ба майдони Регистон рафта, аз дур наззора мекардам. Аз байни садҳо духтарон Шаҳзодаамро меёфтам. Аслан ёфтани ӯ мушкил набуд. Чунки Шаҳзодаи ман аз ҳама зебо рақс мекард. Дар байни садҳо духтарон беҳтарин буд. Ҳар як ҳаракаташ, ҳар як суханаш, ҳар як хандааш беҳтарин буд. Нигоҳҳояш ҳатто сухан мегуфтанд.

Як рӯзи офтобии тирамоҳ. Барги дарахтон акнун ранг дигар мекард. Ман ҳам хостам ба муносибати худаму Шаҳзода дигаргунӣ ворид созам: муҳаббати худро ошкор кунам. Ҳамроҳ ба боғи истироҳатии шаҳр рафтем. Дар курсие нишаста, аз ҳар ҷониб суҳбат кардем. Мехостам ҳарчи зудтар изҳори дил кунам, аммо метарсидам. Метарсидам, ки хафа нашавад. Маро гузошта наравад. Ниҳоят ҷуръат карда муҳаббатамро гуфтам. Табассуми малеҳаш далолат мекард, ки аз ҳарфҳои ман хушаш меояд.

Ману Шаҳзода шояд Лайлию Маҷнун, Фарҳоду Ширин ё Вомиқу Узро набудем, аммо муҳаббати мо низ шуълае дошт, ки дили моро равшанӣ мебахшид, ҳаётамонро ҳарорате медод, рӯзгорамонро файзе ҳадя мекард. Ҳар ду сармаст будем: сархуш аз ишқ. Бовар доштам, ки он ҷовидона асту бо қудрати муҳаббат ман метавонам, ки ҳамаи монеиятҳои пешомадаро барҳам мезанам ва ӯро ҳамроҳ ба деҳа мебарам, хушбахт мекунам…

– Танҳо рӯзи якшанбе дар хона мешавед, – ба ман расонда бо овози баланд гап мезад ҳамсарам. – Ҳамон рӯз ҳам як хонаро гӯё иҷора гирифта бошед, мешинед. Намегӯед, ки ягон кор кунам. О, ҳамин ҳамсояҳо ҳам шумо барин кори давлат мекунанд. Як

дами ором надоранд. Кори мард танҳо пул ёфта овардан не. Дигар корҳоро ҳам карданаш даркор. Ба кадом як кор ман давам. Як кор гӯям, даррав ба гардани худам бор мекунед. Доим баҳонаатон тайёр: «мон, ҳамин рӯзи якшанбе маза карда истироҳат кунам. Як рӯз дам гирам».

«Ман дар чӣ хаёлу фалакам дар чӣ хаёл», ба худ андешидам ва дубора китобро кушодам. Як сархатро мехондам. Ҳеҷ мазмунеро намефаҳмидам. Такроран мехондам, вале бефоида. Китобро канор гузошта, бо болишт сарамро пӯшонидам…

… Фасли тирамоҳ охир мешуд. Рӯзе занг задам. Ҷавоб надод. Ташвиш кашида, ба хонааш рафтам. Гуфтанд, ки рафт. Бовар накардам. Чунки ӯ ба ман нагуфта ҷое намерафт ва ҳатто ба коре даст намезад. Рӯзи дигар ба ҷойи таҳсилаш рафтам. Ӯро дар ҳалқаи дугонаҳо дида, чун кӯдаке, ки модарашро дидааст, шод шудам. Дурӯғе, ки рӯзи аввал гуфта буд, ҳатто ба гӯшаи хаёлам наомад. То хотимаи дарс интизор шудам. Баромад. Ҳол пурсидам. Сард ҷавоб дод. Дар тааҷҷуб афтодам. Намефаҳмидам, ки чӣ шуда. Аз Шаҳзодае, ки пештар мешинохтам, медонистаму дӯст медоштам, нишоне набуд. Ҷойи он ҳама хушгӯйиро суханҳои сард ва ҷойи табассумро нафрину ғазаб гирифта буд.

Рӯзҳо ҳамин тавр мегузаштанд. Барои аз ман дур шудан кӯшиш мекард. Пайиҳам дурӯғ мегуфт. Саволҳоям беҷавоб мемонд. Телефон кунам, ҷавоб намедод. Барои манро надидан баҳона меҷуст. Назарногирона муомила мекард. Сабаб меҷустам: сабаби ин ҳама хунукназариҳоро, дурӯғгӯйиҳоро ва азоб доданҳоро. Худро айбдор мекардам. Ғам мехӯрдам. На дар хобам фароғат буд ва на дар хӯрокам лаззат. Хонааш равам роҳ намедод. Ноумед шуда будам: ноумед аз ҳаёт, зиндагӣ, муҳаббат. Ҳама рӯзи умрам ранги хазонро гирифта буд. Саволҳои беохир дилтанг мекард. Азият медод. Аз худ мепурсидам, ки «Барои чӣ?». Аммо ҷавоб намеёфтам. Ба вай такрор-такрор савол медодам ва доим як ҷавобро мешунидам: «Сабаб надорад. Ҳамин тавр»…

... Хунам ба сар мезад. Дилам дарде дошт: як дарди аҷибе, ки ҳар замон синаро сӯзан мезад. Аз ҷой бархоста, ба берун дида дӯхтам… Мағоза боз буд. Одамон даробуро мекарданд…

…Дар кӯчаҳо ӯро меҷустам. Мехостам аз дур бошад ҳам боре бубинам. Дар чеҳраи одамон симои ӯро мекофтам. Дар яке чашмонашро бинам, дар дигар абрувонашро ва дар савумӣ

табассумашро медидам. Не, дар назарам чунин менамуд. Чунки чашму абрую табассуми ӯро дигар ҳеҷ кас надошт: Шаҳзода ягона буд.

Ҳар боре, ки рӯ ба рӯ мешудем, маро бадтар димоғсӯхта намуда, диламро пора-пора мекард. Чунон рафтор менамуд, ки гӯё маро бори аввал мебинад ва қаблан умуман намешинохт.

Хандаро фаромӯш кардам. То ҳадде аз худ бегона шуда будам. На маслиҳати дӯстон кор мекард ва на иродаи худам. Бо сару савдои худ гашта, ба тавре дар равғани хеш бирён мешудам. Ҳамкурсонам мегуфтанд, ки шояд ишқбозӣ шеваи ӯст ва ман аввалин нафаре набошам, ки ӯ сӯзонда бошад. Ман ба онҳо бовар намекардам. Ба худ савол медодам, ки наход он ҳама сохтану сӯхтанҳо дурӯғ буд?! Ҳамааш фиреби маҳз буд!? Наход нисбати ман дар дили ӯ ҳиссе нест? Пас он ҳама ваъдаҳо куҷо шуд, ки мегуфт «то охири умр шуморо фаромӯш намекунам, аз ҷон дӯст медорам». Агар медонист, ки зиндагии худро бо ман пайваста наметавонад, пас бо кадом мақсад вориди ҳаётам гардид? Чаро дар дилам ҷой гирифту акнун ҷисмамро чун ҳезуми тар месӯзонад?

Ҳама саволҳо беҷавоб буданд. Бо вуҷуди ин ҳама мехостам овозашро шунавам. Гарчанд доим сухани бад мегуфт, шунидани овозаш рӯҳамро таскин мебахшид. Диламро каме ором мекард. Аммо аксаран ҳамон сухани қабеҳи худро низ ба ман раво намедид.

Рӯзи дифои рисолаи хатмиаш буд. Азбаски гули баҳманро дӯст медошт ва мегуфт, ки «бойчечак нахустгули баҳорист, ки аз ин фасли шукуфтанҳо пайғом меорад. Аз ин рӯ, ин гулро дӯст медорам», хостам дар тобистон гули бойчечакро дарёб карда, ӯро дар ҳайрат гузорам. Медонистам, ки бефоида буд. Аммо ба хоҳиши дилам муқобил рафта натавонистам. Пас аз ҷустуҷӯйи тӯлонӣ аз як зани рустабор гулеро, ки шабеҳи баҳмангул буд, ёфтам ва дар дил сад умед ба факултеташ рафтам. Хушҳол баромад. Табрики ҳамкурсонашро бо чеҳраи кушод қабул мекард. Наздик рафта табрик кардам ва дастагулро додам. Бепарвоёна гирифт ва ба замин партофта рафт. Бошитоб дур шуд. Сардие саросари вуҷудамро ба ларза овард. Гӯё гулро неву, аз сандуқи синаам диламро канда ба замин партофт. Раҳмам омад: ба ҳолам, ба қадрам ва ба умрам.

Ҳамон дам донистам, ки Шаҳзода аз ҳаёти ман рафт. Саволҳои

маро бечавоб гузошта рафт. Бароям пӯшида буд, ки чаро чунин кард. Ҳадаф чӣ буд? Шояд он ҳама сабақи зиндагӣ буд. Ачаб нест бисёр чизҳоро бароям тақдим карда бошад, чун тачриба, ирода, эътиқод, сабурӣ, андешамандӣ... Омӯхта бошад, ки на ҳама сурати зеборо сират зебост ва на ҳама нигоҳҳои маънодору роздор дар ниҳон рамузи дигаре доранду на ҳама камгӯийиҳо нишони хирад... Тирамоҳро барои худам ва Шаҳзода чун фасли васл ва чудоӣ эътироф карда будам...

Аз чой хестам. Лабонам хушкида буд. Дар дарунам оташе аланга мезад. Ошхона рафтам. Ҳамсарам таом мепухт. Пайиҳам чанд пиёла об нӯшидам. Ҳеч буд, ки тафси дилам пасанда шаваду ташнагиам шиканад.

– Ҳа, кӯҳ чаппа кардед-чӣ? Ин қадар об менӯшед, – киноя зад завчаам.

Чизе нагуфта, ба меҳмонхона гузаштам ва худро рӯи диван партофтам...

Таҳсил тамом шуд. Бо давутози диплом мегаштам, ки номери ношиносе занг зад. Телефонро гирифтам. «Ассалом», овози ошно шунида шуд. Дар чоям санг шудам. Саросари баданам ларзид. «Ман Шаҳзода», чун ҳамешагӣ бо садои маҳин гуфт. «Шинохтам», аранг чавоб додам. «Шуморо дидан мехоҳам», гуфт. Дарҳол «Дар кучо? Ман ҳозир меравам» гуфтам. Гуфт, ки шом дар назди фаввораи вокзал мебинем Ҳама корамро як тараф гузошта, роҳи вокзалро пеш гирифтам. Барвақт буд. Аммо намехостам, ки дақиқае дер кунам. Аспи даванди умр гӯё бо сангпушт ошно шуда буд, ки бениҳоят оҳиста мегузашт. Фикр мекардам, ки ояд аз чӣ сухан мекунам? Чӣ мегӯям? Дар атрофи фаввора чун мурғи посӯхта мегаштам, ки аз дур намоён шуд. Дар даст дастовез дошт. Ҳар қадар наздик мешуд, дилам беқарортар мегашт. Метарсидам, ки аз ҳуш наравам. То ҳол ҳар як сухане, ки он рӯз гуфт, дар хотирам нақш бастааст...

– Салом, – бо табассум даст дароз кард. Лабонаш механдиданд, аммо чашмонаш аз эҳсосоти шодӣ бегона буданд. Базӯр даст боло кардам. Сухане гуфта наметавонистам. Забонам ба комиам часпида буд.

– Маро ёд кардед? – мулоим хандид. – Ман шуморо ёд кардам, – илова кард. Рухсораш лолагун гашт.

– Дар курсӣ шинем, – чӣ гуфтанро надониста, ба мизе, ки

дуртар аз фаввора буд ишора кардам.

– Хуб, – гуфт.

Дар байни мо сукути гароне ба миён омад. Овози оби фаввора ва равуои мошинҳо оромиро халалдор мекард.

– Маро бубахшед, – дастовези худро дар паҳлуяш гузошт.

Мехостам сабаби бахшишро пурсам. Аммо натавонистам.

– Барои ҳамааш узр... Ман маҷбур шудам... Ҳамон рӯзе, ки ба шумо дурӯғ гуфтам, маро ба писари аммаам фотиҳа карда буданд. Аз ман ақаллан як маротиба напурсиданд. Аммабачаам аз ҳамдеҳагоне, ки дар ин ҷо мехонанд, дар бораи муносибати мо шунида, Самарқанд омад. Аз зудбоварии ман истифода намуда, бо ман чунон рафтор кард, ки худ аз худ тамоми дарҳое, ки ҷониби шумо мебурданд, ба рӯям баста шуданд. Аз ин рӯ, бо шумо чунин муносибат кардам. Медонам, ки ноадолатӣ буд. Медонам, ки агар вазъиятро гӯям, аз ҳеҷ кор барнамегаштед. Барои ҳамин нагуфтам... Боз як бор бахшиш мепурсам, – ғамгинона гуфт. – Муҳаббати номурод чун занг аст... ки агар занг оҳанро оҳиста-оҳиста нобуд кунад, муҳаббати ноком одамро. Наметавонистам, бо шумо хайрухуш нокарда равам. Намехоҳам, ки шумо як умр ба саволҳои худ ҷавоб наёфта, дар панҷаи азоб зиндагӣ ба сар баред. Ман бовар дорам, ки шумо ҷуфти муносиби худро меёбед ва албатта хушбахт мешавед, – овози ӯ меларзид. Ба рӯяш нигоҳ кардам ва бори нахуст дар чашмонаш ашкро дидам: ӯ мегирист. Пас аз сукути кӯтоҳ давом дод: – Шояд ягон вақт боз дидор мебинем. Фақат он замон чун дӯст вомехӯрем, – гуфт ва аз дастовези худ ду чорчӯбаро гирифта, якеро ба ман дароз кард. Дар даруни ҳар ду гули бойчечак буд.

– Ин ҳамон баҳмангулест, ки рӯзи дифои рисолаи хатмӣ ба ман дода будед. Онҳоро хушк карда, дар ин чорчӯбаҳо гузоштам. Мехоҳам, ки яке дар ман ва дигаре дар шумо бимонад... Ёдгор аз муҳаббатамон... Мардум мегӯянд, ки «зан агар ошиқ шавад, охир пушаймон мешавад». Аммо ман аз дӯст доштани шумо ҳаргиз пушаймон нестам, – гуфт ва аз ҷой хест. – Саломат бошед. Худатонро эҳтиёт кунед, – дастамро сахт фушурда, ҷониби вокзал роҳ пеш гирифт.

Аз болин сар боло карда, ба девори хона нигоҳ кардам. Чорчӯба дар девор меистод: гулҳои бойчечак ҳамоно тозаву тар ба назар мерасиданд...

# ШАҲРИ ОРЗУҲО

Аҳрор саҳарӣ ба коргоҳ рафт ва ба ҷонишини худ чанд супориш дода, таъйин кард, ки ду-се рӯз ба кор намеояд. Ба ӯ вазифаҳоро мефаҳмонду хотираш парешон буд. Аз ҳамон рӯзе, ки Назарбобо ба ӯ маслиҳати деҳа рафта, аз волидонаш хабар гирифтанро дод, дар олами бехудӣ мегашт. Чӣ кор карданро намедонист. Меандешид, ки баъди се соли ҷудоӣ ӯро чӣ гуна пешвоз хоҳанд гирифт? Ба хона роҳ медиҳанд ё дарро ба рӯяш мепӯшанд? Падараш ӯро барои ин нодонияш, ки дар се сол ақаллан маротибае суроғ накард, мебахшад ё не…

… Яккаписари хонадон аз кӯдакӣ чун фарзанди нозпарвард калон шуд. Ҳама ӯро болои даст мебардоштанд. Сухани ӯ барои аҳли оила амр буду иҷрояш ҳатмӣ. Падараш – Нодирамак ҳар чизе, ки Аҳрор мехост, муҳайё мекард. Дар урфият «ҷӯйро об вайрон кунад, одамро – одам» мегӯянд. Чанд дӯсти авбош Аҳрорро бероҳа карданд. Шабу рӯзро ҳамроҳи онҳо мегузаронд ва танҳо вақте ки пул даркор шуд, роҳи хонаро меёфт. Ҳамраҳонаш ҳам бо давлати ӯ «дӯст» буданд, на бо худаш. Ҷавони худбин, худписанд ва якрав буд. Падару модар бо умеде, ки хонадор шуда шояд ақлаш дарояд, дар нуздаҳсолагӣ арӯс фароварданд. Соҳиби фарзанд шуд, вале боз ҳам Аҳрори порина монд: ҷӯрабозӣ, арақнӯшӣ ва авбошиҳои худро давом медод.

Нодирамак фаҳмид, ки Аҳрор қиморбозӣ мекунад. Шаб нисф шуд, аммо хобаш намебурд. Берун баромада, рӯ-рӯйи ҳавлӣ қадам мезад. Дили падар тагурӯ мегашт. Лабрези алам буд, ки наход писари ягонааш қиморбоз шавад…

Ҳамсараш – Шарофатхола чанд маротиба хоҳиш кард, ки даромада хоб равад. Саҳар бо Аҳрор суҳбат мекунад. Нодирамак «не» гуфта ҷавоб дод. Ҳаракат мекард, ки оташи ғазаби худро хомӯш кунад, аммо наметавонист. Қарибиҳои субҳ Аҳрор омад. Вай чунон маст буд, ки ҳатто дар пешайвон нишастани падарашро нафаҳмид.

– Аз куҷо меойӣ? – пурсид Нодирамак.

Аҳрор андак ҳушёр шуда, ба тарафе, ки овоз баромад нигоҳ кард ва падарашро дида бепарвоёна гуфт:

– Аз пеши… ҷӯраҳоям…

– То саҳарӣ чӣ номаъқулӣ кардӣ?! – оташин аз ҷой хест Нодирамак.

– Ба ман… дӯғ зада… гап назанед, – аранг гуфт Аҳрор.

– Чӣ хел гап задан даркор?

– Одам барин!

– Бо онҳое, ки одаманд, одам барин гап мезананд. Туро аз ҳайвон фарқат набошад, чӣ хел одамвор гап задан мумкин.

– Ҳайвон нагӯед! – дод зад Аҳрор.

Аз садои онҳо Шарофатхолаву келини хонадон – Насиба рӯйи ҳавлӣ баромаданд.

– То ҳол дар даст ҳунаре надорӣ. Аксари ҳамсолонат ҷуфт-ҷуфт хонаву мошин доранд. Туро кори аниқ нест.

– Кор меёбам…

– Кор меёбӣ? Дар Ҷиззах ба кор мондам, баъди як моҳ ҳуҷҷататро ба дастат доданд. Бухоро бурдам, кор вазнин гуфта гурехтӣ. Навоиро нагӯем… Аз қафои беҳунарият то ҳол дастнигарон…

– Чӣ?... Дастнигарон?

Шарофатхолаву Насиба кӯшиш мекарданд, ки Аҳрорро хона дароранд. Аммо якравӣ карда, пеши падараш рафт.

– Пулатонро миннат мекунед?!

– Ҳа! Миннат мекунам!

– Ман ба пулатон… зор нестам… Бе пули шумо ҳам рӯзам мегузарад… – дағдағакунон гап зад Аҳрор.

– Бар падари ту барин фарзанда калон кардагӣ лаънат! – Нодирамак хост Аҳрорро тарсакие занад.

– Вазнин шавед, додояш. Писарамон маст, чӣ гуфтанашро намедонад, – пеши ӯро гирифт Шарофатхола ва ба Аҳрор гуфт:

– Писарам хонаатба даро… Хоб рав. Пагоҳ гап мезанед.

– Чӣ хел хонааш? – қатъӣ гуфт Нодирамак. – Дар ин сакалту на хона ҳасту на ҷойи зист. Кӯча – хонаи вай! Барояд, дар ҳамон ҷо хоб равад.

– Шумо… маро аз хона… баромада рав гуфтед, – дасти худро раҳо карда, боз пеши падараш омад Аҳрор. – Дар кӯча… хоб рав… гуфтед? Ман… ҳеҷ вақт… дар кӯча… намемонам. Шумо

хато кардед… – гуфт ва ба Насиба рӯй оварда дод зад:

– Даро, Асрорро гир, меравем!

…Аз ҷойи кор хонаи Назарбобо омада, фарзандонашро гирифт ва бо пирамард хайрухуш карда, ба роҳ баромаданд. Аҳли оила аз ин қарори сарвари хонадон бениҳоят хушнуд буданд, ки бобову бибии худро мебинанд…

Аҳрор ба шаҳри Навоӣ омад ва чанд рӯз дар хонаи хоҳараш монд. Баъдтар хонааи духуҷрагиеро ба иҷора ёфт, ки дар он як оилаи дигар низ зиндагӣ мекард. Бо кумаки шавҳари хоҳараш дар дӯконе кор сар кард. Вале, боз ҳам одаташро напартофт, чун ҳамеша ҳар рӯз менӯшид. Соҳибдӯкон ин ҳолро дида, ҳафтае нагузашта ӯро аз кор пеш кард. Пас аз ҷустуҷӯйҳо дар сохтмони биное кор ёфт. Сараввал музди меҳнатро сари вақт медоданд. Аммо баъдтар кор ранги дигар гирифт: ҳафтаҳо мегузашт, аммо аз ҳаққи меҳнат дарак набуд. Ноилоҷ аз пайи шуғли дигар шуд: баъди кори сохтмон дар санбӯсахона ба кор пардохт. Маблағи ёфтааш базӯр ба рӯзғор мерасид. Рӯз то рӯз аз ёру дӯстон қарзаш зиёд мешуд. Мефаҳмид, ки хато мекунад, аммо ба қафо роҳеро намедид. Ҳамсараш доим мегуфт, ки ба деҳа баргарданд. Аммо Асрор доим «не» мегуфт.

...Ду канори роҳи калоне, ки ба Ҷиззах мебурд, дарахтзор буд. Либоси тиллоранги дарахтон дар дили инсон эҳсосоти наҷиберо бедор мекард. Гарчанд рамзи хазонист, ба дил як фараҳмандиро илқо менамуд. Аҳрор бори аввал бо ин роҳ мерафт. Се сол пеш ҳам аз Навоӣ азми Ҷиззах карда буд, аммо…

...Мувофиқи пешниҳоди яке аз дӯстонаш, ки дар Ҷиззах кор мекард, бо хешовандони навоигӣ хайрухуш карда, аҳли оила бору бӯғча дар даст ба истгоҳи Навоӣ-Тошканд омаданд. Нархи роҳкиро дар осмон буд. Аҳрор бо оилааш дар як канор меистод, ки ҷавоне омад:

– Ба куҷо роҳ гирифтед, ака? – салом дода пурсид ҷавон.

– Ҷиззах.

– Ҳоло нархи таксию автобусҳо қимат. Беҳтараш шумо бо мошинҳои роҳ равед. Бо нисфи пули роҳкиро ба манзил мерасед, – таъкид кард ҷавон ва тариқи рафтанро фаҳмонда дод. Аён гардид, ки ӯ ронанда асту аз Навоӣ ба шаҳри Каттақӯрғон

бо мошини «Форд» кирокашӣ мекунад. Аҳрор ба таклифи ҷавон розӣ шуд ва бо мошини ӯ ба роҳ даромаданд. Аҳрор дар банди хаёлот печида буд. Ин ҳама ноомади корашро аз сабуксарӣ, якравӣ ва гапнодароии худ медонист. «Падару модарамро норозӣ кардам, дуояшонро нагирифтам, – бо ноҳинҷорӣ аз дил мегузаронд ӯ, – онҳоро, ки ранҷонидам, ин ҳама сазои ман аст. Эҳ Худоҷон, ман хато кардам, маро бубахш». Дар мағзи ин хаёлҳо ногоҳ садои чархи мошин ва ба дунбол овози баланди бархӯрдани он ба чизе шунида шуд. Бо ин зарба ронанда идораи мошинро аз даст дода буд, ки худрави ӯ аз роҳ баромада рафт. Ин ҳама гӯё дар як мижа задан рух дод. Ҳама тез аз мошин поён фаромаданд. Худрави саворӣ ба автобусе бархӯрда, пешаш то нисф даромада буд. Ду кас ронандаи беҳушро базӯр аз пушти фармон дароварда ба берун кашиданд. Чанд мусофир бо сарҳои кафидаю дандонҳои шикаста ва биниҳои хуншор ҳоли вазнин доштанд. Дар ин миён Аҳрору аҳли оилааш ончунон зиён надиданд. Ӯ дар ҷойи садама истоданро аз рӯйи зарурат надида, бо мошинҳои роҳ сафарашро идома дод...

Ду канори роҳ гӯё ду олам буд: як тараф саҳрои бекарон ва ҷониби дигар кӯҳҳои осмонбӯс. Мошин қад-қади қаторкӯҳи Нурато ба пеш, сӯйи манзил мешитофт.

– Дар уфуқ он чизи кабудранг чист? – пурсид Асрори кунҷков.

– Ҳайдаркӯл, – гуфт Аҳрор, – яке аз кӯлҳои калонтарини Ӯзбекистон.

– Обаш аз куҷо меояд?

– Аз обанбори Чордара. Ҳар гоҳ диданд он ба ҳоли саррез шудан мерасад, дарчаҳояшро ба ин самт мекушоянд.

Пас аз сукути кӯтоҳ Асрорҷон гуфт:

– Оби кӯл орому беҳаракат аст, зиндагонии кӯлвор шавқе надорад. Монанди дарё зистан лозим, дарёдил бояд буд.

– Ин пойкӯби Назарбобост, ки ҳар як суханаш ганҷ аст, – хандида гуфт Насиба...

…Аҳли оила мушкилиҳои роҳро паси сар карда, ниҳоят ба истгоҳи Улуғбеки Самарқанд расиданд. Кисаҳо холӣ шуд. Дар Самарқанд ҳавои баҳорӣ тағйири чеҳра карда буд: субҳе, ки ҳамеша рухсори нурбори наварӯсона дошт, ҳоло пиразани

димоғсӯхтаро мемонд. Борон сар кард. Аҳрор бо умед ба дӯсташ занг зад, ки ба ӯ ҳолатро фаҳмонад ва вай баромада онҳоро қабул кунад. Телефони дӯсташ хомӯш буд, манзили зисташро ҳам Аҳрор намедонист. Қарор кард, ки ду-се рӯз дар Самарқанд ба иҷора хонае ёфта, мардикорӣ кунад ва баъд ба Ҷиззах равад. Аҳли оила қад-қади роҳи калон, ба поён роҳ пеш гирифтанд. Дари чанд манзилро кӯфтанд. Ҳама мегуфтанд, ки иҷорашин намегиранд. Борон торафт шиддат мегирифт. Аз паҳлуи расадхонаи Мирзо Улуғбек поён рафта, ба тарафи рост даромаданд. Насиба бо кӯдаки ширмак дар зери дарахте истод. Аҳрор як-як дарҳоро мекӯфт ва ҷавоби радро мешунид. Ниҳоят, занги дари калони кабудрангро зер кард. Садое набаромад. Бори дувум пахш кард. Аз дарун шарфаи по шунида шуд ва пирамарде дарро кушод. Қадди хамида, чеҳраи гандумранг дошт ӯ, дар мӯю абрувонаш сафедӣ дамида буд.

– Салом, амакҷон, – даст сари сина гузошт Аҳрор.

– Ваалайкум ассалом, писарам.

– Амакҷон, ман барои як-ду рӯз хона мекофтам.

– Афсӯс, ки мо иҷорашин намегирем.

– Дар ин гузар барои муваққат хона ёфтан мумкин аст?

– Не, дар гузари мо нест. Шумо биноҳои бисёрқабатаро ё маркази шаҳрро кобед. Шояд аз ҳамон ҷо ёфт шавад, – гуфт пирамард ва чашмаш ба паҳлуи дигари роҳ афтод, ки оби ҷӯй ба роҳ мебаромад.

– Раҳмат, амакҷон. Узр, шуморо безобита кардем.

– Не-е, ҳеҷ гап не.

Борон авҷ мекард. Ҳамин дам пирамард аз нав дар даст каланд баромада, роҳи обро кушод ва ҳангоми бозгашт боз чашмаш ба Аҳрор афтид, ки ҳанӯз дур нарафта буд.

– Писарам, – овоз баланд кард пирамард.

– Лаббай, – ҳамоно ҷавоб дод Аҳрор.

– Ин ҷо биё, – бо даст ишора кард ва ҳамин ки дид Аҳрор худаш танҳо меояд, афзуд:

– Бачаҳоятро ҳам гирифта биё.

Ҳама пасу пеш ба хонаи пирамард даромаданд...

...«Меҳр ҳаври рӯйи оинаро мемонад, ки бо андак сардӣ

нопадид мешавад ва дар оина асаре намегузорад. Бадӣ бошад чун занги оҳан аст, ки ҳар қадар тоза кунӣ, намеравад ва бо гузашти вақт оҳанро мепӯсонад. Аз ин рӯ, ҳаври дили инсонҳо бош, на занги қалбашон» – суханони Назарбоборо ба хотир меовард Аҳрор. Ба донишмандиву оқилии ин мӯйсафеди хирадманд ва ба қавли худи ӯ, «нохонда», сари ҳар қадам қоил меомад.

…Назарбобо пас аз вафоти завҷааш танҳо зиндагӣ мекард. Се писараш дар хориҷа буданд. Ду нафар духтар дошт, ки аз рӯзгори падар мунтазам хабар гирифта, корҳояшро анҷом медоданд. Аҳрор чанд рӯз дар ҳавлии Назарбобо кор кард ва бо пешниҳоди ӯ дар Самарқанд монд.

Назарбобо санбӯсапазии ӯро фаҳмида, бо ёрии домодаш, ки чанд санбӯсахона дошт, ӯро ба кор монд. Аҳрор аз омади кораш хурсанд буд. Фаҳмид, ки дар ноомади кор ҳам ҳикмате ҳаст. Бо сарсониҳо ба Самарқанд омад ва дар ин шаҳр аз наздаш кори хубу моҳонаи нағз ва аз ҳама муҳим, марди покизатинате баромад.

Азбаски Аҳрор санбӯсапазиро нағз медонист, фаъолияти санбӯсахонаро зуд ба роҳ монд. Савдои санбӯса нағз буд. Дар паҳлуи онҳо боз як санбӯсахона фаъолият дошт. Аз рӯзи аввал хайрхоҳ набудани ҳамсояҳо аён гардид: коргари ҷавони он коргоҳ партовҳояшонро ҳар рӯз дар назди самбӯсахонае, ки Аҳрор кор мекард, мепартофт. Аҳрор ба ин ҳолат чизе нагуфт. Яқинан дарк кард, ки чаро санбӯсапазони пешина як ҳафта нагузашта кори тайёрро партофта мерафтаанд. Аз байн чанд рӯз сипарӣ шуд, коргарони санбӯсахонаи ҳамсоя ошкоро ба муқобилат гузаштанд.

– Ука, хоҳӣ, ки сарат амону танат соқ бошад, тезтар аз кор рав, – рӯзе таҳдид кард сардори санбӯсахонаи ҳамсоя.

– Чиба?

– Ту ба кори мо халал мерасонӣ.

– Корвон бисёр, ризқаш…

– Ман аз синни насиҳатгӯшкунӣ гузаштаам, – сухани ӯро бурид ҷавонмард, – насиҳататро ба дигарон кун. Карочӣ, аз пагоҳ корба намебарой. Агар ба кор ойӣ, аз худат хафа шав. Ту сойкелдиро ба ҷойи омадагет мефиристем, – гуфту рафт.

Аҳрор ба сухани ӯ парво накарда, корро давом дод. Азбаски санбӯсаи сергӯшту бомаза мепухт, рӯз то рӯз сафи харидорон зиёд мешуданд. Дар аввал рӯзе ду танӯр санбӯса мепухт. Пас аз моҳе чунон шуд, ки чор-панҷ танӯр санбӯса камӣ мекард.

Рӯзе Аҳрор то бевақт кор кард ва барои саҳар маҳсулоти заруриро тайёр намуда, чун ҳаррӯза пиёда роҳи хонаро пеш гирифт. Бо роҳи калон ба Галаосиё мерафт, ки аз қафояш чор нафар пайдо шуданд. Аҳрор онҳоро роҳгузар пиндошта, бепарво рафтан гирифт. Ногаҳон, баробари баланд шудани шарфаҳои по аз қафо зарбаи сахтеро ба сар хӯрд. Ӯ мувозинатро гум карда, ба замин афтод…

...Мошин аз роҳи калон ба кӯчае, ки ба даруни қишлоқ мерафт, баргашт. Вақте ки аз пеши чойхонаи деҳа мегузаштанд, чашми Аҳрор ба марде афтод: бо либосҳои даридаву хоколуд дар канори роҳ мехобид. Ӯ ҳамтабақи пешинаи худро шинохт…

Аҳрор муддате дар шифохона хоб рафт. Рӯзе Назарбобо ба аёдати ӯ омада, ҳини рафтан гуфт:

– Тамошои кӯҳҳои барфпӯш аз дур роҳатбахшу зебост. Вақте ки ба он ҷо меравӣ, аз ғояти сардӣ он зебоиҳоро назарат намегирад. Ҳаёти шаҳр ҳам аз дур тинҷу осуда ва фаровон ба назар мерасад. Вақте ки ба шаҳр омадӣ, мефаҳмӣ, ки мушкилиҳои зиёд дорад. Зиндагонӣ дар шаҳр ба шиноварӣ дар баҳри пурталотум шабоҳат дорад, ки на ҳар кас қувваи дар он шино карданy пеш рафтанро дорост. Фаромӯш накун: дар шаҳр бояд чолок, кордон ва корчаллон бошӣ. Вагарна, дар баҳри пурошӯби он ғарқ мешавӣ.

Аҳрор аз беморхона баромада, бо қувваи нав ба кор сар кард. Акнун кори ӯ дучанд зиёд шуда буд: бо кумаки Назарбобо санбӯсахонаи ҳамсояро ҳам харид. Кораш пешрав шуд, дар як сол хона гирифт. Хостанд кӯчанд, аммо Назарбобо роҳ надод.

Дар ин байн боз писарчадор шуд, Ансор ном гузоштанд. Аҳрор фаъолияти санбӯсахонаро васеъ карда, корро пурра ба уҳда гирифт ва шогирдонро зиёд кард. Дар паҳлуи санбӯсахона ширкати хусусии қаннодӣ кушод.

Рӯзе пирамард ӯро назди худ даъват карда гуфт:

– Писарам, байни ту ва падару модарат чӣ воқеа шудааст,

бехабарам. Аммо фаромӯш накун, ки гоҳ-гоҳ калонон ҳам хато мекунанд. Инсон бояд бахшанда бошад. Падару модар дарди фарзандонро чун дарди худ қабул мекунанд. Аз ин рӯ, эҳтироми волидонатро ба ҷо гузор. Ман мехоҳам, ки пеши падару модарат равӣ. Онҳо дастовардҳоятро дида, бо ту ифтихор кунанд.

… Кӯчаҳое, ки бачагии Аҳрор гузаштааст, тағйир наёфта буданд. Ҳамон кӯчаҳое, ки ӯ афтодаву ба пой хестааст, бо дӯстон бозӣ кардааст. Ҳамон деҳае ки ҷонпайванди ӯст.

Торафт ба манзил наздик мешуду садои тапиши дилаш баландтар. Ӯ аз тарси он ки задани дилашро ҳамсараш нафаҳмад, овози магнитофонро баланд кард. Сарояндае бо овози дилкаш замзама менамуд:

***Дар ҳама кор, эй писар, аз падарат дуо гир,***<br>
***Давлати шому саҳар, аз падарат дуо гир.***<br>
***Ҳодисаи зиндагӣ шаҳр ба шаҳрат барад,***<br>
***То нашавӣ дарбадар, аз падарат дуо гир…***

«Ман ҳам барои гирифтани дуои падару модарам меоям. Бо дуояшон дар бероҳаҳои умр роҳи худамро ёфтам ва Худо хоҳад, қуллаҳои баландро забт мекунам... Ба волидони азизам хоҳам гуфт, ки Самарқанд маро чун фарзанд дар канор гирифт, модарона навозиш дод, падарона ғамхорӣ намуд. Мардуми ширинсухану меҳмоннавозаш маро ҳамеша ёвару дастгир буданд. Таъриф мекунам, ки хоки ин шаҳри қадимӣ муқаддас, обаш ширин, нонаш лазизтарин неъмати дунёст ва Самарқанд худ сайқали рӯйи замин аст. Шаҳри орзуҳои дил аст, ки ҳар як одам орзуи тамошои онро мекунад. Ҳа, шаҳри орзуҳост. Шаҳре, ки маро ба орзуҳоям расонд», аз дил гузаронд Аҳрор ва дар назди ҳавлии падарӣ мошинро нигаҳ дошт…

# МУНДАРИЧА

## ЮНУСИ ИМОМНАЗАР

*(Ҳикояҳо)*

Нони башир..........5
Ба ман гап мерасад..........9
Шавҳар намегурезад..........17
Ҷавонию бесарӣ..........30
Пушаймонӣ..........39
Кори савоб..........58
Вафодор..........63
Бори кач ба манзил намерасад..........68
Аз кӯлбори Дарвеш (ҳикоёти хурд)..........86

## ШАРИФ ХАЛИЛ

*(Ҳикояҳо)*

Бӯйи биҳишт..........95
Гулҳои ошиқ..........104
Ҷойи модар..........113
Занкалон..........123
Ифтихор..........132
Осиёи банавбат..........137
Хубон.......... 143

***(Новеллаҳо)***

Кӯлбори умр..........159
Шикоят..........162
Дугонаҳо..........170

## ФАРИДУНИ ФАРҲОДЗОД

*(Ҳикояҳо)*

Чун модаркалон даргузашт... ..........175
Армон..........182
Тазоди зиндагӣ..........189
Подош..........193
Хонаи меҳрубонӣ..........202
Шаҳзода..........210
Шаҳри орзуҳо..........219

**Адабий-бадиий нашр**

**УЧ ЯШИЛ ЯПРОҚ**
**(ҳикоялар)**

**Бош муҳаррир:**
Асадулло Шукуров

**Мусаҳҳиҳ:**
Фарҳод НЕЪМАТОВ

**Саҳифаловчи-дизайнер:**
Бокир Абдуллоев

«Noshirlik yog'dusi» нашриёти.
100129. Тошкент шаҳри, Чорсу майдони, 3-А.
Лицензия рақами AI № 027, 27.10.2018 й.

Теришга 2019 йил 10 мартда берилди.
Босишга 2019 йил 12 апрелда рухсат этилди.
Бичими 84x1081/16 «Times New Roman»
гарнитурасида офсет босма усулида офсет коғозида
босилди.
14,0 шарт. б.т. 12,0 ҳисоб нашр табоғи.
Адади 1000 нусха. 27/01-сон буюртма.

«Reliable print» МЧЖ босмахонасида чоп этилди.
100011, Тошкент шаҳри, Чорсу майдони, 3-А